# КУЛЛИЁТИ ЗЕБУННИСО

# ЗЕБУННИСО – ЧЕҲРАИ ШИНОХТАИ АДАБИЁТ

Партави дудмони Темурӣ,
Зиннати рӯзгор - Зебуннисо.
Он кӣ сӯи ҳарими иқболаш,
Айнаки дидаҳост қибланамо.
Исматаш сонии Хадича бувад,
Ҳаст суғро қаринаи Кубро.
Рӯй нодида дар парасторӣ,
Бандагонат чу бандагони Худо.
Ашрафи Мозандаронӣ

Ба ашъори ин шоираи тавоно аз туфулият дилбастагӣ дорам, вале вақте ки осори ӯро ба Махфии Раштӣ нисбат доданд, ҳусни таваҷҷуҳам нисбати ӯ камтар гашт.

Аммо ҳангоми мутолиаи китоби «Девон»-и Зебуннисо, ки доктор Меҳандухти Сиддиқиён ва доктор Саид Абӯтолиби Миробидинӣ соли 1381 дар Теҳрон ба табъ расондаанд, боварӣ ҳосил намудам, ки ин ашъори дилпазирро ҳеҷ гоҳ кадом Махфии Раштӣ нагуфтааст, чунки дар аксари шеърҳои ин китоб кас ба хулосае меояд, ки ашъори ин китобро зан сурудааст. Ман барои тақвияти фикрам чанд байтеро ҳамчун намуна меорам:

Дар роҳи ишқи Маҷнун, бояд гузашт аз ҷон,
Набвад канор пайдо дарёи бекаронро.
* * *
Панҷаи ҳиммат нагирад домани яъсу умед,
Чун Зулайхо гар ба чанг орем умри рафтаро.
* * *
Тухмати ишқ на пироҳани Юсуф бидарид,
Парда аз исмати номуси Зулайхо бардошт.
* * *
Накд ор Зулайхо ба кафи шавқ, ки бисёр
Дар қофилаи ишқ аз ин гуна матоъ аст.
* * *
Бибридаву олуда ба хун бод, Зулайхо,
Он даст, ки бо дӯст дар оғӯши камар нест.
* * *
Аз муҳаббат дур бошад, дар тариқи ошиқӣ,
Он ситамҳое, ки Юсуф бар Зулайхо карда буд.
* * *
Зулайховор аз тасвири ҳуснат,
Мунаққаш кардаам кошонаи дил.
* * *
То ҳино бандам зи хуни даст талаб аз казлаке,
Чун Зулайхо дилбари Юсуфлиқое хуш кунам.

Ҳангоми мутолиаи байтҳои боло хонанда ба осонӣ пай мебарад, ки гӯяндаи ин ашъори ноб бонуесту бас. Ҳеҷ гоҳ марде худро ба Зулайхо ташбеҳ намедиҳад.

Нусхаҳои зиёди дастнависи ашъори шоира ва даҳҳо бор дар Ҳиндустону Покистон ба табъ расидани «Девон»-и ӯ гувоҳи он аст, ки гӯяндаи ин ашъор шоҳдухт Зебуннисост. Мураттибони «Девон»-и шоира доктор Меҳандухти Сиддиқиён ва доктор Саид Абӯтолиби Миробидинӣ дар муқаддимаи китоб

овардаанд, ки ашъори ин китоб ба пояи шеъри Эрон нест ва дар ин муқаддима барои мисол байтеро овардаанд:

> Махфиё, шеъри дилошӯби ту чун муждаи васл,
> Тирагиҳои дил аз дидаи нобино бурд.

Онҳо қайд кардаанд, ки ягон эронӣ калимаи «дилошӯб»-ро ба маънои «фаттон» ва «дилрабо» истифода намебарад ва ин калимаро онҳо манфӣ меҳисобанд ва дар ашъори Бедил ва Иқбол камбудӣ меҷӯянд.

Махфии Раштӣ шоири кӯкнорие будааст, ки баъдтар тахаллусашро ба Шифоӣ ва Ҷудоӣ табдил додааст. Вале шеъри ӯ дар пояи шеъри Зебуннисо набояд бошад.

Ин духтари шоҳ 15 феврали 1638 дар оилаи Аврангзеби Гурконӣ ки аз силсилаи Темуриёни Ҳинд аст, таваллуд шудааст. Аврангзеб ҳам аз шоирони хуби форсигӯйи сабки ҳиндиву тасаввуф мебошад.

Мегӯянд, ки рӯзе Зебуннисо дар утоқи падараш буд. Ногаҳон оинаи барқади чиние, ки дар токча меистод, ба замин афтоду шикаст. Аврангзеб фавран гуфт:

> Аз қазо оинаи чинӣ шикаст!

Зебуннисо дар бадеҳа гуфт:

> Хуб шуд, асбоби худбинӣ шикаст!

Модараш – Дилрасбону аз шоҳзодагони Машҳад мебошад, ки хуросонӣ ё худ тоҷик аст. Дар такомули шахсияти ноби ин орифаи зебокалом ва ширинсухан метавон ду вижагии умдаро муассир хонд, ки ҳар як бартару афзалу ибратомӯзтар аз дигарист. Аввал қаробату рафоқат ба донишу дин, ки маншаъ аз нахустин ояи Қуръони Маҷид мегирад. Дигар безорӣ ҷустан ва дурӣ гузидани ӯ аз фитнаву бадномии дарбор ва паноҳ бурданаш ба гӯшаи қаноат.

Шоира маҳз дар ҳамин гӯшаи қаноъат ва дар бӯстони мунаввари адабу ирфон сафои қалб ёфт. Ҳол он ки ӯ метавонист аз бузургтарин имконоту шароите бархурдор буд, ки метавонист ба ҳар мақоме дилхоҳ даст ёбад. Аммо ӯ ба ин роҳ нарафт. Балки ӯро бардошти маънавию ирфонияш во дошт, ки аз чунин сароби бадномӣ бипарҳезад.

Муҳити шоҳдухти афиф – Зебуннисо ҳам ин гуна олудаву махуф буд. Ӯ узви хонаводаи ҳудкоми хуношоми нимаасримиёнагие буд, ки бо намояндагӣ аз муғул як сарзамини паҳновару номдори ҷаҳон – Ҳиндро дар чангол медошт. Аммо, Зебуннисо ҳамчун зодаи чунин муҳит ва фарзанди хонадони як императории овозадори ҷаҳон, ҳеч гоҳ дар гирдоби кибру ғурур фурӯ нарафт, ғарра ба сарвату ҷоҳу доройӣ нагашт ва таҷаммулу ишрату худнамоӣ пеша накард. Бадкорӣ ва душмании фарзандони падараш наздик буд, ки Зебуннисоро ҳам ба балои баде гирифтор кунад. Ӯ дар боргоҳи салтанати падар ҳеч гоҳ саъй ба гирифтани мақоме накард, беҷову баҷо милку амлоке аз дигаронро ба ком накашид, ҳатто орзу накард, ки ба истилоҳ, малика бошаду аз зумраи ҳокимони худхонда дар миёни анбуҳи чоплӯсони лоуболу сарафканда худнамоӣ кунад.

Зебуннисоро гулҳои боғи донишаш аз вартаи шуҳрати дурӯғини фиребанда ба эминмақоми накуномӣ кашид ва хуб дарк кард, ки дар ин олами фонии рӯ ба мулки боқӣ бояд аз худ номе гузошт, аммо на ба бедоду бадӣ, балки бо донишу доду накуӣ.

Гуфтанист, ки Зебуннисо аз миёни фарзандон азизтару маҳбубтар буд дар назди падар, зеро ҳушу рои барозандае дошт.

Падараш ба омӯзишу парвариши вай эътибори вижае медод, ки Ҳафиза Марям, бонуи закию бомаърифати дарборро ба тарбияти ӯ вобаста карда буд. Гузаштагони Ҳафиза Марям, ба ривояте бухорой будаанд. Бад-ин тариқ, Зебуннисо дар даҳсолагӣ улуми динӣ, аз ҷумла қироати Қуръон, маънои оёт, тавзеҳ ва тафсири ҳар сураву ҳадису ахборро фаро гирифт. Ин таъкид ба он хотир, ки то имрӯз мерос аз Бухорои манғитиён, бештари мардуми мо ба кӯр-кӯрона хондан ё ҳифз кардани оёти Каломуллоҳ қаноат карда, саъй ба дарёфти маънонии он накардаанд.

Ҳол он ки Қуръон чун раҳнамои башарият аз баҳри ҳидояти инсонҳо нозил шудааст ва мебояд ба маънонии ҳар ояи он рафт, то мояи илҳому дастури хуби раҳнамо дар зиндагӣ бошад.

Зебуннисо баъдан зери тарбияи донишмандону адибони дарбор сарфу наҳви арабӣ, нуҷум, фалсафа, мантиқ, адабиёту таърихро омӯхт ва дар навиштани хатҳои настаълиқ, насх ва шикаста мумтоз гашт. Дар хаттотӣ чунон моҳир буд, ки хаташ диққати ҳамаро ба сӯи худ мекашид.

Ӯ табъи баланди бадеҳасарой, мадҳ, ҳаҷв ва чакомасарой низ дошт. Зебуннисо, бо он ки худро ташнакомона ба гирдоби дарёи илму дониш зада буд, аммо чаҳордевории зиндагии бо зуҳду хоксоронаро сарпаноҳ ихтиёр кард. Шоира то охири умр ихтиёри шавҳар накард, чунки дар хурдсолӣ ба писарамаки худ Сулаймоншукуҳ номзад шуда буд ва ба ӯ ихлосу эҳтиром ӯро дӯст медошт. Аммо аҷали ногаҳонӣ Сулаймоншукуҳро гиребонгир гашт ва пас аз даргузашти ӯ Зебуннисо худро бо шеър тасалло медод ва тан ба фурқат ниҳоду худ номуродона то поёни умр ёди пурдарди гумкардаёрро ба ҳаваси пироҳани арусӣ бадал накард.

Зебуннисо чанд бародар дошт ва аз ин миёни алоқааш ба Акбар бештар буд ва ӯро хеле эҳтиром мекард, вале кам монда буд, ки ин маҳаббат ба сари ӯ балое орад. Акбар бар зидди падар худ исён бардошт ва ноком гашт ва нокомона фирор карду ба шоҳони сафавии Эрон паноҳ бурд.

Аврангзеб бо ғазаб Зебуннисоро, танҳо ба хотири он ки бо бародари худ Акбари осӣ қарин буд, муддате зиндонӣ ва маошашро қатъ кард. Аммо покиву нексириштии ин бонуи донишманд, ки шуҳраи хосу ом гашта буд, бори дигар ба зудӣ собит шуд ва ӯ озод гашту бизоату маошаш борқарор гардид. Зебуннисо бо истифода аз дороиҳову имконоти дастраси хеш китобхонаи бузурге бунёд кард ва китобхонаи хешро дар хидмати алоқамандон гузошт.

Зебуннисо дар китобхонаи хеш ҳамвора адибону донишмандонро ба даври хеш ҷамъ меовард ва онҳоро дар ҳар кору ибтикор бо туҳфаҳо хурсанд мекард.

Бо ҳиммат ва ҳимояти ин шоҳдухти маърифатписанд китобҳои сершуморе аз сӯи донишмандони улуми мухталиф таълиф шуданд. Аз ҷумла асарҳое ба монанди «Зебу-т-тафосир»-и Муҳаммад Сафии Ардабилӣ, «Зеби исмат» ё «Исматнома»-и Абдулҳамиди Калонурӣ, «Шарҳи Ҳисну-л-ҳусайн»-и Абулфатҳ Мударриси Мултонӣ, «Шарҳи Шофия»-и Муҳаммадтақӣ ибни Ҷамол маҳз ба дастури ӯ навишта шудаанд. Номи ин шоҳдухт дар таърихи адабу фарҳанги порсӣ на чун фарзанди як шоҳи муқтадир, балки ҳамчун суханвари тавонову беназир сабт гаштааст.

Ӯ дар бистуяксолагӣ ба шеъргӯӣ оғоз кард ва муддати 44 сол бо тахаллуси «Махфӣ» шеър суруд.

Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман бинад маро,
Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман бинад маро?
Дар сухан пинҳон шудам монанди бӯ дар барги гул,
Ҳар кӣ дидан майл дорад, дар сухан бинад маро.

Зебуннисо 3-юми марти соли 1702 зиндагиро тарк гуфт. Бинобар васияташ пайкарашро ба Лоҳур мебаранд ва дар боғе, ки бо хоҳиши худи ӯ бунёд гардида буд, ба хок месупоранд. Дар санги мазори ӯ ин байт сабт аст:

Бар мазори мо, ғарибон не чароғе, не гуле,
Не пари парвона сӯзад, не садои булбуле.

Зебуннисо аз хеш мероси адабие зиёде ба мерос гузоштааст. Китоби «Зебитафсир» (тафсире бар Қуръони маҷид) мутааллиқ ба Зебуннисо хонда мешавад. Ӯ ҳамчунин «Зебу-н-нишот» ном маҷмуаи руқаот ва «Иродати фаҳм» ном баёзе тартиб дода будааст. Ба навиштаи Шиблии Нуъмонӣ, соҳиби «Тазкират-ул-ғароиб» маҷмуаи руқаоти Зебуннисо – «Зебу-н-нишот»-ро дида будааст. Мутаассифона, «Зебу-н-нишот» то имрӯз ба мо нарасидааст. Баёзи «Иродати фаҳм»-ро яке аз канизакони Зебуннисо ҳангоми бӯрони сахте ба оби ҳавз афтонида, талаф кардааст. Дар ин баёз Зебуннисо ба ғайр аз ашъори худ, ҳамчунин намунаҳоеро аз шеъри шоирони дӯстдоштааш гулчин карда будааст. Муаллифи тазкираи «Нақли маҷлис» ашъори вайро понздаҳ ҳазор байт баршуморда, аммо китоби «Девон»-и ӯ, ки соли 1929 дар Лакҳнав мунташир шудааст шомили чаҳор ҳазору чилу панҷ байт аст. Ашъори шоира аз ғазал, қасида, рубоӣ ва қитъа иборат аст. Мо дар нашри ҳозира понздаҳ байт афзудем ва шумораи абёти ӯ ба 4050 байт расид. Дар ин китоб мо 506 ғазал, 11 қасида, 1 мусаддас, 1 мухаммас, 3 қитъа, 1 рубоӣ, 4 таркиббанд ва 3 тарҷеъбандро ҷой додем.

Забони ашъораш содаву равон, ташбеҳ ва тасвирҳояш басо табииянд.

Махфӣ чун шоири ғазалсаро шинохта шудааст. Ӯ дар нигориши худ ба Ҳофизу Урфӣ бештар пайравӣ намудааст. Ашъораш бештар ҷанбаи ошиқона ва гоҳе ҳам ранги орифона гирифтааст. Аз он ки духтари шоҳ буд, ифтихор надорад, балки дар фақирӣ зистанро бартар аз ҳар чӣ мешумурад:

Гарчи ман Лайлиасосам, дил чу Маҷнун дар ҳавост,
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.

Булбул аз шогирдиям шуд ҳамнишини гул ба боғ,
Дар муҳаббат комилам, парвона хам шогирди мост.

Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги нозанин,
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.

Баски бори ғам бурун андохтам бар рӯзгор,
Ҷома нилӣ кард, инак, бин, ки пушти ӯ дутост.

Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

Исмоил Зарифӣ, шоир ва рӯзноманигор

## ҒАЗАЛИЁТ

1

Эй зи абри раҳматат хуррам гули бӯстони мо,
Гуфтугӯи ҳарфи ишқат матлаъи девони мо.
Мӯ ба мӯи мо «Аналҳақ»-гӯ зи шавқи дор шуд,
Ташнаи хуни муҳаббат зоҳиру пинҳони мо.
«Ал-ъаташ»-гӯён ба киштии фано ҳар гӯшае,
Сад ҳазорон Нуҳ ғарқи мавҷаи тӯфони мо.
Гар қабул афтад зи мо дар якдилӣ як ҷав ниёз,
Чун Сулаймон сар напечад дев аз фармони мо.
Қатраи ашке наёбад раҳ ба рӯи мо дигар,
Баски хуни дил гираҳ шуд бар  сари мижгони мо.
Дар шикебоӣ чу най, эй дил, ба оҳу нола соз,
Нест чун дармонпазир ин дарди бедармони мо.
Гар зи зулмоти ҳавас берун ниҳам, Махфӣ, қадам,
Раҳ наёбад Хизр сӯи чашмаи ҳайвони мо.

2

Эй ба ту қоим вуҷуди асли ҳар мавҷуди мо,
В-эй зи ту равшан чароғи гавҳари мақсуди мо.
Чун хамири тинати мо з-оби раҳмат кардаӣ,
Ҳам ба лутфи хеш гардон оқибат маҳмуди мо.
Хоҳ дар тавфи ҳарам, хоҳӣ ба дайре рӯ намо,
Ҳар куҷо маъбад кунӣ, он ҷо туӣ маъбуди мо.
Нолаҳои дил саҳаргоҳе, ки ғайри дуди оҳ,
Нест мумкин сайқали оинаи мақсуди мо.
Ҳиммате, Махфӣ, зи сели ашк, к-аз сӯзи ҷигар
Шӯъла  мерезад зи дуди оҳи дардолуди мо.

3

То дини ҷаҳонгири ту афрохт аламро,
Бигрифт ақолими Араброву Аҷамро.
Бишкуфт туро ғунчаи лаб то ба такаллум,
Шуд вирди забон зикри ту мурғони ҳарамро.
Монанди хати сафҳаи рухсори ту нанвишт,
То кард бино дасти қазо лавҳу қаламро.
Шодии ҷаҳон ҷумла ба як ҷав наситонам,
Осон надиҳам аз кафи дил домани ғамро.
Дар роҳи ту аз хуни ҷигар гашт гулистон,
Бар ҳар сари хоре, ки ниҳодем қадамро.
Махфӣ, чу туро аҳли ҳарам роҳ надоданд,
Меҳроби дили хеш кун абрӯи санамро.

4

Эй доғ бар дил аз ғами бӯят насимро,
Дар сар ҳавои дидани рӯят Калимро.

Дини ту нури зулмати ҳар миллате, ки ҳаст,
Шаръи ту раҳнамои умед аст бимро.
Дар макрамият аст кариму шафеъи халқ,
Ғайр аз карим кас нашиносад каримро.
То по ба фарқи арш ниҳодӣ ту, Кирдигор
Гуфто: «Азим пояи арши азимро».
Маснаднишини маснади эъзоз карду рафт
Ҳамтоии ятими ту дурри ятимро.
Навмедиям макун, зи шафоат ба рӯзи ҳашр,
Чун боз бастаам ба ту аҳди қадимро.
Бе равшании пардаи анвори шамъи дин,
Махфӣ, ба ним ҷав наситонам наъимро.

5

Кӯи ишқ аст, ба номус салом аст ин ҷо,
Сад чу Маҳмуд ба ҳар гӯша ғулом аст ин ҷо.
Толиби дона дар ин дом дарафтод мудом,
Дона, к-аз хол бувад, донаву дом аст ин ҷо.
Бода даркаш, ки дар ин базмгаҳи ҳодисахез
Ҳар чӣ ҷуз бода бувад, ҷумла ҳаром аст ин ҷо.
Заҳри ғам нӯш куну лаб ба шикоят макушо,
Ки шикоят зи алам шеваи ом аст ин ҷо.
Мӯсиё, лоф мазан, тоқати дидорат нест,
Партави нури таҷаллӣ чу тамом аст ин ҷо.
Дар паи мастии ҳар шом хумори саҳар аст,
Махфиё, базми фараҳнок кадом аст ин ҷо?!

6

Ба ғорат додам аз ғафлат матои хонаи худро,
Ба дасти худ задам оташ ман оташхонаи худро.
Зи сӯзи дил фитод оташ чу фонусам ба пироҳан,
Бар оташ мезанам имшам дили девонаи худро.
Зи бас мустағрақи ишқам, намеҷунбад зи ҷо дастам,
Ки занҷире кунам дар по дили девонаи худро.
Гирифт улфат ба танҳоӣ чунонам дил, ки маъзурам,
Беҳ аз боғи ҷинон гӯям агар вайронаи худро.
Ба сад илҳони Довудӣ баробар кай кунад ошиқ,
Фиғони дилхарошу гиряи мастонаи худро?
Ба хирмангоҳи ҳар саҳро чу мурғи доначин гаштам,
Ба ғайр аз донаи ашке надидам донаи худро.
Тасалсул бод ҳушёрон шуморо даври май, к-охир
Зи бадмастӣ тиҳӣ ман кардаам хумхонаи худро.
Ду чашми маст пиндорӣ ба хоб олуда шуд, Махфӣ,
Баён кӯтаҳ кунам дигар ман ин афсонаи худро.

7

Кард ҷо то ғами ишқат ба рагу решаи мо,
Барқи ишқат биҷаҳад аз шарари тешаи мо.
Ҳар куҷо базми тарабнок шавад, гарм бувад,

Ашки мо— бодаи мо, дидаи мо—шишаи мо.
Бесутунро асари нолаи мо бигдозад,
Шуълаи Тур бувад, барқи дами тешаи мо.
Мо куҷову дили шоду асари нашъа куҷо?
Хун шавад бода зи ғам дар ҷигари шишаи мо.
Ҳар тунукҳавсаларо кай бирасад қасди шикор?
Шерро заҳра шавад об дар ин бешаи мо.
Фикр то гарм кунад дар дили мо шеъру сухан,
Вой, гар шуъла занад оташи андешаи мо.
Махфиё, дил ба ҷафо деҳ, ки наёяд ҳаргиз,
Бар сари шафқати мо шӯхи ҷафопешаи мо.

8

Адое ҳаст пинҳонӣ нигоҳи нозанинонро,
Ки аз завқаш гирифторӣ ба миннат медиҳад ҷонро.
Парешон шуд зи ғайрат лашкари аҷзои ҷамъият,
Парешон карда то чини сари зулфи парешонро.
Ба ковиш нолаам дилро ҷароҳат дар ҷароҳат кард,
Вале набвад қароре дар ҷароҳат неши мижгонро.
Ба қурбони сари савдои он бегонаваш гардам,
Ки аз дил ошно дорад ба ҳам дасту гиребонро.
Чу Маҷнун аз сари ҳиммат қадам дар водии ғам неҳ,
Ки бастам тоза, Махфӣ, бо муҳаббат аҳду паймонро.

9

Резад ба моҳи ҷом чу соқӣ шароброз,
Орад  зи абр шиша бурун офтоброз.
Лахти ҷигар ба гиря барояд зи дидаам,
Мастон ба пухтагӣ нагузоранд кабоброз.
Ҳарфи вафо зи саҳфаи уммед шустаам,
Аз рӯзгор кардаам ин интихоброз.
Махфӣ, зи умр лаззати завқе, ки ногаҳон,
Барҳам занад насим бисоти ҳубоброз.

10

Не шамъи бахт хоҳам, не меҳри ҳамгинонро,
Хоҳам кашам ба як рӯ аз мардумон инонро.
То чашм боз гардад, суҳбат вуҷуди анқост,
Фурсат шумар ғанимат дидори дӯстонро.
Кай васли гул ба булбул осон шавад муяссар?
Сад хор буда бошад дар по чу боғбонро.
Хуршеди ҳусн ҳар ҷо толеъ шавад зи аввал,
Созад зи зулфи сунбул тартиби соябонро.
То чанд бори меҳнат бар дил тавон зи айём?
Як ҷав риояте кун бедарди нотавонро.
Дар чашми аҳли биниш асло тафовуте нест,
Дар фасли навбаҳорон дар рангу бӯ хазонро.
Овар бурун зи гӯшат ин пунбаҳои ғафлат,
Дар дарси нуктасанҷон дар ком каш забонро.

Дар роҳи ишқи Маҷнун, бояд гузашт аз ҷон,
Набвад канор пайдо дарёи бекаронро.
Махфӣ, ба доми меҳнат гаштам асир охир,
Чун мурғи нозпарвар гум карда ошёнро.

11

Хезу карашмарез кун наргиси ниммастро,
Аз таҳи ҷом ҷуръа деҳ соқии майпарастро.
Баҳри шаҳодати ҷаҳон як нигаҳи ту бас бувад,
Гарми ғазаб чӣ мекунӣ ғамзаи тездастро?
Тоб мадеҳ ба турраат бар дили мӯ гираҳ мазан,
Бидъати тозае манеҳ қоидаи шикастро.
Не ба наво навозиям, не ба «Ироқ»-у не «Аҷам»,
Сӯи «Ҳиҷоз» мебарам замзамаи аластро.
Гар ба куништ меравад, в-ар ба тавофи Каъбае,
Ё Самад, аст дарди дил, Махфии бутпарастро.

12

Дидем басе дӯстии шодиву ғамро,
Аз ҳарзадавӣ пой шикастем қаламро.
Пур гашт чу аз хоки фано ҷоми Ҷаму Кай,
Ороста ангор ту ин маснади Ҷамро.
Гаштем биёбони ҷаҳонрову гузаштем,
Бар хоки мурoде наниҳодем қадамро.
То дод зи бедод ситонам ба қиёмат,
Аз каф надиҳам домани пурчини ҳакамро.
Бар хуни шаҳидони ту дар ҳашр дият нест,
Лабташна ниҳон то ба кай ин теғи ситамро?
Гар пой ниҳӣ дар ҳарами буткада, Махфӣ,
Оҳиста, ки то рам надиҳӣ мурғи ҳарамро.

13

Агар зи нури таҷаллӣ шавад далел маро,
Зи лавҳи сина шавад маҳв қолу қил маро.
Илоҷи ташнагиям кай шавад зи оташи ишқ?
Бувад баробари як қатра рӯди Нил маро.
Зибаски ғарқи гуноҳам, наметавонам рафт,
Агар ба Каъба далолат кунад Халил маро.
Куҷост ҷазбаи ишқе, ки аз диёри хирад?
Кунад бурун ба як имо ҳазор мил маро.
Чӣ гуна пой ба дарё ниҳам ба вақти убур?
Зи сӯзи сина бувад шуъла салсабил маро.
Фалак, зи бахти забунам ҳар он чи хоҳӣ кун,
Ки чашми меҳру вафо нест ҷуз асил маро.
Гуноҳи бахт чӣ бошад ба ман бигӯ, Махфӣ,
Чу рӯзгор шиносад аз ин қабил маро?

14

Ё рабуда ҷазби ишқам ҳуши матлуби маро?
Ё тағофул гашта садди роҳ маҳбуби маро?
Юсуфи гулпираҳанро пираҳан бар тан дарид,
Ку насиме, то кушояд чашми Яъқуби маро?
Шуд чунонам дил қавӣ дар ҷонфишониҳо, ки  ишқ,
Карда қонуни муҳаббат тарзи услуби маро.
Бас Сикандартолеам бояд фузун бар ҷои хеш,
Бод агар хоҳад барад сӯи ту мактуби маро.
Шустаам сад раҳ зи исён номаи аъмоли хеш,
Вой, гар хоҳад ба маҳшар зишт, ё хуби маро.
Ҳамнишинон, ҳиммате, к-охир фузуниҳои дард,
Бурд Махфӣ аз дили ман сабри Айюби маро.

15

Сад таъна бар оташ зада дуди нафаси мо,
Эй вой, агар сабр набудӣ қафаси мо.
Гар замзамаи мо шунавад, санг шавад нарм,
Ояд зи дили дард садои ҷараси мо.
Кардем басе аз ситаму ҷаври ту фарёд,
Ҷуз гиря нашуд ёвару фарёдраси мо.
Бингар ба тиҳидастии мо, к-аз сари ҳиммат
Бар суфраи Ҳотам нанишинад магаси мо.
Аз дида шаби ҳаҷр зи бас хуни ҷигар рехт,
Шуд рашки гулистони Ирам мушти хаси мо.
Дар роҳи вафо мо саги ишқем, к-аз аввал,
Карданд зи занҷири муҳаббат мараси мо.
Гар оҳ кашад аз ҷигари сӯхта Махфӣ,
Оташ ба дили баҳр фитад аз нафаси мо.

16

Мо гирифторему доғи ишқи мо, гулзори мо,
Аз гули ғам дорад ин зиннат сару дастори мо.
Баски лаззат дорад аз дарди ҷароҳат дам ба дам,
Судаи алмос хоҳад синаи афгори мо.
Шамъи меҳрат то даруни синаи мо барфурӯхт,
Таъна ба хуршед дорад сояи девори мо.
Гар ниёз ин аст, к-аҳли қибла дорад дар намоз,
Сад шараф бар субҳа дорад риштаи зуннори мо.
Ҳиммате, Махфӣ, дар ин водӣ, ки аз таъсири ишқ,
Дар бағал дорад баҳоре чашми гавҳарбори мо.

17

Нараст сабзаи шавқе зи хоки ҳастии мо,
Надод нашъаи завқе шароби мастии мо.
Баҳори умри гиромӣ ба ҷустуҷӯ бигзашт,
Надида домани васле дароздастии мо.
Агар на лутфи Худоӣ гуноҳи мо бахшад,
Ба парри коҳ наярзад худопарастии мо.
Агар ба чашми ҳақиқат нигаҳ кунӣ, бинӣ,

Ба боми арши барин ин мақоми пастии мо.
Зи ҳамраҳон ҳама дунбол мондаам, Махфӣ,
Ба рӯзгор набошад бинои ҳастии мо.

18

Қатъи ҷафо намекунад дилбари шӯхи масти мо,
Тарки вафо намедиҳад ин дили худпарасти мо.
Мо ба хилофи орзу шишаи дил шикастаем,
Ранҷи абас барад фалак ин ҳама дар шикасти мо.
Баски задем дасти дил гирякунон ба фарқи сар,
Раста чу сабза мӯи сар аз раги пушти дасти мо.
Мо ба ҳавои офият аз паи дил намеравем,
Раҳгузари бало бувад ҷойгаҳи нишасти мо.
Мунҳазим аст, Махфиё, фавҷи ғаме зи рӯи сидқ,
Тири дуъо агар ҷаҳад вақти саҳар зи шасти мо.

19

Чанд, дило, орзу дидани гулзорро?
Саҳни қафас гулшан аст мурғи гирифторро.
Дил, ки гираҳ шуд ба ишқ аз ғами ҳиҷрон чӣ бок?
Ваъда қиёмат бувад толиби дидорро.
Кам зи бараҳман машав дар равиши ошиқӣ,
К-аз раги ҷон меканад риштаи зуннорро.
Лозимаи ошиқист бар сари дор омадан,
Шод зи худ сохтан хотири ағёрро.
Силсила дар по чу шуд, нола забунӣ бувад,
Банди гарон зиннат аст пои гаронборро.
Кӯҳкан аз бедилӣ теша ба хоро занад,
Нола бувад марҳаме синаи афгорро.
Ҳар нафас аз хуни дил марди талабгори ишқ,
Рашки гулистон кунад маъракаи хорро.
Ришта ба гардан кашон аз паи ҷаллоди ишқ,
Боиси афзунӣ аст равнақи бозорро.
Махфӣ, агар нестат раҳ ба гулистон чӣ ғам?
Кас наситонад зи ман сояи деворро.

20

Набудӣ, гар зи тарки сар кулоҳе каҷкулоҳонро,
Зи торак кай рабудӣ тоҷи шоҳӣ подшоҳонро?
Ба пеши шамъ парвона самандартинате бояд,
Ки тоб орад шарори шуълаи оташнигоҳонро.
Саросар водии ваҳшат чу дашти Карбало гардад,
Зи қотил гар иваз хоҳанд хуни бегуноҳонро.
Гирифтам ,он ки аз раҳмат гуноҳи осиён бахшад,
Ба маҳшар бас бувад доғи хиҷолат русиёҳонро.
Набошад гар далели раҳ муҳаббат, кай барад маҳмил
Ба водӣ бар сари Маҷнун ба шаб гумкардароҳонро?
Барафкан бурқаъе аз рух ба оини шаҳаншоҳӣ,
Тасаллӣ кун ба дидоре тамоми додхоҳонро.

Машав навмед, эй Махфӣ, ки дар ҳангоми навмедӣ,
Шавад лутфи Худовандӣ панохе бепаноҳонро.

21

То баста шуд ба гулшани васли ту роҳи мо,
Маҳрам нашуд ба базми нигоҳат нигоҳи мо.
Чандон ба ёди гулшани васлат гиристем,
К-омад ба оби дида бурун барқи оҳи мо.
Моро ба ҷоҳу мансаби кас эҳтиёҷ нест,
Камтар зи тоҷи шоҳ набошад кулоҳи мо.
Эй гиря, ҳиммате, ки дар ин дашти ташналаб
Хуррам зи оби дида нагардад гиёҳи мо.
Мақсуди қудсиён зи саволу ҷавоб чист?
Махфӣ, чу ҳаст лутфи Илоҳӣ гувоҳи мо.

22

Медиҳам об аз сиришки дида боғи хешро,
Тоза медорам ба бӯи гул димоғи хешро.
Бода чун бар лаб ниҳам, соқӣ, чӣ сон соғар кашам?
Пур зи хуноби ҷигар дорам аёғи хешро.
Аз ҷароҳатҳои дил, азбаски лаззат ёфтам,
Пунба аз нохун ниҳам бар захм доғи хешро.
Дар тариқи офият аз худ намеёбам нишон,
Баски медорам дар ин раҳ ман суроғи хешро.
Аз парешонӣ наям озурда чун зулфи бутон,
Дидаам аз тангдастиҳо фароғи хешро.
Гар нашуд равшан ба базмам шамъи кофурӣ чӣ бок?
Барфурӯзад шуълаи оҳам чароғи хешро.
Дорам аз боди сабо, Махфӣ, ҳазорон пираҳан,
Кай кунам олудаи бӯе димоғи хешро?

23

Ишқ то зад ба дилам оташи расвоиро,
Баргузидам зи ҷаҳон гӯшаи танҳоиро.
Қасди ман баҳри нигоҳе зи мурувват дур аст,
Кас гунаҳгор накардаст тамошоиро.
Булҳавас лофи муҳаббат задану хоҳиши ҷон,
Вой, гар ишқ намедошт шиносоиро.
Барнаёяд ба муроди дили ман як нафасам,
То хирад дод ба ман мансаби доноиро.
Баҳри дидори ту оина кунад сайқали  дил,
То ки ҳусни ту кунад тоза худороиро.
Ҳамчу Яъқуб назар бе ту зи олам бастам,
Чӣ кунам дур зи дидори ту биноиро?
Махфиё, умри азизат чу ба худроӣ рафт,
Тарк кун, тарк ту ин шеваи худроиро.

24

То ба кай дорам ниҳон дар сина ишқи покро?
Чанд дорам дар ҷигар ин оҳи оташнокро?
Баски шуд аз сӯзи ишқат оҳи сардам шуъларез,
Тира созад дуди оҳам анҷуми афлокро.
Аз ғами Лайло ба саҳрои муҳаббат дасти шавқ,
То қиёмат бар сари Маҷнун фишонад хокро.
Марди ошиқпешаро девонагӣ туҳмат бувад,
Нур мебахшад муҳаббат дидаи идрокро.
Шаҳсавори ишқ, Махфӣ, ҳар дам аз теғи нигоҳ,
Сурх месозад ба хуни ошиқон фитрокро.

25

Чу булбул дар фиғон оям чу бинам бӯстонашро,
Чу гул хандон шавам ҳар ҷо, ки бинам боғбонашро.
Сабо, аз бӯи пироҳан нагардад чашми мо равшан,
Нахезам аз сари ин раҳ,  нагирам то инонашро.
Чу бандад посбонаш дар ба рӯям, рӯ нагардонам
Кашам ҷорӯб аз мижгон фазои остонашро.
Гирифтам ман, ки мурғи дил гирифтори қафас гардад,
Чӣ хоҳӣ кард охир шуълаи оҳи ниҳонашро?
Магар шуд офият анқо, ки аз гардуни дунҳиммат,
Нишон чандон ки меҷӯям, намеёбам нишонашро.
Ба зери об,  агар душман чу пои  остон гирад,
Бисӯзад шуълаи оҳи ман охир остонашро.
Ба булбул бод арзонӣ гулу гулшан, ки ман Махфӣ,
Баҳори зиндагонӣ дидаам фасли хазонашро.

26

Ишқ ку? К-аз хештанбинӣ бурун орад маро,
Бо хирад ҳамраҳ ба водии ҷунун орад маро.
Ташнаи хуни худам, умрест хунрезе куҷост?
К-аз мурувват бар лаби дарёи хун орад маро.
Гарчи беҳушам зи дарди ишқ баҳри имтиҳон,
Дар таҳаррук нолаҳои арғунун орад маро.
Нестам Айюб, аммо рӯзгорам ҳар нафас,
Бар сари роҳи бало баҳри шагун орад маро.
Ҷазбаи ишқе, ки чун Фарҳод аз ифроти ишқ,
Тешае дар даст сӯи Бесутун орад маро.
Нест, Махфӣ, гар ба ман ҷазби муҳаббатро асар,
Ҳамчу Юсуф бар сари бозор чун орад маро?

27

Бода дар гулзор хӯрдан кай ҳавас бошад маро?
Нашъаи бӯи гулистони ту бас бошад маро.
Майкашон, маъзур, агар дар базм май камтар кашам,
Бӯи май пайваста ҷосусу асас бошад маро.
Ғунчаи дил бишкуфад мурғи диламро дар чаман,
Ман гирифтори ғамам, гулшан қафас бошад маро.
Бар тани ман безабон ҳар мӯй фарёде кунад,

Гар зи бедоди фалак фарёдрас бошад маро.
Баски дар кунҷи қафас мурғи дилам бетоқат аст,
Розиям, гар зиндагонӣ як нафас бошад маро.
Бо вуҷуди тангдастиҳо зи олиҳимматӣ,
Шоҳбози ҳиммати Ҳотам магас бошад маро.
Кӯи танҳоӣ гузинам солҳо Яъқубвор,
Сурати девори ғам, гар ҳамнафас бошад маро.
Тар кунам коми дили дилбастагон з-оби ҳаёт,
Бар муроди дил диле гар дастрас бошад маро.
Гар ба зер овард гардунам зи пушти зин, чӣ ғам?
Пои ман то охири манзил фарас бошад маро.
Бар нишони пои маҳмил дар раҳи водии ишқ,
Нолаҳои зори Махфӣ чун ҷарас бошад маро.

28

Рафт барбод, агар хидмати деринаи мо,
Чанд дар сина тавон дошт нигаҳ кинаи мо?
Дуди оҳи дили мо тира кунад чашми фалак,
Вой, гар шуъла кашад оташе аз синаи мо.
Баски бебаҳра зи осоиши базми тарабам,
Нашъа имсол диҳад бодаи деринаи мо.
Дар дабистони алам як нафас озодӣ нест,
Рӯзи шанбе бувад андар шаби одинаи мо.
Тирабахтем ба навъе, ки ба сайқал ҳаргиз,
Занги зулмат наравад аз рухи оинаи мо.
Ба чунин муфлисию кӯтаҳии ҳиммати мо,
Сарбамуҳр аст ҳанӯз ин дари ганҷинаи мо.
Баркушо дида, ки ҳиммат ба садои Махфӣ,
Набувад з-атласи шаҳ хирқаи пашминаи мо.

29

Гираҳ зи кор чу накшод беқарории мо,
Дигар, чӣ суд, дило, аз фиғону зории мо?
Ба беқарории мо сӯзи дил қарор гирифт,
Натиҷаи аҷабе дод беқарории мо.
Гули мурод ба боғи умедҳо нашкуфт,
Қарор ёфт ба яъс ин умедвории мо.
Чу ёри ёр шавад ёри ёри мо дигар,
Чӣ эҳтиёҷ  бувад ёрро ба ёрии мо?
Макун талоши халосӣ зи қайди ғам, Махфӣ,
Ки нест маслиҳати кор растагории мо.

30

То лаб нагузорад лаби соғар ба лаби мо,
Афсурда шавад шишаи базми тараби мо.
То зангзудои дили мо сайқали ишқ аст,
Хуршед барад нур зи маҳтобшаби мо.
Аз домани уммеди ту кӯтоҳ нагардад,
Чандон ки кунӣ хурд ту дасти талаби мо.

То субҳи абад нашъаи мастӣ бувадаш ёд,
Ҳар кас, ки кашад ҷуръаи моулунаби мо.
Чандон ки задам теша чу Фарҳод дар ин кӯҳ,
Ширин нашуд аз шарбати мақсуд лаби мо.
Мо зодаи хокем, чу хокем, ту Махфӣ,
Беҳуда макун фикр зи аслу насаби мо.

31

Рехт бар хоки мазаллат, баски оби рӯи мо,
Обрӯе худ наёбад, ранги мо бар рӯи мо.
Гар ба фарқи мо ниҳад сад кӯҳи меҳнат рӯзгор,
Чини пешонӣ набинад гӯшаи абрӯи мо.
Панҷаи ғам солҳо шуд панҷаи сабрам битофт,
Рустами вақти худ аст ин қуввати бозуи мо.
Аз барои хотирозорӣ, фалак то кай тавон?
Ин қадар саргашта  дар олам ба ҷустуҷӯи мо.
Баҳри бӯи пираҳан чашмам ҳамебошад сафед,
Охир, эй боди сабо, як раҳ гузар кун сӯи мо.
Дил заифу ғам қавӣ танҳо дар ин ишратсаро,
Вой, гар Махфӣ набудӣ, сабр ҳамзонуи ту.

32

Соқӣ, нафасе бахш дили мурдаи моро,
Аз май бидеҳ обе гули пажмурдаи моро.
Умрест, ки булбул ба чаман нағмасарояст,
Раҳ нест дар ин боғ магар боди саборо?
Бо дард кун улфат нафаси чанд, Масеҳо,
Бедард тавон буд, тавон дошт даворо.
Эй субҳ, Худоро нафасе парданишин бош,
То оҳ занад бар ҳадаф ин тири дуъоро.
Дардо, ки ба умеди шифо бо дили бемор,
Мурдему надидем дар ин хона шифоро.
Кофист маро хиҷлати ҷурмам зи тараҳҳум,
Бигзар зи сари ҷурм гунаҳгори Худоро.
Махфӣ, макун андеша зи бедод, ки дар ҳашр,
Аз шоҳ басе беш бувад қурб гадоро.

33

Гарми ғазаб чӣ мекунӣ наргиси масти нозро?
Нозу карашма бас бувад дилшудаи ниёзро.
Риштаи дил гираҳ-гираҳ шуд ба даруни синаам,
Баски  ба дил гираҳ задам оҳи ҷигаргудозро.
Эй, ки ба айш хуфтаӣ, дарду ғаме надидаӣ,
Аз дили дардманд пурс ҳоли шаби дарозро.
Баҳри намоз ҳар куҷо рӯй ба қибла н-оварам,
Тоқи ду абрӯят бас аст саҷдагаҳи намозро.
Аз паси кас чӣ меравӣ, бонги ҷарас чӣ мекунӣ?
Ҳодии раҳ муҳаббат аст қофилаи Ҳиҷозро.
По ба бисоти офият з-он наниҳам, ки оқибат,

Маҳрами нуктае кунанд, маҳрамиёни розро.
Ғунчасифат шукуфт дил аз сухани ту, Махфиё,
Тақвияти сухан намо табъи сухантирозро.

34

Бе рӯи ёр бода бинӯшад касе чаро?
Рӯи риё ба ишқ фурӯшад касе чаро?
Не нолае ба синаю не ашки ҳасрате,
Бар рӯи булбулон бихурӯшад касе чаро?
Бар раҳгузори бод ниҳода чароғи умр,
Бар тан либоси фақр напӯшад касе чаро?
Рӯзи азал чу гашта муқаддар насиби кас,
Чандин ба деги ҳирс бичӯшад касе чаро?
Махфӣ, чу рози ғайр нуҳуфтан зи дониш аст,
Рози даруни хеш напӯшад касе чаро?

35

Ковиши беҳуда, эй фассод, то кай решро?
Дар муҳаббат нест таъсири ҷароҳат нешро.
Захмҳои дил зи марҳам рӯ намеорад ба ҳам,
Сӯзани алмос бояд захми беш аз бешро.
Баски дар роҳи муҳаббат ташнаи хуни худам,
Тоза месозам ба нохун захмҳои хешро.
Дил, агар аз носабурӣ аз кафи мо рафт, рафт,
Посбон даркор набвад хонаи дарвешро.
Умр шуд сарфи ҳавову вақти рафтан даррасид,
Пайравӣ то чанд, Махфӣ, нафси кофаркешро?

36

Сахт душвор аст гуфтан маънии ногуфтаро,
Сӯзани алмос бояд гавҳари носуфтаро.
Мекунад, гар нола булбул дар чаман, айбаш макун,
Сайри гулшан нашкуфонад хотири ошуфтаро.
Панҷаи ҳиммат нагирад домани яъсу умед,
Чун Зулайхо гар ба чанг орем умри рафтаро.
Умр шуд сарфи шумори рӯзи умр, эй бехабар,
Чанд чун тифлон нигаҳ дорӣ ҳисоби ҳафтаро?
Махфиё, ашке зи чашми тарк беҳосил бувад,
Гар диҳад ҷорӯб мижгон хонақоҳи рӯфтаро.

37

Чун кунӣ парданишин чеҳраи нурафшонро,
Панҷа дар панҷаи марҷон кунадам мижгонро.
Дӯш бар дӯш равад донаи ашкам зи назар,
Ҳалқа дар ҳалқа бувад силсилаи тӯфонро.
Бе маҳи рӯи ту равшан нашавад хонаи дил,
Бе сари зулфи ту имон набувад имонро.
Ғунча ширин накунад лаб зи табассум ба чаман,

Пур зи хуноби ҷигар то накунад домонро.
Нола оҳиста, ки ҷосуси муҳаббат, Махфӣ,
Сайди сайёд кунад булбули хушилҳонро.

38

Оташи ишқи ту дар дил булбулу парвонаро,
Бодаи шавқи ту бар лаб шишаю паймонаро.
Бе шиканҷи зулфи ту ҳосил нашуд ороми дил,
Оқибат кардӣ ба по занҷир ин девонаро.
Дидаро аз лахти дил ғунҷоиши ашке намонд,
То ба кай лабрези хун дорам ман ин паймонаро?
Ҳар нафас фавҷи ғамам мулки дилам созад хароб,
Чун тавонам кард ободон ман ин вайронаро?
Чанд, эй дил, гуфтугӯи меҳнату бедоди ғам,
То ба кай такрор созӣ ин куҳанафсонаро?
Баъд аз ин, Махфӣ, туро бояд дар оташ зистан,
К-оташафшон кардаӣ аз роҳ сақфи хонаро.

39

Оташафрӯз шуда то пари парвонаи мо,
Равшаноӣ надиҳад шамъ ба кошонаи мо.
Дида то чанд  фишонад дур(р)и ашкам, сад ҳайф,
Муфт рафт аз кафи мо гавҳари якдонаи мо.
Баски афсонаи ҳаҷри ту зи ҳад афзун аст,
Умр шуд охиру охир нашуд афсонаи мо.
Маи ишрат ба ҳарифони дигар деҳ, соқӣ,
Ки зи хуноби ҷигар пур шуда паймонаи мо.
Бикушо силсилаи зулф, ки аз ҷазбаи ишқ,
Ғайри занҷир набошад дили девонаи мо.
Киштии умр фурӯ рафт ба тӯфони аҷал,
Рафт бар боди фано оқибат ин хонаи мо.
Махфиё, то зи ҷигар шуъла барафрӯхта оҳ,
Гашта бӯстони Ирам гӯшаи вайронаи мо.

40

Гар парда барфитад зи гулистони доғи мо,
Оташ фитад зи рашк ба гулҳои боғи мо.
Бо он ки сар зад аз сари мо шуълаҳои оҳ,
Равшан нашуд зи боди ҳаводис чароғи мо.
Моро ба кӯҳу дашту биёбон қарор нест,
Савдои ишқ кард парешон димоғи мо.
Парвардаи ғамем, ба ғам хӯ гирифтаем,
Бошад маҳоли ақл зи меҳнат фароғи мо.
Авроқи умри мо ҳама меҳнат ба бод дод,
Ғамҳои рӯзгор ҳама дар суроғи мо.
Махфӣ, маҷӯ зи бодаи мо нашъаи нишот,
К-аз хуни дида гашта лаболаб аёғи мо.

41

Офиятро нест чун андешаи дармони мо,
Доғи расвоӣ манеҳ беҳуда ғам бар ҷони мо.
Дар шаби ялдо , агар шамъе набошад, гӯ, мабош,
З-оташи дил равшан аст ин кулбаи эҳзони мо.
Ҷустуҷӯ кам кун, дило, к-аз давлати дунҳимматон,
Нашъаи осудагӣ анқост дар даврони мо.
Кай гиёҳи хуррамӣ рӯяд, ки дар ҳангоми кишт,
Рехта дар хоки зиллат тухми мо, деҳқони мо?
Мушкил ар гардад зи мо ислом дар маҳшар қабул,
Гар набудӣ ҳамчу куфре шоҳиди имони мо.
Киштиям собит намонад дар муҳити офият,
Баски ҳар лаҳза фузун аст мавҷаи тӯфони мо.
Рехтам, Махфӣ, зибас хуноби дида дар чаман,
Имтиёзе нест дар хору гули бӯстони мо.

42

Эй Худо, коми диле бахш мусулмонеро,
Беш аз ин доғ манеҳ синаи бирёнеро.
Баъд аз ин тобу тавоноии ҳиҷронам нест,
Соз озод зи ғам оҷизу ҳайронеро.
Метавонӣ, ки раҳоӣ диҳӣ аз қайди ситам,
Ту, ки аз чоҳ барорӣ маҳи Канъонеро.
Маҷмаи ашки ман аз гиря парешон шуду рафт,
Аз карам ҷамъ намо мушти парешонеро.
Бишкуфонад гули уммеди ту, Махфӣ, ба чаман,
Он ки гулзор кунад оташи сӯзонеро.

43

Доғи нави ту мениҳам ҷону дили кабобро,
Равнақи тоза медиҳам мамлакати харобро.
Хуни ҷигар фишондаем дар раҳи ҷустуҷӯ басе,
То ки гирифт дасти дил домани офтобро.
Марҳами захми синаам, равшании ду дидаам,
Гарми ғазаб чӣ мекунӣ наргиси нимхобро?
Ҷон зи дилам гирифтаӣ, дил зи кафам рабудаӣ,
Баҳри Худой барфикан аз рухи худ ниқобро.
Махфии дардманди ту, дил ба ғамат супурдааст,
Сарфи ду дида карду рафт қатраи хуни нобро.

44

Чанд кунӣ ниқоби рух турраи мушксойро?
Бар дари Каъба то ба кай қуфли калисёйро?
Гарми раҳи муҳаббатат дар раҳи водии талаб,
Марҳами хору хас ниҳад обилаҳои пойро.
Шаб ҳама шаб ба ёди ту мардумаки ду дидаам,
Ғута ба хуни дил диҳад ашки гуҳарнамойро.
Дар тани тозаам шикаст нохуни саъйаму ҳанӯз,
Чун зи гираҳ нагашт суст бахти гираҳкушойро?
Ҳар нафасам кунад зи ашк мардумакам зиёфате,

Шеваи мардуми бувад мардуми кадхудойро.
Нола баҳор бигсалад аз паи нолаи дигар,
То бикунад далели раҳ замзамаи даройро.
Нест аҷаб, агар шавад бандаи ишқ комрон,
Сояи Ҷам нишон бувад болу пари ҳумойро.
Бар сари дори ошиқӣ ҷон ба ғами ту бохт дил,
Раҳ ба дилам наёфт кас лаззати ҳой-ҳойро.
Чеҳраи ашки лолагун медиҳадам зи дил хабар,
Шуста ба хуни дидаам ҷоми ҷаҳоннамойро.
Замзамаи муҳаббатам гашт фузун зи банди ғам,
Кунҷи қафас чаман бувад мурғи чамансаройро.
Махфӣ, агар на козибӣ, дар раҳи ишқ, ҳон, биё,
Аз сари ишқ саҷда кун он бути дилрабойро.

45

Ба ман нанмуд гар бахтам раҳи кӯи саломатро,
Зи ҷустуҷӯи худ пайдо кунам роҳи маломатро.
Бирезам хуни дил чандон ба маҳшар аз пушаймонӣ,
Ки рашки ҷаннатулмаъво кунам дашти қиёматро.
Зи дафтарҳои исёнам намонад нуктае боқӣ,
Агар қадре бувад дар рӯзи ҳашр ашки надоматро.
Ниҳоли давлати дунё мазаллат бор меорад,
Ба сад мулки шаҳаншоҳӣ мадеҳ ганҷи қаноатро.
Барорам гар зи дил оҳе зи рӯи дард дар маҳшар,
Диҳад бар боди ҳасрат хоки саҳрои қиёматро.
Ба маҳшар гар гуноҳатро бубахшад шафқати Эзид,
Зи каф осон мадеҳ, Махфӣ, ту домони шафоатро.

46

Ғам мекунад фузунӣ, эй дӯстон, Худоро,
Шояд нуҳуфта монад ин рози ошкоро.
Моро чу мум бигдохт ин оташи муҳаббат,
То чанд бошадат дил дар сина санги хоро?
Мурдему гардиши чарх раҳме накард бар мо,
То кай тавон ба душман, соҳибдилон, Худоро?
Мастиву тангдастӣ бадноми халқ созад,
Бо тарзи шаҳ чӣ нисбат дарвеши бенаворо?
Киштии умр бишкаст дар баҳри ноумедӣ,
Мушкил, ки боз бинем дидори ошноро.
Ҳосил нашуд чу ҳаргиз ин коми дил ба тадбир,
Тадбирро гузорам, гардан ниҳам қазоро.
Бигзашт мавсими гул, шуд нолаҳои булбул,
То кай шароби мастӣ, ё айюҳассукоро?
Барбод рафт дар ғам, ёрон захираи умр,
Бошад, ки гардиши чарх фурсат диҳад шуморо.
Эй хусрави замона, бикшо ду чашму бингар,
Дар номаи Сикандар аҳволи мулки Доро.
Ёрону базми ишрат, Махфиву кӯи меҳнат,
Бо офият чӣ кор аст дарвеши бенаворо?

47

То дод навид аз қадамат абр чаманро,
Бикшод ба побӯсии ту ғунча даҳанро.
Гар парда шавад дур зи рухсораи ҳуснат,
Юсуф накунад бори дигар ҳуб ватанро.
Бемори туро нест илоҷе ба ҷуз аз васл,
Бефоида ковиш макун ин доғи кухҳанро.
Гарди раҳи ту сурмаи оҳуи Хито шуд,
З-ин нисбати зулфи ту кунад мушки Хутанро.
Мақбули азизон шуда абёти ту, Махфӣ,
Охир ту диҳӣ дод дар ин арса суханро.

48

То кард бино чашми ту бедодгариро,
Оташ ба дил афтод насими саҳариро.
Бас Хизр, ки сероб шуд аз чашмаи ҳайвон,
Чун ғунча кушодӣ ту даҳони шакариро.
Мисли ту назодаст халаф модари айём,
З-ин ҳусн надодаст малакрову париро.
Бевосита силӣ занадам бар рухи уммед,
Гӯё зи ту омӯхт фалак фитнагариро.
Ҷон меравад аз дасти ту, Махфӣ, нигаҳе кун,
Маъюс макун аз дари худ раҳгузареро.

49

Мадеҳ бар бод аз шона сари зулфи парешонро,
Макун саргаштаи водӣ ту, инак, дардкешонро.
На гул дидам, на булбулро , аз ин бӯстонсаро рафтам,
Дуои ман сабо гӯй, агар бинӣ ту эшонро.
Зи бас оҳу фиғон кардам, зи ман бегона шуд бахтам,
Зи худ бегона ман гардам бирав дар даст хешонро.
Ту меронӣ маро аз пешу ман чун бед ларзонам,
Ки бас нозук диле бошад гуруҳи сабркешонро.
Ба пеши даштпаймоён лаб аз гуфтушунав дарбанд,
Макун озор, эй Махфӣ, ба заҳролуднешонро.

50

Хоҳам кашам ба дида он хоки остонро,
То бӯсам аз лаби дил ин пои посбонро.
Пӯшида ҷазбаи ишқ дар ман палоси меҳнат,
Султон либоси фохир бахшад мулозимонро.
То кай ба рағми душман дар имтиҳон битобам?
Бишнос, беҳтарак з-ин ёрони ҷонфишонро.
Охир диҳад ба тӯфон бунёди хонаи хеш,
Мурғи назар чу бинҳад бар об ошёнро.
Мафрӯш дида арзон гавҳар ба хотири дил,
Ёрон раво надоранд бар дӯстон зиёнро.
Бар ҳоли зори булбул, раҳме, карашмаи гул,

Шоҳон кашида доранд баҳри гадо инонро.
Додат Худой, Махфӣ, дур(р)и сухан, вагарна
З-ин гуна нест дур(р)е дар сина баҳру конро.

51

Эй мунаввар аз маҳи ҳуснат чароғи офтоб,
В-эй муаттар аз сари зулфат димоғи офтоб.
Лаб ба савдоят сuроҳӣ бар лаби соғар ниҳод,
З-оташи дил рехт майро дар аёғи офтоб.
Партави ҳуснат нагардад ҷилвагар гар дар чаман,
То қиёмат нашкуфад як гул ба боғи офтоб.
Зери пироҳан ниҳон аз андалебони чаман,
Доғ дорад ҳар гуле бар дил зи доғи офтоб.
Махфиё, то кай парешон домани мақсуд кард?
Рафт ин умри гиромӣ дар суроғи офтоб.

52

Ҳангомаи дил гарм ба май мекунам имшаб,
Ҳамсуҳбатии нолаи най мекунам имшаб.
Гарм аст маро суҳбату сар бар кафи даст аст,
Меҳмонии сад Ҳотами Тай мекунам имшаб.
Аз дида равон ашкаму бар каф зи маям ҷом,
Фарёд ба ёди Ҷаму Кай мекунам имшаб.
Бас ҷазбаи шавқи ту зи дил бурд инонро,
Аз шавқи ту бас марҳала тай мекунам имшаб.
То чанд паи қофилаи нафс тавон рафт?
Ин ноқа дар ин бодия пай мекунам имшаб.
Бо он ки ҷунун варзаму дар айни дуоям,
Фарзонасифат пушт ба ҳай мекунам имшаб.
Махфӣ, нафаси сард, ки дилро бишикофад,
К-ин сахтдилӣ чун шаби дай мекунам имшаб.

53

То шароби лаби лаъли ту ба ҷом аст имшаб,
Кавкаби бахти маро кор ба ком аст имшаб.
Омадӣ, ҷону дилу дида нисорат бодо,
Чун туӣ мӯниси ҷон, хоб ҳаром аст имшаб.
Абрувонат ҳама ид асту рухат шамъи фалак,
Меҳру маҳро маи мақсуд ба ҷом аст имшаб.
Кавкаби бахти сиёҳам шуда имшаб равшан,
Оре, оре, маҳи ман бар лаби бом аст имшаб.
Ҷуръае дод ба ёди ту ба дастам соқӣ,
З-ин маро меҳру маҳи чарх ғулом аст имшаб.

54

Хаёли чашми ҷоду кардам имшаб,
Гули мақсудро бӯ кардам имшаб.
Зи селоби сиришкам гашт тӯфон,

Ба гиря кор якрӯ кардам имшаб.
Ба ёдаш соғаре бар лаб ниҳодам,
Ба оби зиндагӣ хӯ кардам имшаб.
Ба базми булбулон аз шом то субҳ,
Ба боғи ҳаҷр «ё ҳу» кардам имшаб.
Гирифтам хоки кӯятро дар оғӯш,
Ниҳолеро ба паҳлӯ кардам имшаб.
Ба ғайри орзуи ҷони Махфӣ,
Ҳавои дил ба як сӯ кардам имшаб.

55

Эй дида, сиришке, ки ба ёди ватан имшаб,
Хоҳам, ки занам чоки гиребон ба тан имшаб.
Парвонаи парсӯхта бас бар сари ҳам рехт,
Раҳ нест туро шамъ дар ин  анҷуман имшаб.
Ҳангом ба коми дилу дилдор дар оғӯш,
Бахшой қадаҳ шишаи майро даҳан имшаб.
Бикшод чу Яъқуб маро чашми таманно,
Бо боди сабо буд магар пираҳан имшаб?
Гар доди ман аз нолаи бедод нагирад,
Домони дили ғамзадаву дасти ман имшаб.
Булбул ба хабар бош,  ки аз нолаи Махфӣ,
Гул пора кунад ҷайби қабо дар чаман имшаб.

56

Гар ҳама ҳуснат барояд рӯ ба рӯи офтоб,
Аз хиҷолат зард гардад ранги рӯи офтоб.
Сайри дарё карда умре, дар таманнои ҳанӯз,
Тар нашуд аз қатраи обе гулӯи офтоб.
Май чу дар мино бувад, гӯ, шамъ дар маҷлис мабош,
Равшание нест маҳро пеши рӯи офтоб.
То ки ҷон бошад ба тан пӯям раҳи девонагӣ,
Сояро пайваста бошад ҷустуҷӯи офтоб.
Гар задам лофи муҳаббат бо ғамат, маъзур дор,
Зарраро айбе набошад орзуи офтоб.
Рафт Махфӣ шуълаи оҳи ту бас бар осмон,
Шуд ниҳон дар барқ оташ мӯ ба мӯи офтоб.

57

Барфикан аз шамъи ҳуснат, эй маҳи хубон, ниқоб,
То ба сар миннат ниҳад бар пои ту сар офтоб.
Дар фироқат зиндагонӣ чун кунам, ё Раб, ки шуд,
Ғам қавӣ, меҳнат фузун, дил нотавон, ҳолам хароб.
Он чӣ ҳосил кардам аз савдои ишқ ин асту бас,
Дил кабобу сина чоку ҷон ҳазин, чашмам пуроб.
Хӯ гирифтам бо ғами ишқи ту, бояд баъд аз ин
Гиря беҳад, нола беҳад, сина бирён, дил кабоб.
Коронӣ гар кунӣ, Махфӣ, тамоми умри хеш,
Ҳар нафас соле бувад пеши ту дар рӯзи ҳисоб.

58

Дил чу ба ғам хӯ гирифт, тарки вафо з-ӯ талаб,
Ғам чу ба шодӣ нишаст, ҷавру ҷафо з-ӯ талаб.
Дил чу дуохоҳ шуд бар дари Яздони пок,
Дасти таманно барор, завқи дуо з-ӯ талаб.
Чанд таассуф хӯрӣ баҳри бақои вуҷуд,
Ҷоми фано нӯш кун, завқи вафо з-ӯ талаб.
Ҷониби оби ҳаёт Хизр гарат раҳбар аст,
Аз паи ӯ бозгард, ҷоми бақо з-ӯ талаб.
Чанд ба бӯстон равӣ, хор ба поят шикаст,
Рашки гулистон нигар, нури зиё з-ӯ талаб.
Дар чамани орзу шабнами ашке бирез,
Махфии дастонсаро, нашъунамо з-ӯ талаб.

59

Нест гар нола туро бо дили ман роз имшаб,
Мурғи дилро зи чӣ рӯе сари парвоз имшаб?
Гашт чун доғ дилам аз ҳади андоза бурун,
Ковиши дида кунад гиряи ман боз имшаб.
Гул занад чоки гиребону фиғон бардорад,
Андалеб, ар шунавад аз лабам овоз имшаб.
Бода бардор зи маҷлис, ки зи бисёрии ноз,
Базмро гарм кунад шаъшаи ман боз имшаб.
Бода лабрез куну доди фароғат бистон,
Гашт Махфӣ чу туро кор худосоз имшаб.

60

Гарчи ман Лайлиасосам, дил чу Маҷнун дар ҳавост,
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.
Булбул аз шогирдиям шуд ҳамнишини гул ба боғ,
Дар муҳаббат комилам, парвона хам шогирди мост.
Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги нозанин,
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.
Баски бори ғам бурун андохтам бар рӯзгор,
Ҷома нилӣ кард, инак ,бин, ки пушти ӯ дутост.
Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

61

Биё, ки зулфи каҷу чашми сурмасо ин ҷост,
Нигоҳи гарму адоҳои дилрабо инҷост.
Карашма – теғу мижа – ханҷару нигаҳ– алмос,
Шаҳодат ар талабӣ, дашти Карбало ин ҷост.
Агар биҳишт диҳандат, фиреби кас нахӯрӣ,
Қадам зи майкада берун манеҳ, ки ҷо ин ҷост.
Китобхонаи олам варақ-варақ ҷустам,
Хати ту дидаму гуфтам: «Муддао ин ҷост!»

Закоти ҳусн, агар медиҳӣ барои Худо,
Биё, ки Зебуннисо ҳамчу ман гадо ин ҷост.

62

Дар таровaт ҳеҷ боғе беҳ зи боғи гиря нест,
Партави хуршед равшан чун чароғи гиря нест.
Майкашон ашки надомат з-он ки ҳангоми барот,
Ташнаро осудагӣ ҷуз дар аёғи гиря нест.
Дидаи лабрези хуноб аст, в-аз афсурдагӣ,
Ҳамчу абри навбаҳорон дар димоғи гиря нест.
Ҷустуҷӯ кардам басе аз андалебони чаман,
Як гули хандони гулшан ҳамчу доғи гиря нест.
Дида чун абри баҳорон пур зи ашк айёмро,
Махфиё, аз бедимоғиҳо димоғи гиря нест.

63

Зи тоби оташи ишқат ситам бадан месӯхт,
Зи сӯзи шуълаи оҳам дили сухан месӯхт.
Агар на об дами теғи ғамзаат мехӯрд,
Шаҳиди ишқи ту то ҳашр дар кафан месӯхт.
Ба ҳоли зори харобам тамоми шаб имшаб,
Зи дида ашк равон шамъ дар лаган месӯхт.
Зи сӯзи сина маро мағзи устухон дар пӯст,
Ба сони шамъ ба фонуси анҷуман месӯхт.
На шамъ буд ба маҷлис, на ишқи парвона,
Ки шамъи аҳли муҳаббат дар анҷуман месӯхт.
Саҳоби дида намезад агар ба оташ об,
Зи сӯзи ишқ дилу ҷони марду зан месӯхт.
Куҷост оташи ишқе, ки аз ҳарорати он,
Насим бод ба андешаи Ватан месӯхт?
Ғуломи ҳиммати булбул, ки дӯш то дами субҳ,
Зи барқи шуълаи оҳаш гули чаман месӯхт.
Чӣ оташ аст муҳаббат, ки рӯзу шаб, Махфӣ,
Ниҳон зи маҳраму бегона Кӯҳкан месӯхт?

64

То шеваи нозат ба дилам рӯзфузун аст,
Фикрам ҳама расвоию андеша ҷунун аст.
Носеҳ раҳи худ гир, ки Маҷнуни ғамашро,
Дар роҳи талаб ҷайб ба сад пора шагун аст.
Бас хуни ҷигар рехтаам аз сари мижгон,
Водии фароғат ҳама оғушта ба хун аст.
Чандон ки руфӯе кунамаш, боз шавад чок,
Ин захми ҷигар аз ҳаду андоза бурун аст.
Беҳуда макун саъй, ки Махфӣ, накунад суд,
Онро, ки зи тақдири азал бахт забун аст.

65

Новаки бедод чандин ғамзаро даркор нест,
Кӯдаке, к-аз як нигоҳи хашмгин афгор нест.
Бастаи ҳарфе, ки Маҷнун ҷониби Лайло надид,
Боварам н-ояд, ки ошиқ толиби дидор нест.
Ҳусн ҳар ҷо ҷамъ ояд бо парешонии зулф,
Чашм, агар оина бошад, толиби дидор нест.
Ҳар кӣ дар базми муҳаббат бодае бар лаб ниҳад,
Гар Фалотуни замон аст, то абад ҳушёр нест.
То ба кай дар зоҳидӣ, Махфӣ, фиреби худ диҳӣ?
Нестӣ муъмин, туро гар субҳаву дастор нест.

66

Мерасад мояи сад ноз, талабгор куҷост?
Мефишонад намаке, синаи афгор куҷост?
Ақл мағлубу ҷунун ғолибу бас ҳавсала танг,
Гарм шуд дори «Аналҳақ», кашиши дор куҷост?
Ман гирифтам, ки барафтод ниқоб аз рухи дӯст,
Ку дилу ҳавсалаву тоқати дидор куҷост?
Субҳидам боди сабо дар чаман ин гуфту гузашт:
Булбули дилшудаву равнақи гулзор куҷост?
Бо хирад бознагардад дили савдозадагон,
Сар , ки шуд бори бадан, қуввати дастор куҷост?
Молики қофилаи умр барад ҳар нафасе,
Масти Юсуф сари бозор харидор куҷост?
Махфиё, ҷону дилам низ ба дунболаш рафт,
Баҳри як ҷуръаи май, хонаи хаммор куҷост?

67

Ҳар кӣ бо санги маломат ҳамчу Маҷнун хӯ гирифт,
Пеши арбоби назар чун гавҳар оби рӯ гирифт.
Доми ҳар кас кай бигирад дар биёбон ваҳшу тайр,
Дасти эъҷози муҳаббат гардани оҳу гирифт.
Барнадорам сар, агар сад Хизр ояд бар сарам,
Баски улфат чашми гирён бо сари зону гирифт.
Подшоҳи ҳусн охир шуд асири қайди зулф,
Тирарӯзе офтоберо ба доми мӯ гирифт.
Орзуи сояи мо мекунад фарри ҳумой,
Мурғи дил то ошёни сунбули гесӯ гирифт.
Тоби печутоби хуршеди ҷаҳонтобаш надошт,
Рафт зери зулфу ҷо дар гӯшаи абрӯ гирифт.
Оқибат аз бевафоиҳои чархи каҷхиром,
Махфии бечора рафту аз ҷаҳон як сӯ гирифт.

68

Мужда, эй дил, ки зи ғам вақти наҷот омадааст,
Боз дар хонаи ҷон шамъи ҳаёт омадааст.
Нест андешаи инсону малакро гузаре,
Пеши ҳусни ту парӣ бас ба закот омадааст.
Гирди чоҳи зақанат ташналабу сӯхтаҷон,

Сабзаи хат зи паи оби ҳаёт омадааст.
Шарбати ташналабон ҷуз ба лаби ширин нест,
Ин даҳонат зи азал ҳубби набот омадааст.
Чист ин сӯзиши ман шамъсифат то ба саҳар?
Шуъларо бар ҷигарам гиря барот омадааст.
Баски бар дарди дилат шарҳ навиштам, Махфӣ,
Оҷиз аз дарди дилат килку давот омадааст.

69

Меҳнати дарди ҷудоӣ, ки зи ҳад берун аст,
Дида лабрези сиришку ҷигарам пурхун аст.
Хуш фиребанда нигоҳест, ки дар кишвари ишқ,
Ҳар киро менигарам Кӯҳкану Маҷнун аст.
Нагсалад ёди туро силсилаи нозу ниёз,
Оташи ишқи ману ҳусни ту рӯзафзун аст.
Рехт хуноби дил аз дидаи Махфӣ чандон,
Дар биёбони муҳаббат, ки саросар хун аст.

70

Дидае ку, ки пур аз ҳасрати дидори ту нест?
Синае ку, ки дар он мурғи гирифтори ту нест?
Гар зи хуноби ҷигар об диҳад оби ҳаёт,
Равнақи гул ба ҷуз аз гӯшаи дастори ту нест.
Гар бувад пири ҳарам муъмину имон набувад,
Риштаи субҳа гараш риштаи зуннори ту нест.
Барнаёяд зи хиҷолат зи паси кӯҳи хароб,
Офтобе, ки паси сояи девори ту нест.
Ҷону дил дода ба савдои ту Махфию гузашт,
Одамӣ нест, ҳар он кас, ки харидори ту нест.

71

Зи дониш ном бурдан нанги ишқ аст,
Ҷунун зинатдеҳи авранги ишқ аст.
Чу ҳосил шуд маро коми дил аз ишқ,
Сари сулҳам куҷо бо ҷанги ишқ аст?
Мазан Фарҳод теша бар дили кӯҳ,
Ки оташҳо ниҳон дар санги ишқ аст.
Зи берангӣ мазан дам дар муҳаббат,
Ки олам гунае аз ранги ишқ аст.
Қадам фаҳмида неҳ, Махфӣ, дар ин роҳ,
Ҷаҳон як мил аз фарсанги ишқ аст.

72

Зи сӯзи ишқи ту з-он гуна дӯш тан месӯхт,
Ки ҳар нафас зи тафи сина пираҳан месӯхт.
Ҳадиси ишқи туро то навишт мекардам,
Сипандвор нуқат бар сари сухан месӯхт.
Даруни сина чунон даргирифта буд оташ,

Ки оҳ дар ҷигару нола дар даҳан месӯхт.
Шаҳиди ишқи туро шаб ба хоб медидам,
Ки ҳамчу шуълаи фонус дар кафан месӯхт.
Зи оҳи нимшабу нолаи саҳаргоҳӣ,
Ситора бар фалаку ғунча дар чаман месӯхт.
Зи сӯзи синаи Махфӣ шуд ин қадар маълум,
Ки ҳамчу хас мижааш дар гиристан месӯхт.

73

Эй, ки дар аҳди ҷамолат ишқ бебунёд нест,
Дар ҷаҳон як дил зи қайди зулфи ту озод нест.
Ҳеҷ кас аз дасти ҷаврат дар ҷаҳон доде наёфт,
Оре-оре, дар тариқи хубрӯён дод нест.
Туҳмати ишқе, ки бар Фарҳоду Маҷнун бастаанд,
Доми тазвире бувад ишқе, ки модарзод нест.
Нозанинонро, дило, шоҳу гадо яксон бувад,
Дар муҳаббат имтиёзи Хусраву Фарҳод нест.
Лаб зи гуфтугӯ бубанд, эй дил, ба корубори ишқ,
Булбулонро ҳосиле ҷуз нолаву фарёд нест.
Мурд Махфӣ аз ғами ҳаҷру накардӣ ёди ӯ,
Ёд бодо, ин ки ҳеҷ аз дӯстонат ёд нест.

74

Бе гули рӯи ту як дам зинда будан мушкил аст,
Пешат, эй шӯхи ситамгар, лаб кушудан мушкил аст.
Саҳл бошад ашкрезӣ ҳамчу абри навбаҳор,
Ханда бар лаб дидаи хунбор будан мушкил аст.
Нест мушкил ҳамнишини дилбарони пуритоб,
Пеши теғи ҳаҷри ӯ ҷавлон намудан мушкил аст.
Бе висоли дӯст душвор аст бар ман зиндагӣ,
Сӯзани алмосро бар дида судан мушкил аст.
Дар тариқи ишқ раҳ кардан ба водӣ кор нест,
Рӯ ба рӯи ғамзаи дилдор будан мушкил аст.
Як назар дидам туро девонаву Маҷнун шудам,
Пеши чашми масти ту ҳушёр будан мушкил аст.

75

Манам, ки меҳнату ғамро зи ман ҷудоӣ нест,
Ба базми офиятам ҳеҷ ошноӣ нест.
Сабо ба булбули шӯрида, гӯ,  ки дар раҳи ишқ,
Маҷоли дам задану ҷои худнамоӣ нест.
Ба маҷлисе, ки набошад шуои рухсорат,
Гар офтоб бувад, шамъи равшаноӣ нест.
Ману наҷот зи доми маломатат, ҳайҳот,
Ки дар тариқи муҳаббат гираҳкушоӣ нест.
Марав ба савмаа, Махфӣ, бирав ба майкадае,
Ки назди аҳли ҳақиқат чу бенавоӣ нест.

76

Имшаб ба хаёлат дили ман фикри дигар дошт,
Монанди самандар ҳама шаб ҷо ба шарар дошт.
Парвонасифат сӯхтам аз оташи шавқат,
Бо он ки зи чашми тари ман шуъла ҳазар дошт.
Имрӯз насими саҳарӣ боди самум аст,
Чун дӯш ба водии ҷунуни ту гузар дошт.
Яқубсифат дида бибаст аз ҳама олам,
Ҳар кас нафасе рӯи ту дар мадди назар дошт.
То ҳашр намиранд шаҳидон зи таманно,
Оби дами шамшери ту таъсири дигар дошт.
Дӣ лутф намудӣ, ки гузаштам зи канорат,
Имрӯз ба хунам нигаҳат баста камар дошт.
Тай кард ба як чашм задан олами ҳастӣ,
Ҳар кас, ки ба роҳи талабат пой зи сар дошт.

77

Бо ғамат ҳамвора бар ман саҳни гулхан гулшан аст,
Оре-оре, буткада пеши бараҳман гулшан аст.
Баски чун Яъқуб гирям аз ғаму андӯҳи ҳаҷр,
Аз сиришки дидаи ман ҷайбу доман гулшан аст.
Ҷои ҳар мӯ бар бадан сад доғ мебояд зи ишқ,
З-он ки доғи ошиқӣ бар ҷону бар тан гулшан аст.
Нест дилро орзуи боғу сайри гулшане,
Толиби дидорро водии Айман гулшан аст.
Боғбон, гар роҳи гулшан баст, Махфӣ, бок нест,
Андалебони чаманро акси гулшан гулшан аст.

78

Ҳеҷ коре нозанинонро ба ҷуз аз ноз нест,
З-он ки шоҳонро шикоре чун шикори боз нест.
Пеши фонуси хаёлат раҳ наёбад то абад,
Ҳар кӣ чун парвона бо шамъи ғамат дамсоз нест.
Аз тапидан гар фурӯ монад дилам, набвад аҷаб,
Булбули бе болу парро тоқати парвоз нест.
Муждаи васли ту кори сад Масеҳо карду лек
Дар замонат зинда кардан мурдаро эъҷоз нест.
Дар фироқи ту чӣ гӯям? Мегузорам бо касе,
Ғайри дардат нест ҳамдам, ҷуз ғамат дамсоз нест.
Махфиё, беҳудааст, аз ғайр чандин шиква чист?
Душмане дигар туро чун дидаи ғаммоз нест.

79

Боз имрӯз дилам сӯи Хуросон рафтаст,
Риштаи куфр буридасту ба имон рафтаст.
Нола бар дарди дилам маҳрами бегона кунад,
Гар бигӯям, ки чӣ бедод зи ҳиҷрон рафтаст.
Рашки бӯстони Ирам гашт маро доману ҷайб,
Баски хуни ҷигар аз дида ба домон рафтаст.
Нур пайдо накунад чашми таманно зи насим,

Бӯи пироҳани Юсуф сӯи Канъон рафтаст.
Ҳар ҷафое, ки ба ман кард фалак, Махфӣ, нест,
Чок боқист маро ,гарчи гиребон рафтаст.

80

Мурғи дили ман сайди ҳарамхонаи ишқ аст,
Зинҳор мапиндор, ки бегонаи ишқ аст.
Хубон накушоянд ба ҷуз гиря сари зулф,
Дасти талаби шавқ магар шонаи ишқ аст?
Эй вой, бар он кас, ки лаболаб на зи дард аст,
Эй вой, бар он дил, ки на вайронаи ишқ аст.
Чандин сухани ишқ, ки гуфтанду гузаштанд,
Дар мазҳаби ушшоқ як афсонаи ишқ аст.
Махфӣ, ману ин гӯшаи вайрона, ки дар даҳр,
Маъмура ҳамин гӯшаи вайронаи ишқ аст.

81

Ҳар кӣ дар ҷоми таманно бодаи гулранг рехт,
Бар сари аҳли ҳасад аз қасри ишрат санг рехт.
Ноларо таъсири дигар буд боз имшаб магар?
Қатрае аз бодаи ишқи ту бар оҳанг рехт.
Пеши арбоби ҷавоҳир қиммати ҷавҳар шикаст,
То дури маънӣ нигорам аз даҳони танг рехт.
Гарчи хубон ҷумла хунрезанд, аммо ғамзаат
Хуни сад Фарҳоду Маҷнунро ба ҳар фарсанг рехт.
Бас ба мижгони талаб кардам шикофи кӯҳсор,
Дар дили хоро зи хуни дида Махфӣ ранг рехт.

82

Мурғи дилро гулшане беҳтар зи кӯи ёр нест,
Толиби дидорро завқи гулу гулу гулзор нест.
Ҳар киро дар пои дил занҷир аз зулфи ту нест,
Гарчи он Мансур бошад, маҳрами асрор нест.
Гарчи сар то пои ман дард аст, аммо синаро,
Мисли дарди ҳаҷр аз дарди дигар озор нест.
Гуфтам: «Аз ишқи бутон, эй дил, чӣ ҳосил кардаӣ?»
Гуфт: «Моро ҳосиле ҷуз нолаҳои зор нест.»
Не, зи шодӣ шод бошам, не, зи ғам озурдаам,
Пеши аҳли дида фарқе дар гулу дар хор нест.
Чанд резӣ хуни дил, Махфӣ, барои маҳвашон?
Рехтан бар хок гулро шеваи аттор нест.

83

Дар тариқи ишқ оини ману Маҷнун якест,
Аз ҷунун дарди диламро наштару афсун якест.
Кард хор азбас дилам то  талхии айёми ҳаҷр,
Дар мазоқам заҳри нобу бодаи гулгун якест.
Бесабаб Маҷнун ватан дар гӯшаи вайрона дошт,

Бар гирифторон қазои хонаву ҳомун якест.
Соқиву базми шаробу бода хуноби ҷигар,
Ташнаи ҷоми муҳаббатро шаробу хун якест.
Хоҳ дар саҳро бувад, хоҳе ба саҳро масканат,
Махфиё, аҳли ҷунунро водиву Ҷайҳун якест.

84

Ё Раб, ин партави хуршед зи кошонаи кист?
Ё Раб, ин офати ҷон ҳамдаму ҳамхонаи кист?
Бодаи лаъли лабатро, ки ба мо улфат нест,
Базморой киву бодаи паймонаи кист?
Ё Раб, он моҳрухи подшаҳи кишвари ҳусн,
Дӯш бар дӯш, ки ӯ гавҳари якдонаи кист?
Гуфт афсонаи бисёру надонист касе,
Ки дар ин  анҷуман он моили афсонаи кист?
Дорад имрӯз ба ман гарчи нигоҳи гарме,
То гирифтор, ки ӯ мӯниси ҷононаи кист?
Андалебон ба нигоҳе дили худ бохтаанд,
Ё Раб, ин дилбарӣ аз наргиси мастонаи кист?
Шамъи ҳангомаи мо  хандазанон гулрез аст,
Меҳмони кию ҳамсуҳбати парвонаи кист?
Шуд ба уммеди ҳамин хонаи умрам вайрон,
К-аз сари лутф напурсӣ ту, ки вайронаи кист?
Гуфтамаш: «Махфии савдозада девонаи туст»,
Гуфт: «Махфӣ чӣ касу ошиқи девонаи кист?»

85

Маҳраме ку, то бигӯям қасди ин маккора чист?
Боиси чандин ситам бар хонумоновора чист?
Мерабояд ҷазбаи ишқи ту дилро аз кафам,
Дар ҷунун расво шудан, ҷурми мани бечора чист?
Гар набошад завқи маъшуқию ошиқпарварӣ,
Хубрӯёнро ба сӯи ошиқон наззора чист?
Дар дили гул, гар надорад нолаи булбул асар,
Дар чаман ин сурхии рухсору ҷайби пора чист?
Гар на турки нози ӯ лабташнаи хуни ман аст,
Мурдам аз теғи нигаҳ бедоди он бечора чист?

86

Ман моҳии обе, ки ҳубобаш ҳама хун аст,
Лабташнаи ҷоме, ки шаробаш ҳама хун аст.
Ҳар кас набарад раҳ ба сӯи дашти муҳаббат,
Аклаш ҳама заҳр асту шаробаш ҳама хун аст.
Эй Хизр туву чашмаи ҳайвон, ки асирон
Нӯшанд аз он чашма, ки обаш ҳама хун аст.
Ҳар булҳавасеро нарасад лофи муҳаббат,
Ё шабнами он гул, ки гулобаш ҳама хун аст.
Бас рехта хуни дили Махфӣ ту зи бедод,
Ҳар ҷо, ки равад по ба рикобаш ҳама хун аст

87

Ҳуснат намаке тоза ба доғи дили мо рехт,
Савдои ту шӯре ба димоғи дили мо рехт.
З-он пеш, ки равшан шавад ин шамъи муҳаббат,
Аз ишқи ту равған ба чароғи дили мо рехт.
Муфлис шуда айём зи бас судаи алмос,
Бар синаи маҷруҳу ба доғи дили мо рехт.
Медод чу соқӣ тараби май ба ҳарифон,
Хунобаи ҳайрат ба аёғи дили мо рехт.
Ҳар заҳр, ки дар соғари ғам буд муҳайё,
Даврон ҳама дар коми фароғи дили мо рехт.
Махфӣ, раҳи водӣ чу гулистони Ирам шуд,
Бас хуни ҷигар ғам ба суроғи дили мо рехт.

88

Боғу баҳору оби равон, ин шумор чист?
Дилбар ба кому бода ба каф, интизор чист?
Фурсат шумур ғанимату доди нишот деҳ,
Ҳайрони ин мабош, ки анҷоми кор чист?
Мумкин чу нест дидани оинаи мурод,
Чандин шикоят аз ситами рӯзгор чист?
Баҳри дурӯза умр, ки ин низ мубҳам аст,
Андешаҳои ботили ин корубор чист?
Гар хуни дил зи дида таровиш надоштӣ,
Селоби хун зи дида маро дар канор чист?
Эй дил,  ба дасти меҳнату ғам, гар забун наӣ,
Чун бедилон ба дарди дилат нолазор чист?
Махфӣ, ба қадри тоати мо, гар ато диҳанд,
Дар рӯзи ҳашр раҳмати Парвардигор чист?

89

Бода нӯшем, вале аз кафи ҷононаи маст,
Нашъаи хос диҳад суҳбати ҳамхонаи маст.
Нест дар суҳбати девона раҳи аҳли тараб,
Офият металабӣ, рав, бари фарзонаи маст.
Ҳама афтодаву махмури харобот шудем,
Пур кун, эй соқии ҳушёр, ту паймонаи маст.
Боғбон миннати маҳтоб макаш дар шаби тор,
Шамъи гулзор бувад наргиси мастонаи маст.
Пеши арбоби хирад, то ба кай аз бехирадӣ,
Нуқли маҷлис кунӣ, эй маст, ту афсонаи маст?
Зи маломат намаке бар дили афгор задам,
Пистаи шӯр бувад лозими бегонаи маст.
Махфӣ, аз файзи ҷунун шеваи ҳушёр гирифт,
Бо хирад ёр кунад суҳбати девонаи маст.

90

Дарёст бекарону сафар ғайри мавсим аст,
Киштии мо шикаставу тӯфон мусаллим аст.
Дар ҷустуҷӯи шод равони ба мулки ғам,
Эй дида, ҳиммате, ки дил аз сина озим аст.
Эй ашк, ҳиммате, ки зи дарюза ор нест,
Муфлис ҳамеша мунтазири хони мунъим аст.
Махфӣ, фиреби гиря махӯр, дида боз кун,
Маҳрам ба нуктае зи мақолот муҷрим аст.

91

Аз шуълаҳои оҳ маро хона равшан аст,
Равшан макун чароғ, ки кошона равшан аст.
Хоҳӣ чароғ бошаду хоҳӣ на дар чаман,
Гулҳо зи акси наргиси мастона равшан аст.
Нозам ба файзи бода, ки шабҳои тирадил,
Дилҳо зи акси соғару паймона равшан аст.
Ифшои рози ман макун, эй ашк, зинҳор,
Дардам ба пеши маҳраму бегона равшан аст.
То офтоби ҳусн ба олам тулӯъ кард,
Махфӣ, чароғи оқилу девона равшан аст.

92

Нест меҳроби диламро ҷуз хами абрӯи дӯст,
Ҳар касеро қибла бошад, қиблаи мо рӯи дӯст.
Матлабе дигар надорам з-омаду шуд дар чаман,
Мекунам умри гиромӣ сарфи ҷустуҷӯи дӯст.
Гӯш кун, эй дил, зи ман ҳарфи чу дур дар гӯш кун,
Қути рӯҳ омад шунидан ҳарфи гуфтугӯи дӯст.
Дар шиканҷи зулф мурғи дил чунон гирад қарор,
Гар насими ғамза гардонад парешон мӯи дӯст.
Гар биранҷад халқу олам аз ту, Махфӣ, бок нест,
Бошадат як ҷав умеди лутф, агар аз сӯи дӯст.

93

То боди саборо ба гулистон гузаре ҳаст,
Мурғони чаманро ба раҳи гул назаре ҳаст.
Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом ки ояд, зи паи он саҳаре ҳаст.
Биншин нафасе булбули шӯрида, ки имрӯз
Бо нолаи зори дили ман ҳам асаре ҳаст.
Гар шарбати васлат ба лаби ташна надоданд,
Бемори ғами ишқи туро чашми таре ҳаст.
Чашмам ба раҳи қофилаи бӯи висолат,
Дар кӯи ту аз боди сабо то хабаре ҳаст.
Бедод макун ин ҳама бар ҷони асирон,
Андеша намо, ғайри ту ҳам додгаре ҳаст.

94

Он ғунча, ки нашкуфт ба боғаш ҳаваси мост,
Мурғе, ки надида рухи гул дар қафаси мост.
Мо дурдкашони раҳи ишқем,  дар ин роҳ,
Он нола, ки ҷонсӯз бувад дар ҷараси мост.
Не рӯи ба пас гаштану не рафтани пеш аст,
Бигрифт зибас, меҳнату ғам пешу паси мост.
Ҳон, ҳамнафасон,  мо саги ишқем, ки доим
Занҷири ҷунун зиннати тавқи мараси мост.
Ҳар шому саҳар тири дуъо бар ҳадаф аз чист?
Махфӣ, на агар тири дуо дар қафаси мост.

95

Мурда бод он дил, ки аз ҷоми бақо мадҳуш нест,
Баста беҳ он лаб, ки аз гуфтушунав хомӯш нест.
Наварӯси офият ҳаргиз нагирад дар канор,
Дасти хоҳиш ҳар киро бо сарвқадоғӯш нест.
Нест як ҷав ҳам асар, гар банда пайғамбар бувад,
Пунбаи ғафлат туро, берун агар аз гӯш нест.
Чанд рӯзе бо ғами меҳнат бисозу лаб бубанд,
Ҳеҷ неше нест, Махфӣ, к-аз паи он нӯш нест.

96

Рӯ ба водӣ чун ниҳодам ишқи покам беҳтар аст,
Нолаҳои зору оҳи дарднокам беҳтар аст.
Дил, ки дар роҳи муҳаббат пешаи Маҷнун гирифт,
Дида пурашки надомат, синачокам беҳтар аст.
Ғам қавӣ, меҳнат фузуну дил бағоят нотавон,
Эй аҷал, з-ин зиндагонӣ, бас ҳалокам беҳтар аст.
Ман, ки бемори шаробам, бар лабам шарбат чӣ суд?
Ҷои шарбат бар лаби ман оби токам беҳтар аст.
Гаштаам чун аз умеди хеш, Махфӣ, мунфаил,
Бо ҳазорон ҳасрат андар зери хокам беҳтар аст.

97

Офтоби шамъи ишқи мо фусурди оташ аст,
Сурхии рухсори гул аз обхӯрди оташ аст.
Партави нури таҷаллӣ водии Айман бисӯхт,
Ишқ ҳар ҷо ҷилвагар шуд, об дурди оташ аст.
Соқиё, дар базми мастон гармии бозор чист?
Он чи дар мино нишаст, аз софдурди оташ аст.
Чун самандар ҷо ба оташ кун, ки Махфӣ рӯзи ҳашр,
Ҳар кӣ рӯ орад ба ҷаннат бимхӯрди оташ аст.

98

Маҷнуни туро хона ба вайронаи ишқ аст,
Ҳар ҷо, ки ҷунун сохт ватан, хонаи ишқ аст.
Ҳар кас ба такаллум лаби розе бикушояд,
Гар маҳрами роз аст, ки бегонаи ишқ аст.

Гар заҳри ҳалоҳил хӯрад, он оби ҳаёт аст,
Онро, ки ба дил нашъаи паймонаи ишқ аст.
Таскин надиҳад об ҳароратқаши майро,
Ин шуълаи ҷонсӯз зи хумхонаи ишқ аст.
Ҳар зарраи мавҷуд, ки дар мулки вуҷуд аст,
Дар парда ниҳон булбулу парвонаи ишқ аст.
Дар анҷумани шавқ наёбад раҳи мақсуд,
Девонасифат ҳар кӣ ба вайронаи ишқ аст.
Аз сина бурун ору таҳи хок барафкан,
Махфӣ, дили афсурда, ки бегонаи ишқ аст.

99

Ку диле то нав кунам бо нола паймоне дуруст?
Дар чаман як гул намоям бо гиребоне дуруст.
Чок зад чандон сабо пироҳани гулро, ки нест
Андалебони чаманро оҳу афғоне дуруст.
Бас танӯри гарми ҳиммат сард шуд дар рӯзгор,
Нест арбоби мурувватро таҳи ноне дуруст.
Дида маҳви ҷилваи худ, дил шиканҷи доми зулф,
Тоза мехоҳам кунун бо куфру имоне дуруст.
Хуни дил бояд туро нӯшид, Махфӣ, ҳамчу кӯҳ,
То барорӣ гавҳари сероб аз коне дуруст.

100

Ба сина з-оташи ишқат чи доғҳост, ки нест,
Ба дил зи новаки ҷаврат чи захмҳост, ки нест.
Маро ба сӯи ту ҳар номае, ки бояд ҳаст,
Ҳамин навишта дар он ҳарфи муддаост, ки нест.
Зи ҳар чи ёд намояд, ба аҳди ту пайдост,
Ба даври ҳусни ту пайдо ҳамин вафост, ки нест.
Басе зи маҳраму бегона бо ту шуд ҳамроз,
Валек маҳрами рози ту ошност, ки нест.
Ба зери хок ниҳонӣ раҳи ту хоҳам дид,
Ба чашми аҳли назар сурмаи ҳаёст, ки нест.
Фасонаи ғами Маҷнун ба даҳр машҳур аст,
Вагарна дар хами зулфат диле куҷост, ки нест?
Зи поймоли ҳаводис гуле нашуд хандон,
Ба боғи айши ту, Махфӣ, раҳи сабост, ки нест.

101

Чашмам ба ҷамолест, ки оташ шарари ӯст,
Хуршеди ҷаҳон заррае аз хоки дари ӯст.
Парвонаи мо з-оташи фонус бисӯзад,
Афрӯхта сад шамъи ниҳон зери пари ӯст.
Маҳмил накунад гум ба биёбон раҳи мақсуд,
То ҷазбаи савдои ҷунун роҳбари ӯст.
Озурда машав аз ситами ёр, ки аз ноз
Бедод дар оини муҳаббат ҳунари ӯст.
Як мӯ зи миёнаш ба кафам беш наёмад,

Умрест, ки дасти ҳавасам дар камари ӯст.
Ҷуз хун начакад ашк зи чашми тари Махфӣ,
То ҳашр зи бас захм ба ҳам дар ҷигари ӯст.

102

Ҷустуҷӯ кам кун, ки роҳи ишқро манзил гум аст,
Лаб бибанд аз гуфтугӯ, к-он ҷо ҷарасро дил гум аст.
Маҳмили Лайлӣ, на танҳо бар сари Маҷнун шитофт,
Роҳи ишқ ин аст, дар ҳар гом сад маҳмил гум аст.
Ҷон ба эъҷози муҳаббат деҳ, ки аз теғи нигоҳ,
Рехт хуни оламе дар як назар, қотил гум аст.
Чашми маънӣ баркушо, эй дил, ки мисли офтоб,
В-арна дар дар ҳар хирқае сад муршиди комил гум аст.
Лофи доноӣ мазан, Махфӣ, ки дар водии ишқ,
Зери ҳар санге чу Афлотун басе комил гум аст.

103

Дар мазҳаби мо дам задан аз завқ ҳаром аст,
Бегона зи андӯҳ шудан шеваи ом аст.
Дар гӯшаи вайрона ватансохтагонем,
Чун чуғд надонем, ки маъмура кадом аст?
Соқӣ, бидеҳ он бода, ки аз рӯзи нахустам,
Лабрез зи хуни ҷигарам соғару ҷом аст.
Мо шишаи номус шикастем, ҳарифон,
Кӯтаҳназар аст, он ки гирифтор ба ном аст.
Дар даҳр зи қайди ту намонад диле озод,
Чун ёди ту сайёду сари зулфи ту дом аст.
Додем ба савдои ту мардона дили хеш,
Арбоби хирадро зи ҷунун боз салом аст.
Махфӣ, биситон коми дил аз соғару соқӣ,
Имшаб, ки туро дилбари айём ба ком аст.

104

Ҳуснро зебандае чун турраи пуртоб нест,
Ишқро сармояе чун дидаи пуроб нест.
То хаёли рӯи ҷонон шуд ба чашмам ошно,
Дидаамро ошноӣ бо хаёли хоб нест.
Носеҳо, аз носабуриҳои дил манъам макун,
З-он ки аз дарди ҷудоӣ беш аз инам тоб нест.
Дидаро аз гиря дар дил қатраи обе намонд,
Бо вуҷуди ин гули боғи ҳавас сероб нест.
На хумори дарду ғам аз ҳиммати дуни ман аст,
В-арна ҷоми офият андар ҷаҳон ноёб нест.
Меравад умре, ки ёд аз мо намеояд туро,
Ин фаромӯшӣ тариқи машраби аҳбоб нест.
Бас зи бедорӣ шаби ҳиҷрон ба рӯз овардаам,
Дидаи гирёни моро улфате бо хоб нест.
З-он надорад равнақе боғу баҳори рӯзгор,
Гарди эҳсону мурувватро ба дида об нест.

Нест гар равшан зи шамъи ҳусни ҷонон анҷуман,
Хона, гар торик бошад, ҳоҷати маҳтоб нест.
Бӯи пироҳан чӣ шуд, ё Раб, ки дар байталҳазан,
Чашми Яъқуби маро бо нури дида тоб нест.
Махфиё, дар ҷустуҷӯи дидани анқои васл,
Беқарориҳои мо ҳам камтар аз симоб нест.

105

Манам, ки партави ҳуснат равони ҷони ман аст,
Ба ҷои мағз муҳаббат дар устухони ман аст.
Ҳумои ҳиммати шавқам чу бол бикшояд,
Сафои кунгураи арш ошёни ман аст.
Мабин ба чашми ҳақорат маро, ки вақти сухан,
Ҳадиси кавну макон роиҷ аз дукони ман аст.
Зи баҳри ном чӣ ҷидду барои ном чӣ ҷаҳд?
Чу анқариб на ном асту не нишони ман аст.
Даруни хонаи ҳастӣ чу нақши деворам,
Ки меҳри «лоунаъам» зиннати макони ман аст.
Забони шиква кушудан зи ғайр бехирадист,
Маро, ки душмани ҷонӣ ҳамин забони ман аст.
Мабин ривоҷ зи ҷинси касоди бозорӣ,
Ки нақди кавну макон роиҷи дукони ман аст.
Фароғи булбули шӯрида дар чаман, Махфӣ,
Зи рӯи дарду алам субҳ аз фиғони ман аст.

106

Боз тӯфони сиришкам раҳи саҳро бардошт,
Аз дилам машқи ҷунун нақши таманно бардошт.
Кӯдакон санги маломат ба каф оранд, ки боз
Ишқ занҷири гирифториям аз по бардошт.
Офтобест муҳаббат, ки ба дастёрии он,
Аз таҳи зоғ тавон байзаи байзо бардошт.
Ҳусн чун боғи ҷинон аст, ки дар они нигоҳ,
Ҳар кӣ шуд маҳви нигоҳ, файзи тамошо бардошт.
Сар фурӯ бурдани об аст, ки ҷуз ғаввосе,
Чини абрӯ натавон аз рухи дарё бардошт.
Саргаронам зи хумори маи ишқе, ки аҷал
Аз гаронӣ натавонад сарам аз ҷо бардошт.
Туҳмати ишқ на пироҳани Юсуф бидарид,
Парда аз исмати номуси Зулайхо бардошт.
Соя афканд ҳумояш зи таманно бар сар,
Ҳар кӣ чашми тамаъ аз дидани анқо бардошт.
Раҳ ба манзил набарад то ба қиёмат, Махфӣ,
Ҳар кӣ имрӯз на зоди раҳи фардо бардошт.

107

Мурғи дилро дар муҳаббат қайди сайёде бас аст,
Тифли соҳибфаҳмро таълими устоде бас аст.
Нашкуфад, гар ғунчаю гул дар чаман, гӯ, нашкуфад,

Баҳри афғон, андалебон, сарви озоде бас аст.
Гар бувад мардӣ тасарруф аз барои шавҳарӣ,
Наварӯси даҳрро дидори домоде бас аст.
Турраи ҳусни бутонро ҳоҷати машшота нест,
Шонаи гесӯи сунбул ҷунбиши боде бас аст.
Издиёди дӯстӣ дар номаву пайғом нест,
Дӯстон дар дӯстӣ аз дӯстон ёде бас аст.
Заъф, агар ғолиб набошад, аз ҳуҷуми ғам чӣ ғам?
Ташна гар бошад ҷаҳон силихӯри боде бас аст.
Нолаҳои Кӯҳкан дар Бесутун аз бепулист,
Дардманди ишқро андози фарёде бас аст.
Чун бинои тоқи Кисро рӯ ба вайронӣ ниҳод,
Тоқи айвони ҳавасро тарҳи бунёде бас аст.
Гар тиҳидастам зи асбоби ҷаҳон, Махфӣ, чӣ ғам?
Ҳосили кавну макон ишқи паризоде бас аст.

108

Шароби ҷазби муҳаббат ба маҳфил уфтодаст,
Ки завқи дидани Маҷнун-ш дар дил уфтодаст.
Зи оби дидаи Маҷнун ниҳон ба ҳар гоме,
Ҳазор ноқа дар ин  роҳ дар гил уфтодаст.
Чаро на шуълаи оҳам бувад ҷаҳонафрӯз?
Ба сина оташи ишқе муқобил уфтодаст.
Миёни оташу обам чу шамъу парвона,
Зи сӯзи гиря маро кор мушкил уфтодаст.
Насими ғунчакушоро маҷоли рафтан нест,
Ба саҳни боғ зибас мурғ бисмил уфтодаст.
Гузашт фасли баҳору ҳанӯз наргиси мо,
Ба боғ масти ғурур асту ғофил уфтодаст.
Чӣ гуна суҳбати Махфӣ ба ақл ояд рост?
Ки худпарасту тиҳидасту ҷоҳил уфтодаст.

109

Эй он ки зи ҳуснат ба рухи шамъ шуоъ аст,
Парвонаи савдои ту саргарми самоъ аст.
Чун панҷа занад шона дар он зулф, ки аз ноз,
Бас гашта мусалсал хати таълиқу риқоъ аст.
Чун теғ кашад ишқ ба хунрезии ушшоқ,
Ҳар кас, ки ниҳад сар ба кафи даст шуҷоъ аст.
Рав, пунба зи гӯшу даҳани шиша бурун кун,
В-он гоҳ бикушо лаб, ки даҳан ташнасудоъ аст.
Нақд ор Зулайхо ба кафи шавқ, ки бисёр,
Дар қофилаи ишқ аз ин гуна матоъ аст.
Нозам ба сари ҳиммати парвона, ки дар ишқ,
Ҷон додаву пар сӯхтаву гарми самоъ аст.
Нури басару қуввати по рафт, ту Махфӣ,
Дар фикри сафар бош, ки ҳангоми видоъ аст.

110

Наргис асири хоб зи бими нигоҳи ӯст,
Сунбул ба печутоб зи зулфи сиёҳи ӯст.
Булбул зи офият ба гулистон нишон маход,
Боғест боғи ишқ, ки меҳнат гиёҳи ӯст.
Нозам ба ҳукми ишқ, ки ҳар сӯ зи ифтихор,
Бар марг сар ниҳода шаҳонро кулоҳи ӯст.
Андешаро ба даргаҳи нози ту роҳ нест,
Азбас фитода бар сари ҳам додхоҳи ӯст.
Канъони даҳр хонахароб аст, к-аз ситам
Чандин ҳазор Юсуфи Махфӣ ба чоҳи ӯст.

111

То зулфи ту печутоб бишкаст,
Ранг аз рухи офтоб бишкаст.
Ҳуснат намаке ба захми дил рехт,
Паймонаи хӯрдухоб бишкаст.
Соқии тараб зи базми мо дӯш,
Сад шиша зи изтироб бишкаст.
Бадмасти ман аз тунукшаробӣ,
Хумҳои пур аз шароб бишкаст.
Пои талабам ба гул фурӯ монд,
Пас обилаи пуроб бишкаст.
Дар мавҷи хаёли киштии умр,
Монанди дили ҳубоб бишкаст.
Махфӣ, ба ҳавои боғ то кай?
Бозори гулу гулоб бишкаст.

112

Боз имшаб оташи шавқи ту доғам кардааст,
Бодаи ишқи ту аз нав дар аёғам кардааст.
Бӯи савдои ҷунун меояд имрӯз аз сабо,
Дӯш гӯё раҳгузар бар тарфи боғам кардааст.
Бими торикӣ надорам дар шаби ялдои ғам,
К-оташи сӯзи дарунам чун чароғам кардааст.
Ошноӣ бо ғами ҷонон маро имрӯз нест,
Дар адам ин бодаро ғам дар аёғам кардааст.
Дар танам бе доғи ғам, Махфӣ, сари мӯе намонд,
Оташи ғам ҳар нафас сад бор доғам кардааст.

113

З-оташи ишқи ту бар дил тозадоғам орзуст,
Дарди савдои ту аз нав дар димоғам орзуст.
Баски дар дил шуълаи ишқи ту дорам шамъвор,
Аз буни ҳар мӯй равшан як чароғам орзуст.
То зи дарди ҳаҷр фарёде ба номи дил кунам,
Дида лабрези сиришку саҳни боғам орзуст.
З-он шароби бехудӣ хоҳам, ки лояъқил шавам,
К-аз шару шӯри ҷаҳон як дам фароғам орзуст.

Нест, Махфӣ, нашъаи осудагӣ дар ҷоми май,
Пур зи хуноби ҷигар бар лаб аёғам орзуст.

114

Захмест захми ишқ,ки марҳампазир нест,
Захми муҳаббат аст, бале, захми тир нест.
Завқи баҳори васл наёбад тамоми умр,
Он булбуле, ки дар ғами ҳиҷрон асир нест.
Бе ҳосил аст ҳамчу кулӯхи канори кишт,
Хоке, ки аз шароби муҳаббат хамир нест.
Эй Кӯҳкан, маё ба биёбон, ки назди ишқ,
Хуноби дил ба ҷӯй равон кам зи шир нест.
Бистар зи бурёи ҳақиқат намесазад,
Он кас, ки дар либоси шариат фақир нест.
Махфӣ, зи гуфтугӯи ҳақиқат хамӯш бош,
Чун андалеби гулшани иффат сафир нест.

115

Ҳеҷ булбул зи гуле бӯи вафо нашнидаст,
Балки ин бӯ зи чаман боди сабо нашнидаст.
Дида макшой ба ҷуз дидани оинаи сунъ,
Ки дар он ҳеҷ кас аз рӯю риё нашнидаст.
Ҳимматам бин, ки шуд аз даст маро кору ҳанӯз
Гӯши дил аз лаби ман ҳарфи дуо нашнидаст.
Пир шуд умри ману ишқи ту гардид ҷавон,
Дар хазон кас ба чаман нашъунамо нашнидаст.
Махфиё, ҷозибаи шавқ расонад ба машом,
Бӯи васл, арчи кас аз боди сабо нашнидаст.

116

Дарде, ки дар оини вафо ҳамраҳи ҷон нест,
Дардест, ки ин қобили пайдову ниҳон нест.
Аз бахти сияҳ шиква маро нест, ки чун аст,
Рӯзи тарабам ҳамчу шаби мотамиён нест.
Эй хок, бар он сар, ки барои ту нашуд хок,
Эй вой, бар он дил, ки зи дардат ба фиғон нест.
Гар қадр шиносӣ дур(р)и ашки саҳариро,
З-ин гуна дуре дар садафи синаву кон нест.
Бо зулфи дилошӯб зи по силсила магсил,
К-ин қоида дар силсилаи пиру ҷавон нест.
То чанд занӣ тири нигоҳ аз хами абрӯ?
Маҷруҳи туро ҳавсалаи тиру камон нест.
Хуш бош, дило, бо ҳама ғамҳо, ки дар ин даҳр,
Шаҳрову гадоро зи дами марг амон нест.
Рӯ сӯи қафо пур шуда аз ашки надомат,
Он дида кадомин, ки ба ҳасрат нигарон нест?
Навмед машав, Махфию мардона қадам зан,
Ҳарчанд ки аз манзили мақсуд нишон нест.

117

Ҳанӯзам з-оби дида Даҷлае ҳаст,
Ниҳон дар дуди оҳам шуълае ҳаст.
Сари ҳар хор Маҷнунро ғизол аст,
Ба водӣ то зи оҳу галлае ҳаст.
Зи по маншин, ки манзил шуд намоён,
Ки аз ту то ба манзил паллае ҳаст.
Тиҳӣ шуд, гар зи ашкам косаи чашм,
Ниҳон аз дида дар дил Даҷлае ҳаст.
Макун, Махфӣ, тамаъ дар атласи шоҳ,
Туро аз далқи куҳна ҳуллае ҳаст.

118

Парвонасифат з-оташи дил болу парам сӯхт,
Чун шамъи шаби ҳаҷр зи по то ба сарам сӯхт.
Дар базми висолат дилам аз соғари ҳайрат,
Нӯшид шаробе, ки зи гармӣ ҷигарам сӯхт.
Бас оташи савдои ту сар зад ба димоғам,
Дар оби равон мардумаки чашми тарам сӯхт.
Булбул раҳи худ гир, ки дар гулшани уммед,
Гар буд гули тоза, зи оҳи саҳарам сӯхт.
Махфӣ, зи шарар буда магар бодаат имшаб?
К-аз шуълаи он мушти хаси хушку тарам сӯхт.

119

Ба рӯзи воқеа сабр аз камоли доноист,
Ба гунаҳгор назар кардан аз шиносоист.
Назар ба айби касон аз камоли бебасарист,
Ба айби хеш назар кун, ки айни биноист.
Ба ҷустуҷӯ раҳи меҳнат гузин, ки толибро
Муқими кӯҳу биёбон шудан таносоист.
Дари мурод чу бистад, ба ҷаҳд накшояд,
Калиди қуфли дари орзу шикебоист.
Ба ҳар диёр, ки Махфӣ зи рӯи истиғно,
Ҷунун ба ҷилва дарояд, хирад тамошоист.

120

Боз дар синаи ман нолаву овозе ҳаст,
Ишқро дар дили ман хуфя магар розе ҳаст?
Эй хазон, дасти ситам боз каш аз равнақи гул,
Ки ҳанӯзаш ба чаман замзамапардозе ҳаст.
Мурғи дил бознамонад зи тапидан ба қафас,
Нест гар болу паре, ҳасрати парвозе ҳаст.
Дили ушшоқ ба ҷуз созу навое нарасад,
То ба қонуни ҷарас замзамаи созе ҳаст.
Раҳнавардони раҳи ишқу ҷунунро, Махфӣ,
Нест гар ҳеҷ дигар, дидаи ғаммозе ҳаст.

121

Боз мурғи дил гули ошуфтагӣ бӯ кардааст,
Мардуми чашмам зи гиря кор якрӯ кардааст.
Дар муҳаббат шарбати роҳат маро бар лаб чӣ суд?
Ошиқ он бошад, ки бо заҳри бало хӯ кардааст.
Зоҳиди хилватнишин то турраи зулфи ту дид,
Риштаи зуннорро тасбеҳи ҳинду кардааст.
Во нашуд аз нохуни саъям гиреҳ аз тори бахт,
То гиреҳ аз кори ман он чини абрӯ кардааст.
Гоҳ Фарҳодам ба кӯҳу гоҳ Маҷнунам ба дашт,
Бехудам Махфӣ чунин он чашми ҷоду кардааст.

122

Ноз-оташ, ғамза-оташ, рӯи зебо оташ аст,
Булҳавас биншин, ки он бадхӯ саропо оташ аст.
То насӯзад хешро парвона наншинад зи пой,
Мурғи оташхорaро, оре, таманно оташ аст.
Хоҳ дар оташ бирав, парвона хоҳӣ рав дар об,
Аз сарӣ мар ошиқонро то сурайё оташ аст.
Гар самандартинат асту гар бувад моҳимизоҷ,
Дар сари аҳли ҳавас аз ишқ савдо оташ аст.
Кай тавонад чашми Мӯсо тоби дидор оварад?
Гар таҷаллии шуои кӯҳи Сино оташ аст.
Мезанад бас шуъла дар дил оташи савдои ишқ,
Булбулонро дар назар тасвири гулҳо оташ аст.
Дил кабоб аз сӯзишу ӯ дидаи лабрези об,
Муъҷизи ишқ аст якҷо обу як ҷо оташ аст.
Шуъла мехезад зи хоки водии Айман ҳанӯз,
Баски онро дар ҷигар аз ишқи Мӯсо оташ аст.
Зад чунон, Махфӣ муҳаббат оташе дар дил маро,
К-аз ҳарорат бар лаби ман оби дарё оташ аст.

123

Гар зи дарди ҳаҷр чашми меҳнатам аз гиря нест,
Нолаи дарди дил андар сина кам аз гиря нест.
Хоҳ резад хуни дил аз дида хоҳе оби чашм,
Дардмандони муҳаббатро алам аз гиря нест.
Ҳаҷр шуд аз ҳад фузун, эй дида, ашки ҳасрате,
Дард чун ғолиб шавад бар мард ғам аз гиря нест.
Ӯ сари нохун чаро бар пораҳои дил занад?
Дӯстон, гар нолаи мурғи ҳарам аз гиря нест.
Нашкуфад аз сайри гулшан з-он дили Махфӣ, ки ҳеҷ
Хандаи гул назди аҳли дида кам аз гиря нест.

124

Меравам роҳе, ки ҳастиро дар ин раҳ роҳ нест,
Роҳи ишқ аст ин, дило, гунҷоиши ҳамроҳ нест.
Аз чӣ рӯ бар халқ мебандад дари байтулҳазан?

Пири Канъон, гар зи асрори ниҳон огоҳ нест.
Хусраво, аз хусравӣ дур аст бар фарёд санг,
Дар муҳаббат имтиёзе дар гадову шоҳ нест.
Ҳар кӣ созад рози пинҳони ҳақиқат ошкор,
Пеши аҳли дониш аз асрори Ҳақ огоҳ нест.
Барфурӯзад оҳи оламсӯзи Махфӣ шуълае,
К-оташе аз баҳри душман ҳамчу барқи оҳ нест.

125

Дилам зи нола фурӯ монд, оҳи ман боқист,
Баҳор рафтаву сарсабзии чаман боқист.
Ба пеши шамъи рухат сӯхтам зи парвона,
Ҳанӯз таънаи арбоби анҷуман боқист.
Муқими кӯи ту, ҷонон, куҷо равад, чӣ кунад?
Ки гар ба хулд равад, лаззати ватан боқист.
Агарчи гургсифат чарх Юсуфи умрам,
Рабуда аз кафи ман бӯи пираҳан боқист.
Зи захми новаки мижгон манол, эй Махфӣ,
Ки теғи ғамзаи ҷодуи сафшикан боқист.

126

Офтоби ҳусни ту то арсаи даврон гирифт,
Равнақи бозори ҳусн аз Юсуфи Канъон гирифт.
Бар сари ҳар хори мижгон дастаи гул бастааст,
Баски хунобӣ ҷигар ҷо бар сари мижгон гирифт.
Барфитод аз гӯшаи абрӯи ҷонон то ниқоб,
Оташи шавқи муҳаббат шамъро дар ҷон гирифт.
Рехт хуни бегуноҳон баски тири ғамзаат,
Чашми мастат рафта-рафта мазҳаби туркон гирифт.
Ёфт, Махфӣ, дар бисоти зиндагонӣ коми хеш,
Ҳар кӣ кори даҳрро бар хештан осон гирифт.

127

Бутпарастонем, бо ислом моро кор нест,
Ғайри тори зулф моро риштаи зуннор нест.
Беш аз ин, эй ақл, бар ман таъни расвоӣ мазан,
З-он ки мастони муҳаббатро маломат ор нест.
Мӯсие бояд, ки пойи дил ниҳад бар дори ишқ,
Булҳавас, биншин, ки роҳи кӯчаву бозор нест.
Ҳамдаме гар нест, эй дил, рӯзи меҳнат, гӯ, мабош,
Мӯнисе зиндониёнро беҳтар аз девор нест.
Ошноёнро чӣ пеш омад, мурувватро чӣ шуд?
К-аз вафои ошноӣ дар ҷаҳон осор нест.
Лаззати дарди муҳаббатро зи бедардон мапурс,
Қадри сиҳҳатро надонад ҳар кӣ ӯ бемор нест.
Субҳидам боди сабо мегуфт бо мурғи чаман:
«Ноларо таъсир набвад гар дили афгор нест».
Зодаи дардему аз хуни ҷигар парвардаем,
Кӯҳҳои ғам агар ояд, ҷаве озор нест.

Махфиё, гар васл хоҳӣ, бо ғами ҳиҷрон бисоз,
К-андарин гулзори олам як гули бехор нест.

128

Ин дили ғамдидаро имшаб навои дигар аст,
В-ин сари шӯридаро дар сар ҳавои дигар аст.
Алҳазар, эй Нӯҳ, аз тӯфони чашмам, алҳазар,
Андар ин дарёи мо тарзошнои дигар аст.
Сад Масеҳо оҷиз ояд аз давои дарди ман,
З-он ки бемори муҳаббатро давои дигар аст.
Нест оини шаҳодат фонии мутлақ шудан,
Куштагони ишқро ҳар дам бақои дигар аст.
Дар сари роҳи муҳаббат бар умеди пираҳан,
Дидаи Яъқубро ҳар дам зиёи дигар аст.
Гарчи доранд андалебон ҳоюҳуе дар чаман,
Махфиё,  мурғи дилатро ҳой-ҳои дигар аст.

129

Эй ҳусни ту ороиши саҳрои қиёмат,
В-эй нози ту барҳамзани ғавғои қиёмат.
Гар чеҳра намоӣ зи паси пардаи маҳшар,
Ҳангома шавад гарми тамошои қиёмат.
Чун ваъдаи дидори ту уфтод ба маҳшар,
Кори ҳама афтод ба фардои қиёмат.
Бар синаи ҳар кас зи ғами ишқи ту доғ аст,
Сард аст бар он оташи гармои қиёмат.
Ҳар рӯз қиёмат гузарад бар дили Махфӣ,
То чанд тавон ваъда ба фардои қиёмат?

130

Имшаб ба сина мурғи дилам изтироб дошт,
Бо худ зи дурият ҳама шаб печутоб дошт.
Бинмо ба мо ҷамолу барафган ниқоби хеш,
То кай ба зери парда тавон офтоб дошт?
То кай тавон зи дида ниҳон дар замири хеш,
Лахти ҷигар бар оташи савдо кабоб дошт?
Аз ашки дида шуълаи оҳам нишон наёфт,
Имшаб ба гиря бас ба давидан шитоб дошт.
Махфӣ шуд, он ки дил ба умеди тараб мудом,
Дар сар ҳавои гулшану бар каф шароб дошт.

131

Ноқаи аҳлдилон аз дигарон дар пеш аст,
Ки ба водӣ талаби маҳмилашон дар пеш аст.
Булбулон фасли баҳор асту ғанимат шумаред,
Ки парешонии гулҳо зи хазон дар пеш аст.
Раҳ ба сарманзили мақсуд барад ҳар кӣ зи ишқ,
Дар паси қофила пайдову ниҳон дар пеш аст.

Суди он ҷумла зиён асту зиёнаш ҳама суд,
Ҳар киро фикру ғами суду зиён дар пеш аст.
Ҷустуҷӯ кард басе, лек ба ҷое нарасид,
Дар раҳи ишқи ту Махфӣ, ки зи ҷон дар пеш аст.

132

Ҳар дил, ки на дар сина зи ишқи ту кабоб аст,
Чун обилае бар кафи по дон, ки пуроб аст.
Зулфе, ки бувад бар ҳама рухсор мусалсал,
Бар гардани хуршеди ҷаҳонтоб таноб аст.
Дил банд ба наққош, ки ин нақша саросар,
Чун нақши ҳубоб аст, ки бар чеҳраи об аст.
Гар нақш навиштаст дар ин хона, маяндеш,
Ин хона ба як чашм задан хонахароб аст.
Умрест, ки дар ҳасрати дидори ту, Махфӣ,
Пӯшида зи дил дидаву афтода ба хоб аст.

133

Он дам, ки хаёли ту маро пеши назар нест,
Бо мардумаки дидаи ман нури басар нест.
Маъзурам, агар гӯшаи дерина гирифтам,
Яъқубаму аз Юсуфи ман ҳеҷ хабар нест.
Аз боди сабо бӯи висолат нашунидам,
Он накҳати ҷонбахш ба ҳамроҳи саҳар нест.
Бибридаву олуда ба хун бод, Зулайхо,
Он даст, ки бо дӯст дар оғӯши камар нест.
Хун ор бурун аз ҷигару бар лаби дил рез,
Эй дида, ки дар ишқ ба ҷуз хуни ҷигар нест.
То шамъ нагиряд, дили парвона насӯзад,
Дар ишқ далеле ба ҷуз аз дидаи тар нест.
Махфӣ, машав афсурдадил аз меҳнату андӯҳ,
К-ин меҳнату андуҳи ту аз хуни ҷигар нест.

134

Ғайри сифлӣ дар вуҷуд афлок ҳаргиз бар надошт,
Мурдаму наъши маро аз хок ҳаргиз барнадошт.
Сӯхтам аз оташи ҳаҷру ду чашмам ашкрез,
Аз дили ман оҳи оташнок ҳаргиз барнадошт.
Хуни дил афшондаму тухми муҳаббат коштам,
Ҳосили киштам ба ҷуз хошок ҳаргиз бар надошт.
Умр шуд сарфи дуову толеъи дунҳиматам,
Дасти омин дар дуо з-имсок ҳаргиз барнадошт.
Ҳар чӣ корӣ бидравӣ, Махфӣ, ба ҳангоми дарав,
Боғбон аз ангубин тарёк ҳаргиз барнадошт.

135

Не ба майхорӣ ҳамин андуҳи дурӣ душман аст,
Ҳам сабурӣ душману ҳам носабурӣ душман аст.

Дӯст, гар гардад фалак, ҳаргиз нагардам комёб,
Баски бо ман аз валодат бошуурӣ душман аст.
Дӯстии маънавӣ, эй дӯстон, н-ояд ба кор,
Бахти бад бо ҳар кӣ дар оини сурӣ душман аст.
Обрӯ резам ба пеши ҳар касе дар эҳтиёҷ,
Аз зарурат бо дилам фикри зарурӣ душман аст.
Душманӣ бо мо надорад чарху бахту рӯзгор,
Махфиё, бо мо ҳамин расми казурӣ душман аст.

136

Дардо, ки рӯзгор ҷавоҳиршинос нест,
Савдои ӯ ба ҷавҳариён дар қиёс нест.
Гавҳаршиноси гавҳари дониш маҳак бувад,
Гавҳар чу нест, қиммати гавҳаршинос нест.
Гар посбони нола набошад, бигӯ, мабош,
Муфлис  ба роҳи бодия муҳтоҷи пос нест.
Ку он даме, чунон ки дар ихфои рози хеш,
Дилро ба пеши нола ҳазор илтимос нест?
Зоҳир макун ҳақиқати худро ба ҳеҷ кас,
Махфӣ, ки рӯзгор ҳақиқатшинос нест.

137

Гар баҳор ин аст, охир тавбаҳо хоҳад шикаст,
Ишқ савдои ҷунун занҷири по хоҳад шикаст.
Дар даруни  Каъба, гар бандӣ ту эҳроми намоз,
Тоқи абрӯи бутон меҳробҳо хоҳад шикаст.
Чеҳра гулгун шишаи майро зи хуни дил бувад,
Гар нагардад хуни дил, то ранги мо хоҳад шикаст.
Бишкуфонад гар сабо гулро, валекин оқибат
Равнақи ин гулситон ҳам аз сабо хоҳад шикаст.
Бода лабрез асту мо бадмасту соқӣ зудранҷ,
Оқибат бадмастии мо шишаҳо хоҳад шикаст.
Бар сари ман, гар кашад даврон ғами даврон, чӣ ғам?
Шаҳсавори сабру оҳам фавҷҳо хоҳад шикаст.
Ҳусн гар ин аст рӯзафзун зи зулфи печутоб,
Куфри дин ҳам Каъбаву бутхонаҳо хоҳад шикаст.
Махфиё, бетоқатӣ кам кун, ки андар даври хеш,
Шишаҳо бар сар ниҳам ҳам ҷомҳо хоҳад шикаст.

138

Даро ба хонаи арбоби дил, ки ҷо ин ҷост,
Тариқи мардуми бегонаошно ин ҷост.
Ба ҷустуҷӯйи Масеҳо марав, ки аз сари сидқ,
Ҳазор дард бувад, гар туро даво ин ҷост.
Шукуфтани дили булбул ба боғ аз он бошад,
Ки субху шом ба уммеди гул сабо ин ҷост.
Куҷост аҳли диле, то ба Сомирӣ гӯяд:
«Миси иёр биёр, ки кимиё ин ҷост».
Ба ҷустуҷӯйи висолат дилам ба хонаи чашм,

Зи роҳи ашк дароядь ки нақши по ин ҷост.
Маҷӯ зи боди сабо дида бӯйи пироҳан,
Ки гарди қофилаи Миср тутиё ин ҷост.
Машав ба Каъба равон аз пайи дуо, Махфӣ,
Биё, биё, ки иҷобатгаҳи дуо ин ҷост.

139

Ваҳ, чӣ хуш бошад, ки бинам бори дигар рӯи дӯст,
Дар суҷуд оям ба меҳроби хами абрӯи дӯст.
Ҳар нафас аз риштаи корам кушояд сад гиреҳ,
Панҷа гар як раҳ занам, чун шона дар гесӯи дӯст.
Дидаи Яъқуб, агар равшан шавад, набвад аҷаб,
Дидаи дилро кунад равшан насими кӯи дӯст.
Ғунчаи дил бишкуфад дар сина чун гул дар чаман,
Муждаи васле, ки орад қосиде аз сӯи дӯст.
Бодаро лабрез кун соқиву суҳбат баршикан,
То ба коми дил нишинам соате паҳлӯи дӯст.
Ҷӯи хун орад ба ҷои шир , Махфӣ, Кӯҳкан,
Нашнавад дар Бесутун гар ташнае аз бӯи дӯст.

140

Дӯш оҳам нолаҳои зор дар дунбол дошт,
Бар лаб аз сӯзи дили ман нолаи табхол дошт.
Бо рақибон чун нишастӣ дӯш ашки ҳайратам,
То саҳар дар зери дасту по маро помол дошт.
Гар нагуфтам роз  дил, айбам макун ҳангоми васл,
Хоҳиши дидори васли ту забонам лол дошт.
То ба ҷавлон буд пои толеи ман дар рикоб,
Бахт буд аз пай давону давлат истиқбол дошт.
Чун зи базми васл шуд маъюс, Махфӣ, сӯи дӯст,
Номае бинвишту аз хуни ҷигар ирсол дошт.

141

Бо гулшани ғам соз, ки боғе беҳ аз ин нест,
Хун хӯр ивази май, ки аёғе беҳ аз ин нест.
Парвона таҳаммул куну маҳтобнишин бош,
Дар хонаи муфлис, ки чароғе беҳ аз ин нест.
Ҳангома кунам гарм ман аз нашъаи суҳбат,
Дар мазҳаби аҳбоб димоғе беҳ аз ин нест.
Маъшуқу маю гулшану ҷамъияти хотир,
Хуш бош, ки асбоби фароғе беҳ аз ин нест.
Сӯзи ҷигарам шуъла ба фонуси бадан зад,
Бар синаи ошиқ гули доғе беҳ аз ин нест.
Махфӣ, наниҳад гом ба роҳе, ки бувад ком,
Дар роҳи талаб ҳеҷ суроғе беҳ аз ин нест.

142

Манам, ки доғи ғамат боғу бӯстони ман аст,
Ба ҷои мағз муҳаббат дар устухони ман аст.
Манам, ки дарди ҷудоию меҳнати дурӣ,
Ба ҳар куҷо, ки равам, ёру ҳамзабони ман аст.
Маро замона зи васли ту гарчи дур андохт,
Хаёли рӯи ту дар дида меҳмони ман аст.
Ниҳон зи дидаи мардум зи тири мижгонат,
Ҳазор захм бар ин ҷони нотавони ман аст.
Бибин ба нолаи зорам, ки дар чаман, Махфӣ,
Навои булбули шӯрида аз фиғони ман аст.

143

Марҳами захми муҳаббат ғайри оҳу нола нест,
Эй дареғо, нолаи зори маро дунбола нест.
Сӯхтам парвонавор аз оташи ишқат, вале
Аз таби гарми муҳаббат бар лабам табхола нест.
Ҷустуҷӯ кардам басе Махфӣ чу дар гирдоби Ҳинд,
Нашъаи осудагӣ ҷое ба ҷуз Бангола нест.

144

Гар на дардолудаӣ, ин дидаи намнок чист?
В-арна дилозурдаӣ, ин синаи ғамнок чист?
Гар наменолад даруни сина дил, ин нола чист?
В-ар намесӯзад ҷигар, ин оҳи оташнок чист?
Куштанамро, дилбаро, ин чини абрӯят бас аст,
Ин қадар оташмизоҷӣ, бо хасу хошок чист?
Ошиқу маъшуқ бо ҳам бо муҳаббат ҳамраҳанд,
Нест гулро, гар ғами булбул гиребончок чист?
Эй дили ғамдида, гар оҳи маро таъсир нест,
Ҳар намози шом пурхун домани афлок чист?
Нест гар он нозанинро, Махфиё, қасди шикор,
Баста чандин сайди дил бо домани фитрок чист?

145

Моему гиряе, ки ба тӯфон мусоҳиб аст,
Мижгони дидае, ки ба марҷон мусоҳиб аст.
Маҷнунсифат зи дурии васли ту рӯзу шаб,
Дасти алам ба чоки гиребон мусоҳиб аст.
Булбул ҳазор нолаву зорӣ, ки бенаво
Мурғи дилам ба зулфи парешон мусоҳиб аст.
Хоҳӣ ҳарир бистару ё хоҳ бурё,
Паҳлӯи бахти мо ба мағелон мусоҳиб аст.
Зоди раҳе ба кор наёяд ба роҳи ишқ,
Ошиқ ҳамеша бар сари сомон мусоҳиб аст.
Нозам ба сабру ҳавсалаи дил, ки умрҳост,
Дар тангнои сина ба афғон мусоҳиб аст.
Махфӣ, зи сӯзи оташи ишқи ту солҳост,
Бо ман ҳамин ду дидаи гирён мусоҳиб аст.

146

Турки нозат бас сари ушшоқ бар фитрок баст,
Нақши гул аз хуни мардум бар ҷабини хок баст.
Аз барои ҷустуҷӯи кавкаби ҳусни ту ақл,
Бар замин шуд, то расад бо гунбади афлок баст.
Сад гираҳ аз риштаи лахти дили хунин кушод,
Хидмататро то камар, Махфӣ, зи ишқи пок баст.

147

Аз хумори ту бимирам, бодаи гулгун куҷост?
Тоза месозам димоғу дидаи пурхун куҷост?
Дил ба танг омад даруни сина аз бетоқатӣ,
Гиряи беихтиёру дидаи пурхун куҷост?
Боғбон, мурғи чаман дар парда мегӯяд ба гул:
Нози Лайлию ниёзи хотири Маҷнун куҷост?

148

Фурӯғи ҷилваи ҳуснат на ҷони одам сӯхт,
Ҷаҳону ҳар чӣ дар он буд, ҷумла дарҳам сӯхт.
Ба сӯзиши пару боле маноз парвона,
Ки пеши шамъи муҳаббат тамоми олам сӯхт.
Фиканда оташи ишқат ба синаҳо сӯзе,
Ки коми ташналабонат зи оби Зам-Зам сӯхт.
Ба сина оташи ишқ аст, гар ҳарорати он,
Ба рӯи доғ маро пунбаҳои марҳам сӯхт.
Зи сӯзи синаи булбул ниҳон ба гулшан дӯш,
Ба рӯи сабзаву гул қатраҳои шабнам сӯхт.
Куҷост шабнами ашке, ки шуълаи бедод,
Ба синаам нафасу дар димоғи ман дам сӯхт?
Бинӯш бода зи ҷоме, ки тезияш, Махфӣ,
Адои нозу нишоту карашмаи ғам сӯхт.

149

Онро, ки на дил дар гарави бодафурӯш аст,
Ҳам душмани беҳушиву ҳам душмани ҳуш аст.
Имрӯз, на гарм аст зи май суҳбати мастон,
Ин силсила ҳамвора дар ин ҷӯшу хурӯш аст.
Дил барнакашам аз маю майхонаву мастӣ,
То қатраи майхона зи оташ бари дӯш аст.
Дар маҷлиси ман роҳ наёбад асари субҳ,
Парвонаи парсӯхта бас дӯш ба дӯш аст.
То кай наниҳад бар лаби соғар лаби мино?
Маҷлис ҳама афсурдаву мутриб ҳама гӯш аст.
Дар роҳи талаб як нафас аз по нанишинам,
То замзамаи ишқ маро ҳалқа ба гӯш аст.
Махфӣ,  бикаш аз гӯши худӣ пунбаи ғафлат,
Умрест, ки ин пунба маро  ҳалқа ба гӯш аст.

150

Меравам имшаб туро бедор хоҳам карду рафт,
Нақди ҷонро сарфи як дидор хоҳам карду рафт.
Баски гирям дар фироқат ҳамчу абри навбаҳор,
Водии ҳиҷрон гулу гулзор хоҳам карду рафт.
Наштаре дорам ниҳон дар синаи ҳар нолае,
Бас дили аҳли ситам афгор хоҳам карду рафт.
Дин агар ин асту имон ину аҳли қибла ин,
Риштаи тасбеҳро зуннор хоҳам карду рафт.
Мезанам лофи «Аналҳақ» бар сари бозори ишқ,
Тоза Мансуре дигар бар дор хоҳам карду рафт.
Чанд рӯзе гар диҳад фурсат маро пайки аҷал,
Фикр бар ҳоли дили бемор хоҳам карду рафт.
Боғбон, биншин дар ин гулшан ба коми дил, ки ман
Ҳамчу булбул нолаҳои зор хоҳам карду рафт.
Дарди дилро чун дар ин бозор дармон нест ёфт,
Дарди дил арзон дар ин бозор хоҳам карду рафт.
Кай бурун ояд ба афсун аз сари савдои ишқ?
Сар чу Маҷнун дар сари ин кор хоҳам карду рафт.
То кунам ҳоли диле равшан зи чашми ашкрез,
Вақти рафтан гиряи бисёр хоҳам карду рафт.
Чун ба осонӣ намегардад муяссар коми дил,
Махфиё, бас тарки ин душвор хоҳам карду рафт.

151

Бас ишқи бутон хоки ҷунун бар сари мо рехт,
Дил қатраи хун гашту зи чашми тари мо рехт.
Лабташна басе бодия гаштем, валекин
Бар оташи дил оби ду чашми сари мо рехт.
Бар турбати мо равшании шамъ маҳол аст,
Парвона зибас бар сари хокистари мо рехт.
Сад ғӯта ба дарё чу занам пок нагардад,
Бас гарди нуҳусат ба сари  ахтари мо рехт.
Маҷрӯҳ шуд, эй бахт, маро паҳлуи уммед,
То чанд тавон хор ба ин бистари мо рехт?
Мо булбули ишқем, ки дар олами парвоз,
Бигрифта ҳавои ҳама болу пари мо рехт.
Соқӣ, зи ту ҳангома, ки Махфӣ ,зи ту мино,
Хунобаи дилро ҳама дар соғари мо рехт.

152

Розест маро, ки гуфтанӣ нест,
В-ин роз зи кас нуҳуфтанӣ нест.
З-он пунбаи ғафлатам ба гӯш аст,
К-он рози ниҳон шунуфтанӣ нест.
Пажмурда чу гашт ғунчаи дил,
Аз обу ҳаво шукуфтанӣ нест.
Қасдам чӣ кунӣ, чӣ хуни ноҳақ,
Пинҳон шуданӣ, нуҳуфтанӣ нест?

Махфӣ, чу ҷарас ба нола хӯ кун,
Ин дарди дил аст, рафтанӣ нест.

153

Даштпарварди ҷунунам, сари пайкорам нест,
Заҳрошоми фироқам, ба ватан корам нест.
Шарбати васл куҷоӣ, ки аз ин беш маро,
Тоқати ташналабӣ бо дили беморам нест?
Юсуфи Мисри ҳунар гаштаму аз беҳунарӣ,
Сад Азиз аст ба ҳар шаҳру харидорам нест.
Маҷмаи зулф парешон макун аз баҳри дилам,
Ки парешонии зулфи ту чу дасторам нест.
Дар таҳи санги маломат шудам аз ишқ, ҳанӯз
Нест санге, ки дар ин роҳ талабгорам нест.
Нахли андешааму бори тафаккур дорам,
Меваи тозатар аз бор гар анборам нест.
Гар дилам гашта гираҳ, рози ту, Махфӣ, чӣ кунам?
Ки забон дар даҳанам маҳрами асрорам нест.

154

Манам, ки партави хуршед дуди оҳи ман аст,
Чароғи шоми абад оҳи субҳгоҳи ман аст.
Қасам ба Каъбаи ҳоҷоту Аҳмади мурсал,
Ки бегуноҳии ман боиси гуноҳи ман аст.
Расид кор ба ҷое, ки ҳар гадотабъе,
Зи рӯи қудрати бедод подшоҳи ман аст.
Зи дарди дил ба кӣ гӯям, шикояти кӣ кунам?
Ки душмани дилу ҷонам ҳамин нигоҳи ман аст.
Ба ҷуз забунии толеъ маро гуноҳе нест,
Дар ин муомала як ҷав Худо гувоҳи ман аст.
Зи ҳодисоти ҷаҳон як дамам раҳоӣ нест,
Ки ҳодисоти ҷаҳон каҳрабои коҳи ман аст.
Шаҳи вилояти ишқам, Махфиё, ба сарам,
Ба ҷои тоҷ ҳамин сояи кулоҳи ман аст.

155

Умре, ки на бо рӯи хушу бодаи ноб аст,
Дар мазҳаби мо хонаи он умр хароб аст.
Паймонаи дил пур куну дар ҷоми нигаҳ рез,
К-ин гармии ҳангома зи гармии шароб аст.
Ғофил нашавӣ аз мазаи ишқ, ки дар умр,
Айёми туфулияту ҳангоми шубоб аст.
Бунёди шашу чори ду олам ба ҳақиқат,
Чун мавҷи ҳубоб аст, ки бар чеҳраи об аст.
Бар пушти китобе, ки бувад ҳарфи таворих,
Мазмуни ҳуруфаш ҳама аҷзои китоб аст.
Кай хонанишин мешавадам мардумаки чашм?
Бе рӯи ту ин хона чу бар мавҷаи об аст.

То пайки хаёлат ба назар омада, Махфӣ,
Ҳам душмани бехобию ҳам душмани хоб аст.

156

То боди саборо ба гулистон гузаре ҳаст,
Гулро назаре ҷониби соҳибназаре ҳаст.
Ҳушёру ситамгар, ки ба ҳар нолаи мардум,
Пӯшида зи чашми ту хаданги асаре ҳаст.
То ҳаст ба бӯстони ҷаҳон файзи саҳобе,
Аз шаҷраи уммед умеди самаре ҳаст.
Ғам нест, агар равшании дидаи ман рафт,
Бо чашми тарам шуълаи оҳи ҷигаре ҳаст.
Махфию ҳамин бар дили ту бори фироқ аст,
Ҳар ҷо падаре ҳаст, фироқи писаре ҳаст.

157

Эй, ки дар гулшан гуле чун рӯи зебои ту нест,
В-эй, ки сарве дар чаман чун қадди раънои ту нест.
Равшании дидаи ҳар дидаи бино туӣ,
Кӯр бодо,  дидаи ҳар кас, ки бинои ту нест.
Ҳайф бошад дар даруни сина пинҳон доштан,
Ҳуққаи ҳар дил, ки пурнақди таманнои ту нест.
Пур зи хоки яъс бодо, зери хок он сарнагун,
Косаи ҳар сар, ки пур аз мағзи савдои ту нест.
Чу насим, ар бигзарам, Махфӣ, бар атрофи чаман,
Хоки меҳнат доманам гирад, ки ин ҷои ту нест.

158

Корвони умр рафту нақши пое барнахост,
Аз дирои фоқаи ҳастӣ садое барнахост.
Фитнае нанҳод пои хеш ҷое бар замин,
К-аз барои дардмандонат балое барнахост.
Рӯзгорам аз паи маҳмил ба гумроҳӣ гузашт,
Дар биёбони таманно раҳнамое барнахост.
Шуд чунон кӯтаҳ забони ҳиммати аҳли карам.
Бар сари хони муруввятҳо салое барнахост.
Шуд хазон фасли баҳори умр бар шохи гуле,
Як шаб аз мурғи нишоти ман навое барнахост.
Теша бар санге бизад Фарҳод дар кӯҳсори ишқ,
К-аз миёни санг оҳи мубталое барнахост.
Оҳи Махфӣ сӯхт оламро, валекин ошкор,
Дар ҷаҳон аз гиряааш дуде зи ҷое барнахост.

159

Дил, ки шуд ҳамрози ҷон мӯи бадан бегона аст,
Роздоронро даруни ҷон сухан бегона аст.
Дар муҳаббат содиқӣ, аз мову ман берун хиром,
З-он ки дар базми муҳаббат мову ман бегона аст.

Гар зи оҳам нест равшан, хонаи дил, бок нест,
Дар ҳарими хос шамъи анҷуман бегона аст.
Куштаи ишқи туям, аз хоку хунам кун кафан,
К-андар ин маҳрамсаро бар ман кафан бегона аст.
Ҳусни базморои Ширин гашт баракси мурод,
Хусрав он ҷо маҳрам асту Кӯҳкан бегона аст.
Нестам озурдахотир, гар накардӣ ёди мо,
Ошнои ғурбат аз аҳли ватан бегона аст.
Кай шавад боди сабо маҳрам чу аз номаҳрамӣ,
Бо насими бӯи Юсуф пираҳан бегона аст?
Бо хаёли дӯст, Махфӣ, дар дили шабҳои тор,
Хилвате дорам, ки шамъи анҷуман бегона аст.

160

Ку даме, к-аз дил маро оҳи парешон барнахост?
Аз ду чашми хунфишонам мавҷи тӯфон барнахост.
Гиряам дасти талаб аз доманам кӯтоҳ накард,
Мавҷаи тӯфони ашкам то зи домон барнахост.
Пои саъй аз кор рафту дасти кӯтаҳ, ҳиммате,
Аз барои хотири чоки гиребон барнахост.
То инони ихтиёрам бурда  чашми ашкрез,
Аз барам ҳаргиз касе бо чашми гирён барнахост.
То нашуд аз нотавонӣ нолаам дар дил гираҳ,
Дар даруни сина аз мурғи дил афғон барнахост.
Дидаи Яъқуби Канъон дар фироқ аз кор рафт,
Эй сабо, гарде зи роҳи ин биёбон барнахост.
Шуд басе саргаштаи водии бепоёни ишқ,
Раҳнаварде ҳамчу Маҷнун з-ин биёбон барнахост.
То талабгори сухан шуд нуктасанҷи маърифат,
Ҳамчу Толиб толибе аз хоки Эрон барнахост.
Ҳар кӣ чун Махфӣ ба душворӣ ба коми дил нишаст,
Бо ғами ҷонон зи ҷони хеш осон барнахост.

161

То зи шабнам ғунчаро нашъунамои тозаест,
Андалебонро дар ин гулшан навои тозаест.
Бо димоғи ақл Маҷнунро фараҳ бахшад ҷунун,
Дар дарои ноқаи Лайлӣ садои тозаест.
Гуфтугӯи ҳарфи урёнӣ зи кӯтаҳҳимматист,
Ҳар киро дар базми ғам ҳар дам қабои тозаест.
Муъҷизи ишқ аст бо Мансур дар болои дор,
Ҳар замон аз рози пинҳон моҷарои тозаест.
Аз тааллуқҳои кул бегона шав, дар роҳи ишқ,
Бар сари ҳар гоми ин раҳ ошнои тозаест.
Дар саводи кишвари ҳусни паризодони Ҳинд,
Ҳар куҷо бошӣ ту, Махфӣ, дилрабои тозаест.

162

Ман булҳаваси ишқаму бо ман ҳунаре нест,
Гумгаштаи ин роҳаму аз ман хабаре нест.
Хуршеди ҷаҳонтобаму нашнохт маро ҳеҷ,
Афсӯс, ки соҳибназаронро назаре нест.
Рӯзе ки занад мавҷ, муҳити карами дӯст,
Хиҷлатзадагонро зи маъосӣ асаре нест.
Онам, ки дар оинаи асрори Илоҳӣ,
Чандон ки назар мекунам, аз ман асаре нест.
Булбул ба фиғон кӯш, ки дар гулшани уммед,
Аз доғ дар ин боғ гуле тозатаре нест.
Гоҳе ба ҷарас ҳамраҳу гоҳе ба фиғонам,
Дар қофилаи ишқ зи ман пештаре нест.
Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Шоме ба ҷаҳон нест, ки ӯро саҳаре нест.
Дил дар қафаси сина кунад сайри гулистон,
Ҳон, мурғи чаман, шавқ кам аз болу паре нест.
Эй дида, сиришке, ки ба ҳангомаи ушшоқ,
Сомони нишоте, ки ба ҷуз чашми таре нест.
Афсурдаву пажмурда чу гулҳои хазон бод,
Аз оташи ишқат, ки ба ҳар кас шараре нест.
Махфӣ, ба такопӯи ҳавас чанд тавон буд,
Ҳосил ба ҷаҳон ҳеҷ ба ҷуз дарди саре нест.

163

Савдои ту то бар сари савдозада ҷо дошт
Хуршеди ҷаҳонам ба ҷаҳон қибланамо дошт.
Бахшид ба Яъқуб паи равшании чашм,
З-он накҳати пироҳани Юсуф, ки сабо дошт.
Бар ёди гули рӯи ту дӯш аз гули ашкам,
Дар боғи хирад доғи ҷунун нашъунамо дошт.
Гар нолаи ман парданишин буд зи таъсир,
Дар пардаи ҳар парда дусад пардакушо дошт.
Шуд ҷанг миёни ғаму шодӣ ба сарам дӯш,
Шодӣ тарафи шодиву ғам ҷониби мо дошт.
Аз дасти баду неки ҷаҳон чанд шикоят?
Ҳар субҳи ҷаҳонтоб чу шоме ба қафо дошт.
Махфӣ, ба дили ҳавсалаи сабри ту нозам,
К-ин шева на Айюб дар оини ҷафо дошт.

164

Маҷнуни ҷунунӣ, зи ту ин ному нишон чист?
Бе кому забонӣ, зи ту ин кому забон чист?
Ҷону дилу дин зулфу хату холи ту бурданд,
Эй бехабар, аз хеш дигар даъвии ҷон чист?
Шуд таҷриба сад бор, ки суди ту зиён аст,
Эй дил, дигар андешаи ин суду зиён чист?
Бидрид туро пардаи исмат чу зи исён,
Зоҳир шуда ба Холиқу аз халқ ниҳон чист?
Махфӣ, ғарази дӯст гар изҳори карам нест,
Мақсуд зи пайдоиши ин кавну макон чист?

165

Дар чаман боз нигар наргиси беморе ҳаст,
Ки асирони чаманро сари гуфторе ҳаст.
Боғбон дасти ситам бозкаш аз чидани гул,
Ки ниҳон дар кафи гул ҳам ба чаман хоре ҳаст.
Нест гар зулфи туро субҳаи ислом ба даст,
Бар камар ҳусни туро риштаи зунноре ҳаст.
Машав ошуфта зи ошуфтагии турраи зулф,
Ки ниҳон бо сари ҳар мӯй гирифторе ҳаст.
Айби Маҷнун макун, эй дӯст, ки аз машқи ҷунун,
Ошиқи дилшударо гармии бозоре ҳаст.
Ташналаб нест касе, варна дар ин дашти сароб,
Шарбате ҳаст ба ҳар ҷо дили беморе ҳаст.
Дида гар кард зи дидори ту маҳрум маро,
Шукрилиллаҳ, ки ба дил ҳасрати дидоре ҳаст.
Нест гар ҳеҷ дигар ҳосили расвоии ишқ,
Гармии маъракаву маҷмаи бозоре ҳаст.
Накди ҷон чанд фурӯшӣ ба тафохур, Махфӣ?
Ин матоест, ки дар ҳар сари бозоре ҳаст.

166

Моему дидае, ки назарҳо дар ӯ гум аст,
Дар дида Даҷлае, ки гуҳарҳо дар ӯ гум аст.
Субҳи умед,  гар накушояд ниқоби хеш,
Шодам ба шоми ғам, ки саҳарҳо дар ӯ гум аст.
Маҷнун ба зери сояи бедат чӣ ҳосил аст?
Нахли ҷафо гузин, ки самарҳо дар ӯ гум аст.
Танҳо ба роҳи ишқ на Фарҳод  сар ниҳод,
Роҳест роҳи ишқ, ки сарҳо дар ӯ гум аст.
Ҳамчун ҷарас ба синаи ушшоқ меравад,
Ҳамвора нолае, ки асарҳо дар ӯ гум аст.
Доғи абас замона маро дар ҷигар ниҳад,
Доғест бар дилам, ки ҷигарҳо дар ӯ гум аст.
Махфӣ, мабин ба айби касон, дида боз кун,
Бингар ба айби худ, ки ҳунарҳо дар ӯ гум аст.

167

Кадоме дил, ки пур аз реши ғам нест?
Вале он реш бар неши алам нест.
Набошад ғунчае дар пардаи ноз,
Ки ҷайбаш чок аз хори ситам нест.
Забон дар ком каш булбул, ки имрӯз,
Гули мақсуд дар боғи Ирам нест.
Бибояд ҳиммате, эй дида, варна
Ба баҳри дил дури носуфта кам нест.
Ба абрӯ барзанад чин Ҳотами Тай,
Ба ҳангоми диҳиш з-аҳли карам нест.
Ба назди раҳнавардони раҳи ишқ,
Раҳе осонтар аз роҳи адам нест.

Чу аҳди дӯстӣ бастӣ, раҳо кун,
Ки ёри бевафо дар даҳр кам нест.
Барафшон дасти ҳимматро, ки ҳаргиз,
Кафи ҳимматбаландон бе дирам нест.
Қадам фаҳмида, Махфӣ, неҳ дар ин роҳ,
Ки ҳар бегонаро раҳ дар ҳарам нест.

168

Дӯш дар чашмам хаёли он қабогулгун гузашт,
Ҳайрате дорам ба рӯи об оташ чун гузашт?
Мечакад хуни ҷигар аз дида миноро ба ҷом,
То ба дил онро хаёли он лаби майгун гузашт.
Баски дар роҳи талаб ашки маломат рехтам,
Мавҷаи тӯфони ашкам аз сари Ҷайҳун гузашт.
Рехт хуни бегуноҳон бас аҷал бар хоки раҳ,
Аз сипеҳри лоҷвардӣ мавҷҳои хун гузашт.
Раҳ чӣ сон ёбам , ки ҳаргиз нақши пое барнахост?
Дар биёбоне, ки баҳри сайд  сад Маҷнун гузашт.
Аз сияҳбахтӣ нашуд равшан чароғи ман шабе,
Бо вуҷуди он ки барқи оҳам аз гардун гузашт.
Дар сарои орзу то чанд бошӣ мунтазир?
Корвони умр, Махфӣ, аз раҳи берун гузашт.

169

Боз ишқам марҳаме бар реш аз наштар гузошт,
Дар ҷунун тоҷи шаҳаншоҳӣ маро бар сар гузошт.
То наяфтад чашми номаҳрам ба қандили ҳарам,
Каъбаро дасти иродат қуфлҳо бар дар гузошт.
Ҳуснро ҳар ҷо муҳаббат бурқаъ аз рӯ барфиканд,
Чашмзахашро сипанди дида бар озар гузошт.
Тарки сар кун, булҳавас, в-он гаҳ ба водӣ неҳ қадам,
К-андар ин водӣ ба ҷои пой бояд сар гузошт.
Пеши шамъи базми мо болу пари парвона дӯш,
Не нишони оташу не номи хокистар гузошт.
Дар тариқи раҳравӣ бегона аст аз куфру дин,
Ҳар кӣ дар дил пайравии Оли Пайғамбар гузошт.
Мурғи фикратро чӣ қудрат, к-андар ин раҳ пар занад?
Ҳамчу Ҷибрили Амин, Махфӣ, дар ин раҳ пар гузошт.

170

Дилам ба сина зи шавқи ту бе тапидан нест,
Насиби мурғи гирифтор орамидан нест.
Чӣ гуна сер тавон дид офтоберо,
Ки дидаро зи шуояш маҷоли дидан нест?
Зибаски оташи мотам ба сина доғ ниҳод,
Шукуфта гулшани уммеду дасти чидан нест.
Забони нотиқа макшо зи дарди дил, Махфӣ,
Ки гуфтугӯи туро тоқати шунидан нест.

171

Пеш аз он, к-аз гул хазонро дастбурди лоф нест,
Ҷуръае пурдурд кун, соқӣ, туро гар соф нест.
Андалеб аз шавқи гул шуд нолапардози чаман,
Боғбон гул чиданат дар боғ аз инсоф нест.
Сими холисро харидоранд дар бозори ишқ,
Сими мо қалб аст, мақбули дили сарроф нест.
Орифи аҳли хирад ин бас, ки дар они вуҷуд,
Нуни кунро нисбати пайвастагӣ бо коф нест.
Махфиё, оинаи мақсуд кам равшан шавад,
Гар ғубори дуди он оина гар шаффоф нест.

172

Дареғ, умри азизам ба бенавоӣ рафт,
Шабам ба ғафлату рӯзам ба худситоӣ рафт.
Зи қурби нисбати хешам зи ҷумла бегона,
Чиҳо, ки бар сарам аз қурби ошноӣ рафт.
Нашуд зи нохуни саъям гираҳ зи риштаи бахт,
Тамоми умр маро дар гираҳкушоӣ рафт.
Ба тавфи каъбаву дайраш чӣ ҳосил, эй Махфӣ?
Касе, ки бар дари ҷонон ба ҷабҳасоӣ рафт.

173

Ҳар кучо шеваи ноз аст, талабгоре ҳаст,
Ҳар кучо аҳли ниёз аст, ситамгоре ҳаст.
Аз малоҳат чу намак бар дили афгор занӣ,
Чашми уммеди маро ҳам дили афгоре ҳаст.
Тавқи гардан зи каманди сари зулфат бояд,
Варна бар ҳар камаре риштаи зунноре ҳаст.
Булбули дилшуда дар хоб набинад рухи хоб,
То ба авранги чаман наргиси беморе ҳаст.
Нози ороиши гулшан бикаш, эй боди сабо,
Ки чу булбул ба чаман мурғи гирифторе ҳаст.
Шамъ гар парданишин шуд зи ту парвона чӣ ғам?
Шукрилилаҳ, ки оҳам паси деворе ҳаст.
Махфӣ, аз нақди ду олам ба кафам рӯзи ҷазо,
Ҳеҷ гар нест дигар, ҳасрати дидоре ҳаст.

174

Доим асири дард зи гардун дили ман аст,
Дар базми ғам пиёлаи пурхун дили ман аст.
Аз ҷустуҷӯ нишони висолат наёфтам,
Васлат мадост, Лайлию Маҷнун дили ман аст.
Хуни дилам гузашт зи Ҷайҳуну кам нашуд,
Аз сад муҳит қатрае афзун дили ман аст.
Ҳар кас шунид нолаи зорам зи ҳуш рафт,
Фарҳоди ишқу бодаи гулгун дили ман аст.

Махфӣ, дилам ба нағмаи шавқ ошно нашуд,
Бегонаи шикояту афсун дили ман аст.

175

Имшаб, ки инони маю мино ба кафи туст,
Мастони туро ҷумла назар бар тарафи туст.
Аз шасти нигаҳ новаки нозе ба ман андоз,
Умрест, ки дар сина дили ман ҳадафи туст.
Барҳамзани ҳангома машав субҳ, ки имшаб,
Моему навое, ки инонаш ба кафи туст.
Он дур(р)и гаронмоя, ки дар синаи кон аст,
Эй дида, ниҳон аз ту даруни садафи туст.
Махфӣ, макаш аз домани ғам дасти талабро,
Дар ишқ вафову ғами ҷонон шарафи туст.

176

Тоза созад гулбуни уммедро пайғоми дӯст,
Бишкуфонад ғунчаи дилро насими номи дӯст.
Гар ғубори хотире аз дӯстон бинӣ, маранҷ,
К-з дуъои душманон беҳтар бувад дашноми дӯст.
Не хумор орад, на бадмастию не дарди саре,
Нашъаи оби ҳаёте дар сарам аз ҷоми дӯст.
Дар ҷафо афзун кунад дил расму оини вафо,
К-аз барои дона ояд мурғи дил дар доми дӯст.
Чин агар афканд дар абрӯ, маҳи ман, бок нест,
Илтифоти маҳз бошад Махфиё, иброми дӯст.

177

Бар рухи моҳи муҳаббат хатту холи дигар аст,
Офтоби ишқро равшан ҷамоли дигар аст.
Лаб бибанд, эй булҳавас, аз гуфтугӯи дарси ишқ,
Дарси ишқ аст ин, ҷавобею саволи дигар аст.
Чашми ҳар кӯтаҳназарро дарнаёд дар назар,
Абрӯвони ишқро нозукҳилоли дигар аст.
Захми носури муҳаббат з-он наёрад рӯ ба ҳам,
К-аз ҷафо маъшуқро ҳар дам хаёли дигар аст.
Бар сари ҳар сарв чун қумрӣ манол, эй мурғи дил,
З-он ки бӯстони муҳаббатро ниҳоли дигар аст.
Аз нигоҳе кай шавад дил бо ғизоле ошно?
Дар гузаргоҳе, ки дар ҳар дам ғизоли дигар аст.
То гули рӯят шукуфта дар баҳористони ҳусн,
Махфии девонаатро қилу қоли  дигар аст.

178

Ин чӣ ҳусн аст, к-аз он равнақи боғу чаман аст?
В-ин чӣ зулф аст, ки занҷири саропои ман аст?
Ин чӣ абрӯву чӣ чашм аст, ки дар ғояти ноз,
Бо лаби дилшудагон зери забон дар сухан аст?

Ин чӣ мастона нигоҳест, ки аз мастии ноз,
Ҳар тараф менигарам сурх зи хунинкафан аст?
Ин чӣ тобанда узорест, ки аз оташи ӯ,
Доғҳо бар ҷигари сӯхтаи марду зан аст?
Ин чӣ хӯест, ки дарҳам шуда бозори гулоб,
В-ин чӣ бӯест, ки барҳамзани мушки Хутан аст?
Ин чӣ розест, ки кас воқифи асрор нашуд,
В-ин чӣ ҳарфест, ки афсонаи ҳар анҷуман аст?
Бандаи теғи нигоҳе, ки ба ҳар маъракае,
Дар паи фавҷи асирони ҷафо сафшикан аст.
Он ҷафодидаи айёми висолам, ки маро,
Чокҳо аз ситами ҳаҷр ба ҷайби бадан аст.
Шуълаи оташи ишқ аст ба фонуси хаёл,
Ки мунаввар зи шуъоаш шаби торики ман аст.
Махфиё, чанд ба дил ҳасрати дидори ватан?
Анқариб аст, ки дар хоки фаноят ватан аст.

179

Оби ҳайвон на агар дар таҳи чоҳи зақан аст,
Турраи зулф чаро бар лаби он чаҳ расан аст.
Ҳамнишин чун ба хаёлат нашавад мардуми чашм,
Партави шамъи рухат равшании чашми ман аст.
Аз сарам то ба қадам гашта ҳама ҷавҳари теғ,
Баски пайкони хаданги ту ниҳон дар бадан аст.
Баъди маргам ба лаҳад хиҷлати урёнӣ нест,
Куштаи ишқи туро ҷомаи хунин кафан аст.
Баъд аз ин васфи руху зулфи бутон хоҳад кард,
Махфиё, ҳар сари мӯям, ки ба аъзои тан аст.

180

Миёни дидаву дил рӯзу шаб ҳамин ҷадал аст,
Ки кори ҳарду дар ифшои роз дар халал аст.
Миёни олиму ҷоҳил баробар аз мӯе,
Тафовуте набувад, то ки илм беамал аст.
Хаёли хом бурун кун зи сар, бирав Лайлӣ,
Ки мастии дили Маҷнун зи бодаи азал аст.
Баҳору бодаву базми тараб ғанимат дон,
Ки рӯзи ҳодису айёми умр бебадал аст.
Зи оҳу нола туро манъ то ба кай, Махфӣ?
Тасалии дили булбул ба савти бо ғазал аст.

181

Дардмандони муҳаббатро нишони дигар аст,
Кавкаби кавкабшиносонро макони дигар аст.
Мағз дониш мегудозад аз сари донишварон,
Партави ин офтоб аз осмони дигар аст.
Гашт сомони Зулайхо сарфи як савдои ишқ,
Тоҷирони ишқро суду зиёни дигар аст.
Гар кунад қасди шикоре, бехато орад ба чанг,

Бози соҳибдавлатон аз ошёни дигар аст.
Аз муҳаббат дам задан бо гулрухон бозича нест,
Музди ин савдо зи иқлими ҷаҳони дигар аст.
Куштаи теғи муҳаббатро нишони захм нест,
Зӯри бозуи муҳаббатро камони дигар аст.
Дардмандеро набошад бо фароғат улфате,
Толиби ин роҳро бар рӯ нишони дигар аст.
Хоҳ хуни дида кун дар шиша, хоҳӣ хуни дил,
Нашъаи мастии май аз армуғони дигар аст.
Дар муҳаббат дидае бояд чу абри навбаҳор,
К-ин чаманро ҳар нафас, ҳар дам хазони дигар аст.
Бӯи хун меояд аз гулҳои боғи ошиқӣ,
Булбули ин боғро оҳу фиғони дигар аст.
Дасти баруфтодаеро гиру баровар зи хок,
Гавҳари болохудовандон зи кони дигар аст.
Шуҳраи офоқ шуд Мансур, в-арна ҳар замон,
Бар сари доре «Аналҳақгӯ» ҷавони дигар аст.
Акси он равшан кунад дар шаб чароғи офтоб,
Гавҳари лаъли лаби ҷонон зи кони дигар аст.
Нохуни таъсир бар қонуни имон мезанад,
Махфӣ, ин бонги ҷарас аз корвони дигар аст.

182

Дарси ишқатро баёни дигар аст,
Ин мударрисро забони дигар аст.
Ахтари ахтаршиносони туро
Бо фалак ҳар дам қирони дигар аст.
То ба кай саргарми кори ин ҷаҳон?
Ин ҷаҳонро ҳам ҷаҳони дигар аст.
Аз шароби ишқ месӯзад ҷигар,
Нуқли ин май аз дукони дигар аст.
Дар миёни халқ меҷӯянду нест,
Толиби Ҳақро макони дигар аст.
Раҳрави роҳи талабро ҳар қадам,
Ҳамраҳӣ бо корвони дигар аст.
Ҳамчу хуршеди ҷаҳон ҳар зарраро,
Бо ғамат рози ниҳони дигар аст.
Кас намедонад, ки манзил дар куҷост,
Ҳар касе аз корвони дигар аст.
Дарнаёяд ғайри чашми ҳақшинос,
Марди майдонро нишони дигар аст.
Дарнаёбад ҳар касе асрори ишқ,
Ин муаллимро забони дигар аст.
Партави иқболи соҳибҳимматон,
Махфиё, аз осмони дигар аст.

183

Ин ишва бутонро на ба андозаи ноз аст,
В-ин ранги мусалсалшудаи розу ниёз аст.
Аз рӯи ҳавас панҷа мазан шона дар он зулф,

К-ин силсила ҳарчанд кушоӣ ту дароз аст.
Чун ишқ инонгир шавад дар раҳи маъшуқ,
Маҳмуд ғуломе зи ғуломони Аёз аст.
Навмед машав бо ҳама исён зи Худованд,
К-оини худованди ҷаҳон банданавоз аст.
Иахфӣ, ба фиғон кӯш, ки дар гулшани уммед,
Дил мурғи гирифтору ҳавас чангали боз аст

184

Сунбуле бар рӯи оташ турраи гесӯи туст,
Фитнае дар хоби мастӣ наргиси ҷодуи туст.
Юсуфӣ, аммо чӣ Юсуф? Подшоҳи мулки ҳусн,
Равшании кишвари дил з-офтоби рӯи туст.
Гул зи савдоят гиребон чок дорад дар чаман,
Ғунчаро чашми таманно бар насими кӯи туст.
Хоҳ сӯи Каъба бошад рӯй, хоҳе сӯи дайр,
Тоқи меҳроби гирифторон хами абрӯи туст.
Лофи дил то чанд Махфӣ дар либоси кофарӣ?
Шоҳиди ҳоли ту дар маҳшар сари ҳар мӯи туст.

185

Рӯзгорест, ки мақсуд фаромӯши ман аст,
Муҳри нашнидану гуфтан ба лабу гӯши ман аст.
Улфатам бо ғами ҳиҷрони ту имрӯзе нест,
Умрҳо шуд, ки хаёли ту ҳамоғӯши ман аст.
Пои дил обилаву заъф қавӣ, ваҳ, чӣ кунам?
Бори сарсахти гаронбор бар ин дӯши ман аст.
Нашъаи мастии майро зи димоғам бибарад,
Заҳри он неш, ки пинҳон ба дили нӯши ман аст.
Махфӣ, аз гӯш маро панди ту берун наравад,
То бувад гӯш маро, панди ту дар гӯши ман аст.

186

Эй дил, андар ишқ доди нолаву фарёд нест,
Подшоҳи ишқро оину расми дод нест.
Ҷӯи хун орам бурун аз дил ба сӯи чашми хеш,
Дар муҳаббат меҳнати ман камтар аз Фарҳод нест.
То ба кай дар оташи ҳиҷрон шикебоӣ кунам?
Бемурувват, ин дили ман з-оҳану фӯлод нест.
Чанд турки ишқро таълими хунрезӣ кунам?
Шаҳнаи ишқ аст, ӯро ҳоҷати устод нест.
Нола камтар кун зи ғам, Махфӣ, дар ин дайри куҳан,
Шодмониву ғами айёмро бунёд нест.

187

Мо аҳли ҷунунем, биёбон ватани мост,
Маҷнун сари шӯридаву дил Кӯҳкани мост.
Рашки гулу гулзор шавад дашти қиёмат,

Оғушта ба хун болишу гӯру кафани мост.
Равшан нашавад шамъи муроде ба шаби қадр,
Ҷуз оташи ин шамъ, ки дар анҷумани мост.
Бӯе, ки ба Яъқуб хабар дод зи Юсуф,
Пинҳон зи сабо дар бағали пираҳани мост.
Махфӣ, ба ҷуз он соз, ки дар роҳи муҳаббат,
Ҳар ҷо, ки бувад хори мағелон чамани мост.

188

Гарми ғазаб, гар наӣ, чеҳра чу уннoб чист?
Нест гарат қасди мо, зулф чу қуллоб чист?
Гар ту на май хӯрдаӣ шаб ба ҳавои касе,
Наргиси масти туро вақти саҳар хоб чист?
Махфии расвои ишқ, гар на чу Маҷнун шудӣ,
Дил ҳама дар ғарқи хун дидаи пуроб чист?

189

Зулфат, ки асири печутоб аст,
Шарманда зи рӯят офтоб аст.
Дар сина диле, ҳар он ки дорад,
Аз оташи ишқи ту кабоб аст.
Мағрур машав, ки чашми мастат,
Аз ҷоми ғурур масти хоб аст.
Мо масти шароби ҷоми ишқем,
Бадмастии мо на аз шароб аст.
Бар рӯи ту турраи парешон,
Чун мавҷаи бод рӯи об аст.
Дунё, ки нишемани ману туст,
Бар мавҷаи об чун ҳубоб аст.
Ғофил нашавӣ, ки хонаи умр,
То чашм кушудаӣ хароб аст.
То дам задаӣ зи ҷазбаи ишқ,
Махфӣ, сухани ту лоҷавоб аст.

190

Дар силсилаи ишқ чу оини вафо нест,
Хубони ҷаҳонро ба ҷуз оини ҷафо нест.
Бар дидаи ӯ партави дидор ҳаром аст,
Ҳар косаи чашме, ки пур аз оби баҳо нест.
Яъқубсифат дида манеҳ бар раҳи уммед,
К-он роиҳаи Юсуфӣ ҳамроҳи сабо нест.
Ошиқ, ки нашуд куштаи теғи нигаҳи дӯст,
Дар мазҳаби ушшоқ бар он гиря раво нест.
То гашта сари зулфи парешони ту бар рӯй,
Ҷамъияти хотир ба дили боди сабо нест.
Зоҳид туву тасбеҳу ману риштаи зуннор,
Дар буткадаи дил, ки дар он рӯи риё нест.
Чун гашт парешон сари он зулфи парешон,
Бар чеҳраи зебо, агараш макру дағо нест.

Ҷон дар кафи андешаву андеша паи ҷон,
Ошуфтадиле дар ҳама офоқ чу мо нест.
Бар кас манеҳ ангушти таарруз, ки ниҳонӣ,
Бо ҳеҷ касе нест, ки асрори Худо нест.
Махфӣ, бинишин бар сари раҳ гӯш ба овоз,
Дар қофилаи умр ҷараро чу садо нест.

191

Андалебон васли гул бе нолаву фарёд нест,
Як гули хандон ба гулшан бе ҷафои бод нест.
То набошад камтарин шогирди шогирдони ҳусн,
Нотамом аст аз муҳаббат ҳар киро устод нест.
Аз парешонии  мо душман парешон мешавад,
Хуни Ширин рехт  Хусрав, хун аз Фарҳод нест.
Маҷмаъи гулро насим охир парешон мекунад,
Зулфро барҳамзане чун сояи шамшод нест.
Ранҷу роҳатро аз он, Махфӣ, тафовут нашмарам,
Ин фанооботро бунёд ҷуз бар бод нест.

192

Шаб зи оҳам хирмани анҷум ҳама барбод рафт,
Ҳар чӣ буд дар хотири гардун ба ман аз ёд рафт.
Фаҳми сурат чун кунад Маҷнун, ки дар дарси ҷунун,
Сад ҳазорон маънии бикр аз дили устод рафт.
Ранги зулмат бас гирифт оинаи адли ҷаҳон,
Равшанӣ дар ранги зулмат аз дили фӯлод рафт.
Мекашад охир фалак аз ҳар кӣ бошад интиқом,
Дид Хусрав оқибат з-он он чӣ бар Фарҳод рафт.
Аз гули ин бӯстон чашми вафодорӣ мадор,
К-андар ин гулшан басе бар булбулон бедод рафт.
Рафт, Махфӣ, гар зи дастам  ними ноне бок нест,
Чун биҳишти ҷовидонӣ аз кафи Шаддод рафт.

193

Баски улфат гиряро бо чашми хунбори ман аст,
Рехтан бар хоки раҳ хуни ҷигар кори ман аст.
Бо вуҷуди он ки озорам зи сар то по ҳанӯз,
Гардиши гардуни дун дар фикри озори ман аст.
Нест дар бозори роҳат гарчи як ҷав қиматам,
Шукрилиллаҳ, меҳнати олам харидори ман аст.
Бори миннат мениҳад беҳуда дар гулзор абр,
Равнақи ин бӯстон аз чашми хунбори ман аст.
Фитнае ҳар ҷо барорад сар зи оғӯши фалак,
Ҷустуҷӯям дораду дар фикри озори ман аст.
Кардаам то тавқи гардан риштаи зуннори зулф,
Иқдҳо тасбеҳро дар дил зи зуннори ман аст.
Махфиё, зинҳор худбиниву худроӣ макун,
К-ин парешонии ман бар ман зи пиндори ман аст.

194

Зулф чу хӯ бо рухи дилбар гирифт,
Дил зи мусалмону зи кофар гирифт.
Нози ту бо ҳусн чу шуд дастбоз,
Тарзи ситампешагӣ аз сар гирифт.
Оташи ғам, баски ба дил шуъла зад,
Аз сари ман то ба қадам даргирифт.

195

Ошиқам, аммо даме бе ёр натвонам нишаст,
Масти ҷоми ишқаму ҳушёр натвонам нишаст.
Ғам гаронбор асту ман бемору дил ҷои дигар,
Дӯстон, маъзур, агар бисёр натвонам нишаст.
Гаҳ сиришк аз дида резам, гоҳ хуноби ҷигар,
Дар ғами ҳиҷрон даме бекор натвонам нишаст.
Офтобам, офтоби кишвари девонагӣ,
Ҳамчу соя дар паси девор натвонам нишаст.
Роҳибу бутхонаву ҳоҷиву Каъба, з-он ки ман
Баъд аз ин бо сурати девор натвонам нишаст.
Дил асири доми ғам сайри гулистон чун кунам?
Дар ҳарими Каъба бо зуннор натвонам нишаст.
Ин дили афсурдаро хоҳам барорам аз бадан,
Беш аз ин ман бар сари бозор натвонам нишаст.
Ё ту хоҳӣ буд, ё ман, ё ғами ҷонон, рақиб?
Ҳамчу булбул пеши гул бо хор натвонам нишаст.
Додаам дил бо парирӯе, ки Махфӣ як нафас,
Дар гулистон бе гули рухсор натвонам нишаст.

196

Хӯ кун ба гули доғ, ки боғе беҳ аз ин нест,
Гум шав зи паи худ, ки чароғе беҳ аз ин нест.
Нури назари хонаи дил шуълаи оҳ аст,
Ҳиҷронзадаро чашму чароғе беҳ аз ин нест.
Мино маи гулгун, санаму сабзаву соқӣ,
Дар хонаи торик фароғе беҳ аз ин нест.
Лаб бар лаби паймонаву сар бар сари мино,
Мастони туро ҳеҷ димоғе беҳ аз ин нест.
Гар шиша тиҳӣ гашт туро аз маи гулгун,
Хуни дили худ хӯр, ки аёғе беҳ аз ин нест.
Бишкоф ба нохун даҳани доғ, ки Махфӣ,
Бар синаи мо пунбаи доғе беҳ аз ин нест.

197

Дар чаман хори ҷафояш ҳамдамӣ бо гул гирифт,
Оташи ҳасрат зи ғайрат бар дили булбул гирифт.
Мурғи дилро партави ҳуснат чунон бетоб кард,
К-аз ҳарорат ошён ҳар сояи сунбул гирифт.
Қатъ бодо дасти бедарде, ки аз рӯи ҳавас,

Гаҳ сари зулфи парешону гаҳе кокул гирифт.
Гар нашуд чун ғунчаи дил дар баҳористони Ҳинд,
Рафт мурғи рӯҳи Махфӣ гӯшаи Кобул гирифт.

198

На ҳар сар тоҷу тахти сарварӣ ёфт,
На ҳар Искандаре пайғамбарӣ ёфт.
На дар ҳар чашмае Оби Ҳаёт аст,
На ҳар Хизре дар ин раҳ раҳбарӣ ёфт.
На ҳар ҷоми ҷаҳон ҷоми ҷаҳон шуд,
На ҳар оинае Искандарӣ ёфт

199

Чу нест аҳли карамро карам дуо боис,
Атои дӯст нахоҳад ба ҷуз хато боис.
Ба ғайри хост карам кун, ки ҳаст аз ҳиммат,
Ба пеши аҳли карам нолаи гадо боис.
Чӣ бок дасти мурувват, агар замона кашад?
Ба корсозии мо бас бувад Худо боис.
Вуҷуди мо адаморо шуду адамфарсо,
Ба офариниши мо, бин, чӣ чизҳо боис?
Ба пойи саъй наёяд ба даст чун давлат,
Маҳоли ақл бувад ҷустуҷӯи мо боис.
Зи рӯзгор шикоят на тарзи инсоф аст,
Чу дар ғубори дилам гашта муддао боис.
Ривоҷи сиккаи ишқам, ки бар сари бозор,
Миси вуҷуди маро нест кимиё боис.
Ба рӯзи воқеъа аз ҳамгинон мурувват хоҳ,
Висоли Юсуфу Яъқуб шуд сабо боис.
Зи бозпурси қиёмат чӣ бим, эй Махфӣ?
Чу баҳри афви гуноҳ аст Мустафо боис.

200

Туӣ дар мулки хубӣ соҳиби тоҷ,
Ба побӯси ту хубон ҷумла муҳтоҷ.
Ба дасти кас наёяд чини зулфат,
Расида пояи ҳуснат ба меъроҷ.
Сари зулфи ту бо зулфи парешон,
Матои куфру динро кард тороҷ.
Агар хоҳӣ хироҷи ҳусн гирӣ,
Ба миннат Юсуфи Мисрӣ диҳад боҷ.
Агар побанди ишқат дил намебуд,
Зи иқлими бадан мекардам ихроҷ.
Ба хуни бегуноҳон саъй кам кун,
Макун равшан чароғи зулми Ҳаҷҷоҷ.
Зи тӯфони сиришки дида, Махфӣ,
Шуд охир домани ман баҳри маввоҷ.

201

Бе шабнами лутфат ба чаман нашъунамо ҳеч,
Бе партави рӯят ба рухи шамс зиё ҳеч.
Рӯзе, ки муҳити карамат мавҷ барорад,
Бар мавҷаи ҳар мавҷа дусад кӯҳи хато ҳеч.
Гар хуни ҷигар дар раҳат аз дида бирезад,
Бе ҳусни қабулат ба самак то ба само ҳеч.
Онро, ки ба ҷуз рӯи ту равшан нашавад чашм,
Овардани бӯю хабари боди сабо ҳеч.
Бе руи ту кавнайн ба як ҷав наситонам,
Бе ҷилваи ҳусни ту маро ҳарду саро ҳеч.
Рафтем аз ин ғамкадаву аз ғами айём,
Дар бадрақаи хеш надидем бақо ҳеч.
Махфӣ, ба фиғон кӯш, ки дар гулшани мақсуд,
Бе замзамаи мурғи чаман созу наво ҳеч.

202

Нозу ситами ёр харидору дигар ҳеч,
Моему ғаму гӯшаи девор дигар ҳеч.
Ширину маю Хусраву ишратгаҳи мақсуд,
Фарҳоду ғаму тешаву кӯҳсор дигар ҳеч.
Фардои қиёмат ба каф аз нақди ду олам,
Моему ҳамин ҳасрати дидор дигар ҳеч.
Аз мо наситонад ғами ишқи ту агар ҷон,
Расвоии мову сари бозор дигар ҳеч.
Булбул ба фиғон аст, ки з-ин боғ гули доғ,
Махфӣ, задаам бар сари дастор дигар ҳеч.

203

Машшотаи сабо чу кушояд ниқоби субҳ,
Гардад хиҷил ба пеши рухат офтоби субҳ.
Мо обрӯи хеш нарезем пеши ғайр,
Мушкилкушои мо шуда чашми пуроби субҳ.
Чун Хизр кай равад зи паи оби зиндагӣ?
Ҳар кас, ки ёфт нашъаи ҷоми шароби субҳ.
Ёру карашма, нозу адову ғурури ҳусн,
Махфиву оҳу дарди дилу изтироби субҳ.

204

Дами Масеҳ бувад дар дамидани субҳ,
Ҳароми маҳз бувад хобу орамидани субҳ.
Сазад, ки паҳлӯи шавкат ба офтоб занад,
Шаби сиёҳ зи нури чароғи равшани субҳ.
Шукуфта булбули ишқем, Махфиё, ба чаман,
Гули насими саҳар чинем аз дамидани субҳ.

205

Тоза месозад гули пажмурдаро номи сабӯҳ,
Рӯҳ мебахшад равони мурдаро ҷоми сабӯҳ.

Ғунча, то кай хоби ғафлат, гушаи чашме бимол?
Дида равшан мекунад дар боғ пайғоми сабӯҳ.
Бодаро лабрез кун, соқӣ, ки бар майхорагон,
Турфатулайне бувад оғозу анҷоми сабӯҳ.
Баҳри сайди андалебон эҳтиёҷи дом нест,
Дар гулистон барги гул шуд ҳалқаи доми сабӯҳ.
Аз фурӯғи руйи шабхезон ба сони офтоб,
Нур меборад чу борон бар дару боми сабӯҳ.
Базми моро нест гар шамъе саҳаргаҳ, гӯ, мабош,
Таъна бар хуршед дорад бодаи ҷоми сабӯҳ.
Кам наӣ аз булбуле, Махфӣ, баровар нолае,
Бар хирадмандон ҳаром аст хоби ороми сабӯҳ.

206

Чӣ гуна номи ту ронем бар забон густох?
Ки номи ту натавон бурд ҳар замон густох.
Тавофи Каъбаву майхона аз бурун кардам,
Даруни хонаи ман шуд чу меҳмон густох.
Ба ғайри қуввати бозуи ишқ қудрат нест,
Ки мурғи рӯҳ нишинад бар ошён густох.
Шаби висол нигаҳ дор, дида поси адаб,
Ки андалеб набошад ба гулрухон густох.
Чӣ ҳикмат аст надонам, ки бо сипеҳри дуранг,
Ситорагон ҳама маҳҷубу осмон густох.
Ту Юсуфиву чӣ Юсуф, ки мисриён яксар,
Ба нози ҳусни ту карданд нақди ҷон густох.
Маҳоли ақл бувад арзи ҳоли худ, Махфӣ,
Ба даргаҳе, ки дар он нест посбон густох.

207

Ба доми зулфи ту зад панҷаи сабо густох,
Сиришки дида равон шуд ба рӯи мо густох.
Адаб маҷӯ зи асирон, ки аз ниҳояти ҳусн,
Ба дарди ишқи ту шуд дидаи ҳаё густох.
Зи чашмзахми хаёлат чу бед ларзонам,
Ки бе дареғ дарояд ба дидаҳо густох.
Зи инфиъол шуда зард ранги гулгунаш,
Ниҳода рӯй ба пои ту то сабо густох.
Адаб зи мардуми бегона касб кун, Махфӣ,
Ки беадаб нашавад бо кас ошно густох.

208

Зи акси рӯи ту шуд чеҳраи гулистон сурх,
Зи обрӯи ту шуд обрӯи марҷон сурх.
Ту он гулӣ, ки ба бӯстони ишқ рӯзи азал,
Зи рашки доғи ту шуд лолаи гиребон сурх.
Қасам ба нури ҷабинат, ки дидаи хуршед,
Надида мисли лабат лаъл дар Бадахшон сурх.

Фишонд хуни дил аз дида он қадар Махфӣ,
Ба ҷустуҷӯи ту дар раҳ, ки шуд биёбон сурх.

209

Дур бод аз тан саре, к-оройиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки хам бар гардани ёре нашуд.
Дар қиёмат сар чӣ сон берун кунад аз ҷайби хок,
Синаи он кас, ки доғи лоларухсоре нашуд?
Дар назар шоҳид надорӣ, дида аз олам бипӯш,
Кӯр беҳ чашме, ки лаззатгири дидоре нашуд.
Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Ғунчаи доғи дили мо зеби дасторе нашуд.
Рӯзу шаб дар зери чавгони қазо гардад чу гӯй,
Ҳар саре як дам, ки бар зонуи дилдоре нашуд.
Беҳ, ки гардам доғ, сар то по ба ранги шохи гул,
Дар назар то ҷилваи товусрафторе нашуд.
Ёр, агар бо ғайр гардад ҳамнафас, эй дил маранҷ,
Ғунчаи нашкуфта дар гулшан, ки бе хоре нашуд.
Ҳайф бар аммомаи зоҳид, ба чандин печу тоб,
Риштаи тасбеҳ гашту тори зунноре нашуд.
Ҳар матоеро харидорест дар бозори даҳр,
Пир шуд, Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.

210

Боз ишқ омаду орому қарор аз мо бурд,
Машқи савдои ҷунунам тарафи савдо бурд.
Дуди оҳам алам афрошт ба айвони фалак,
Рутбаи кори маро машқи ҷунун боло бурд.
Киштии дида туро кор ба тӯфон афтод,
Машқи ин гиряи ман кори туро боло бурд.
Неши андеша раги дидаи савдо бикушод,
Сели хуноби ҷигар раҳ ба сӯи дарё бурд.
Махфиё, шеъри диловези ту чун муждаи васл,
Тирагиҳои дил аз дидаи нобино бурд.

211

Боз савдои ҷунунам бар димоғам мехӯрад,
Нохуни ошуфтагӣ бар захми доғам мехӯрад.
Меравад беихтиёр аз ман инони ихтиёр,
Ҳар куҷо ёди муҳаббат бар димоғам мехӯрад.
Рӯ ба ҳар сӯ оварам аз манҷаниқи рӯзгор,
Санги тифлон ҳамчу Маҷнун бар димоғам мехӯрад.
Тирабахтӣ бин, ки андар хонаи ваҳму хаёл,
Силии боди ҳаводис бар чароғам мехӯрад.
Бас заифам кард ғам, аз ман намемонад нишон,
Хуни дил ,чандон ки бар фикри суроғам мехӯрад.
Ғунчаи уммеди ман, Махфӣ, чӣ сон хоҳад шукуфт?
Ҷои об аз дида чун гулҳои боғам мехӯрад.

212

Зи зулфи ишқ ба гардун таноб агар бошад,
Чӣ бок бар рухи дилбар ниқоб агар бошад?
Ба ғайри партави ҳуснат намешавад равшан,
Даруни хонаи дил офтоб агар бошад.
Мабод дидани васлат насиби дидаи ман,
Ба дидаам шаби ҳаҷри ту хоб агар бошад.

213

Оҳе, ки зи дил бе асари дард барояд,
Гар оташи ҷонсӯз бувад, сард барояд.
Гар хоҳиши парвона надорад, зи чӣ рӯ шамъ
Дар пираҳани сурх чунин зард бароял?
Гар тухми тараб кориву аз дида диҳӣ об,
Дар боғи муҳаббат аламу дард бароял.
Гар парда ба зулф аз рухи зебот баруфтод,
Дуд аз дили хуршеди ҷаҳонгард бароял.
Махфӣ, ҷигари кӯҳ шикофад дами субҳе,
Оҳе, ки ниҳон аз ҷигари мард бароял.

214

Ғами замона надонам чӣ муддао дорад?
Ки рӯзу шаб ба такопӯ қафои мо дорад.
Зи сина нолаи зорам ба лаб намеояд,
Шикаста бас ба кафи пой хорҳо дорад.
Дилам зи гиряи бедоду аз ҷафои фалак,
Ниҳон ба дидаи хунбор Даҷлаҳо дорад.
Зи гиря дида надорад тафовуте шабу рӯз,
Маро фироқ зи васли ту то ҷудо дорад.
Зи захми новаки нозат ниҳон ба ҳар сӯе,
Равон зи хуни дилам дида чашмаҳо дорад.
Дилам зи муждаи васлат шукуфта мегардад,
Насими кӯи ту хосияти сабо дорад.
Чӣ мақсад аст, надонам, ҳама туро Махфӣ?
Ки хуфия сӯи ту ҳар дам назораҳо дорад.

215

Боз имшаб нолаи зорам парешон меравад,
Сели ашкам даст дар оғӯши тӯфон меравад.
Баски дар роҳи муҳаббат ашки ҳасрат рехтам,
Киштии умрам ба рӯи мавҷи тӯфон меравад.
Ғусса пешопеш, меҳнат аз қафо, Маҷнуни ишқ
Сӯи водии муҳаббат хуш ба сомон меравад.
Меҳри Юсуф карда бино дидаи Яъқубро,
Варна кай аз Миср бӯе то ба Канъон меравад?
Боиси бархамзани ҷамъияти дил мешавад,
Гуфтугӯ ҳар ҷо,  ки аз зулфи парешон меравад.
Ҷазби ишқ аст, он ки маҳмил аз миёни корвон,

Бар сари Маҷнун муҷаррад дар биёбон меравад.
Баски гаштам нотавон аз заъф, Махфӣ, зери лаб
Нолаи ман бо нафас дастугиребон меравад.

216

Ману он намози шоме, ки зи пай саҳар надорад,
Ману оҳ, оҳи сарде, ки яке асар надорад.
Зи сиришки дида ҳар дам дури лолагун барорам,
Чӣ кунам, ки баҳри дида ба ҷуз ин гуҳар надорад?
Ту зи бӯстони ҳуснӣ, ки насим раҳ наёбад,
Ману нолаҳои зоре, ки ба лаб гузар надорад.
Бирав, эй сиришки дида, зи хаёли нола бигзар,
Ки дигар зи нотавонӣ ҳаваси сафар надорад.
Туву шеваи тағофул, ману захмҳои теғе,
Ки бирехт хуни халқеву дамаш хабар надорад.
Дили ман асири Махфӣ ба балои ҳаҷр то кай?
Ки ба ҷуз ҳавои васлат гунаҳи дигар надорад.

217

Ману он шуълаи оҳе, ки шамъи анҷуман гардад,
Ману он нолаи зоре, ки зеби сад чаман гардад.
Зибас гирям шаби ҳиҷрон мани танҳо зи танҳоӣ,
Зи хуни дида домонам беҳ аз рашки чаман гардад.
Парешон хотире бинам зи савдои сари зулфе,
Ки чандон мекунам ҷамъаш, парешонтар зи ман гардад.
Туӣ он шамърухсоре, ки ҳар ҷо чеҳра бикшоӣ,
Чу парвона балогардон дили сад марду зан гардад.
Ба гулшан андалебонро саҳаргаҳ дар фиғон орад,
Дили ғамдидаам ҳар гаҳ, ки ҳамрози сухан гардад.
Чу нуқта аз хати ҳастӣ қадам берун неҳ, эй Махфӣ,
Дилат паргорваш то кай ба гирди хештан гардад?

218

Дилам то кай чу парвона ба гирди шамъи ғам гардад?
Шарори шуълаи оҳам ба фарқи сар алам гардад.
Наёяд шаммае таҳрир аз шарҳи ғами ҳиҷрон,
Муҳаррир бар сари ангушт, гар мисли қалам гардад.
Нагардад рост, эй Махфӣ, ниҳоли қомате аз ғам,
Ба ҳангоми туфулият чу тори зулф хам гардад.

219

Ту гар аз рӯи маъшуқе май андар ҷом хоҳӣ кард,
Ҷаҳонеро ба ошиқпешагӣ бадном хоҳӣ кард.
Каманди зулф, гар дом асту он зулфи сияҳ дона,
Басе мурғи дилу ҷонро асири дом хоҳӣ кард.
Агар оини ноз ин асту ин тарзе, ки ту дорӣ,
Ту кори сад Масеҳоро ба як дашном хоҳӣ кард.
Инони ноз камтар каш, Худоро, ҷониби водӣ,

Ки аз ҷазби муҳаббат ваҳшиёнро ром хоҳӣ кард.
Ғами маҳҷурию дурӣ намегунҷад ба сад нома,
Магар Махфӣ ба ҳангоми сабо пайғом хоҳӣ кард?

220

Бар забон ҳар гаҳ сухан з-он ҷомагулгун меравад,
Дар ҳавояш мурғи дил аз сина берун меравад.
Он парӣ аз ноз сайди мурғи дилҳо мекунад,
Ҳар тараф афканда ба рух доми шабгун меравад.
Рехтам хуни ҷигар чандон, ки дар водии ишқ,
Ҳар тараф бинӣ чу Ҷайҳун Даҷла пурхун меравад.
Мекашад ҷазби муҳаббат ноқаро беихтиёр,
В-арна кай аз ноз Лайлӣ сӯи Маҷнун меравад?
Хоҳ афсун кун ту Махфӣ, хоҳ доғам нех ба сар,
Кай ба онҳо аз сари ман ишқ берун меравад?

221

Ману он шуълаи охе, ки дар ҷони кабоб уфтад,
Ману он нолаи зоре, ки дар дил изтироб уфтад.
Набошад булаҷаб, гар ман зи ишқат музтариб гардам,
Ҳарорат обро дар дил зи акси офтоб уфтад.
Зи ҳар занҷираи мавҷе ҳилоле чеҳра бинмояд,
Зи рухсорат, агар аксе шабе бар рӯи об уфтад.
Гираҳ бандад зи ҳар торе сари зулфи парешонӣ,
Ба қасди сайди мурғи дил чу андар печутоб уфтад.
Занад бар оташи ҳиҷрон пари уммед парвона,
Ба рӯи шамъи ҳар маҷлис зи парри он ниқоб уфтад.
Зибас олудаи ҷурмам, к-аз ин олудагӣ тарсам,
Ки ҳангоми савол аз ман малак андар азоб уфтад.
Ба завқи базми майнӯшон саре аз шуъла афзояд,
Бар оташ қатраи хуне, ки аз сихи кабоб уфтад.
Шикебой, шикебой, ки дар роҳи талаб, Махфӣ,
Касе, к-ӯ тезрав бошад, дар ин водӣ шитоб уфтад.

222

Боз дар савдои ишқам кор аз тадбир шуд,
Риштаи фарзонагӣ дар пои дил занҷир шуд.
Ишқро нозам, ки ҳар ҷо санг зад бар шишае,
Хуни дил дар синаи санги ҳаводис шир шуд.
Шуд ҳарими дил маро рашки нигористони Чин,
Баски нақши орзу дар хотирам тасвир шуд.
Корвони умр, Махфӣ, бори реҳлатро бибаст,
Сад барор аз хоби ғафлат мавсими шабгир шуд.

223

То оташи савдои ту моро ба сар уфтод,
Ҷуз нақши хаёлат ҳама чиз аз назар уфтод.
Шуд рашки гулистони Ирам водии ҳиҷрон,

Бас хуни дилу дида, ки аз чашми тар уфтод.
Нозам ба хаданги ситами ёр, ки ҳар гаҳ,
Аз шасти нигаҳ рафт, даруни ҷигар уфтод.

224

Ҳар кӣ дам дар ошиқӣ аз ному нанге мезанад,
Ҳар нафас бо нафси кофаркеш чанге мезанад.
Мерабояд дил зи дасти аҳли дил ҳар ҷо, ки ҳаст,
Нохуни ошуфтагӣ бар тори чанге мезанад.
Гардиши гардуни дун, гар зердастозор нест,
Санги нокомӣ чаро бар пои ланге мезанад?
Даъвии доноию аз аблаҳӣ тарзи дигар,
Ҳар нафас шайтон ба нафсат реву ранге мезанад.
Нағмаи шодӣ сарояд, нашнавад гар гӯши мо,
Захмае ҳар ҷо, ки ғам бар тори чанге мезанад.
Аз муҳити орзу орад бурун дур(р)и ятим,
Ҳар кӣ чун ғаввос худро бар наҳанге мезанад.
Гар ниҳам тири муҳаббатро ҳадаф, Махфӣ, чаро
Ишқ пинҳон бар дилам ҳар дам хаданге мезанад?

225

Шаби ҳиҷрон ҳамин танҳо, на аз оҳам забон сӯзад,
Чунон нолам зи сӯзи дил, ки дилро мағзи ҷон сӯзад.
Ҳазар, эй нола, аз оҳам, ки аз сӯзи ҷигар ахтар,
Фиғони андалебон ранги гул дар бӯстон сӯзад.
Мазан аз ноз дар ҷонам зи баҳри сӯхтан оташ,
Ки пеши шамъ парвона зи чашми худ ниҳон сӯзад.
Машав мағрури бедодӣ, ки дар оини дил охир,
Чароғи зулм пинҳонӣ матоъи хонумон сӯзад.
Ман он парвонаи ишқам, ки дар базми тараб, Махфӣ,
Ба фонусам ба ҷои шамъ мағзи устухон сӯзад.

226

Маризи ишқаму тарсам табиб аз набзи ман гирад,
Зи гармии танам оташ ба дасти хештан гирад.
Аз он набзам намебинад, табиби ман, ки медонад,
Ки аз сӯзи ҷигар оташ маро дар пираҳан гирад.
Макун бетоқатӣ, чанде таҳаммул кун ту парвона,
Ки шамъ аз чеҳраафрӯзӣ бисоти анҷуман гирад.
Зи оҳам меҷаҳад барқе, зи сӯзи сина метарсам,
Ки чун барқе ҷаҳад аз теша андар Кӯҳкан гирад.
Ба гӯш аз турбати Маҷнун расад «Ё ҳасрато, Лайлӣ»,
Шаҳиди ишқ кай ором дар гӯру кафан гирад?
Сари ҷанг аст бо Маҷнун, аз он аҳли шариатро,
Ки дар дарси муҳаббат нуктае бо ҳар сухан гирад.
Тунукзарфӣ бувад в-арна шарори синаи оҳам,
Раҳи омадшудан наззораро бар марду зан гирад.
Ту хоҳе дар фиғон бошиву хоҳе басталаб, эй дил,
Маҳол аст ин , ки гулро боғбон андар сухан гирад.

Забон дар ком каш Махфию пои сабр дар доман,
Ки охир панҷпи шоҳи вилоят дасти ман гирад.

227

Бар ёди ту шаб сели сиришкам ҷигарӣ буд,
Дар мавҷаи хун киштии чашмам сафарӣ буд.
Ҳар зарф, ки андешаи ман сохт, шикастам,
Чун кори маро умр ҳамин шишагарӣ буд.
Аз оташи ғам гарм нашуд ин дами сардам,
Азбаски ба оҳам асари беасарӣ буд.
Бигсехт нафас силсилаи оҳ, в-агарна
Ин силсила то кунгураи арши барӣ буд.
Ангушти таассуф бигазидему гузаштем,
Бар умри талафкарда, ки дар бехабарӣ буд.
Гардида маро дидаи Яъқуб куҷо рафт?
Он буд, ки оғӯши насими саҳарӣ буд.
Махфӣ, ба рухат пардаи уммед дариданд,
Аз яъс чу корат ҳама дар пардадарӣ буд.

228

Он диле бошад, ки гарм аз нашъаҳои май шавад,
Дил бувад он дил, ки гарм аз нолаҳои най шавад.
Барнахезад аз замин афсурдадил, к-аз зиндадил,
Дар маю атши саропо наъраи «ё Ҳай» шавад.
Як қадам аз хоҳиши дунё,  агар берун ниҳӣ,
Бар сарат тарки кулоҳи фақр тоҷи Кай шавад.
Раҳ хатарнок асту манзил дуру мақсад нопадид,
Оҳ, ё Раб, инчунин водӣ чӣ гуна тай шавад?
Аз бинои умр резад ҳар нафас хиште, бирез,
Бехабар ин хиштрезӣ з-ин бино то кай шавад?
Нашъаи роҳат бубахшад филмасал гар мулки Ҳинд,
Сонии иснайн ҳавои бӯстони Рай шавад.
Махфиё, базмат нашуд гарму гузашт ҳангоми дай,
Боздорӣ чашми худро боз фасли дай шавад.

229

Дардам зи дарди Кӯҳкан афзун навиштаанд,
Ризқи маро ба дидаи пурхун навиштаанд.
Аз ҳарфи муддао зи мунаҷҷим нишон махоҳ,
К-ин рози сарбамуҳр ба афсун навиштаанд.
Девонагист саъй ба тадбири ақлу рой,
Онро, ки сарнавишт чу Маҷнун навиштаанд.
Нозам ба қудрате, ки надонист ҳеҷ кас,
Бар саҳфаи замона чӣ мазмун навиштаанд?
Махфӣ, ба дард хӯ куну дармон маҷӯ зи кас,
К-ин нусха дар китоби Фалотун навиштаанд.

230

Зи рӯят партави нуре, агар аз осмон уфтад,
Фиғони рӯзи растохез дар кавну макон уфтад.
Фурӯғи ҳусн агар ин асту истиғно чунин бошад,
Ба андак фурсате оташ ба ҷони инсу ҷон уфтад.
Чу бо ағёр биншинӣ ба коми хеш аз ғайрат,
Маро оташ мисоли шамъ андар устухон уфтад.
Кашад охир ба расвоӣ зи ишқам кор, метарсам,
Ки охир рози пинҳон дар забони мардумон уфтад.
Ба сад афсӯсу навмедӣ зи умри рафта ёд орад,
Чу Махфиро назар бар чашмаи оби равон уфтад.

231

Боз аз гиря маро кор ба тӯфон уфтод,
Ваъдаи васл ба бедории ҳиҷрон уфтод.
Чашм бар роҳи ту бас гирякунон барбастам,
Лахт-лахти ҷигарам аз сари мижгон уфтод.
Гар гирифтам раҳи водии Салукат чӣ аҷаб?
Кори Маҷнун зи тағофул ба биёбон уфтод.
Махфӣ, аз доми ғам озод нагардад ҳаргиз,
Ҳар кӣ дар ҳалқаи он зулфи парешон уфтод.

232

На агар саре ба ишқи сари зулфи ёр дорад,
Сари сунбули парешон зи чӣ тор-тор дорад?
Ба яке набохт нарде сари зулфи бурди дилҳо,
Ба Худо, ки додгире, на чунин қимор дорад.
Шаби айш бода кам хӯр ба ҳавои комронӣ,
Ки намози шом мастӣ саҳари хумор дорад.
Ба чӣ хушдилӣ бихандад лаби ғунчаи умедам?
Ки ҳазор хори ҳасрат ба дили фигор дорад.
Ба ҳавои шодмонӣ манишин шукуфта, Махфӣ,
Ки ҳанӯз меҳнату ғам ба дили ту кор дорад.

233

Лаби лаъли ту хуни соғару паймона мерезад,
Гули рӯи ту оташ бар дили парвона мерезад.
Зи хатту холи маҳрӯён, мабош, эй мурғи дил ғофил,
Ки сайёд аз барои сайд пинҳон дона мерезад.
Ба маҳфил з-оташи дил шамъ з-он мастона месӯзад,
Ки пинҳон шуъла аз болу пари парвона мерезад.
Зи рӯи ёр медонам, ки қасди ҷони ман дорад,
Ки бар ман новаки бедодро мастона мерезад.
Намонад баъд аз ин равнақ ба дарё абри найсонро,
Ба домони садаф аз ашк бас дурдона мерезад.
Дар ин дайри куҳан, Махфӣ, зи Маҷнун аст ин оин,
Ки аз ҳар сӯ маломат санг бар девона мерезад.

234

Дар вафо оину расми дӯстдоронро чӣ шуд?
Ман, агар девона гаштам, ҳушёронро чӣ шуд?
Рӯзи навмедӣ намепурсад зи ҳоли ман касе,
Ҳамнишинонам куҷо рафтанду ёронро чӣ шуд?
Зулму бедодии ин даврони дун аз ҳад гузашт,
Манҷаниқи чарху тарзи сангборонро чӣ шуд?
Дар гулистони таманно як гули сероб нест,
Тозакориҳои айёми баҳоронро чӣ шуд?
Аз замини дил намерӯяд гиёҳи хуррамӣ,
Абри раҳматро чӣ омад пешу боронро чӣ шуд?
Нест маҳбубе, ки ёбад ранақи бозори ишқ,
Турраи шабгуну ҳусни гулъузоронро чӣ шуд?
Аз муҳаббат нолаву зорӣ намеояд ба гӯш,
Махфиё, хорошикофи кӯҳсоронро чӣ шуд?

235

Касе, ки ошиқи худбину худнамо бошад,
Ҳамеша бар дари маъшуқ чун гадо бошад.
Дарид ғунча зи бедоди субҳ пироҳан,
Равост мурғи чаманро, ки бенаво бошад.
Зи ҳусни рӯзфузуни ту дида мегӯям,
Ки гар нисор шавад оламе раво бошад.
Чиҳо, ки бар ту кунам собит аз ситамгорӣ,
Миёнаи ману ту ҳоким, ар Худо бошад.
Дили гирифтаи Махфӣ шукуфта мегардад,
Замонае, ки дар он ҳарфи ошно бошад.

236

Бар синаи ман дарду ғами ҳаҷр даво кард,
Аз нола фурӯ монд дилу тарки вафо кард.
Шаб дида ба дил қатраи хуне нагузорад,
Эй ҳаҷр, чӣ гӯям, ки ба ман гиря чиҳо кард?
Дар роҳи талаб ҳамрави мо кас натавонад,
Ғам бадрақаву ғусса қафо раҳбари мо кард.
Булбул ба чаман нолаи ҳасратзада дорад,
Гул боз магар даст дар оғӯши сабо кард?

237

Аз дарди дилам мурғи ҳаворо кӣ хабар кард?
Дар боғи дилам боди сабоdo кӣ хабар кард?
Бахти сияҳам буд ниҳон аз назари халқ,
Шабро кӣ нишон доду азоро кӣ хабар кард?
Бо ҷавру ҷафо буд диламро сари лутфат,
3-ин воқеа арбоби вафоро кӣ хабар кард?
Барҳам шудани зулфи ту ҷамъияти дил буд,
Бо шарм кӣ ин гуфту ҳаёро кӣ хабар кард?
Аз руйи риёе, ки ҷафои ту маро буд,
Ғаммоз кӣ шуд, рӯву риёро кӣ хабар кард?
Ман будаму андешаи иқлими қаноат,

Кӣ арз ба шаҳ карду гадоро кӣ хабар кард?
Махфӣ, ба ту дар хоб намуданд давое,
Бо дард чӣ кас гуфту балоро кӣ хабар кард?

238

Дил, ки ҳамдам шуд ба ғам, улфат ба шодӣ кам бувад,
Шодии ғамдидагон дар ҳалқаи мотам бувад.
Бар умеди васл умре метавон дар ҳаҷр зист,
Гар бинои умр бебунёду номаҳкам бувад.
Бе парирӯе набошад нашъае дар базми май,
Май агар оби ҳаёту ҷом ҷоми Ҷам бувад.
Махфӣ, аз ғамҳои ҳиҷрон ношикебоӣ макун,
К-аз шикебоӣ дили ношоди мо хуррам бувад.

239

Фитнаи ишқ ба ҳар хона дарун меояд,
Теғи бедод ба каф аз паи хун меояд.
Хонаи дида аз он аст мунаввар, ки ниҳон
Дам ба дам шамъи хаёли ту дарун меояд.
Дил, ки ишқи ту зи ман бурд, яқин донистам,
К-аз сари зулфи бутон бӯи ҷунун меояд.
Ба ҳавои гули рӯи ба ҳангоми баҳор,
Лола бо доғи дил аз хок бурун меояд.
Махфиё, дар ғами айём зи ағёр манол,
Ҳар чӣ ояд ба сар аз бахти забун меояд.

240

Шудам зи дасту дилу дилрабо намеояд,
Асири дардаму тири бало намеояд.
Нуқуди равшании дида сарфи дил кардам,
Ҳанӯз бар сарам он бевафо  намеояд.
Шудам ба кӯи муҳаббат зи хеш бегона,
Ба гӯши ман сухани ошно намеояд.
Тамоми умр ба Канъонам аз ҷудоӣ рафт,
Зи сӯи Миср насими сабо намеояд.
Кушода нофаи зулфи ту то гираҳ аз зулф,
Насими субҳ зи сӯи Хито намеояд.
Задам дафотири айёмро басе барҳам,
Ба чашми ман сухани муддао намеояд.
Ба азми Каъбаи ҷонон сафар кун, эй Махфӣ,
Ки муфлис аз дари шоҳон гадо намеояд.

241

Чӣ шуд, ки ашк зи чашмам ба рӯ намеояд?
Чӣ шуд, ки нолаи ман аз гулӯ намеояд?
Ба ҳайратам, ки зи шавқат чӣ ҷайб чок кунам?
Чу чоки сина маро дар руфӯ намеояд.

Хумор аз сари мастон намеравад, Махфӣ,
Ба маҷлисе, ки май андар сабӯ намеояд.

242

Бас зи дарди ҳаҷр анфосам парешон мешавад,
Ҳар кӣ бинад рӯям, аз дидан пушаймон мешавад.
Муддаӣ, аз чашми гирёни дилам ғофил мабош,
Қатра- қатра, рафта-рафта мавҷи тӯфон мешавад.
Меравад хуни ҷигар азбас зи роҳи дидаам,
Гӯшаи вайронаам ҳар дам гулистон мешавад.
Хонаи умри ту мерезад шабу рӯз аз фалак,
То ба кай ғофил нишинӣ, хона вайрон мешавад?
Махфиё, зинҳор аз дарди парешонӣ манол,
К-аз сабурӣ кори дил охир ба сомон мешавад.

243

Рӯзи навмедӣ чу ояд, ошно душман шавад,
Ғам ҷудо, шодӣ ҷудо, давлат ҷудо душман шавад.
Ҳар кӣ пеш аз вақт дармонхоҳи дарди дил шавад,
Гар ҳакимаш Буалӣ бошад, даво душман шавад.
Чун зи булбул бахт баргардад, ба рағми боғбон,
Ҳусни гулро ҷунбиши боди сабо душман шавад.
Ру ба сӯи ҳар кӣ орам, рӯ бигардонад зи ман,
Бахт чун гардад забун, бар тан қабо душман шавад.
Бар муроди мо вазад дарҳам агар боди мурод,
Дар муҳити офият ҳам нохудо душман шавад.
Нест, Махфӣ, дар дили мо бо касе чун душманӣ,
Ҳар кӣ бо мо душман аст, ӯ бо Худо душман шавад.

244

Ҳар куҷо мавҷи ғами ишқи ту шабхун дорад,
Пои худ ақл аз ин силсила берун дорад.
Лофи донишназанӣ, к-аз ғами нодонии худ,
Дили пурдоғ таҳи хок Фалотун дорад.
Гашт такрор басе номаи ишқи ту, вале
Кас надонист, ки ин нома чӣ мазмун дорад?
Ноқа гар кард ғалат роҳи ҳарам, боке нест,
Файзи сад Каъба сари турбати Маҷнун дорад.
Рӯзу шаб даври фалак даст дар оғӯши ман аст,
Улфат ин аст ба ман гардиши гардун дорад.
Мерасад дам задан аз ишқ касеро, ки мудом
Дида аз гиряи мастона чу Маҷнун дорад.
Дида аз ашк тиҳӣ з-он нашавад Махфиро,
Ки шабу рӯз назар бар дили пурхун дорад.

245

Боз мавҷи сели ашкам дам зи тӯфон мезанад,
Чашмасори дидаам паҳлӯи Уммон мезанад.

Ин сари шӯрида савдои ҷунунӣ мебарад,
В-ин дили девонаам дам аз биёбон мезанад.
Ҳар куҷо хоҳам нишинам, аз паи бархостан
Хотири ошуфтаам дасте ба домон мезанад.
Ҷамъи ҷамъият чӣ суд аз дил, ки роҳи офият,
Фитнаҳои гардиши даврон парешон мезанад.
Баски дардолудаам, пинҳон ба зери пираҳан,
Бар танам ҳар мӯй бинӣ, захми пайкон мезанад.
Бандаи ишқам, ки ҳар гаҳ по гузорад бар рикоб,
Оҳи оташноки он оташ ба имон мезанад.
Оташафрӯзон ҳазар аз синаи Махфӣ, ки боз
Оҳи оташноки он оташ ба домон мезанад.

246

Ҷониби аҳли назар гар назаре бикшоянд,
Аз дари ғайб ба рӯи ту даре бикшоянд.
Толибон бар ҳадафи чарх зананд тири дуъо,
Аз камонхонаи дил гар саҳаре бикшоянд.
Шоҳбозони ту бар кунгураи арш паранд,
Баҳри парвоз, агар болу паре бикшоянд.
Дӯш мегуфт хабардори ҳарам дар гӯшам,
Кай дари хона ба ҳар бехабаре бикшоянд?
Гар дари Каъба ба рӯям бикушояд, Махфӣ,
Сабр дорам, ки ба рӯи дигаре бикшоянд.

247

Аз ҷафо аҳли вафоро нақзи паймон кай шавад?
Ҷонсупори теғи истиғно пушаймон кай шавад?
Ошиқонро хоҳише ҷуз хоҳиши маъшуқ нест,
То гулистон нашкуфад, булбул ғазалхон кай шавад?
То парешонӣ нагирад дар парешонӣ камол,
Ҷамъи ҷамъият ба ҳам дастугиребон кай шавад?
Нестӣ омад вуҷуди ҳастии аҳли вуҷуд,
Кофар аз ҳарфи мусалмоне мусалмон кай шавад?
Гиряро доруи ғам гӯянд, ҳарфе беш нест,
Ҳар ҷароҳат судаи алмоси дармон кай шавад?
Талхии заҳри шикебоӣ калиди қуфлҳост,
Кори бесомону бесабрӣ ба сомон кай шавад?
То нагардад шуълаафрӯз оташи деги ҳасад,
Нархи Юсуф бар сари бозор арзон кай шавад?
В-ар надонӣ дарнаёяд то таоми бенамак,
Ҳоҷати дасти татовул бо намакдон кай шавад?
Лаззати дарде агар ёбам, ба сад ҷон мехарам,
Ҷинси ноёб аст, эй Махфӣ, фаровон кай шавад?

248

Чунон ки дар ҳарами хос кас намегунҷад,
Даруни синаи тангам нафас намегунҷад.
Ба ҳар диёр, ки фарёди ишқ бархезад,

Дигар нишастани фарёдрас намегунҷад.
Гирифта танг чунонам ғами ту дар оғӯш,
Ки мурғи рӯҳ маро дар қафас намегунҷад.
Ба зикри он лаби ширин лаби адаб бикшо,
Ки бо ҳаловати имон магас намегунҷад.
Даро зи гардани маҳмил баровар, эй Лайлӣ,
Ки дар тариқи муҳаббат ҷарас намегунҷад.
Ниҳода пои хаёли ту то ба хонаи дил,
Маро ба дида хаёли ҳавас намегунҷад.
Шароби ишқ кашад бар мулозимон, Махфӣ,
Ки дар билоди муҳаббат асас намегунҷад.

249

Сиришки дидаам имшаб чунон мастона меояд,
Ки пиндорӣ бурун аз тан дили девона меояд.
Ба хун оғуштадил чандон ба зери хок пинҳон шуд,
Ки бӯи хуни дил аз хоки ин вайрона меояд.
Аз он бар дил маро ҳар дам шикасте бар шикаст ояд,
Ки санги дарду ғам бар синаи девона меояд.
Машав мағрури ҷоҳ, эй дил, ки ҳар сӯ гӯш андозӣ,
Садои ганҷи Қорун з-ин куҳанвайрона меояд.
Ба пои шамъ шуд умре, намебинам пару боле,
Ниҳон аз дидаи мардум магар парвона меояд?
Зибас шавқи ҷунун дорад, зи роҳи бехудӣ ҳар дам,
Ба тавфи Машҳади девонаат фарзона меояд.
Гирифтам ончунон улфат ба ҳам чашми ғами Махфӣ,
Ки дар чашмам хаёли офият бегона меояд.

250

Бар муроди мо на ин гардуни дун кам меравад,
Бар муроди дигарон ҳам гардани хам меравад.
Ин дилозорӣ фалак бо мо, на танҳо мекунад,
Расму оин аст, к-аз даврони Одам меравад.
Нестам озурдахотир чун ба даври рӯзгор,
Шодмонӣ даст дар оғӯши мотам меравад.
Нозанинон по ниҳанд аз ноз ҳар ҷо бар замин,
Ҳамчу Маҷнун сад ҳазоронро фароҳам меравад.
Нест ӯ бедоди захми ишқро лаззатшинос,
К-аз паи Исои Марям баҳри марҳам меравад.
Шишаро бикшо даҳан, соқӣ, ки аҳли завқро,
Ҳайф меояд бар он умре, ки бо ғам меравад.
Тарки худроӣ намо, эй дил, ки дар даргоҳи ишқ,
Ҳар кӣ меояд зи худ бегона, маҳрам меравад.
Махфиё, наздики аҳли ҳиммат аз беҳимматист,
Бар забон онро, ки зикри номи Ҳотам меравад.

251

Баски бедоду ситам бар ман зи гардун меравад,
Мурғи рӯҳам аз қафас ҳар лаҳза берун меравад.

Хӯрдаам хуни ҷигар, чандон ки аз минои май,
Ҷои об аз дидаи ман ашки гулгун меравад.
Пнчунон ҷо кард меҳрат, к-аз даруни синаам,
Не ба панду не ба ҷавру не ба афсун меравад.
Бе ҷароҳат нест як дил андаруни синае,
Баски дар дилҳо хаёлат баҳри шабхун меравад.
Оби ҳайвон гар шавад дарёю Хизраш нохудо,
Киштии бахти забун дар мавҷаи хун меравад.
Матлаб аз ҷоҳу бузургӣ дил ба даст овардан аст,
В-арна Махфӣ дар замин ҳам ганҷу Қорун меравад.

252

Офтоби ҳусн ҳар ҷо оташафшон мешавад,
Соябонаш турраи зулфи парешон мешавад.
Гар ба чашми тарбият бинад фурӯғи офтоб,
Ҳар куҷо санге бувад, лаъли Бадахшон мешавад.
Бо рақибон тарки сӯҳбат кун, ки дар гулзори ишқ,
Аз ҳуҷуми андалебон гул парешон мешавад.
Аз сабо беҳуда гулшан бори миннат мекашад,
Хуни чашми булбулон зеби гулистон мешавад.
Шуд зи дасти гиря охир хонаи чашмам хароб,
Сел чун ояд бинои Каъба вайрон мешавад.
Ҳақ ба Маҷнун аст, тарки кӯи Лайлӣ гар кунад,
Ишқ чун ғолиб шавад, маскан биёбон мешавад.
Ғам, ки аз ҳад шуд фузун, бошад нишоту хуррамӣ,
Хор чун ҳамчашм шуд бо ғунча хандон мешавад.
Гар ба ҷӯш ояд танӯри дидаи ғамдидагон,
Нохудо, гар Нӯҳ бошад, ғарқи тӯфон мешавад.
Махфиё, чун андалебон аз парешонӣ манол,
Сабр кун, к-аз сабр кор охир ба сомон мешавад.

253

Чунонам дил зи бими муддаӣ дар сина меларзад,
Ки тифл аз рӯзи шанбе дар шаби одина меларзад.
Ба вақти арз агар дасту дилам ларзанд, маъзурам,
Ки бехуд раъшадор аз раъшаи дерина меларзад.
Зи боди фитна дар гулшан зи чашми булбулон пинҳон,
Дарахти беди Маҷнунро дили тангина меларзад.
Зи заъфу нотавониҳо, ки аз бахти забун дорам,
Маро имсол дил аз меҳнати порина меларзад.
Зибас аз гардиши гардуни дунҳиммат парешонам,
Дилам чун акси оина даруни сина меларзад.
Гирифт ӯ гар зи бедорӣ ба тарзи душманӣ дод аст,
Ки муфлис дар палосу хирқаи пашмина меларзад.
Ба зери хак, агар Махфӣ, биёбад як дирам мӯре,
Зи адли рӯзгор аз тӯҳмати ганҷина меларзад.

254

Ману он сар, ки сад савдо зи ҷонон дар бағал дорад,
Ману он дил, ки сад новак зи мижгон дар бағал дорад.
Малакро дар фалак пинҳон ба доми ишқ андозад,
Адоҳое, ки он зулфи парешон дар бағал дорад.
Зи дастат гар бурун шуд дил, макун андеша, эй булбул,
Ба ҷои дил асири ишқ афғон дар бағал дорад.
Ту бераҳму ҷафоҷӯю мани озурда метарсам,
Ки оҳи синаи маҷрӯҳ пайкон дар бағал дорад.
Ду чашмам гиряолуду дилам чун бод меларзад,
Ки ашки дардмандон мавҷи тӯфон дар бағал дорад.
Гули ҳар бӯстонеро, ки бинӣ зери пироҳан,
Гулистоне, ки доғи яъс пинҳон дар бағал дорад.
Зи оҳи сарди мазлумон ҳазар, Махфӣ, ки ҳар оҳе,
Ба заҳр олуда сад пайкони пинҳон дар бағал дорад.

255

Рози ту каломест, ки тафсир надорад,
Нози ту паёмест, ки тақрир надорад.
Бишкаст хирад хомаву бигрифт давотам,
Дар кунҳи камоли ту, ки таҳрир надорад.
Масҷуди кавокиб шудани Юсуфи ҳуснат,
Равшан шуда хобест, ки таъбир надорад.
Сад сол дар ин раҳ накунад марҳалае тай,
Гар роҳрави ишқи ту шабгир надорад.
Ранҷидани маъшуқ ба ғайр аз гунаҳи мо,
Тақдири аласт аст, ки тадбир надорад.
Савдои сари зулфи ту дар сина ниҳонӣ,
Дар пои диле айб, ки занҷир надорад.
Дар мазҳаби мо дам задан аз ишқ ҳаром аст,
Мурғе, ки ҳавои гули Кашмир надорад.
Аз ҷунбиши боде, ки туро хона хароб аст,
Ин хонахароб ин ҳама таъмир надорад.
Махфӣ, ба хазон соз, ки бӯстони таманно,
Чун нақши хаёлест, ки тасвир надорад.

256

Муҳаббат то ба водии ҷунунам раҳнамо бошад,
Дилам дар қайди занҷири сари зулфи дуто бошад.
Буридам аз ватан улфат, ба ғурбат з-он гирафтам хӯ,
Ки дар танҳоии ғурбат хаёлат ошно бошад.
Кушояд дидаи гулро, ки бинад нолаи булбул,
Агар бӯе зи пироҳан ба ҳамроҳи сабо бошад.
Зи нокомӣ ба дарди дил, на танҳо ман гирифторам,
Ба олам ҳар киро бинӣ ба дарде мубтало бошад.
Макун андешаи мозӣ, машав дар фикри мустақбал,
Ғанимат дон ҳамин дамро, ки ин дам кимиё бошад.
Чу тадбири Худовандӣ бурун аз ҳадди тадбир аст,
Асири фикри ғам Махфӣ касе чандин чаро бошад?

257

Бӯи ҷон аз нафаси сӯхтагон меояд,
Ки насими саҳарӣ мушкфишон меояд.
Сири мо монд ҳама дар дили ғампарвари мо,
Рози шамъ аст, ки аз дил ба забон меояд.
Нӯҳро муъҷиза он вақт мусаллам дорам,
Ки зи тӯфони муҳаббат ба карон меояд.

258

Ману он ҳалқаи зулфе, ки занҷири сабо гардад,
Диле бо партави ҳусне, ки оламро зиё гардад.
Наёяд бӯи пироҳан ба ғайр аз ҷониби Юсуф,
Ҳама умре агар Яъқуб дунболи сабо гардад.
Бинозам зулфи хубонро, ки баҳри соя афкандан,
Гаҳе сунбул шавад бар рӯ, гаҳе боди сабо гардад.
На бо бегона бншинад, на дорад улфати хешон,
Диле, к-ӯ бо сари зулфи парешон ошно гардад.
Супурдам дил ба савдоят, ки шояд бонаво гардам,
Чӣ донистам к-аз ин савдо, дилам ҳам бенаво гардад?
Зи таъсири ҷунун гаштам чунон машҳур дар олам,
Расад бо кимиё чун мис, вуҷуди кимиё гардад.
Макаш доруи биноӣ сабо беҳуда бар чашмам,
Ки дар чашми гирифторам ғуборе тӯтиё гардад.
Ба коми хештан, Махфӣ, маҳол аст, он ки биншинад,
Касе, к-аз ҳамнишини худ ба нокомӣ ҷудо гардад.

259

Диле, ки маҳрами дарди ту дилрабо гардад,
Чӣ сон ба мардуми бегона ошно гардад?
Ба ҳар диёр, ки гирад, бало барангезад,
Маро ба дидаи уммед тӯтиё гардад.
Макун такаббури ҷоҳу маноз бар давлат,
Ки аз адои мухолиф ғанӣ гадо гардад.
Зи доғи дарди ҷудоӣ дили малак сӯзад,
Дар он замон, ки диле аз диле ҷудо гардад.
Ману муҳаббату дар сар ҳавои савдое,
Ки сояаш ба сарам сояи ҳумо гардад.

260

Шаб гузашту шамъи май равшан ба базми мо нашуд,
Субҳ шуд дар хоби ғафлат, чашми бино во нашуд.
Бар хуморолуда май об асту мастӣ оташ аст,
Обу оташ ҷуз ба базми майкашон як ҷо нашуд.
Зоҳиру пинҳон зи баҳри хотирам дар рӯзгор,
Фитнае ку, к-он мукаррар ҳар замон пайдо нашуд.
Бӯи Юсуф кард бино дидаи Яъқубро,
В-арна бо боди сабо чашми касе бино нашуд.
Бе мураббӣ ҳеҷ кас дар ҳеҷ ҷо коре насохт,
Бе мададгории абре қатрае дарё нашуд.
Не маро ором дар шаҳру на дар водӣ қарор,

Ҳамчу ман дар ишқ Маҷнуни дигар пайдо нашуд.
Шуд чунон Махфӣ зи дастам дил, ки чандон бинамаш,
Дар даруни сина з-он ному нишон пайдо нашуд.

261

Ғунчаи лаъли лабат гар аз тағофул бишкуфад,
Бишкуфам чун булбуле, к-аз дидани гул бишкуфад.
Гар сабо орад шамими пираҳан сӯи чаман,
Ғунчаеро дил даруни сина чун гул бишкуфад.
Бар димоғам мехӯрад аз бедимоғӣ бӯи гул,
Хотири ошуфтаам аз нашъаи мул бишкуфад.
Ғунчаи табъам намехандад ба шӯристони Ҳинд,
Ҳиммате ёрон, ки аз гулзори Кобул бишкуфад.
По ба домони муҳаббат каш, ки Махфӣ оқибат,
Дар биёбон лоларо дил аз таҳаммул бишкуфад.

262

Навмед зи дидори ту то чанд тавон буд?
То чанд ба уммеди ту хурсанд тавон буд?
Лабташнаву дилхаставу саргаштаю ҳайрон,
Бо дарду ғами ҳаҷри ту то чанд тавон буд?
Гар гуфтушунуди ғами ҳаррӯз набошад,
Сад сол ба занҷири бало банд тавон буд.
Паймонаи уммеди ту бишкаст, дило, чанд?
Беҳуда зи андешаи пайванд тавон буд.
Махфӣ, қадаҳи тавбашикан бар лаби дил рез,
Ошуфта чунин чанд зи савганд тавон буд?

263

Дар дилам то кай хаёли ҷому мино бигзарад?
Бар сарам то чанд ин ошӯби савдо бигзарад?
Бигзарад ҳар гаҳ хаёли оқибат аз хотирам,
Шуълаи оҳи дилам аз сақфи мино бигзарад.
Гар муҳаббат мефазояд бар сари бозори ишқ,
Бар сари ошиқ чӣ расвоӣ зи савдо бигзарад?
Шаб шавад ҳар рӯз бар уммеди фардо рӯзи ман,
Ҳайф з-ин умре, ки бар бар уммеди фардо бигзарад.
Баъд аз ин Махфӣ ману поси дили фориғ зи ман,
То ба кай умри гиромӣ дар таманно бигзарад?

264

Ситам аз ҳад гузашт, оҳи саҳар афрохтан дорад,
Ба заҳролуда тири нолае андохтан дорад.
Ситамгорон, намедонам, киро ғорат кунанд имшаб?
Сипоҳи нолаву оҳам ҳавои тохтан дорад.
Дили афсурдаам то кай даруни синаам бошад?
Чу гул пажмурда шуд аз даст худ андохтан дорад.
Агар парвонаро сӯзад пару боле аҷаб набвад,

Дар ин оташ саропо шамъи ҷон бигдохтан дорад.
Бибурдӣ дови аввал, эй фалак, аз ман даѓо кардӣ,
Зи баҳри имтиҳон як бори дигар бохтан дорад.
Биное мениҳӣ ҳар рӯз бар қасри амал аз нав,
Зи баҳри дин муҳаққархонае ҳам сохтан дорад.
Туро сарфи ғами дунё тамоми умр шуд, Махфӣ,
Ба кори охират ҳам соате пардохтан дорад.

265

Мастон шаби мастӣ дари майхона бибанданд,
Дарро ба рухи маҳраму бегона бибанданд.
То рози ниҳони маю мо фош нагардад,
Аввал даҳани шишаву паймона бибанданд.
Дар базми тараб шамъ агар нур набахшад,
Хокистари ман бар пари парвона бибанданд.
Арбоби сухан, умри гиромӣ ба абас рафт,
То кай сухани пуч чу афсона бибанданд?
То аҳли вафо сурати нуқсон напазирад,
Махфӣ, ба ту ғам аҳди бузургона бибанданд.

266

Дил зи дастам рафт, ёрон, фикри ҷону дил кунед,
Мурғи дилро ё ба даст оред, ё бисмил кунед.
Пеши лояъқил зи дониш дам задан девонагист,
Гуфтугӯи ақлро бар мардуми оқил кунед.
Дил даруни синаву аз дил намеёбам нишон,
Нуктасанҷони маъонӣ ҳалли ин мушкил кунед.
Зиндагонӣ, ғофилон, хобу хаёле беш нест,
Ҳайфи авқоте, ки сарфи суҳбати ҷоҳил кунед.
Баски дар дил доғ дорам, лола рӯяд аз замин,
Баъди мурдан, гар маро мадфун ба зери гил кунед.
Майкашон соғар ба дастам ҷумла пай дар пай диҳед,
То зи ҷоми орзуям масти лояъқил кунед.
Шуд табоҳи киштии умрам ба тӯфони бало,
Дидаву дил то ба кай андешаи соҳил кунед?

267

Ману ишқе, к-аз он оташ ба шамъи ҷони ман гирад,
Ману дасте, ки хори меҳнаташ домони ман гирад.
Зибас ашки надомат рехтам, аз дида метарсам,
Ки оламро мабодо мавҷаи тӯфони ман гирад.
Чунон шуд равшанӣ дар даҳр нопайдо, ки дар дида,
Чароғам равшанӣ аз зулмати зиндони ман гирад.
Ғариқи ҳаҷру андуҳам, ба ин уммед хурсандам,
Ки шояд дасти ман бори дигар ҷонони ман гирад.
Зи сина шӯълаи оҳе парешон кардаам, Махфӣ,
Ки шояд оташе дар хирқаи ҳиҷрони ман гирад.

268

Кадом дил, ки паи фитнаи нигаҳ наравад?
Кадом дида, ки оташ ба хоки раҳ наравад?
Диле, ки ҷуръакашӣ бодаи муҳаббат шуд,
Ба сайри буткадаву тарфи хонақаҳ наравад.
Ба оби Замзаму Кавсар агар бишӯяндаш,
Зи рӯи бахти сияҳгунае сияҳ наравад.
Ба зӯри ҷавру ситам мулки дил хароб макун,
Ки бар вилояти вайрон умури шаҳ наравад.
Зи гуфтугӯи рақибон марав зи ҷо, Махфӣ,
Касе, ки маҳви нигаҳ шуд, зи ҷойгаҳ наравад.

269

Ҳеҷ гаҳ боди саборо роҳ ба боғи мо нашуд,
Тоза аз бӯи гуле ҳаргиз димоғи мо нашуд.
Хуни дил чандон, ки булбул рехт бар тарфи чаман,
Як гуле хандон ба гулшан ҳамчу боғи мо нашуд.
Баски дорад тирагӣ бахти сиёҳи мо, шабе
Аз барои имтиҳон равшан чароғи мо нашуд.
Нашъаи мастӣ чӣ сон бошад, ки аз минои бахт,
Ғайри хуни дил шаробе дар аёғи мо нашуд?
Махфиё, аз баҳри улфат дар бисоти рӯзгор,
Ку ғаму дарде, ки аввал дар сароғи мо нашуд?

270

Ба сина оташи шавқи ту то ватан дорад,
Дилам зи доғи муҳаббат чаман-чаман дорад.
Зи теғи ғамзаи ҷонон даруни сина ниҳон,
Чӣ захмҳо, ки дили нотавони ман дорад.
Зи дасти ҷаври ҳаводис дилам чу дастаи гул,
Ҳазор чок ба ҳар тарфи пираҳан дорад.
Ба зери хок ба наъшам чӣ ҳоҷати кафан аст?
Шаҳиди теғи муҳаббат зи хун кафан дорад.
Димоғи ҷон ба сухан тоза мекунад, Махфӣ,
Миёни зулфи сухан нофаи Хутан дорад.

271

Гирифторе, ки доғи дил ба зери пираҳан дорад,
Зи хуни дида домонро беҳ аз рашки чаман дорад.
Зи хонумон чу бигзаштӣ, чӣ дар гулшан, чӣ дар гулхан,
Гирифтори муҳаббат ҳар куҷо уфтад, ватан дорад.
Куҳанзолест ин дунё ба маккорӣ, ки аз ҳар сӯ
Ниҳон дар зери ҳар санге ҳазорон Кӯҳкан дорад.
Сазад саҳрои маҳшарро, ки рашки гулситон гардад,
Аҷал пинҳон ба зери хок бас хунинкафан дорад.
Дили ғамдидаи Махфӣ зи бори ғам ҳаменолад,
Фиғон аз нотавониҳои ҷони хештан дорад.

272

Савдои ишқ гар зи димоғам бурун кашанд,
Ё Раб, чӣ сон зи гулшану боғам бурун кашанд?
Гирам, ки захми сина ба марҳам шавад илоҷ,
Аз дил чӣ гуна оташи доғам бурун кашанд?
Не ҳамдамам ба булбулу не маҳрамам ба гул,
Хоҳе зи роғ, хоҳ зи боғам бурун кашанд.
Гаштам чунон заиф, ки аз заъфи хештан,
Махфӣ, даруни хона суроғам бурун кашанд.

273

Дар таманнои лаби мино, агар соғар кашад,
Лахт-лахти дил ба ёдат аз ду чашмам баркашад.
Ҳар кӣ бар ёди ту май нӯшад, бар он бошад ҳалол,
Гар даруни Каъба масте ояду соғар кашад.
Баски бо парвона дорад кина дар дил боз шамъ,
Гар бисӯзад, интиқоми худ зи хокистар кашад.
Бӯи хун ояд аз он маъвои савдои ҷунун,
Сабза гар аз турбати ман баъди мурдан сар кашад.
Ҳар кӣ лаб бар лаб ниҳад, ҷоми муҳаббат боядаш,
Ҳамчу Махфӣ май зи акси шуълаи ӯ даркашад.

274

Гар боди сабо сад раҳ пайғом ба гӯш орад,
Беҳуши муҳаббатро мушкил, ки ба ҳуш орад.
Гар базми тараб ин аст, гунҷоиши он дорад,
Хуршед сuroҳиро пур карда ба дӯш орад.
Ман бандаи он зулфе, к-аз силсилаозодон,
Дар қайди гирифторӣ сад ҳалқабагӯш орад.
Соқӣ, қадаҳе пур кун з-он бода, ки аз аксаш,
Дар сина зи бадмастӣ дилро ба хурӯш орад.
Махфӣ, ба даруни дил аз оташи маъюсӣ,
То чанд таманноро чун дег ба ҷӯш орад?

275

Фиғони булбулон имшаб ба ҳар гулшан асар дорад,
Магар дарду алам оҳе ба дунболи саҳар дорад?
Ба кини ман камар баста, магар ин бахти баргашта?
Ки аз рӯзи дигар ҳар рӯз ҷонамро батар дорад.
Гаҳе парвона месӯзад, гаҳе шамъ аз ҷудоиҳо,
Ба олам ҳар киро бинӣ ту, доғе бар ҷигар дорад.
Ба ҷонам кай шавад ҳосил ба осонӣ, ки шуд умре,
Ситам аз рӯйи қудрат даст бо ман дар камар дорад.
Магар чашм аст сар то пойи ин чархи ҷафопеша?
Ки ҳар ҷо меравам ин каҷниҳодам дар назар дорад.
Шудам Яъқуби ҳиҷрону наёмад бӯйи пироҳан,
Писарро нест он меҳре, ки дар хотир падар дорад.
Ҷафоҷӯё, ситамгоро, ҳазар аз оҳи мазлумон,
Ки тири оҳи мазлумон ниҳон дар санг асар дорад.

Ба кори кас намеояд ҳунар, Махфӣ, дар ин олам,
Хари Исо хунарманд аст, гар дар киса зар дорад.

276

Дидаро бо дил магар дӯш иттифоқ уфтода буд,
К-аз фиғонам чархи гардун дар фироқ уфтода буд.
Бар сари ҳар хори мижгон лахте аз дил баста буд,
Чошнии дарди ҳаҷрам дар мазоқ уфтода буд.
Баски аз дарди ҷудоӣ беқарорӣ доштам,
Нолаҳои зори ман то субҳ тоқ уфтода буд.
Дафтари донишварииро ман мураттаб сохтам,
В-арна ин авроқ умре бесиёқ уфтода буд.
Чашми хунолуди Махфӣ з-аввали шаб то саҳар,
Имшаб аз бетоқатӣ бо тумтароқ уфтода буд.

277

То зи хокам ба таҳи  хок нишон хоҳад буд,
Чашми уммед ба роҳат нигарон хоҳад буд.
Бар умеди гули васли ту ба ҳар шому саҳар,
Мурғи рӯҳам ба бадан наъразанон хоҳад буд.
Нақди ҷонро бидеҳу ҷинси муҳаббат баргир,
То ба кай фикру ғами суду зиён хоҳад буд?
То бувад гардиши айём ба ҳам нозу ниёз,
Ҳамчу занҷири вафокаш ба кашон хоҳад буд.
Рафт ҳангоми баҳору гули доғам нашукуфт,
То ба кай ғунча дар он парда ниҳон хоҳад буд?
Боғбон ғарра ба хубии гулистон нашавӣ,
К-аз паи мавсими гул фасли хазон хоҳад буд.
Анқариб аст, ки аз ашки асирони ситам,
Сарбасар дашти ҷаҳон оби равон хоҳад буд.
Бар сари роҳи фано бош ба уммеди бақо,
Ки бар ин раҳгузари пиру ҷавон хоҳад буд.
Охири давр шуду нашъа ба ман ёр нашуд,
Магар ин нашъа ба даври дигарон хоҳад буд?
То зи ҷон ҳаст рамақ дар раҳи ҷонон, Махфӣ,
Бандаи бандаи ишқ аз дилу ҷон хоҳад буд.

278

Аз онам мурғи дил имшаб сӯи гулзор меояд,
Ки бо боди сабо бӯе зи зулфи ёр меояд.
Машав озурдадил, Маҷнун, зи санги кӯдакон ҳаргиз,
Ки з-инсон бар сари ошиқ бало бисёр меояд.
Зи бас Фарҳод зад теша ба кӯҳи Бесутуни ишқ,
Ҳанӯз аз Бесутун он нолаҳои зор меояд.
Сари осудагӣ дорӣ, сари аҳли маломат шав,
Ки бар сар ҳар чӣ ояд бар сари дастор меояд.
Чӣ ғам гар бар сари кӯят ба занҷири ҷунун оям,
Бараҳман ҳам ба гирди Каъба бо зуннор меояд.
Забунтар нест гар ҳар рӯз аз рӯзи дигар толеъ,

Чаро чанде маро имсол ёди пор меояд?
Гуруҳи офияткешон ҳазар аз мавҷаи тӯфон,
Ки аз дарёи чашмам ҷӯи хун бисёр меояд.
Ба тавфи каъбаи Лайлӣ аз он Маҷнун намеояд,
Ки Лайлӣ ҳар нафас дар дидааш сад бор меояд.
Сари дори муҳаббатро шариъатдон муҳайё кун,
Ки Мансури дигар, инак, ба пои дор меояд.
Ба вақти нотавониҳо зи болинам макаш доман,
Ки қувват дар аёдат бар тани бемор меояд.
Намедонам чӣ сир аст, ин ки дар дайру ҳарам, Махфӣ,
Ба гӯш аз ҳар тараф овози истиғфор меояд?

279

Гар сунбули зулфат ба харидор фурӯшанд,
Сад ҷон биситонанду яке бор фурӯшанд.
Бегонаи ақланд гуруҳе, ки маи ноб,
Дар кӯчаю бозор ба динор фурӯшанд.
Бардор ниқоб аз руху афкан ба ҷаҳон шӯр,
К-ин аҳли назар дида ба дидор фурӯшанд.
Зоҳид, бигусил субҳаву зуннор ба даст ор,
К-ин муғбачагон субҳаву зуннор фурӯшанд.
Кӯтаҳназарон ҳаст ватан аҳли ҳамамро,
Ҷое, ки ғаму дард ба хирвор фурӯшанд.
То чуғдсифат сокини вайронаи хешам,
Гӯ, хулди барин ҷумла ба ағёр фурӯшанд.
Махфӣ, ба ҷаве хулди баринро наситонанд,
Онон, ки дилу дидаи хунбор фурӯшанд.

280

Фироқам то ба кай аз дида хуноби ҷигар резад?
Сиришкам чанд чун оташ дур аз роҳи назар резад?
Мурувват мекунад бо ман ғами ҳиҷрон, ки бо захмам,
Фишонад резаи алмосу в-он гаҳ нештар резад.
Ба булбул бод арзонӣ гулу гулшан, ки пинҳонӣ
Гули ҳасрат ба домонам зи мижгон чашми тар резад.
Хуми майхонаи сабрам зи хуни дида лабрез аст,
Тунукзарфӣ кунад соқӣ, агар ҷоми дигар резад.
Ба сина оташе дорам, зи сӯзи доғи ҳиҷронам,
Ки аз таъсири мактубам шарар аз номабар резад.
Тамошо кай тавон кардан гулистони муҳаббатро?
Ки оташ аз замин рӯиду аз шабнам шарар резад.
Ғунуда то ба кай, Махфӣ, сарат бардор аз болин,
Ки файзи олами боло дар оғӯши саҳар резад.

281

Боз имшаб нолаи зорам парешон меравад,
Дасти бесабрии ман сӯи гиребон меравад.
Туҳфаи ашке, агар дорӣ, биёр, эй чашми тар,
Қосиди чоки гиребон сӯи домон меравад.

Дасти қудрат кӯтаҳ асту пой дар занҷири зулм,
Фитрати дуни ҳумам дунболи шӯхон меравад.
Нохудо, гар Нӯҳ бошад, дар муҳити офият
Киштии бахти забун дар мавҷи тӯфон меравад.
Рози худ ифшо макун, Махфӣ, ки дар роҳи талаб,
Қосиди зиндониён аз халқ пинҳон меравад.

282

Хонағоратшударо шамъу чароғе набувад,
Марди мотамзадаро завқи димоғе набувад.
Нашкуфад ғунчаи дил, то набувад файзи чаман,
Бода заҳр аст, агар гӯшаи боғе набувад.
Нест ором дили ғамзадаамро ба фиғон,
Дар ҷигар, то ки маро сӯзиши доғе набувад.
Саргаронӣ наравад аз сари ӯ то дами сур,
Ҳар кӣ ӯ маст ба домони аёғе набувад.
Нест бе рӯи ту дар дидаи ман партави нур,
Беҳ зи рӯи ту маро чашму чароғе набувад.

283

Зибас тӯфони ашк аз гиряаам дар чашми тар печад,
Нафас дар дил кунад тангиву оҳам дар ҷигар печад.
Барорад дуди оҳам сар, агар аз сар, макун айбам,
Ки бехуд ишқи печон дар баҳорони саҳар печад.
Ризоро бар қазо дардеҳ, ки бас амри маҳол аст ин,
Ки аз тадбири дасти мо сари дасти қадар печад.
Аз он гардад ниёзи ман ба нозат ҳар замон афзун,
Ки сайди тоза зери дом бар худ бештар печад.
Кунад сайди басе дилҳо чу сайёди маҳи ҳуснат,
Ба қасди сайд бикшояд сари зулфи камар печад.
Зи ҳинду бӯи куфр ояд, агар дар ҳар нафас худро,
Ба оби зиндагонӣ шӯяду дар мушки тар печад.
Зи ашкам чеҳра гулгун шуд намози шомро, тарсам,
Ки Махфӣ шуълаи оҳам баногаҳ дар саҳар печад.

284

Наштаре ку, то ки реши синаро марҳам ниҳад?
Шодию ғамро даме рӯе ба рӯи ҳам ниҳад.
Нест коми дил муяссар дар раҳи оворагӣ,
Шод бошад ҳар кӣ дил дар ҳалқаи мотам ниҳад.
Дар гулистони таманно ҳар саҳар бар рӯи гул,
Аз сиришки булбулон боди сабо шабнам ниҳад.
Нола бе таъсир гардад чун бурун ояд зи дил,
Ку диле то дар ҳуҷуми дард лаб бар ҳам ниҳад?
Дафтари уммедро гирад чу Махфӣ дар канор,
Ҳар кӣ банди сабрро бар пои дил маҳкам ниҳад.

285

Боз ҷамъанд ба гирди ту парешоне чанд,
Лофи ишқи ту занад бе сару сомоне чанд.
То ба кай шамъсифат гармии бозор кунӣ?
Маҳви дидори туянд оҷизу беморе чанд.
Баски аз ҳаҷри ту лахти ҷигар аз дида фишонд,
Оварам туҳфа ба гулзори ту домоне чанд.
Тоби ҳаҷри ту надоранд, Худоро, бигузар,
Бори дигар зи сари ҷурми пушаймоне чанд.
Рафт аз дидаи Махфӣ ҳама атфоли сиришк,
Роҳи кӯи ту гирифтанд парешоне чанд.

286

Хушо, он дил, ки побанди сари зулфи парешон шуд,
Чу ғунча доманаш пурхун, чу гул чокаш гиребон шуд.
Макаш, эй дил, зи домони муҳаббат дасти ҳимматро,
Ки дасти ҳар кӣ кӯтаҳ шуд аз ин доман, пушаймон шуд.
Сари худ гӯи паймони муҳаббат кардаам рӯзе,
Ки ҳусни ту савори асбу тори зулф чавгон шуд.
Зибас хуни ҷигар дар ҳаҷри ту аз дида мерезад,
Биё, дар киштии чашмам нишин, ҷонон, ки тӯфон шуд.
Магар дидӣ ба хоб имшаб ҷамоли дӯстро, Махфӣ?
Ки ҳар кас дид имрӯзат тааҷҷуб карду ҳайрон шуд.

287

Дӯш дуди ҳавасам боз сарам бар мешуд,
Лаби уммеди ман аз хуни ҷигар тар мешуд.
Боз савдои ғами тоза ҷунун сохта буд,
Нағмаи шавқи ту то субҳ муқаррар мешуд.
Бо ғамат нолаи дил дастугиребон шуда буд,
Машқи савдои ту бар ҳарду музаффар мешуд.
Чун ҷарас мурғи дилам нола парешон мекард,
Ҳар нафас дафтари анфоси ман абтар мешуд.

288

Баски тифли орзуям нуки ханҷар мемакад,
Дар гумон афтад, ки шояд шири модар мемакад.
Ҳарфи ишқат бар забони фикри ҳар кас бигзарад,
Аз забони шуъла лаззат чун самандар мемакад.
Аз лаби ширини ҷонон ҳар кӣ ширин лаб кунад,
То қиёмат аз лаби худ ширу шаккар мемакад.
Дар раҳи кӯи муҳаббат аз маломат хорҳост,
Раҳнаварди ишқ нӯш аз нешу наштар мемакад.
Махфиё, гардад ба давлат шаҳсаворе ҳамрикоб,
К-оби теғ аз дидаи хунноби ҷавҳар мемакад.

289

Диле, к-аз ғам ҳаросад, ӯ мурувватро намешояд,
Надорад захми дил ҳар кас, шаҳодатро намешояд.

Ба маҳшар ҳар киро набвад зи тори зулф зунноре,
Бувад бегонаи дину шафоатро намешояд.
Нахоҳад ҳар кӣ дар ишқат сабақ дар мактаби маънӣ,
Имоми аср агар бошад, имоматро намешояд.
Ба хун оғушта гар набвад кафан дар хок ошиқро,
Шаҳиди акбар ар бошад, зиёратро намешояд.
Раҳи ишқ аст, эй Махфӣ, муҷаррад боядат рафтан,
Ки гар Исо бувад ҳамраҳ, рафоқатро намешояд.

290

Ба нокомӣ ба ғурбат рӯ ниҳодам, то чӣ пеш ояд?
Инони дил ба дасти ҳаҷр додам, то чӣ пеш ояд?
Басе кардам такопӯю набурдам раҳ ба мақсуде,
Ба гирдоби муҳаббат уфтодам, то чӣ пеш ояд?
Харидам нақди оламро ба дарди зиндагӣ охир,
Матои дил дар ин савдо ниҳодам, то чӣ пеш ояд?
Шудам Маҷнуну саргардон зи бахти вожгун охир,
Дар ин водӣ ба ҷони номуродам, то чӣ пеш ояд?
Нашуд гар тоза коми ман ба ҷоми офият, Махфӣ,
Ба ҷоми ғам лабе бар ҳам ниҳодам, то чӣ пеш ояд?

291

Ҳар кӣ рӯи талаб аз хоки дарат баргирад,
Хок гардад ба кафаш, гар ба масал зар гирад.
То ба маҳшар бувад аз бодаи шавқат беҳуш,
Ҳар кӣ як ҷуръа ба ёди ту зи соғар гирад.
Сӯзиши сина,  дило, аз асари оҳ мапурс,
Ки ба як шуълаи он кавну макон даргирад.
Хоҳам аз сӯзи фироқи ту нависам, тарсам,
К-оташе дар сухану номаву дафтар гирад.
Махфиё, нест дигар тобу тавоноии ғам,
Вой, гар чарх ситамро ба ман аз сар гирад.

292

Зи истиғно нигоҳе гар туро бар мо намеуфтад,
Намеранҷам ҳуморо соя чун ҳар ҷо намеуфтад.
Хаёли ишқ аз чашмам намеояд аз он берун,
Ки дар олам дур(р)и макнун ба ҳар дарё намеуфтад.
Чу аз шасти нигаҳ ногаҳ кушоӣ новаки нозе,
Даруни синаи мо ҷӯ, ки дигар ҷо намеуфтад.
Зи ҳиҷрон шуд қади Махфӣ мисоли ҳалқаи қавсе,
Вале аз қуввати шавқат ҳанӯз аз по намеуфтад.

293

Туро ҳар гаҳ гираҳ аз турраи торрор бикшояд,
Дили боди саборо уқдаҳо аз кор бикшояд.
Намедонам чӣ сеҳри Сомирӣ дорад сари зулфат,
Ки гар бинад бараҳман риштаи зуннор бикшояд.

Баҳор аз худ чӣ менозӣ, ки хуни чашми Фарҳод аст,
Ки гул бо доғи дил дар домани кӯҳсор бикшояд.
Ниҳад бар пои афғонам сари таслимро булбул,
Зи дарди ишқ, агар мурғи дилам минқор бикшояд.
Туву гулзор, эй булбул, ки мастони муҳаббатро,
Гули мақсуд аз лаъли лаби дилдор бикшояд.
Зи лавҳи дил фурӯ шӯяд ҳадиси ишқро, Махфӣ,
Касе, к-ӯ номаи дарди туро як бор бикшояд.

294

То ба гулзори ҷаҳон он гули раъно сар зад,
Равнақи ишқ фузун гашту таманно сар зад.
Дар адам рӯзи азал тантанаи ҳусни ту буд,
Ки ба майдони ҷаҳон ин ҳама ғавғо сар зад.
Ҷилваи ҳусни ту бар домани кӯҳсор гузашт,
Обу оташ зи дили синаи хоро сар зад.
Зи ҳамин дар кафи Мӯсо бувад эъҷози асо,
Сад чу эъҷози асо з-он яди байзо сар зад.
Партави ҳусни туро дид чу хуршед зи дур,
Ба дару бом баромад, ба тамошо сар зад.
Ғунчасон то лаби майгуни ту хандон гардид,
Лаъл аз сангу зи ям лӯлуи лоло сар зад.
То ту кардӣ ба чаман нағмасароӣ, Махфӣ,
Наргису сунбули тар аз дили анбар сар зад.

295

Шаб маро захри ғамат дар устухон ҷо карда буд,
Дар давои дарди ман кори Масеҳо карда буд.
Ҳамчу парвона дилам бар гирди фонуси хаёл,
То саҳар мегашт, дидорат таманно карда буд.
Аз муҳаббат дур бошад, дар тариқи ошиқӣ,
Он ситамҳое, ки Юсуф бар Зулайхо карда буд.
Дар сари кӯҳи маломат роҳҳо тай кардаам,
Дашпаймоӣ ҳамин Маҷнун на танҳо карда буд.
Дӯш шуд ҳамбазми ман он нозанин, Махфӣ, вале
Фитнаҳои тозаро аз ноз барпо карда буд.

296

То чашми ту фитнаи ҷаҳон шуд,
Теғи ситами ту ҷонфишон шуд.
Шуд синаи ошиқон нишона,
Тири нигаҳат чу дар камон шуд.
Ҷон гашт асири шаҳнаи ишқ,
Дар банди каманди маҳвашон шуд.
Бишкуфт туро чу ғунчаи лаб,
Мурғи дили рӯҳ дар фиғон шуд.
Бе рӯи ту навбаҳори айём,
Дар дидаи орзу хазон шуд.
Азбаски зи ҳаҷр нола кардам,

Ҳар мӯй маро сари забон шуд.
Гуфтӣ, ки зи ғам бимир, Махфӣ,
Алминнатулиллаҳ, ончунон шуд.

297

Гардат чу ба рӯи мо нишинад,
Оташ ба дили сабо нишинад.
Тире, ки зи шасти чарх ояд,
Дар дидаи бахти мо нишинад.
Хоре, ки ба дашти даҳр рӯяд,
Дар пои умеди мо нишинад.
Ҳар дил, ки ба дард ошно шуд,
Ҳайф аст, зи ғам ҷудо нишинад.
Махфӣ, чу дилат асири ғам шуд,
Имрӯз дигар куҷо нишинад?

298

Ба сина гар ғаматро ҷо набошад,
Ба олам ҳамчу ман танҳо набошад.
Чароғи зиндагонӣ аз ту равшан,
Чунин шамъе ба маҳфилҳо
набошад.
Биё, дар чашми ман чун нур ҷо кун,
Ки бе ту мардумакро ҷо набошад.
Ба дарди ишқ, эй шӯхи ҷаҳонсӯз,
Касеро ақли побарҷо набошад.
Зибас нолам зи дарди ҳаҷр, Махфӣ,
Чу ман мурғе ба гулшанҳо набошад.

299

Гар саҳар бӯй аз он зулфи дуто бархезад,
Дили ушшоқ чу булбул ба наво бархезад.
Ҳар кӣ дар ҳалқаи доми сари зулфи ту фитод,
То қиёмат натавонад, ки зи ҷо бархезад.
Гар биронӣ, наравам аз сари кӯят ҳаргиз,
Ҳар кӣ биншаст ба мақсуд, чаро бархезад?
Рафт агар дида чу Яъқуб, дил, аз по манишин,
Бӯ, ки як бори дигар боди сабо бархезад.
Хирмани анҷуму афлок бисӯзад, Махфӣ,
Оҳи сарде, ки ниҳон аз дили мо бархезад.

300

Ҳар кӣ дар ишқ роз мегӯяд,
Ҳарфи сӯзу гудоз мегӯяд.
Нолаи зори андалеби чаман,
Аз адоҳои ноз мегӯяд.
Шарҳи шавқи ту мекунад тақрир,
Ҳар чӣ дар парда соз мегӯяд.

Ҷазбаи ишқ бо дили Маҳмуд,
Шарҳи зулфи Аёз  мегӯяд.
Доми зулфат ниҳон ба мурғи дилам,
Қиссаи кабку боз мегӯяд.
Махфиё, рози ошиқон бошад,
Ҳар чӣ бонги намоз мегӯяд.

301

Биё, биё, ки маро тоби интизор намонд,
Инони дил зи кафам рафту ихтиёр намонд.
Нишаст новаки бедод бар дилам чандон,
Ки чашми аҳли қаламро сари шумор намонд.
Сабо, биё, ба тамошо, ки дар ҳадиқаи мо,
Зи боди ҳодисааш ғунчаву баҳор намонд.
Фишонд хуни дилам он қадар, ки андар хок,
Ки боғи айши маро ҳоҷати баҳор намонд.
Дило, зи гардиши айём беқарорӣ чист?
Чу даври Хусраву Ширин ба як қарор намонд.
Зи гулситони муҳаббат нишон маҷӯ, Махфӣ,
Ки ғайри доғи дилу синаи фигор намонд.

302

Биё, ки бе гули рӯят ба дида об намонд,
Зи сӯзи оташи ҳаҷрат ба сина тоб намонд.
Зибаски хуни ҷигар хӯрдам аз пиёлаи чашм,
Ба базми офиятам лаззати шароб намонд.
Сабо зи лутфи ту бӯе ба саҳни боғ овард,
Зи шавқи рӯи ту як ғунча дар ниқоб намонд.
Нишаст бар гули рӯи ту чун арақ зи ҳаё,
Бирехт ранги гулу равнақи гулоб намонд.
Биё, биё, ки зи бедоди ҳаҷр Махфиро,
Ба сина тоқати сабру ба дида об намонд.

303

Ёди боғе, ки гулаш ҳалқаи мотам бошад.
Нахли уммед зи хуни мижжа хуррам бошад.
Лаб чӣ сон дар бағали ханда кушоям, ки мудом
Равнақи кори ман аз ашки дамодам бошад.
Наравам аз паи дармону бимирам зи алам,
Гар давобахш маро Исии Марям бошад.
Ранҷи беҳуда чу булбул макаш, эй дил, ҳаргиз,
Баҳри он гул, ки дар он бӯи вафо кам бошад.
Накашад миннати пажмурдагӣ аз ғам, Махфӣ,
Ҳар киро чашм пур аз ашк чу шабнам бошад.

304

Зи қонуни тараб имшаб маро савте ба гӯш омад,
Ки аз таъсири он мурғи дилам бас дар хурӯш омад.

Нашуд соқӣ ба осонӣ муяссар бодаи гулгун,
Зибас хуни ҷигар хӯрдам, ки ин оташ ба ҷӯш омад.
Аз он афтода дар гулшан зи мастӣ бехабар наргис,
Ки боди субҳдам имшаб зи кӯи майфурӯш омад.
Фиканда беҳ бувад он сар, ки аз савдо бувад холӣ,
Сари бе ишқ назди мо саросар бори дӯш омад.
Зи бори ғам чунон мастам, ки ҳар кас бинадам, гӯяд:
«Аҷаб девонае, Махфӣ, ба кӯи майфурӯш омад».

305

Маро андуҳу ғам ҳар дам фузун аз пеш мегардад,
Замона бесабаб бар нуҳ бисоти хеш мегардад.
Ба сина оташе дорам, ки гар набзи маро бинад,
Табиби меҳрубонро дасти ҳикмат реш мегардад.
Макун озори ман, носеҳ, ки маҷруҳи муҳаббатро,
Зи ковишҳои ҳар соат ҷароҳат беш мегардад.
Фалакро бо вуҷуди он қадар сомони худрой,
Агар як дам нагардад дар ба дар дарвеш мегардад.
Надонам баъд аз ин Махфӣ, чӣ орад бар сарам толеъ?
Ки акнун нӯш баръакси муродам неш мегардад.

306

Дар базми дардмандон завқи тараб набошад,
Лаззатшиноси меҳнат роҳатталаб набошад.
Бояд ниҳод аввал доғи ғуломии ишқ,
Ҳар носия, ки он ҷо аслу насаб набошад.
Хуршеди ишқ ҳар ҷо як бор ҷилвагар шуд,
То рӯзи ҳашр он ҷо таъсири шаб набошад.
Саргаштаи биёбон лабташна то ба кай Хизр?
Оби ҳаёт беҳтар з-оби инаб набошад.
Дар роҳи ишқ, Махфӣ, Маҷнунсифат қадам неҳ,
К-он ҷо мақоми ишқ аст, ҷои адаб набошад.

307

Новаки нози ту гар бар ҷигари реш расад,
Ҷони ғамдида ба мақсуди дили хеш расад.
Гар шавад қисмати меҳнат зи дабирони фалак,
Кавкаби бахт маро аз ҳама кас беш расад.
Шикваам нест зи бегона, ки бар ҷону дилам,
Ҳар ҷафое, ки расад, аз тарафи хеш расад.
Тай кунӣ гар ҳама олам зи паи ҳашмату ҷоҳ,
Нест мумкин, ки зи мақсуми азал беш расад.
Рӯ натобам, ба Худо, аз дари ғам, гар ҳама умр
Ҷигари реши маро коми дил аз неш расад.
Гар кунад килки қазо қисмати рӯзӣ аз нав,
Ҳисса хуноби ҷигар боз ба дарвеш расад.
Баҳри рӯзӣ макун андеша, ки Махфӣ, охир
Ризқи мақсум расад, гарчи пасу пеш расад.

308

Гар ба гулшан бӯи он зулфи парешон бигзарад,
Гул шавад шармандаву булбул зи бӯстон бигзарад.
Ҳар кӣ бинад шамъи рӯву сунбули зулфи туро,
Волаву шайдо шавад, аз куфру имон бигзарад.
Баски дар ҳаҷри ту гирям зор чун абри баҳор,
Ҷои ашкам хуни дил аз ҷайбу домон бигзарад.
Бими расвоии ишқ, ин ор аз дунҳимматӣ,
Ҳар кӣ сайди ишқ шуд, бояд, ки аз ҷон бигзарад.
Махфиё, оҳу фиғонат чист чандин? Лаб бибанд,
Ҳайф бошад нола аз чоки гиребон бигзарад.

309

Маро аз гулшани васли ту ҳар гаҳ ёд меояд,
Дилам булбусифат дар нолаву фарёд меояд.
Муҳаббат чун занад бар дил, машав аз ҳоли дил ғофил,
Ки қасди сайд дорад ҳар куҷо сайёд меояд.
Зи шасти ғамзаи ҷонон, агар тире бурун ояд,
Ба истиқболи ҷон додан аҷал чун бод меояд.
Напиндорӣ, ки баъди марг хомӯшам, биё, бишнав,
Ки аз санги мазорам нолаю фарёд меояд.
Ба домони шикебоӣ кашам пои таҳаммулро,
Ки Махфӣ бар сарам султони адлу дод меояд.

310

Маро бе ту назар ҳар гаҳ, ки бар гулзор меуфтад,
Ба дил оташ, ба сар савдо, ба дида хор меуфтад.
Бад-ин хубию зебоӣ, ту ҳар гаҳ дар чаман оӣ,
Ба побӯси ту чун гул бехуду саршор меуфтад.
На гул бошад, ки мерезад, зи саҳни гулшан аз гулбун,
Бувад хуни дили булбул, ки аз минқор меуфтад.
Машав озурда гар афтад гираҳ дар риштаи корат,
Чу роҳибро гираҳ дар риштаи зуннор меуфтад.
Дили марде ба даст овар, агар марди раҳӣ, Махфӣ,
Ки дилҳоро ба дилҳо дар ҳақиқат кор меуфтад.

311

То маро занҷир дар пои дили девона шуд,
Дӯст шуд душман марову ошно бегона шуд.
Баски бо мо кард бедоде ҷафои рӯзгор,
Қиссаи Фарҳоду Ширин сарбасар афсона шуд.
Ҳамчу Маҷнун кори мо охир ба расвоӣ кашид,
Оқибат моро ватан дар гӯшаи вайрона шуд.
Ҷонфишонӣ кард парвона, ки бо рухсори шамъ,
Шамъро ҳам оқибат ҷон дар ғами парвона шуд.
Аз хуморолудагӣ, Махфӣ, намеояд бурун,
Ҳар кӣ аз рӯзи азал дурдикаши паймона шуд.

312

Ба сӯи дилшудагон, гар туро гузар уфтад,
Ба доғҳои куҳан оташи дигар уфтад.
Зибаски оташи шавқи ту дар назар дорам,
Ба ҷои ашк маро шуъла дар назар уфтад.
Зибаски аз ғами айём хуни дил хӯрдам,
Зи нӯки ҳар мижаам лахте аз ҷигар уфтад.
Ман он самандари ишқам, ки гар барорам оҳ,
Зи сӯзи синаи ман шуъла дар саҳар уфтад.
Ҳазор нола барояд зи турбати Махфӣ,
Насими кӯи туро гар ба он гузар уфтад.

313

Онон, ки ба ғайр аз ту ба ҳам хона насозанд,
Бо ҳеҷ кас аз маҳраму бегона насозанд.
Маҷнунсифатон ҷуз раҳи водӣ нашиносанд,
Дар даҳр ба ҷуз гӯшаи вайрона насозанд.
Носеҳ, раҳи худ гир, ки мастони муҳаббат,
Бегонаи ақланд ба фарзона насозанд.
Дасти ману домони кулолон ба қиёмат,
Гар хоки маро соғару паймона насозанд.
Дар ишқи ту оташ ба ҷигар зад дили Махфӣ,
Ушшоқи ту бо шуъла чу парвона насозанд.

314

Маъшуқ агар зи хубӣ андоза гум намекард,
Саҳҳофи ишқ ҳаргиз шероза гум намекард.
Соқӣ, агар бидодӣ соғар ба дасти мастон,
Як дил дар ин таманно хамёза гум намекард.
Лайлӣ, агар набудӣ хоҳони васли Маҷнун,
Роҳи ҳарам ба водӣ ҷаммоза гум намекард.
Рафтӣ зи сина берун, мурғи дилам шаби ҳаҷр,
Гар дар ҳавои васлат дарвоза гум намекард.
Нодон, агар набудӣ дар мулки Ҳинд, Махфӣ,
Аҷзои умри худро шероза гум намекард.

315

Умеди васл, агар бошад, зи ғам дилреш кай монад?
Гадо чун ошно гардад ба шаҳ дарвеш кай монад?
Касе, к-ӯ шуд гирифтори сари зулфи парешоне,
Дигар онро чу Маҷнун фикри кори хеш кай монад?
Ҷунун ҳар сӯ сухан ронад зи савдои сари зулфе,
Маҷоли гуфтугӯи ақли дурандеш кай монад?
Ту хоҳӣ судаи алмос резу хоҳ марҳам неҳ,
Ҷароҳат чун шавад носур ҳам аз реш кай монад?
Касе к-аз дасти ғам ҳар дам зи хуни дил кашад ҷоме,
Чу Махфӣ ҳамқафас бо ақли дурандеш кай монад?

316

Чӣ кунӣ ту қасди мулке, ки ба тохтан наярзад?
Чӣ шавӣ ту гарми водӣ, ки шинохтан наярзад.
Макун ошноӣ, эй дил, ба касе, ки назди доно
Ду-се рӯз ошноӣ ба шинохтан наярзад.
Шавад ар ҷаҳон мусаххар, чу Сикандарам саросар,
Наниҳам бинои қасре, ки ба сохтан наярзад.
Шавам ар чу шамъ равшан ба бисоти зиндагонӣ,
Ба Худо, ки рӯшноӣ ба гудохтан наярзад.
Ҳама гӯш шав ту, Махфӣ, зи ман ин тарона бишнав,
Ки ба ғайри сози сина ба навохтан наярзад.

317

Хаёли гулшани васлат чӣ сонам дар назар ояд?
Ки аз гиря дур(р)и ашкам зи хуноби ҷигар ояд.
Саропо шодиям ҳар шаб ба ҳар гулшан саросема,
Ки шояд бӯи васлат аз дами боди саҳар ояд.
Надорам орзу ҷуз ин, ки бинам як раҳе дидор,
Маро дасти ҳавас бо ту дар оғӯши камар ояд.
Назар бар раҳ чу Яъқубам гирифта домани саҳро,
Ки шояд нашъаи бӯе зи раҳ бори дигар ояд.
Гули пажмурдаи Махфӣ шавад равнақдеҳи гулшан,
Насими васли ҷонон гар маро аз раҳгузар ояд.

318

Ману он ҷоми истиғно, ки дар Кавсар намегунҷад,
Ману он бодаи ишқе, ки дар соғар намегунҷад.
Макун беҳуда озорам, насиҳатгӯ, чӣ медонӣ?
Ки оби дидаи ошиқ ба баҳру бар намегунҷад.
Ба пеши он қади мавзун, на танҳо ман шудам Маҷнун,
Зи ишқат шуълае дар синаи Озар намегунҷад.
На аз дунё хасе дорам, на парвои касе дорам,
Диле дорам саросар ғам, ғами дигар намегунҷад.
Ниҳам дар ҳар нафас доғе аз он бар дасти дил, Махфӣ,
Ки савдои ҷунун дигар маро дар сар намегунҷад.

319

Маро бе гулшани рӯят гулу гулшан чӣ кор ояд?
Беҳ аз гулшан бувад гулхан агар бӯе зи ёр ояд.
Фурӯғи лаззати дунё ду рӯзе бештар набвад,
Шароби шомро охир зи пай субҳи хумор ояд.
Ғанимат дон ту суҳбатро, ки баъд аз ин дар ин гулшан,
Басе гулҳо шавад хандон, басе фасли баҳор ояд.

320

Гар на Маҷнунам, чаро завқи ҷунунам додаанд?
Дар муҳаббат гиря чун аз ҳад фузунам додаанд?

Гар на афзун аст ишқи ман зи Фарҳод, аз чӣ рӯ
Сад ҳазорон кӯҳи ғам чун Бесутунам додаанд?
Нест таскини диламро бе навои булбуле,
Нашъаи осудагӣ аз арғунунам додаанд.
Улфати ҳамхонагӣ ғамро ба ман имрӯз нест,
Он сияҳбахтам, ки ҷои шир хунам додаанд.
Шиква аз бегонагону ошноён чун кунам?
Махфиё, рӯзи азал бахти забунам додаанд.

321

Гирифторе, ки манзил бо нигоре муттасил дорад.
Дар услуби муҳаббат сад чу Маҷнунро хиҷил дорад.
Ба доми Сомирӣ ҳаргиз нагардад сайд сайёде,
Касе к-андар сари зулфи нигоре мурғи дил дорад.
Ҳавои хуш гулу гулшан ба мо ҳам бод арзонӣ,
Ки ин вайронаи мо ҳам ҳавои муътадил дорад.
Зи нахли орзу, Махфӣ, умеди самрае бошад,
Ниҳоли зиндагӣ то ришта андар обу гил дорад.

322

Нашъаи бодаи ишқам зи дил осон наравад,
Балки ин нашъа зи дил то бувадам ҷон наравад.
Фикри савдои ту аз сар ба ҷафое нашавад,
Ҷавҳари теғ ба соидани суҳон наравад.
Аз парешонии дил ҷамъ нагардад ҳаргиз,
Хар кӣ дар силсилаи ишқ парешон наравад.
Аз дили ғамзада ҷуз нола таровиш накунад,
Ашк бевосита аз дидаи гирён наравад.
Ғунчаи дидаи Яъқуб нагардад хандон,
То насими саҳар аз Миср ба Канъон наравад.
Хат, ки  афтод паи ҳусни ту,  дорад арзе,
Хизр беҳуда паи чашмаи ҳайвон наравад.
Мебарад сели сиришкам ба биёбон, Махфӣ,
В-арна кас бесабабе сӯи биёбон наравад.

323

Чанд нахли орзуям хори ғам бор оварад?
То ба кай ин гулситонам ҷои гул хор оварад?
Ҳамчу Юсуф рӯ ба деворам дар ин зиндони ғам,
Ғамгусоре ку, ки бо ман рӯ ба девор оварад?
Нола кай хезад ба ғайр аз нашъаи рӯзи азал,
Захмаи мизроби қонунро ба гуфтор оварад?
Баски кардам нола имшаб, захми дил носур шуд,
Ку Масеҳо то давои дарди бемор оварад?
Дар азал тақдири Юсуф бо Зулайхо рафта буд,
В-арна шоҳеро гадое кай ба бозор оварад?
Водии оворагӣ, Махфӣ, гулистон мекунам,
Баски хуноби ҷигар чашми гуҳарбор оварад.

324

Шуд баҳору ғунчае аз гулбуни мо сар назад,
Булбуле чун мурғи дил дар гулшани мо пар назад.
Пеши аҳли донишу биниш чу нобино бувад,
Ҳар кӣ бар чашми таманнои талаб наштар назад.
Ашки ҳасрат рехтам, чандон ки дар боғи умед,
Ғайри хори ғам гиёҳе з-ин гулистон сар назад.
Гашт дар зиндони ғам чашми умеди ман сафед,
Ҳеҷ дасти ошноӣ ҳалқае бар дар назад.
Махфиё, дар рӯзи маҳшар бенасиб аз Кавсар аст,
Он кӣ дасти дӯстӣ бар домани Ҳайдар назад.

325

Ҷазбае хоҳам, ки бар қалби парешонам занад,
Оташе дар пунбаи доғи дилу ҷонам занад.
Сина моломоли дарду дида лабрези сиришк,
Ку ҷунуне, то ки дасте бар гиребонам занад?
Рӯ ба ҳар водӣ, ки орам дар раҳи оворагӣ,
Аз қазо андешае дасте ба домонам занад.
Киштии умрам равад дар мавҷаи тӯфон, чӣ ғам?
Нохудое ку, ки дам аз мавҷи тӯфонам занад?
Ваҳ, чӣ хуш бошад, ки барқи тешаи Фарҳоди ишқ,
Оташе дар хонумони куфру имонам занад.
Ҷон фидои наргиси мастонааш, к-аз рӯи ноз
Бар ҷигар аз аз як нигаҳ сад захми пайконам занад.
Ҳар замон, Махфӣ, хаданги ғамзаи таннози ман,
Дар даруни сина бар дил захми пинҳонам занад.

326

Касе, ки оташи ишқи ту ихтиёр кунад,
Сазад, ки хонае дар синаи чанор кунад.
Ба боғ рафтану гул чидан аз мурувват нест,
Маро, ки дидаи гул ашк дар канор кунад.
Ба ёди гулшани рӯят ба сони мурғи чаман,
Даруни сина дилам нолаҳои зор кунад.
Ба ҷои ғунча барорад сар аз замин пайкон,
Ба ҳар замин, ки хаданги ғамат шикор кунад.
Ту бо ҳаёву нигаҳ беҳаё, аз он тарсам,
Ки суҳбати ту ба ӯ беҳаё барор кунад.
Забони ҳавсала бодо бурида он касро,
Ки пеши ғайр шикоят зи рӯзгор кунад.
Гузашт,  он ки нигоҳам зи рашк ашкамро,
Ба сони қатраи симоб беқарор кунад.
Ту меравию ба ҳамроҳии ту мехоҳад,
Ки нури мардумак аз дидаам фирор кунад.
Ҳазор нола маро дар дил аст, метарсам,
Ки нолае зи миён дар дили ту кор кунад.
Ғуломи ҳалқабагӯши ту гашт, то Махфӣ,
Ба коинот аз ин фахр ифтихор кунад.

327

Машқу савдои ҷунунам боз домангир шуд,
Риштаи донноиям дар пои дил занҷир шуд.
Қатраи хун буд дил дар сина, он ҳам об шуд,
Ҳиммате, ёрон, ки дилро кор аз тадбир шуд.
Бас ба ҳайронӣ ниҳодам рӯй бар девори ғам,
Пайкари ман сониуснайни рухи тасвир шуд.
Мужда деҳ боди сабо аз мо ба арбоби нишот,
К-аз сиришки мо замини Ҳинд чун Кашмир шуд.
Шуд чунон кӯтоҳ умри офият дар даври мо,
К-аз фироқи дидани рӯи ҷавонӣ пир шуд.
Шаб гарав бурам ба афғон аз дили танги ҷарас,
Ҳар кӣ паҳлӯям нишаст, аз нолаам дилгир шуд.
Махфӣ, уммеди раҳоӣ то ба рӯзи ҳашр нест,
Хоки ғурбат ҳар киро дар маҳд домангир шуд.

328

Зи хуни дил ҷигарро вом карданд,
Шароби ишқ онро ном карданд.
Дилу ҷон мегудозад оташи ишқ,
Ҳаваснокон хаёли хом карданд.
Хуморолудагони бодаи ишқ,
Ба ҷои бода хун дар ҷом карданд.
Ба қасди сайди дилҳо нозанинон,
Сари зулфи парешон дом карданд.
Ҳаловатдидагони шарбати ишқ,
Зи заҳри ноб ширин ком карданд.
Муҳаббат чок зад домони Юсуф,
Зулайхоро абас бадном карданд.
Касонеро расад лофи муҳаббат,
Ки ҷон таслими як ибром карданд.
Сиришки дидаро бо оташи дил,
Мураккаб карда ҳиҷрон ном карданд.
Дигар, Махфӣ, чӣ фикри нангу ном аст,
Ҳарифон чун туро бадном карданд.

329

Дӯш бар ёди ту моро суҳбати мастона буд,
Пур зи хуни дидаву дил соғару паймона буд.
Ишқ ҳар ҷо шамъи асрори муҳаббат барфурӯхт,
Қиссаи Лайлию Маҷнун пеши он афсона буд.
Аз маломат шуҳраи офоқ шуд Маҷнуни ишқ,
Санги тифлон равнақи бозори он девона буд.
Ҳайрате дорам, ки ҳарфи ишқ Маҷнунро кӣ гуфт?
Дар ҳарими хоси Лайлӣ, к-ошно бегона буд.
Шаб ба уммеди хаёлат хона хилват доштам,
Шамъи базморои ман болу пари парвона буд.
Ҷои ҳайрат нест, гар резад зи дил нақди сухан,
Ганҷи Қорун солҳо, Махфӣ, дар ин вайрона буд.

330

Кас ҳусн чу ёри мо надорад,
Зулфе чу нигори мо надорад.
Ойинаи мо зи айб пок аст,
Даст ойинадори мо надорад.
Пажмурда гулаш зи хок рӯяд,
Абре, ки баҳори мо надорад.
Бенур бувад, гар офтоб аст,
Чашме, ки ғубори мо надорад.
Мо нури ду чашми офтобем,
Хуршед иёри мо надорад.
Қосид, ки ба нома мекунад фахр,
Мактуби диёри мо надорад.
Мо булбули боғи орзуем,
Ин боғ баҳори мо надорад.
Ранг аз асари ҳаё нагирад,
Дасте, ки нигори мо надорад.
То об кунем заҳраи шер,
Ин беша шикори мо надорад.
Чун ғунча гули шукуфта бошад,
Ҳар дил, ки ғубори мо надорад.
Хубон зи назорае биранҷанд,
Ин зобита ёри мо надорад.
Дар кишвари ҳусн эътиборе,
Ҷуз нақшу нигори мо надорад.
Дар боғи биҳишт андалебе,
Савте чу ҳазори мо надорад.
Бо ин ҳама зӯр Рустами Зол,
Дасте чу чанори мо надорад.
Хомӯш зи гуфтугӯй, Махфӣ,
Толеъ сарукори мо надорад.

331

Ғам тоқати ёри мо надорад,
Айши ту ба кори мо надорад.
Зоҳид бинишин, ки лайлатулқадр,
Нури шаби тори мо надорад.
Моем ва косаи гадоӣ,
Гар шоҳ ба кори мо надорад.
Шашдаршудаи замона моем,
Кас тоби қарори мо надорад.
Мо беҳудагӯву ҷангҷӯем,
Даврон сару кори мо надорад.
Дар бонги ҷарас асар набошад,
Чун нолаи зори мо надорад.
Бас шуълаи оҳи мо чароғе,
Гар лавҳи мазори мо надорад.
Шаб бӯсу канори мо кунад ашк,
Кас бӯсу канори мо надорад.
Дар роҳи вафо зи ҷо наҷунбад,

Ҳар пой, ки хори мо надорад.
Бас мурғи дилам ба сина нолон,
Гар нола ҳазори мо надорад.
Дарди сари бедимоғӣ орад,
Ҳар май, ки хумори мо надорад.
Дорад ҳама чиз, лек инсоф,
Афсӯс, ки ёри мо надорад.
Махфӣ, ману гӯшаи қаноат,
Чун бахт ба кори мо надорад.

332

Дӯш обе бар рухи зардам зи чашми тар заданд,
Аз гули гулзори ишқам дастае бар сар заданд.
3-аввали шаб дидаву дил бо хаёли рӯи дӯст,
То тулуъи субҳ аз хуни ҷигар соғар заданд.
Мурдам аз лабташнагию тар накардам кому лаб,
Ҷоми истиғнои ман бурданду дар Кавсар заданд.
То бихонам хутбаи ишқи туро пинҳон зи халқ,
Дар даруни каъбаи дил баҳри ман минбар заданд.
Хар кӣ чун Маҷнун ба водии муҳаббат по ниҳод,
Бар сари хори мағелон баҳри он наштар заданд.
Бар дили мо дар даруни сина аз мижгони ноз,
Нозанинон новаке бар новаки дигар заданд.
То нагардад воқифи роҳи муҳаббат ҳеҷ кас,
Шабравон занҷир бар пои дили раҳбар заданд.
Аз дари дайру ҳарам азбаски ҳоҷат хостам,
Куръаи корам ба акси муъмину кофар заданд.
Аз даруни каъбаи мақсуд нашнида ҷавоб,
Дардмандони муҳаббат ҳалқаҳо бар дар заданд.
Баски менолад дилам дар сина аз аҳли ситам,
Доди ман доданду бар аъдои ман ханҷар заданд.
Аз фурӯғи партави рӯи паризодони ҳусн,
Оташи бетоқатӣ дар синаи Озар заданд.
Кӯч кун, Махфӣ, аз ин водӣ, ки арбоби ҳимам,
Хаймаи ворастагӣ дар водии дигар заданд.

333

Ошиқонро ҳама дам машқи ҷунун бояд кард,
Аз дил андешаи беҳуда бурун бояд кард.
Гар ба лаб ташнаи хун асту дилам ташнаи хун,
Дида ҳайрон, ки дар ин воқеа чун бояд кард?
Рафт айёми гулу ғунчаи доғам нашукуфт,
Гиря чун абр ба ин бахти забун бояд кард.
Дидани ёр зи ағёр ба мардӣ набувад,
Зан, ки аз хона бадар рафт, бурун бояд кард.
Рафт, Махфӣ, хирад аз дасту ҷунун кор насохт,
Баъд аз ин беҳтар аз ин машқи ҷунун бояд кард.

334

Дӯш дар хоби ман он мояи танноз омад,
Мурғи дил дар қафаси сина ба парвоз омад.
Ҳар садое, ки зи пои нафаси дил бархост,
Нола бархост, ки ороми дилам боз омад.
Гар наояд ба кафам домани васли ту ба саъй,
Шукрилилаҳ, ки ғами ҳаҷри ту дамсоз омад.
Гар равад ҷон, наравад аз сари кӯят, Махфӣ,
Хуни дил хӯрда басе то ба ватан бозомад.

335

Боз аз чашмам хаёлаш аз паи дил меравад,
Ҳамнишинон, ҳиммате, к-аз дасти ман дил меравад.
Лаззати теғи ҷафо то ёфт мурғи дил зи шавқ,
Мекашад парвозу бехуд сӯи қотил меравад.
Дарнамегирад фусун девонаи ишқи туро,
Аз паи Маҷнун абас мири қабоил меравад.
Дар қиёмат нест аз ашки надомат ҳосиле,
Чун қатори ҳафтаи айём ғофил меравад.
Лаб бибанд аз нола, Махфӣ, з-он ки бе бонги ҷарас,
Корвони ишқ аз ҳар сӯ ба манзил меравад.

336

Дар ҳаҷри ту з-ин беш маро тоб наояд,
Бе рӯи ту дар дидаи ман хоб наояд.
Аз гиряи ман дидаи ғамдида ҳазар кун,
Киштӣ, ки фурӯ рафт, ба гирдоб наояд.
Фонус баровар зи бадан пираҳани ноз,
Пӯшида катон кас бари маҳтоб наояд.
Махфӣ, набувад лоиқи дидори таҷаллӣ,
Чашме, ки дар он ашк зи хуноб наояд.

337

Эй дил, биёву хонаи умрат хароб гир,
Бар ёди рафтагон ду-се ҷоми шароб гир.
Фурсат шумар ғанимату дарёб файзи умр,
Гул чин ба рағми булбулу булбул ба хоб гир.
То кай барои дона ту бошӣ асири дом?
Эй мурғи дил, бар оташи ҳасрат кабоб гир.
Ҳар давлате, ки чеҳра намояд, ҳубоб дон,
Ҳар меҳнате, ки рӯ бидиҳад, мавҷи об гир.
Бар кору бори ҳеҷ кас ангушти рад манеҳ,
Ҳар заррае, ки ҳаст, маҳу офтоб гир.
Аз гардиши замонаву гардун машав малул,
Ин киштзори тухми надомат шароб гир.
Бар рӯи хеш меҳнати айём дарписанд,
Ҳар мушкиле, ки рӯ бидиҳад, фатҳи боб гир.
Ҳар пардае, ки аз рухи мақсуд барфитад,
Бар чеҳраи муроди худ онро ниқоб гир.

Махфӣ, биё, ба арсаи девони мулки Ҳинд,
Мардона ҳар савол, ки дорӣ, ҷавоб гир.

338

Эй зи ишқат ҳар дамам дар дил таманнои дигар,
В-эй зи шӯрат дар сарам ҳар лаҳза савдои дигар.
Безорам аз фарзонагӣ, Маҷнунаму хоҳам зи дил,
Бошад ба ҳар бозори ғам ҳаррӯз савдои дигар.
Бинам маҳи ҳусни туро, гар филмасал дар ойина,
Бояд даруни чашми ман сад чашми бинои дигар.
Махфиё, то кай тавон бурдан ба сар дар мулки Ҳинд?
Рафт умр аз даст ин ҷо, то нашуд ҷои дигар.

339

Эй наргиси масти туро  дар ҳар нафас нози дигар,
В-эй турраи зулфи туро бо ҳусни ту рози дигар.
Осон набошад ошиқӣ, эй дил, туро қонунсифат,
Бояд ба тори ҳар раге оҳангу овози дигар.
Носеҳ, макун озори ман, пинҳон намонад ошиқӣ,
Ояд бурун дар ҳар нафас аз дида ғаммози дигар.
Аз шавқи гулзори рухат бошад ба мурғони чаман,
Ҳар лаҳза мурғи рӯҳро дар сина парвози дигар.
Махфӣ, чӣ бим аз маҳшарат ҳар дам чу дар зиндони ғам
Дорӣ зи ҳаҷри дӯстон анҷому оғози дигар?

340

Гар толиби шавқӣ сари занҷири ситам гир,
Маҷнуни ҷунун бошу раҳи водии ғам гир.
Хоҳӣ, ки ғуборе ба дилат роҳ наёбад,
Миннат макаш аз шодиву ҷом аз кафи Ҷам гир.
Субҳи тарабу шоми ғами даҳр мусовист,
Бархоста чун оташу биншаста чу ям гир.
Бар ҳар варақи дафтари мақсуд қалам каш,
Авроқи таманно ҳама уфтода зи ҳам гир.
Чун бод барад бар дари ҳар нокасу ҳар кас,
Гар бурд раҳи шеваи арбоби ҳимам гир.
Чун даст дар оғӯши хазон аст чаманро,
Дар гӯшаи вайронаи худ боғи Ирам гир.
Дар базми тараб булҳавасон роҳзанонанд,
Махфӣ, ба алам хӯ куну домони алам гир.

341

Маҳрамӣ дар базми ҷонон, хешро бегона гир,
Дасти дил бардор, он гаҳ домани ҷонона гир.
Баҳри оби талх, соқӣ, миннати соғар макаш,
Пур зи оби дида кун ҷомеву чун паймона гир.
Умр шуд сарфи буту бутхона, эй ҳиндинажод,
Аз барои имтиҳон якрӯза роҳи хона гир.

Шамъи дилро барфурӯзад, сайри боғи гиря кун,
Нолаву сӯзи ҷигарро булбулу парвона гир.
Дар раҳи дониш, агар дорӣ ҷаве фарзонагӣ,
Хешро бегона дон, фарзонаро девона гир.
Гаштаӣ чун сайди сайёди аҷал, эй бехабар,
Оламеро дар миёни доми обу дона гир.
Фикри ободӣ дар ин вайрона, Махфӣ, то ба кай?
Ин куҳанвайронаро, охир, ту ҳам вайрона гир.

342

Раҳнаварди ишқро бо кӯҳу бо ҳомун чӣ кор?
Ошиқи саргаштаро бо гардиши гардун чӣ кор?
Чун даройи корвони ишқ менолем зор,
Булбули боғи тарабро бо дили пурхун чӣ кор?
Дил ҷудо менолад аз ғам, дида мегиряд ҷудо,
Мардумони хонаро бо мардуми берун чӣ кор?
Чеҳраам з-ошуфтагӣ, гар нест гулгун, бок нест,
Мардуми ошуфтаро бо чеҳраи гулгун чӣ кор?
Ошиқи девонаам, бегонаи афсуну панд,
Шоире девонаро бо нашъаи афюн чӣ кор?
Гаҳ итобу гаҳ хитобу гаҳ тағофул кардан аст,
Нози Лайлоро ба озори дили Маҷнун чӣ кор?
Ман, ки Махфӣ, рӯзу шаб мисли қамар дар ақрабам,
Толеи наҳси маро бо толеи маймун чӣ кор?

343

Дареғ, дарди дилам чашми ашкбори дигар,
Ки доди хешситонам зи гиря бори дигар.
Баҳори умр гузашта чу навниҳоли чаман,
Маро ҳамеша бувад чашми пурбаҳори дигар.
Ба рӯзгор, дило, ҳамчу дида улфат гир,
Ки фасл оқибат ояд ба рӯзгори дигар.
На ёри хеш бувад он, на ёри бегона,
Ки пеши ёр шикоят кунад зи ёри дигар.
Ҳазор шиша тиҳӣ кард аз ҳавас, Махфӣ,
Ҳанӯз дар дили ман ҳаст хор-хори дигар.

344

Эй дил биёву қасри умедат хароб гир,
Дасти шароби ҳарду ҷаҳонро ба об гир.
Соқӣ, чу базми бодакашонро хумор нест,
Пур кун зи об шишаву пур аз шароб гир.
Чун дар қафои партави ҳар нур зулмат аст,
Дунболи хеш сояи пурофтоб гир.
Ҳар шабнаме, ки сабзнишин шуд, баҳор дон,
Ҳар гул димоғ тоза намояд, гулоб гир.
Бунёди ҳастият чу насиме кунад хароб,
Нақши вуҷуди хеш чу мавҷи бар об гир.
Эй бехабар, зи ваъдаи фардо ғанимат аст,

Имрӯзро ту ваъдаи рӯзи ҳисоб гир.
Фасли баҳору бодаву Махфӣ шукуфтатабъ,
Мутриб ба ҳукми шаръи муҳаббат шароб гир.

345

Мекушоям ҳар нафас аз сабр пайванде дигар,
Бо шикебой тағофул мезанам чанде дигар.
Ман агар девона гаштам, ҳоҷати занҷир нест,
Ҳар замон ақлам ниҳад бар пои ман банде дигар.
То қиёмат гар наояд сӯи Канъон бӯи Миср,
Ҷои Юсуфро нагирад ҳеч фарзанде дигар.
Хоҳ хунамро бирезу хоҳ ҷурмамро бибахш,
Кофарам, гар бошадам ҷуз ту Худованди дигар.
Тавбаи Махфӣ надорӣ бовар, эй зоҳиршинос,
Мехӯрад, инак, ба хоки пот савганде дигар.

346

Девонаи ишқӣ, сафари шому саҳар гир,
Аз доираи ақл бурун роҳи дигар гир.
Побӯси раҳи водии ишқ обилаи пост,
Фаҳмида қадам дар раҳи ин марҳала дар гир.
Бе неши алам лаззате аз нӯш наёбӣ,
Бар бистари ғам по неҳу мақсуд ба бар гир.
З-он пеш, ки ояд ба ту он даври мусалсал,
Паймонаи худ пур шуда аз хуни ҷигар гир.
То домани Лайло ба иродат ба каф орӣ,
Маҷнунсифат аз ҳастии худ қатъи назар гир.
Аҷзои вуҷудат ба насим ҳаст парешон,
Асбоби тааллуқ ҳама мероси падар гир.
Иқбол чу мавқуфи ҳунар нест чу Махфӣ,
Дасти талаби хеш дар оғӯши камар гир.

347

Медиҳам Рахши ҷунунро боз ҷавлоне дигар,
Мезанам гӯи муҳаббатро ба чавгоне дигар.
Баски ғолиб шуд ҷунун бар ман ба зери пираҳан,
Дасти шавқам чок месозад гиребоне дигар.
Ҷон фидояш кардаму аз дил таманнояш нарафт,
Ваҳ, чӣ хуш будӣ, агар будӣ маро ҷоне дигар.
То хиҷил шуд Одам аз исёни худ, бар рӯи мо
Доғи хиҷлат мениҳад ҳар рӯз исёне дигар.
Ошиқам, ошиқ ба сони соя аз дунболи хеш,
Пур кунам аз санг дар ҳар кӯй домоне дигар.
Барнаёвардам бурун сар аз ҳуруфи сарнавишт,
Солҳо ҳар рӯз будам дар дабистоне дигар.
Ҳаминоне ку, ки гардонад иноны ихтиёр?
Аз кафи соҳибинонон сӯи майдоне дигар.
Сад Фалотун оҷиз ояд дар давои дарди ҳаҷр,
Ҷуз шикебоӣ надорад ҳеҷ дармоне дигар.

Қатъ бодо, дасти Махфӣ аз намакдони лабат,
Гар занад ангушти худро бар намакдоне дигар.

348

Эй мунаввар аз рухат ҳар рӯз айвоне дигар,
В-эй ҷамолат ҳар шабе шамъи шабистоне дигар.
Субҳи содиқро намози шом аз айвони ҳусн,
Бар ҳилоли абрӯят хуршеди тобоне дигар.
Ноқа гар  гум карда роҳи Каъба, Лайлиро чӣ ғам?
Каъбаи дилро бувад раҳ бар биёбоне дигар.
Панҷа зад дасти таманно боз дар занҷири зулф,
Дил гарав кардам ба пеши номусалмоне дигар.
Оташи намрудиёнро «лоуҳибб-ул-офилин»,
Бар Халили худ кунад ҳар дам гулистоне дигар.
Нохудо гар Нӯҳу гар Хизр аст дар дарёи ишқ,
Печиши ҳар мавҷ бошад мавҷи тӯфоне дигар.
Лахти дилро з-ӯ гарав банди ману мижгони ман,
Бар сари ҳар хор дорам рашки бӯстоне дигар.
Муъҷизи пайғамбарӣ ҳуснат, ки имон оварад,
Дар хами ҳар тори зулфат кофаристоне дигар.
То нишон аз Миср ҳастӣ, ҳаст ихвони ҳасад,
Дар чаҳ андозем ҳар дам моҳи Канъоне дигар.
Бар дилам, Махфӣ, сабук шуд бори ғам аз оҳи сард,
Кош мебудӣ маро оҳи парешоне дигар.

349

Эй маҳи ҳусни туро турраи шоме дигар,
В-эй маи ишқи туро соғару ҷоме дигар.
Халқи ҷаҳонро назар бар дару боми фалак,
Ҳусни туро ҷилвагоҳ бар дару боме дигар.
Қиблаи аҳли назар тоқи ду абрӯи туст,
Нест ба дайру ҳарам ҷуз ту имоме дигар.
Номи туро то дилам вирди забон кардааст,
Нагзарадам бар забон ҳарф зи номе дигар.
Бар сари дарёи ашк аз паи сайди нигаҳ,
Чашмаи ҳар мавҷаест ҳалқаи доме дигар.
Нест агар бехабар аз худу аз ғайр чист?
Шефтаи ишқро тарзи каломе дигар.
Гоми талаб нестам, з-он ки ниҳон дар талаб,
Дар паи ҳар гоми мост талхии коме дигар.
Рӯ ба адам дораму бо ту маро орзуст,
Дар сафари охирин як-ду-се гоме дигар.
Махфӣ, агар нестӣ, булҳаваси роҳи ишқ,
Аз сари хомӣ марав бар сари хоме дигар.

350

Рӯй бинмову ҷаҳонро бар дили мо танг соз,
Дар муҳаббат дидаву дилро ба ҳам як ранг соз.
Чарх гар ҳайфе кунад аз ҷумлаи эҳсон шумор,

Бахт агар номат барад, дастури ному нанг соз.
Раҳнаварди водии ишқӣ, муҷаррад аз ду кавн,
Ноларо мисли ҷарас дар роҳ пешоҳанг соз.
Муфлису мунъим зи ҷон фармонбари ҳукми туанд,
Подшоҳи мулки ҳуснӣ, такя бар авранг соз.
Ҷуз ҳарими каъбаи дил ҳеҷ ҷо ҷои ту нест,
Хона, Иброҳим, хоҳ аз хишту хоҳ аз санг соз.
Аз адаб дур аст гуфтан бо ту аз бедодият,
Гуфта шуд бо бахти худ к-ойинаро аз занг соз.
Бахти душманрӯзгорам, муддаӣ мардонадил,
Бар тан аз доғи шикебоӣ либоси ҷанг соз.
Ман, ки бигзаштам зи ҷони худ раги ҷони маро,
Хоҳ гардунришта гардон, хоҳ тори чанг соз.
Муҷтаҳидӣ дар луғат аз рӯи инсоф, эй хирад,
Абҷади ишқи бутон сардафтари фарҳанг соз.
Дар дили аҳли диле шояд кунад, Махфӣ, асар,
Дар Нишопурак навои ростро оҳанг соз.

351

Шуд баҳор, эй дил,  зи май коми аёғат тоза соз,
Бо ҳарифон сайри гулшан кун, димоғат тоза соз.
Булбули шӯрида то кай миннати абри баҳор?
Аз сиришки лолагун гулҳои боғат тоза соз.
Гиряи беҳуда то кай дида аз камфитратӣ?
Нохуни ҳиммат баровар, захми доғат тоза соз.
То набинӣ ранҷи худбинию бинӣ хешро,
Дар раҳи афкандагӣ ҳар дам суроғат тоза соз.
Махфиё, шаб шуд, баро аз шиша рашки офтоб,
Равшании маҷлису шамъу чароғат тоза соз.

352

Сӯхтам чун шамъ, ишқам хом мегирад ҳанӯз,
Дар тани беҷон дилам ором мегирад ҳанӯз.
Шуд димоғам дар сари савдову тартиби димоғ,
Дар димоғам равғани бодом мегирад ҳанӯз.
Ман ба нокомӣ гирифтору ба рағмам бахти бад,
Бар ман инро дар ҳисоби ком мегирад ҳанӯз.
Сӯхтам дар ишқ чун парвонаву Махфӣ, маро
Шамъу фонуси муҳаббат ном мегирад ҳанӯз.

353

Рафта аз гулшан баҳору булбули гулшан ҳанӯз,
Бо сабо аз шавқ дорад даст бар доман ҳанӯз.
Нест Яъқубе, ки ёбад аз дами боди сабо,
В-арна меояд зи Миср он бӯи пироҳан ҳанӯз.
Гашта аз боди сабо дасту гиребон дар ниқоб,
Ҷайби гул дорад ҳазорон чок то доман ҳанӯз.
Базми шодӣ гарм гашту суҳбати ғам баршикаст,
Бими ғам дорад маро дар нолаву шеван ҳанӯз.

Нақди ҷинси ман ба ғорат рафт аз беруни дар,
Ман даруни хона дорам чашм бар равзан ҳанӯз.
Шуълаи оҳи дилам, Махфӣ,  ҷаҳонеро гирифт,
Аз сияҳбахтӣ нашуд вайронаам равшан ҳанӯз.

354

Рафтӣ ба пеши дидаву ман бехабар ҳанӯз,
Дорам хаёли рӯи туро дар назар ҳанӯз.
Бо он ки чашми ман зи таманно сафед шуд,
Дорам ду дида бар раҳи боди саҳар ҳанӯз.
Эй гиря, ҳиммате, ки зи хунобаи ҷигар,
Дорам ҳазор Даҷла ба ҳар чашми тар ҳанӯз.
Хоки вуҷуди ман ғами ҳиҷрон ба бод дод,
Ман дар ҳавои васли туам дар ба дар ҳанӯз.
Махфӣ, агарчи хонахароб аз ҳунар шудам,
Дорам ҳавои суҳбати аҳли ҳунар ҳанӯз.

355

Кушодӣ то зи мижгон новаки ноз,
Нигаҳ бар ошиқон шуд новакандоз.
Асири ҳуснро набвад раҳоӣ,
Каманди зулф дору чангали боз.
Насиме гар кунад зулфат парешон,
Ба дом орад ҳама мурғони ҷонбоз.
Кунад ҳамчун кабӯтар мурғи рӯҳам,
Барои донаи холи ту парвоз.
Агар Махфӣ зи ман пурсад ғами ёр,
Миёни ошиқон гардам сарафроз.

356

Шуд баҳор аз шуъла обе бар гулу майхона рез,
Оби хунолуди ғам дар соғару паймона рез.
Баркушо дасти ҷунуну ҷайби дониш чок зан,
Бар сари фарзонагӣ хоки раҳи девона рез.
Гиря ғолиб гашту дил пурхуну май фаввора дод,
Дидаи хуноби дил бар сақфи ин кошона рез.
Дарнагирад шамъи базми нори оташ баъд аз ин,
Бар сари фонуси мо хокистари парвона рез.
Дар муҳити гуфтугӯ, Махфӣ, ба ғаввосии фикр,
Дар садаф чун абри найсон гавҳари якдона рез.

357

Мурдам аз заъфи хумору ташнаи комам ҳанӯз,
Мағз шуд дар устухонам пухтаву хомам ҳанӯз.
Шуҳраи офоқ гаштам дар мусибат доштан,
Ҳамчу тифлон дар раҳими даҳр гумномам ҳанӯз.
Дарнавардидам биёбони адамро сарбасар,
Монд зери пардаи оғоз анҷомам ҳанӯз.

Нотавониҳо чунонам кард, к-аз заъфи бадан,
Дод сайёдам наҷот аз меҳр дар домам ҳанӯз.
Шуд тиҳӣ хумхонаву паймонаи май баршикаст,
Ман дар ин даври мусалсал заҳрошомам ҳанӯз.
Дил зи дастам рафту савдои ҷунунам дар сар аст,
Талхии комам ба кому толиби комам ҳанӯз.
Офтоб ояд бурун, Махфӣ, ман аз бими асас,
Ҳамчу дарди дил ҷигар бар гӯшаи бомам ҳанӯз.

358

Аз он гӯям сухан ман камтар имрӯз,
Ки дорам ишқи дигар бар сар имрӯз.
Саманди ҳиммати худ кардаам зин,
Фалакро мениҳам ҷул бар хар имрӯз.
Чунон талхии айёмам рабуда,
Ки заҳр аст дар мазоқам шаккар имрӯз.
Намедонад касе қадрам, в-агарна
Манам оинаи Искандар имрӯз.
Задам сарпанҷае бо турраи зулф,
Зи ту гаштам мусалмонкофар имрӯз.
Ҳама хандон зи ман, гирён дар ин базм
Магар зоидаам аз модар имрӯз?
Пас аз умре ба бозӣ чеҳраи бахт,
Бурун меоварам аз шашдар имрӯз.
Биё, Маҷнун, ки Махфӣ аз назарҳо,
Манам дар роҳи водӣ раҳбар имрӯз.

359

Майкашон, ҳангомаи май гардиши ҷом асту бас,
Ҳосили май хӯрдани мо талхии ком асту бас.
Сайди ҳар сайёд гардад булбул аз бетоқатӣ,
Донаи мурғи муҳаббат ҳалқаи дом асту бас.
Ишқ афрӯзад чароғи ҳуснро дар шоми зулф,
Рӯшноӣ куфрро аз нури ислом асту бас.
Шод аз он гардам зи ғам, аз ғам шавад номам баланд,
Мардро мақсуд аз мардӣ ҳамин ном асту бас.
Кай ба бӯи пираҳан чашми касе равшан шавад?
Равшании чашми маҳҷурон зи пайғом асту бас.
Шиква аз бегонагону ошноён чун кунам?
К-он чӣ ояд пешам аз таъсири айём асту бас.
Марди раҳро андар ин раҳ зоди раҳ даркор нест,
Дурии роҳи ду олам ҳадди як гом асту бас.
Дард чун ғолиб шавад аз нола, Махфӣ, лаб бибанд,
Рози дил изҳор кардан шеваи ом асту бас.

360

Зоди роҳи ишқи Маҷнун чашми гирён асту бас,
Ошиқонро маскану маъво биёбон асту бас.
Гар вазад боди муроде ҳам наёяд бар канор,

Киштии мо номуродон мавҷи тӯфон асту бас.
Мешунидам ҳуснро сомони он дил бурдан аст,
Чун бидидам турраи зулфи парешон асту бас.
Сими даст афшор мехоҳӣ, ки баҳри имтиҳон,
Сими холис чеҳраи сими ятимон асту бас.
Гаҳ ниқоби рӯю гоҳе доми дилҳо мешавад,
Ҳуснро ҷамъият аз зулфи парешон асту бас.
Андалеб, аз бевафоиҳои гул ин шиква чист?
Шоҳиди гул дар вафо чоки гиребон асту бас.
Нолаву афғони ту пӯшида, Махфӣ, то ба кай?
Зинати гул дар чаман аз андалебон асту бас.

361

Эй ба ёди рӯи ту шамъи дурахшон дар қафас,
В-эй зи ҳиҷрони ту мурғи рӯҳ нолон дар қафас.
Гар набудӣ ин тақайюд боиси озодагӣ,
Ошён ҳаргиз накардӣ мурғи ризвон дар қафас.
Пай ба кунҳат чун барам, ё Раб, ки аз бедонишӣ,
Ақл ҳайрон монда чун тифли дабистон дар қафас?
Андалебон, дар қафас ин оҳу афғон  баҳри чист?
Метавон будан ба уммеди гулистон дар қафас.
Гар намебудӣ умеди васл, Махфӣ, як нафас,
Мушкил аз як дам тавонистӣ дилу ҷон дар қафас.

362

Аз диди ғамдидаи ҳоли дили пурхун мапурс,
Дар даруни хонаӣ, аз мардуми берун мапурс.
Ҳеҷ кас дар ҳеҷ гоҳ аз ҳоли дил огоҳ нест,
Нози Лайлӣ бину аз ҳоли дили Маҷнун мапурс.
Ҳар чӣ пеши ман бувад, аз қуввати толеъ бувад,
З-ин парешноии ман аз гардиши гардун мапурс.
Хонумонам рафт бар боди ситам, эй чашми тар,
Чун намепурсад касе аз ман, ту ҳам акнун мапурс.
Рашки дарёи муҳит аст ашки гавҳарбори ман,
Дида аз ман қиссаи афзунии Ҷайҳун мапурс.
Рӯзгоре шуд, ки ман дурдикаши майхонаам,
Махфиё, дар базми ман аз бодаи гулгун мапурс.

363

Дар муҳаббат гар набошад бар муроде дастрас,
Аз раги ҷон кун руфӯ андар дили худ ҳар нафас.
Интизоми олам ин бошад, ки аз шоҳу гадо,
Ҳеҷ касро бар муроди хеш набвад дастрас.
Нола то кай бар чаман, булбул, зи барбодии гул,
Нолае, гар мекунӣ, боре куҷо фарёдрас?
Аз тиҳидастӣ ба рӯзи маҳшарам андеша нест,
Ҳосили айёми умрам ҳасрати дидори кас.
Боғбон, ҳам як сабуҳе сайри боғам орзуст,
То ба коми дил насими боғ ояд як нафас.

Аз паи маҳмил марав, беҳуда, роҳи корвон,
Нолае, к-аз ту парешон нест побанди ҷарас.
Лоуболе меравам Махфию соғар мезанам,
Кофарам, гар бошадам андеша аз бими асас.

364

Пур шуд зи хуни дида маро то сабӯи хеш,
Дидам ба коми хеш рухи орзуи хеш.
Маҷнуну оҳу нолаю Фарҳоду тешае,
Мою ғами фироқу ҳамин гуфтугӯи хеш.
Пинҳон зи аҳли қофила дар сина чун ҷарас,
Дорам ҳазор нола гираҳ дар гулӯи хеш.
Гаштам чунон заиф, ки минбаъд боядам,
Махфӣ, ба зери ҷома кунам ҷустуҷӯи хеш.

365

Гар нишоти умр хоҳӣ бо ҳама якранг бош!
Сулҳ кун бо дигарон, бо хештан дар ҷанг бош!
Нест чун ному нишон з-оинаи Искандарӣ,
Гӯ, ниҳон оинаи мақсуди ман дар занг бош!
Нолаи афсурдадилро дар диле таъсир нест,
Мӯ ба мӯ чун андалебон толиби оҳанг бош!
Шишае, к-аз май тиҳӣ бошад ба ҳангоми баҳор,
Хоҳ бар рӯи гулу хоҳӣ ба зери санг бош!
Дар ҳавои нафс, Махфӣ, обрӯи худ марез,
Гар сабӯи орзу бишкуфта зери санг бош!

366

Эй дил, асири доми ҳавову ҳавас мабош!
Ғофил зи ёди ҳамнафасон як нафас мабош!
Саргашта рӯзу шаб ба таманнои ин ҷаҳон,
Бо нолаҳои зор ба сони ҷарас мабош!
Бар орзуи ботили худ остин фишон,
Дар зери бори миннати ҳар хору хас мабош!
Макшо забон ба гуфтушунуди ҳавои нафс,
Чун мурғи нуктасанҷ асири қафас мабош!
Хоҳӣ, ки обрӯй нарезӣ ба зери хок,
Бар суфраи замонаи дун чун магас мабош!
Махфӣ, зи номуродии айём нола чист?
Гар бар муроди хеш туро дастрас мабош!

367

Эй нола, биё, ҳамнафаси оҳи ҷигар бош!
Равнақдеҳи хуноби дилу дидаи тар бош!
То чанд тавон ғунчасифат бо дили пурхун?
Якчанд чу гул ҳамнафаси боди саҳар бош!
Хоҳӣ, ки туро дар назар ояд рухи хубон,
Бо рӯи накӯ оинаваш покназар бош!

Гар толиби васлӣ зи сари шавқ чу Яъқуб,
Чашме ба раҳу гӯш ба овози хабар бош!
Зад табли раҳили сафарат қофилаи умр,
Махфӣ, манишин ғофилу дар фикри сафар бош!

368

Ба чашмам шуд хаёлатро назар дӯш,
Бо оби зиндагӣ гаштам ҳамоғӯш.
Кашидам дӯш бар ёди ту ҷоме,
Ки бирбуд аз кафам фаҳму хирад, ҳуш.
Маро бояд зи ғайрат зуд мирам,
Ки шуд ҳамроз бо зулфат баногӯш.
Агар Махфӣ кунам аз рафтагон ёд,
Ман аз шодӣ кунам худро фаромӯш.

369

Гар сари осудагӣ дорӣ, ба ғам ҳамхона бош!
Аз тариқи офият, Маҷнунсифат, бегона бош!
Нашъаи завқе агар хоҳӣ зи савдои ҷунун,
Гоҳ масту гоҳ ҳушёру гаҳе девона бош!
Ҳар куҷо базми муҳаббат гарм гардад дар ҷаҳон,
Дар такаллум булбулу дар сӯхтан парвона бош!
Нола дар ҳангоми меҳнат ғояти дунҳимматист,
Нест яксон кори олам, Махфиё, мардона бош.!

370

Барояд гар туро дар гиря, эй шамъ, аз ҷигар оташ,
Ба ҷои ашк мерезад маро аз чашми тар оташ.
Бисӯзад андалебонро ба гулшан ҳамчу парвона,
Занад гар барқи оҳам дар дили боди саҳар оташ.
Зи гиря мекунам худро тасаллӣ, в-арна кай мирад
Ба об афшондани чашмам чу сар зад аз ҷигар оташ?
Зи чирки маъсият, Махфӣ, зибас олудадомонам,
Нагирад аз хиҷолат доманамро дар саҳар оташ.

371

Нест дидан, гар муяссар, толиби дидор бош!
Ёр,  гар ёрат набошад, ту ба ёрат ёр бош!
То яке бошад аз ин маҳрам туро бегонагӣ,
Ёрро дар дил мабину маҳрами ағёр бош!
Раҳ хатарнок асту манзил дуру қаттоъуттариқ,
Нақди имон мерабояд, гуфтамат, ҳушёр бош!
Бар муродат гар нагардад, чархи гардон, гӯ, нагард,
Ин ду рӯзи зиндагонӣ, гӯ, туро душвор бош!
Баст, агар Махфӣ, дари гулшан ба рӯят боғбон,
Бар умеди нашъаи бӯ дар паси девор бош!

372

Дар базми адаб роҳ чу ёбӣ, баадаб бош!
Бикшо лаби гуфтори худу гӯш ба лаб бош!
Парвона, гарат хоҳиши парсӯхтанӣ нест,
Чун шамъ дар ин силсила бегонаталаб бош!
Имшаб шаби васл асту ба коми дили хешам,
Эй субҳ, Худоро, нафасе ҳамдами шаб бош!
То гарди малоле ба дилат роҳ наёбад,
Махфӣ, ба ғамат хӯ куну безори талаб бош!

373

Ошиқам, ошиқ, маро гар ҷон набошад, гӯ, мабош!
Дарди ошиқро агар дармон набошад, гӯ, мабош!
Ҳар баҳореро чу осеби харобӣ дар пай аст,
Ғунчаи дил гар маро хандон набошад, гӯ, мабош!
Ман, ки чун парвона бар оташ задам худро чу шамъ,
Бар сарам гар маҳраме гирён набошад, гӯ, мабош!
Ман, ки додам дил ба савдои парирӯёни Ҳинд,
Рози пинҳонам, агар пинҳон набошад, гӯ, мабош!
Киштии умрам фано шуд дар муҳити орзу,
Дидаамро мавҷаи тӯфон набошад, гӯ, мабош!
Дил чу шуд сайди муҳаббат дар раҳи уммеду бим,
Гар биёбон маскани мардон набошад, гӯ, мабош!
Дар фароғат дил зи дастам рафту ҷон ҳам меравад,
Дар тани беҷони ман, гар ҷон набошад, гӯ, мабош!
Дар раҳат хуни ҷигар аз чашми дил афшондаам,
Гар ба хун оғуштаам, мижгон набошад, гӯ, мабош!
То ки маҳкуми саги нафсем, Махфӣ, ин қадар,
Гар сагеро қудрати фармон набошад, гӯ, мабош!

374

Аз оташи ғам шуд дили мо хонаи оташ,
Фонуси сари шамъ шарархонаи оташ.
Ҳар лаҳза занад шуъла ба дил оташи дурӣ,
То чанд тавон буд чу парвонаи оташ?
Бар воқеаи мо ҷигари сомеа сӯзад,
Афсонаи ман шуд магар афсонаи оташ?
Саҳни чаману бодаи гулгуну ҳарифон,
Мову ғами танҳоию паймонаи оташ.
Эй дида, Худоро, зи асар, оҳ, ки Махфӣ,
Бегонаи об аст, на бегонаи оташ.

375

Агар ошиқ шудӣ, девона мебош!
Гаҳе булбул, гаҳе парвона мебош!
Агар дар сар туро савдои ишқ аст,
Чу Маҷнун аз хирад бегона мебош!
Ба бегона агар дар ошноӣ,
Зи базми ошно бегона мебош!
Гулистон пургулу мино пур аз май,

Ба рағми булбулон мастона мебош!
Макаш бори маю соқиву мино,
Пур аз хуни ҷигар паймона мебош!
Ба водии муҳаббат з-оташи ишқ,
Гаҳе ғофил, гаҳе девона мебош!
Кушояд ҳар кӣ бандад дар ба рӯят,
Махӯр, Махфӣ, ғаму мардона мебош!

376

Фалак орад аз он густох Юсуфро ба бозораш,
Ки дорад чун Зулайхое зи ҷону дил харидораш.
Маҳи ҳусни ту рӯзафзун, агар чанде чунин бошад,
Шавад ҳар рӯз хуршеди дигар оинабардораш.
Набинад дидаи Маҷнун ба ғайр аз дидаи Лайлӣ,
Набошад ғайри Лайлӣ ҳам каси дигар талабгораш.
Биё, лабрез кун соғар чу мастон соғари майро,
Ки дар базми тараб з-ин беш натвон дид ҳушёраш.
Ба пеши барҳаманзода гарав кардам дилу динро,
Ки бошад тавқи мурғони ҳарам занҷири зуннораш.
Табиб, авқоти худ зоеъ макун ҳаргиз ба дармонам,
Ки завқи офият ҳаргиз надорад ҳеҷ бемораш.
Набинад рӯи озодӣ зи қайди худпарастиҳо,
Набошад ҳар кӣ чун Махфӣ зи ҷону дил харидораш.

377

Парид мурғи таманно зи ошёнаи хеш,
Ки ёфт донаи холи ту беҳ зи донаи хеш.
Ба дида равшании дида дарнамеояд,
Чу дар фироқи ту гум карда роҳи хонаи хеш.
Гузашт фасли баҳору бирафт мавсими гул,
Ҳанӯз булбули табъам паи фасонаи хеш.
Рақибу бодаи гулнору ёру саҳни чаман,
Ману сурохии чашму маи шабонаи хеш.
Зибаски арсаи майдони офият танг аст,
Замона муҳр ниҳад бар дари хазонаи хеш.
Замона душману толеъ забуну мардум дун,
Чӣ чизҳо, ки надидам дар ин замонаи хеш.
Ба нақди ҷон нафурӯшам ғами муҳаббатро,
Ба оламе надиҳам оҳи ошиқонаи хеш.

378

Биё, биёву зи ҳуснат ниқоб аз бар каш,
Зи рӯи лутф ба тақсири мо қалам даркаш.
Гузор хонаи фикру бигир мулки нишот,
Нишин ба маснади айшу шукуфта соғар каш.
Ба ишва оташи Намрӯдиён гулистон кун,
Ба ғамза ҳимаи Намрӯдиён ба оташ каш.
Ба дасти ҳар кӣ диҳӣ бодаи муҳаббатро,
Ба ҷоми бода, бигӯ, кимиёи аҳмар каш.

379

Агар марди раҳӣ, мастона мерақс!
Ба пеши маҳраму бегона мерақс!
Муҳаббат ҳар куҷо базме кунад гарм,
Ба сони булбулу парвона мерақс!
Машав аз баҳри дона сайди сайёд,
Чу мурғони чаман бе дона мерақс!
Либоси офият берун кун аз бар,
Чу оқил пеши ҳар девона мерақс!
Чу Маҷнун аз вафо дар ҷазбаи ишқ,
Ба ҳар вайронаи девона мерақс!
Ба базми май бинеҳ бар лаб лаби ҷом,
Ба ёди шишаву паймона мерақс!
Бигардад гар туро вайрона маъмур,
Ҳумоосо дар ин вайрона мерақс!
Мадеҳ, Махфӣ, зи каф ҷоми муҳаббат,
Миёни ошиқон мастона мерақс!

380

Ҳар киро гарм аст бо зулфи парешон ихтилот,
Нест чун бегонагон онро ба хешон ихтилот.
Гар дар ин гулшан сари парвоз дорӣ, андалеб,
Боядат бо хору гул пайваста яксон ихтилот.
Раҳнаварди ишқро дуриву наздикӣ якест,
Нест Маҷнунро ба водӣ ҷуз ба ҷонон ихтилот.
Ҳар киро дар сар фитод андешаи савдои ишқ,
Нест онро ҷуз ба оҳуи биёбон ихтилот.
Кунҷкови захми дил аз баҳри дармон то куҷо?
Захми теғи ёрро набвад ба дармон ихтилот.
Ноқа саргардон макун, Лайлӣ, ки Маҷнуни туро,
Нест дар водӣ ба ғайр аз чашми гирён ихтилот.
Бемурувват, ин тағофул чанд дар дармони васл,
То ба кай бошад маро бо дарди ҳиҷрон ихтилот?
Гарчи дардолудаам, дармон нахоҳам аз касе,
Нест бемори муҳаббатро ба дармон ихтилот.
Умр шуд сарфи фузулӣ, Махфиё, бикшой чашм,
То ба кай бошад туро бо булфузулон ихтилот?

381

Бе ту чӣ кор оядам сайри гулистону боғ?
Заҳр бувад ҷоми май бе ту маро дар аёғ.
Дини ман, имони ман, шамъи шабистони ман,
Нест маро ғайри ту мӯниси чашму чароғ.
Мушкфишонӣ кунам дар Хутану дар Хито,
Бӯи сари зулфи ту, гар хӯрадам дар димоғ.
Доғи даруну бурун гашт яке лоласон,
Чанд тавон, Махфиё, доғ ба болои доғ?

382

Гарчи бо бахти сияҳ дасту гиребонам чу зулф,
Дар талоши хештан бар хеш печонам чу зулф.
Бар рух аз ашки надомат хатту холе мениҳам,
Чеҳраорои рухи бахти парешонам чу зулф.
То нагардад ранг-ранги моҳи гулгун офтоб,
Соябони чеҳраи хуршеди тобонам чу зулф.
То нагардад чашми имову ишорат ошно,
Посбони сурати зебои хубонам чу зулф.
Баҳри таъйиди дилам доноие даркор нест,
Пой дар занҷир, ёри наварӯсонам чу зулф.
Ғам физояд бар дили ғамдидагон аз суҳбатам,
Доми дилҳои ғамолуди асиронам чу зулф.
Нест, Махфӣ, хотирам озурда аз ошуфтагӣ,
Сунбули лабташнаи чоҳи занахдонам чу зулф.

383

Омад бахору дод ба гулшан нидои ишқ.
Булбул барор нолаи созу навои ишқ.
Нашъунамо чу сабза  зи хошок бардамад,
Ёбад агар тарашшуҳи обу ҳавои ишқ.
Беҳуда ковиши ту ба набзам, табиб чист?
Дармони дардро накунад ҷуз давои ишқ.
Хоҳӣ ба сабр хӯ куну хоҳӣ ба оби чашм,
Ҷуз хуни дида ҳеҷ набошад давои ишқ.
Дар Бесутун ба ҳасрати дидор ҷон супурд,
Фарҳоди номуроди ту аз нолаҳои ишқ.
Маҷнун аз он зи дидани Лайлӣ зи ҳуш рафт,
К-ояд садои дард зи бонги дарои ишқ.
Киштӣ, агар шикаст, надорем биму ғам,
Бар сар мулозим аст маро нохудои ишқ.
Маҳмуду бахту нозу ниёзу худу Аёз,
Моему гӯшаеву ҳамин бурёи ишқ.
Ёрону базму бодаву ҳангоми офият,
Махфию дарду меҳнати беинтиҳои ишқ.

384

Эй дар хами зулфи ту парешон дили ошиқ,
В-эй пеши гули рӯи ту ҳайрон дили ошиқ.
Обе, ки ба сад хуни ҷигар ёфт лаби Хизр,
Дидаст дар он чоҳи занахдон дили ошиқ.
То зулфи ту сарриштаи зуннори бутон аст,
Ҳаргиз нашавад моили имон дили ошиқ.
То гашт лаби лаъли ту ҳамрози такаллум,
Хуни дили худ кард ба домон дили ошиқ.
Хоҳӣ ба сари дор бирав, хоҳ биёвез,
Аз кардаи худ нест пушаймон дили ошиқ.

385

Сазад мурғи чаманро мотами ашк,
Ки гул хуррам шавад аз шабнами ашк.
Набурдӣ раҳ ба водии муҳаббат,
Агар Маҷнун набудӣ ҳамдами ашк.
Зи гиря дидаро ҳар дам хаёл аст,
Аҷоиб олам аст, ин олами ашк.
Машав ғаммоз, эй дил, нола кам кун,
Ки набвад ғайри дида маҳрами ашк.
Бирез, эй дида, гар дорӣ сиришке,
Ки хандад ғунчаи гул аз нами ашк.
Бигирям ҳамчу шамъ аз оташи дил,
Бинолам ҳамчу булбул дар ғами ашк.
Зи дида ашки ҳасрат рез, Махфӣ,
Ки дорам бори дигар мотами ашк.

386

То зи гиря дар даруни дида нагзорем ашк,
Рӯзу шаб аз дида ҳамчун абр меборем ашк.
Ин куҳанбоғи таманно ҳаргиз ободон нашуд,
Хуни дил чандон ки меборему мекорем ашк.
Оташи дил аз сиришки дида таскине наёфт,
То ба кай дар дидаи гирён нигаҳ дорем ашк?
Рӯзу шаб аз гиряи ҳаҷри ту чун абри баҳор,
Бар сари мижгон зи хуни дида бишморем ашк.
Ҳиммате, Махфӣ, ки ҳангоми тамошои чаман,
Зоди раҳ аз дидаи хунбор бардорем ашк.

387

Ба қатли ошиқон кардӣ чу оҳанг,
Ҷаҳон аз завқ шуд бар ошиқон танг.
Хаёлат то даруни сина ҷо кард,
Бирафт з-оинаи мақсуди дил занг.
Кашад чун ғамзаи ту теғи бедод,
Парад аз рӯи сайёди аҷал ранг.
Манам он шишаи уммеди Фарҳод,
Ки резад бар сарам аз осмон санг.
Ба бӯстони муродам бишкуфад гул,
Бувад, Махфӣ, дар ин гулшан сабо ланг.

388

Эй рӯи зебои туро рашки гулистон дар бағал,
В-эй қадди раънои туро сарви хиромон дар бағал.
Ҳар чашми гирёни маро сад ҷӯи хун дар остин,
Ҳар новаки нози туро сад тири мижгон дар бағал.
Нозам ба чашми ошиқе, к-аз гиря дар зиндони ишқ,
Дорад зи ашки лолагун рашки гулистон дар бағал.
Булбул бувад сайри чаман, к-аз ашки хунолуди ман,
Дар дида дорам аз сабо сад боғу бӯстон дар бағал.
Гар Юсуфи вақти худӣ, ғофил зи ихвонат машав,

Зеро ки доранд аз ҳасад, сад чоҳи Канъон дар бағал.
Ҳар шуълаи оҳи маро сад гуна шӯр андар камин,
Ҳар новаки нози туро сад неши пайкон дар бағал.
Махфӣ, ба зиндони ҷафо аз дасти бедоди ғамат,
Чун ғунча дорад ҷайби гул сад чоки пинҳон дар бағал.

389

Дар хун нишастаам ҳама з-орзуи дил,
Дорам ба оби дида ҳаме шустушӯи дил.
Азбас зи дарду меҳнати ҳиҷрон гиристам,
Як қатра хун намонд маро дар сабӯи дил.
Гаштам чунон заъиф, ки дар тан нишон наёфт,
Чандон ки кард пайки ғамат ҷустуҷӯи дил.
Сӯзад ҳазор хирмани ғамро ба як нафас,
Сар барзанад чу шуълаи оҳ аз гулӯи дил.
Бас мурғи дил ба гиря зи ҳаҷри ту хӯ гирифт,
Хоҳам,ки рӯи дида гузорам ба рӯи дил.
Ҷонону базми бодаву ҳангома бо рақиб,
Махфиву дарди ишқу ҳамон гуфтугӯи дил.

390

Бода берун меравад аз даст чун ҳангоми гул,
Тоза кун бо акси булбул дар гулистон коми гул.
Булбулонро ғунчаи дил бишкуфонад орзу,
Гар ба гулшан оварад боди сабо пайғоми гул.
Аз таманно дар қафас булбул дарад ҷайбу бағал,
Бишнавад ҳар ҷо, ки булбул гуфтугӯи фоми гул.
То тавонӣ дар гулистон бодаро лабрез кун,
Чун надорад фурсати оғозро анҷоми гул.
Бишкуфад, Махфӣ, агар аз доғи дил, набвад аҷаб,
Боғбонро ид бошад мавсими айёми гул.

391

Гар сабо орад ба гулшан муждаву пайғоми гул,
Бишкуфад дил андалебонро чу гул аз номи гул.
Нолаву зорӣ намеояд ба гӯш андар чаман,
Шуд магар булбул асири ҳалқаҳои доми гул?
Боғбон фурсат ғанимат дону гул чин аз чаман,
К-эътимоде нест бар оғозу бар анҷоми гул.
Бишканад гар соғари мо дар чаман, соқӣ, чӣ бок?
Метавон нӯшид майро нимшаб аз ҷоми гул.
Ғунча бикшояд, чу бикшояд лабат дар бӯстон,
Дар такаллум аз табассум то ҳасад инъоми гул.
Шиша базморову гул хандону булбул нағмасанҷ,
Нест ҳангоми ҳарифон беҳтар аз ҳангоми гул.
Гул ба булбул бод арзониву булбул дар чаман,
З-он ки моро нест, Махфӣ, тоқати иброми гул.

392

Гирам ба дасти хеш аз он дар баҳор гул,
К-ояд бурун баҳор зи чӯбу зи хор гул.
То кай дар интизори насиме тавон нишаст,
То кай тавон муқими раҳи интизор гул?
Хоҳӣ аёғ пур куну хоҳӣ сабӯ зи ашк,
Мурғи чаман илоҷ надорад хумор гул.
Ҳангоми гул гузаштаву олам чу гулшан аст,
Бас доғи яъс карда дар ин рӯзгор гул.
Булбул ба коми хеш фиғон кун, ки нақди ашк,
Махфӣ, зи дида кард ниҳонӣ нисор гул.

393

Эй партави ҷамолат шамъи ҳазор маҳфил,
В-эй зулфи тобдорат ҳалли ҳазор мушкил.
Парвонавор гардад бар гирди шамъи рӯят,
Бинад агар рухатро ҳар ойина муқобил.
Мақсад туӣ зи Каъба, в-арна накардӣ, Махфӣ,
Ҳоҷӣ зи баҳри хона қатъ ин қадар мароҳил.

394

Дарде, ки ба дармони ту берун равад аз дил,
Сад ҳайф, ки он дард ба афсун равад аз дил.
Арбоби назарро ба яқин қатъи ҳаёт аст,
Он дам, ки хаёли лаби майгун равад аз дил.
Азбаски ба дил захми ситам хӯрдаму рафтам,
То шаҳр таҳи хок маро хун равад аз дил.
Гирам, ки ба марҳам ба ҳам ояд даҳани захм,
Он лаззати пайкони туам чун равад аз дил?
Махфӣ, ҷигари чарх шикофад зи сари дард,
Ҳар новаки оҳе, ки ба гардун равад аз дил.

395

Ту хам ҷониву ҳам ҷононаи дил,
Хаёлат меҳмони хонаи дил.
Зулайховор аз тасвири ҳуснат,
Мунаққаш кардаам кошонаи дил.
Муҳаббат ҳар куҷо базме кунад гарм,
Туӣ шамъу манам парвонаи дил.
Макун, соқӣ, дилам хун баҳри ҷоме,
Ки шуд пурхун дилу паймонаи дил.
Чу Маҷнун оқибат Махфӣ ба ҳар кӯ,
Маро шуд бармало афсонаи дил.

396

То чанд хуш нишастан баҳри димоғи мардум?
То кай тавон гузаштан бар тарфи боғи мардум?
Сандуқи синаи ман рашки гул асту гулшан,
Дорам зибас нуҳуфта дар сина доғи мардум.

Афсурдагӣ фазояд соғар ба ғайри дилбар,
Заҳр аст назди доно май дар аёғи мардум.
Беҳуда чанд Маҷнун саргаштаи биёбон,
Лабташнаву бараҳна баҳри суроғи мардум?
Бар табъи аҳли маҷлис, Махфӣ, гарон намояд,
Парвона ҷон фишонад гар бар чароғи мардум.

397

Гаҳ чу Маҷнун зи ҷунун домани саҳро гирам,
Гаҳ чу Лайлӣ зи алам турраи Лайло гирам.
Гаҳ занам панҷаи уммед ба сарпанҷаи яъс,
Гоҳ домони таманно ба таманно гирам.
Гаҳ ба нохун ҷигари ҳавсаларо бишкофам,
Гаҳ зи беҳавсалагӣ дасти атиббо гирам.
Гоҳ аз оташи дил нур ба зулмат бахшам,
Гоҳ аз бахти сияҳ партави байзо гирам.
Гоҳ дар буткада зуннор ҳамоил созам,
Гоҳ дар каъбаи дил рӯи мусалло гирам.
Бар хилофи асари муъҷиза носур кунад,
Марҳами захми ҷигар гар зи Масеҳо гирам.
Гаҳ чу Фарҳод дили санг ба фарёд орам,
Гоҳ чун теша бағал бо дили хоро гирам.
Гоҳ чун шамъ зи сар то ба қадам даргирам,
Гоҳ аз хуни ҷигар соғару саҳбо гирам.
Гоҳ аз нолаи дил кӯҳ дарорам ба фиғон,
Гоҳ аз гиря қарор аз дили хоро гирам.
Чӣ кунам, бахти забун, чарх ҷафопешаи ман?
Аз заъифӣ натавонам раҳи уқбо гирам.
Обрӯ рехтаам бас зи мазаллат бар хок,
Хоҳ оташ шаваму дар ҳама аъзо гирам.
Беш аз ин нест маро тоқати дурӣ зи дарат,
Ҳиммате деҳ, ки ба роҳат сари савдо гирам.
Аз гадоёни туам, Шоҳи Хуросон, мададе,
Ки чу мурғони ҳарам дар ҳарамат ҷо гирам.
Нест, Махфӣ, чу маро қудрати гуфтор ба сабр,
По ба домон кашаму домани Мавло гирам.

398

Ҷунунам мезанад бар сар, ватан вайрона мехоҳам,
Аз ин ноҳақшиносон хешро бегона мехоҳам.
Ба хун оғушта болу пар ба хоки роҳ меғалтам,
Адои ғамзае з-он наргиси мастона мехоҳам.
Бар оташ мезанам худро, надорам боли парвозе,
Ба пеши шамъи рӯят ҳиммати парвона мехоҳам.
Гирифтам ончунон улфат ба лаззатҳои ваҳму ғам,
Ки гӯши офиятро кар аз ин афсона мехоҳам.
Ба рағми ақл якчанде сари ошуфтагӣ дорам,
Даруни сина чун Маҷнун дили девона мехоҳам.
Сари бадмастие дорам, ба бадмастони ин маҷлис,
Пур аз хун дар сурохӣ соғару паймона мехоҳам.

Зи абнои замон, Махфӣ, чунон озурдадил гаштам,
Ки пок аз мардумони дида худро хона мехоҳам.

399

Мо дил ба абас пеши таманно наниҳодем,
Мо сар ба ҳавас дар сари савдо наниҳодем.
Маҷнуни ҷунунему вале бо адаби ишқ,
Густох қадам дар раҳи саҳро наниҳодем.
Мо ташналабонем дар ин бодия, аммо
Бе чашми таре руй ба дарё наниҳодем.
Мо ҷуръакашони маи ишқем, ки махмур,
Мурдему лабе бар лаби мино наниҳодем.
Ҳар ҷо, ки ниҳодем қадам, хори ситам буд,
Бе обилаи по ба замин по наниҳодем.
Махфӣ, ба фиғон кӯш дар он марҳала имрӯз,
Зоде зи барои раҳи фардо наниҳодем.

400

Боз мехоҳам, ки тарки дайру раҳбонӣ кунам,
Рӯ ба сӯи Каъбаву фикри мусалмонӣ кунам.
То ба кай дар хонаи дил нафси саг бошад муқим?
Дар ҳарими Каъба пинҳон чанд сагбонӣ кунам?
Чанд дасту по ба гил монанди тифлон хокбоз,
Хонаи ободро вайрон зи нодонӣ кунам?
Беҳ зи садсола ибодат бошад аз рӯи ниёз,
Нолае гар субҳгоҳе аз пушаймонӣ кунам.
Ҳайф меояд маро, Махфӣ, ки дар роҳи умед,
Нақди умри хешро сарфи парешонӣ кунам.

401

Рангомези ҷунунам, хона рангин кардаам,
Дурдошоми ғамам, паймона рангин кардаам.
Панҷаи шона ниҳам дар панҷаи занҷири зулф,
Даст рангин, панҷа рангин, шона рангин кардаам.
Барниҳад шояд, ки по бар дида, баҳри мақдамаш
Базм рангин, фарш рангин, хона рангин кардаам.
То кунад қасди шикоре гоҳ-гоҳе дар чаман,
Боғ рангин, об рангин, дона рангин кардаам.
Баҳри тифли орзу, Махфӣ, зи хуноби ҷигар,
Бар дари ҳар хонае афсона рангин кардаам.

402

Боз мехоҳам зи нав мотамсарое хуш кунам,
Баҳри таскини ҷунунам хоки пое хуш кунам.
Нохуни ошуфтагӣ бар риштаи ҷон мезанам,
К-аз барои мурғи дил созу навое хуш кунам.
Бо Язиди нафс мехоҳам сафоро̄й кунам,
Баҳри оини шаҳодат Карбалое хуш кунам.

Гар матои корвони Мисрро шояд сабо,
Пеши ман баҳри фиғон бонги дарое хуш кунам.
То ҳино бандам зи хуни даст талаб аз казлаке,
Чун Зулайхо дилбари Юсуфлиқое хуш кунам.
Бар тани ман мӯ ба мӯ аз сӯзи дил афгор шуд,
Баъд аз ин бояд маро дорушшифое хуш кунам.
Гоҳ дар базму гаҳе дар водию гаҳ дар ҳарам,
Ҳамчу Маҷнун аз ҷунун ҳар рӯз ҷое хуш кунам.
Дар раҳи бегонагӣ оинаи дил шуд сиёҳ,
Меравам, Махфӣ, ки тарзи ошное хуш кунам.

403

Лабташна бимурдем, паи об нагардем,
Чун Хизр паи об ба ҳар боб нагардем.
Мо булбули ишқем, вале лаб накушодем,
Сӯзем чу парвонаву бетоб нагардем.
Мо гармравони раҳи ишқем чу Мансур,
Аз дор натарсему зи аҳбоб нагардем.
То қиблаи мо тоқи ду абрӯи ту бошад,
Наздик ба бутхонаву меҳроб нагардем.
Оташкадаи синаи мо шуъланишин нест,
З-ин об наҷӯем, ки сероб нагардем.

404

З-андоза бурун дар дил андуҳу ғаме дорам,
Дар сина ба ҳар узве пинҳон аламе дорам.
Бас хуни ҷигар ояд аз гиря ба чашмонам,
Аз ҳар мижаам ҷорӣ ҷӯе зи ғаме дорам.
То чанд тавонад дӯхт ҷарроҳ ниҳон захмам,
Бар ҳар сари мӯ аз ғам захми ситаме дорам.
Дар қайди каманди ишқ уфтодаму озодам,
Дар сояи сарвеам, гар пушти хаме дорам.
Имрӯз, агар кардӣ, бар мо ситаме бигзашт,
Андешаи фардо кун, ман ҳам ҳакаме дорам.
Чон дораму мурғи дил дар пои ту афкандам,
Бар суфраи ихлос аст, гар бешу каме дорам.
Аз дуди кабоби дил аз аввали шаб то субҳ,
Афрошта бар гардун. Махфӣ, аламе дорам.

405

Зибас маҳви нигаҳ гаштам, фаромӯш аз нафас кардам,
Ду дасти ҷон чу парвона дар оғӯши ҳавас кардам.
Биёбони ғаму меҳнат тароватбахши бӯстон шуд,
Зибас хуни дил аз дида ба пои хору хас кардам.
Надорад хоҳиши гулшан дилам дар кунҷи танҳоӣ,
Туву гулзор, эй булбул, ки ман хӯ бо қафас кардам.
Нашуд Хизре дар ин водӣ ба оби зиндагӣ раҳбар,
Басе лабташнаву ҳайрон фиғон мисли ҷарас кардам.

Набурдам чун ба мақсад раҳ зи ҷустуҷӯ, агар Махфӣ,
Нишастам бо шикебоию аз рафтор бас кардам.

406

Риндему ишқбозем, парвои кас надорем,
Мастему лоуболе, бими асас надорем.
Рӯ аз ситам натобем, аз дарду ғам нанолем,
Ҷуз ҷон ба ғам супурдан дар дил ҳавас надорем.
Лабрез шуд зи нола конуни синаи мо,
Фарёди бетаҳаммул мисли ҷарас надорем.
Булбулсифат дили мо бо нола хӯ гирифта,
Боғему бӯстоне беҳ аз қафас надорем.
Махфӣ, ба мулки ҳастӣ бе ёру ошноем,
Ҷуз соҳиби ҳақиқат фарёдрас надорем.

407

То маҳи ҳусни туро хуршеди тобон дидаам,
Дар лаби лаъли лабат лаъли Бадахшон дидаам.
Бар рухи оинаат чашми нигаҳ бикшодаам,
Оби ҳайвонро дар он чоҳи занахдон дидаам.
Орзуҳоро зи дил яксар бурун афкандаам,
Юсуфи мақсудро дар чоҳи Канъон дидаам.
Дар муҳаббат дасти худ аз куфру имон шустаам,
Мурғи дилро сайди он зулфи парешон дидаам.
Гар нагирад дасти моро нохудое, гӯ, магир,
Киштии уммеди худро ғарқи тӯфон дидаам.
Бар ҷигар то новаки нози нигоҳат хӯрдаам,
Бар бадан ҳар мӯи худро неши пайкон дидаам.
Махфиё, дар банди зулфат молу ҷон бигзаштаам,
Меҳнатободи ҷаҳонро ҷумла вайрон дидаам.

408

Шаб аз дарди ҷудоӣ то саҳар фарёд мекардам,
Зи рӯи бехудӣ аз рӯзи васлат ёд мекардам.
Гаҳе парвонасон бар гирди шамъи оҳ мегаштам,
Гаҳ аз дарди ҷудоӣ нола чун Фарҳод мекардам.
Ҳуҷуми ғам шуд имшабончунон бар хотирам ғолиб,
Ки ҳар дам марги нав бар худ муборакбод мекардам.
Ба дил нақши хаёли дидани рӯи ту мебастам,
Ба уммеди висолат хотири худ шод мекардам.
Ба пеши шамъ ман имшаб ба ёди шамъи рухсораш,
Зибас мурғи таманно аз қафас озод мекардам.
Чу мурғони қафас ҳар дам ба ёди гулшани рӯят,
Фиғони тозаро дар дил зи ту бунёд мекардам.
Агар дар кишвари хубон касе доди касе додӣ,
Зи бедоди паризодон ҳазорон дод мекардам.
Набудӣ шӯр гар хуноби чашм аз гиря, эй Махфӣ,
Гулистоне ба ҳар вайронае ободмекардам.

409

Дар қофилаи шавқ чу  бонги ҷарас уфтам.
Сад марҳала ишқам чу ба роҳи ҳавас уфтам.
Аз хуни дилу дида ба домони таманно,
Сад рашки чаман дорам, агар дар қафас уфтам.
Бас доғ зи ҳаҷри ту ниҳодам ба рагу пай,
Тарсам, ки шавам оташу дар мушти хас уфтам.
Бе рӯи ту гар ҷониби гулшан назар уфтад,
Чандон ки қадам пеш ниҳам, бозпас уфтам.
Махфӣ, ба таманнои ҳавас чанд дар ин роҳ,
Дар пои хасу хор чу бонги ҷарас уфтам?

410

Мо аз шароби лаззати мастӣ гузаштаем,
Маҷнунсифат зи олами ҳастӣ гузаштаем.
Бар мо ғаму нишот надорад тафовуте,
Бисёр аз ин баландиву пастӣ гузаштаем.
То бурда ихтиёри муҳаббат инони мо,
Мо, Махфиё, зи дайрпарастӣ гузаштаем.

411

Ман он парвонаи шавқам, ки бар гирди шарар гардам,
Агар болу парам сӯзад, ба ғайр аз болу пар гардам.
Ба гулгашти гулистонаш чу булбул гар биёбам роҳ,
Насимосо ба гирди кӯи ӯ шаб то саҳар гардам.
Ба рафтан092 онч0ун гармам, ки водии муҳаббатро,
Агар аз по фурӯ монам, ба паҳлӯ ё ба сар гардам.
Ба ҳар ҷо ҳуснро бинам, зи ишқаш оташ афрӯзам,
Сипандосо ҷаҳам аз ҷову бар гирди шарар гардам.
Ба мақсад чун набурдам раҳ, ҳамон беҳтар бувад, Махфӣ,
К-аз ин водии бепоён ба роҳи рафта баргардам.

412

Мо тариқи ошиқӣ аз ишқи ёр омӯхтем,
Ин парешонӣ зи зулфи он нигор омӯхтем.
Ихтиёри гиряи мо дар кафи андеша нест,
Бехудӣ аз гиряи абри баҳор омӯхтем.
Гар расад сад фавҷи ғам аз ҷо наҷунбад пои мо,
Пой дар гил будан аз лавҳи мазор омӯхтем.
Бол бикшоем ба сайди зердасте ҳамчу боз,
Аз ҳумои авҷ ин тарзи шикор омӯхтем.
Гар хатое рафт аз мо, дилбаро, маъзур дор,
Расму оини адо аз рӯзгор омӯхтем.
Кай тавон Махфӣ зи дида рози дил пӯшида дошт?
Мо, ки аввал рози пинҳон ошкор омӯхтем.

413

Аз ишқи ту дар сина чӣ ғамҳо, ки надидем,
Дар роҳи ту аз гиря чӣ гулҳо, ки начидем.
Аз гиря зи дурии ту чун шишаи пурмай,
Сар то ба қадам хун шуда аз дида чакидем.
Умрест, ки дилро зи ғами сина хабар нест,
Ҳарчанд аз ин воқеа гуфтему шунидем.
Ҳар заҳр, ки дар ғамкада карданд муҳайё,
Мастонаву мардона гирифтему кашидем.
Сад захм зи ҳар хор чу гул хӯрдему охир,
Чун ғунча ба тан пираҳани сабр даридем.
Махфӣ, нагирифтем абас домани ғамро,
Ҷон дода ғами дӯст зи айём харидем.

414

Мо агар мастему гар ҳушёру гар девонаем,
Ҳар куҷо ғавғои ишқат булбулу парвонаем.
Нест ҷуз меҳроби абрӯи ту дилро қиблае,
Гар имоми Каъбаву гар роҳиби бутхонаем.
Ҳамраҳу ҳамдам ғамат буда ба батни модарам,
Аз азал бо ин рафиқи меҳрубон ҳамхонаем.
Ин хуморолудагиҳо кай бурун ояд зи сар?
Мо, ки дар базми тараб дурдикаши паймонаем.
Нест гар маъмур ин вайронаи мо, гӯ, мабош,
Махфиё, чун ганҷи пинҳон мо дар ин вайронаем.

415

Меравам то рози дил аз чашми пурхун бишнавам,
Ҳарфе аз рози дарун, шояд зи берун бишнавам.
Ҷӯи хун аз дида меорам ба ҷои ҷӯи шир,
Ҳар куҷо афсонаи Фарҳоду Маҷнун бишнавам.
Бас гирифтам хӯ ба меҳнат,  муждаи осудагӣ
Боварам н-ояд, ки аз бахти ҳумоюн бишнавам.
Баски савдои парешонии ишқам дар ҳавост,
Меравам мастона ҳар ҷо номи Маҷнун бишнавам.
Дар даруни синаи ман ғунчаи дил бишкуфад,
Аз сабо бӯе агар з-он зулфи шабгун бишнавам.
Ман, ки дорам бар ҷигар сад доғ бар болои доғ,
Доғ кай гардам, агар аз доғи гардун бишнавам?
Мекунам сардафтари девони худ тавҳидвор,
Аз забони ҳар кӣ аз ишқи ту мазмун бишнавам.
Даст дар оғӯш ҳар дам ҳамчу қумрӣ дар чаман,
Рӯзу шаб, Махфӣ, ки васфи қадди мавзун бишнавам.

416

Аз ҳуҷуми гиря оҳанги фиғон гум кардаам,
Мурғи зери доми ҳаҷрам ошён гум кардаам.
Гаштаам саргаштаи водиву аз Лайлои хеш,
Ҳамчу Маҷнун аз ҷунун ному нишон гум кардаам.
Бар танам шуд шуълаи оҳам либоси оташин,

Дар либоси офият гар парниён гум кардаам.
Дар раҳи ишқам муҳаббат раҳбару каҷ меравам,
Ҳайрате дорам, ки ин раҳро чӣ сон гум кардаам?
Нестам девона, Махфӣ, лек аз савдои ишқ,
Хешро дар зери санги кӯдакон гум кардаам.

417

То кай ба оҳу нола зи ғам гуфтугӯ кунам?
То чанд зи оби дида лаболаб сабӯ кунам?
Олудагӣ зи домани покам намеравад,
Сад раҳ ба оби Замзам агар шустушӯ кунам.
Н-ояд маро ба ғайри ҷамоли ту дар назар,
Оинаро агар ба назар рӯ ба рӯ кунам.
Гардида шома ҳама аъзои ман зи шавқ,
Шояд гуле зи гулшани васли ту бӯ кунам.
Рӯ барнаёварад зи хурӯши фиғони ман,
Чандон ки чоки синаи дилро руфӯ кунам.
Дастам намерасад чу ба домони васли ёр,
Махфӣ, зи рӯзгор ба ҳаҷри ту хӯ кунам.

418

Басе дар орзу бо нафси кофар ҳамраҳӣ кардам,
Дар иқлими таманно солҳо шоҳаншаҳӣ кардам.
Чу ҷоми сарнагун охир тиҳӣ шуд косаи умрам,
Зибас нақди ҳаёти хеш сарфи гумраҳӣ кардам.
Ба ёди дӯстон имшаб чу минои маи мастон,
Ниҳодам  бар лаби соғар лабу қолаб таҳӣ кардам.
Ду дасти хеш парвона ба ҳасрат мезанад бар сар,
Ба пои шамъ афтода, ки охир кӯтаҳӣ кардам.
Нашуд гар дасти уммедам дар оғӯши талаб, Махфӣ,
Биҳамдуллаҳ, ки ҷонро сарфи он сарви саҳӣ кардам.

419

Ҳиммате, эй дил, к-аз ин пастӣ қадам боло ниҳам,
Ё ба коми дил расам, ё сар дар ин савдо ниҳам.
Оташи ишқи ту то дар синаи ман барфурӯхт,
Шуъла мерӯяд ба ҷои сабза ҳар ҷо по ниҳам.
Ҷазбаи шавқи муҳаббат, баски бар ман ғолиб аст,
Бо ҷунун гардам рафиқу сар дар ин саҳро ниҳам.
Гулшани ашкам зи оби дида чун сероб гашт,
Баъд аз ин хоҳам, ки пои дида бар дарё ниҳам.
Даштпаймои муҳаббат чун шудам дар роҳи ишқ,
Боядам, Махфӣ, дар ин раҳ сар ба ҷои по ниҳам.

420

Зи хуни дида зиндонро беҳ аз рашки чаман дорам,
Зи доғи ғусса сад гулшан ба зери пираҳан дорам.
Ба сони ғунча гар бастам лаб аз гуфтушунуд, аммо

Ба хуни дида оғушта саропои бадан дорам.
Чу булбул дар ғами гулшан надорам ношикебой,
Ғарибу нотавонам, ҳар куҷо афтам, ватан дорам.
Ба сони абри найсонӣ зи ашки дидаи ҳиммат,
Кашида дар раги ҷон сад ҷаҳоне дар сухан дорам.
Зи ашъорам димоғи ҷон муаттар мешавад, Махфӣ,
Чу гул чоки гиребон, дар ниҳон мушки Хутан дорам.

421

Зи сӯзи синаву дил оҳи оташнок мехоҳам,
Дар оташ ошёне аз хасу хошок мехоҳам.
Намегардад тасаллӣ хотир аз пайғому аз нома,
Гиребони сабурӣ ҳамчу гул садчок мехоҳам.
Зи дармони атиббо дафъ дарди ман намегардад,
Хуморолудаи базмам, зи оби ток мехоҳам.
Намерӯяд гиёҳи хуррамӣ дар боғи уммедам,
Чу абри навбаҳорон дидаи ғамнок мехоҳам.
Намеёбад дилам таскин зи оҳу нола, эй Махфӣ,
Чу гул ҷайбу гиребони фиғон садчок мехоҳам.

422

Барои дидани рӯят ҳавои зиндагӣ дорам,
В-агарна з-ин ҳаёти хеш сад шармандагӣ дорам.
Нагардам гарм, гар сӯзад ҷаҳонро шуълаи оташ,
Зибас аз гардиши гардун ба дил афсурдагӣ дорам.
Чунон осуда биншинам зи фикру ғам дами дигар,
Ба по занҷиру дар гардан чу тавқи бандагӣ дорам.
Нагардад пок домонам ба оби Кавсар, ар шӯям,
Ба чирки маъсият, Махфӣ, зибас олудагӣ дорам.

423

Мо гирифторони ишқем, аз ҷаҳон осудаем,
Пой то сар лаззати дардем аз он осудаем.
Базмгоҳи мо ғамистон асту бода хуни дил,
Мастие дорем, к-аз кавну макон осудаем.
Гулшани мо хуррам аз хунобаи чашми дил аст,
Аз ҷафои сар-сари боди хазон осудаем.
Изтиробе дар парешонӣ ба зоҳир мекунем,
В-арна з-истиғнои ҳиммат дар ниҳон осудаем.
Гарчи по занҷир,  Махфӣ, рӯяд аз овози ғам,
Шукрилилаҳ, к-аз ҷафои ҳамгинон осудаем.

424

Дӯш бо гул суҳбате бар ёди булбул доштам,
Чун сурохӣ дар гулӯ то субҳ қул-қул доштам.
Лахти дил мешуд маро бар оташи ҳиҷрон кабоб,
Ғам анисам буду аз хуни ҷигар мул доштам.
Баски хуни дида афшондам ба атрофи чаман,

Ҳар тараф зери нигаҳ сад хирмани гул доштам.
Медарояд ҳар нафас бар ман ғаме аз ҷонибе,
Баҳри маҳрумии айше ман тағофул доштам.
Махфиё, раҳме ба ҳоли ман, ки дар андуҳу ғам,
Пеш аз ин ман бештар сабру таҳамул доштам.

425

Дар ишқи ту беқарор гаштем,
Рафтему ба ҳар диёр гаштем.
Бас доғи ту бар ҷигар ниҳодем.
Доғи дили рӯзгор гаштем.
Водии фироқ ғарқи хун шуд,
Бас дидаи ашкбор гаштем.
То доғи ту бар ҷигар ниҳодем,
Аз зумраи эътибор гаштем.
Бар домани васли ёр наншаст,
Ҳарчанд ки чун ғубор гаштем.
Накшода дари мурод, Махфӣ,
Умре пайи рӯзгор гаштем.

426

Ёди айёме, ки дил дар кӯи ёре доштем,
Ҳамчу Маҷнун пеши тифлон эътиборе доштем.
Ҷайби мо ҳам ҳамчу гул з-ин пештар садчок буд,
Дар миёни аҳли мотам ифтихоре доштем.
Орзуро дидаи аъмо бувад базми умед,
Бар рухи оинаи мақсад ғуборе доштем.
Ташналаб будему оташ буд моро дар мазоқ,
Чун самандар дар буни ҳар мӯ шароре доштем.
Нақш мебастем, Махфӣ, гулшани уммеди васл,
Дар даруни дида аз хун лолазоре доштем.

427

Ку ҳамдаме ки нағмаи Довуд сар кунем?
Оҳи диле ба ҳамраҳи боди саҳар кунем.
Шабнам зи ашки дида фишонем дар чаман,
Лабҳои ғунча сурх ба хуни ҷигар кунем.
Аз оҳи сарди хеш надидем чун асар,
Оташ шавем, дар дили шамъе асар кунем.
Сад рӯзи ҳаҷр шаб шуду як шаб, ки васл буд,
Нагзошт рӯзгор, ки шоме саҳар кунем.
Махфӣ, қатори ҳафтаи айём бигсалад,
Дар кӯи офият чу насим ар гузар кунем.

428

Ҳар ҷафоеро ба ҷое з-он ситамгар мехарам,
Медиҳам қосид қумошерову гавҳар мехарам.
Баски лаззат ёфтам аз гиряи шому саҳар,

Мефурӯшам нақди ҷону дидаи тар мехарам.
Нест туҷҷоре чу ман дар корвони рӯзгор,
Сад ҷаҳон андуҳ дорам, бори дигар мехарам.
Бар дили ғамдидаи ман хоҳ нӯшу хоҳ неш,
Дар муҳаббат дарду роҳатро баробар мехарам.
Мениҳам аз оташи ғам доғ бар болои доғ,
Ҳамнишинон, хуш чунин сомони маҳшар мехарам.

429

Чанд аз хуни ҷигар май дар аёғи дил кунам?
Сар ба зону то ба кай фикри димоғи дил кунам?
Умр шуд сарфи ҷунуну нест аз маҳмил нишон,
Чанд саргардон дар ин водӣ суроғи дил кунам?
Хуни дил мерезаму тартиби гулшан медиҳам,
Бар умеди он, ки рӯзе сайри боғи дил кунам.
Баски дорад тирагӣ аз ғам, нагардад равшанӣ,
Партави хуршедро гар дар чароғи дил кунам.
Сӯхт сар то по дилу дафъи ҷунуни мо нашуд,
Баъд аз ин хоҳам, ки Махфӣ, тарки доғи дил кунам.

430

То кай ҳадиси бодаву ҷому сабӯ кунам?
То кай ба базми бодакашон гуфтугӯ кунам?
Масти гузашт аз ҳаду девонагӣ, биё,
Эй дил зи оби тавба мае дар сабӯ кунам.
Олудагӣ зи домани исмат намеравад,
Сад раҳ ба оби дида агар шустушӯ кунам.
Бикшо даҳони шишаву май дар аёғ кун,
То аз димоғи дил гули васли ту бӯ кунам.
Махфӣ, ба ғайри бода чу дилро димоғ нест,
Бархез то ба гӯшаи майхона рӯ кунам.

431

Гар равад фавҷи ғамат бар сарам аз ҷо наравам,
Ҷуз дари майкада ҷое ба таманно наравам.
Гар шавад ҳар сари мӯи баданам наштари ғам,
Офиятҷӯ нашавам, пеши Масеҳо наравам.
Гӯшаи меҳнату ғамро ба гулистон надиҳам,
Ҳамчу Маҷнун зи ҷунун ҷониби саҳро наравам.
Дар қиёмат агарам ҷониби ризвон хонанд,
Ба таманнои дил аз баҳри тамошо наравам.
Юсуфи толеъ агар ҷилва намояд, Махфӣ,
Ба тамошогаҳи ҳуснаш чу Зулайхо наравам.

432

То ном зи ҳусни ёр бурдем,
З-оинаи дил ғубор бурдем.
Азбаски зи дида хун фишондем,

Равнақ зи гулу баҳор бурдем.
Аз оташи ишқ чун самандар,
Сар то ба қадам шарор бурдем.
Нодида рухат чу лола рафтем,
Доғи ту ба ҳар диёр бурдем.
Махфӣ, ба раҳи вафо чу симоб,
Аз оташи дил қарор бурдем.

433

То ба кай бар дари умед чу соил бошам?
Гаҳ ғубори назару гаҳ алами дил бошам.
Илтиҷо бар дари махлуқ зи кӯтаҳназарист,
Чанд чун аҳли санам бар раҳи ботил бошам?
Ман, ки сад Ҳотами Тай дар назарам мисли гадост,
Ҳайф бошад, ки гадотабъу гадодил бошам.
Ҳар нафас сад раҳ агар оташи ишқам сӯзад,
Боз парвонасифат дар паи қотил бошам.
Меравад киштии умрам чу ба мавҷ, эй Махфӣ,
Шарти инсоф набошад, ки ба соҳил бошам.

434

Баски дар ҳаҷри ту хуни дил ба домон кардаам,
Пур зи гул домони худро то гиребон кардаам.
Муддаӣ таъни парешонӣ мазан бар ман, ки ман
Ҳамчу абр аз гиря кори худ ба сомон кардаам.
Бар ҷигар азбас ниҳодам з-оташи ҳаҷри ту доғ,
Хонаи дилро беҳ аз рашки гулистон кардаам.
Мекунам булбулсифат фарёд аз он имшаб, ки боз
Ҳамчу мастон бехудона ёди ёрон кардаам.
Махфиё, чандин маноз аз новаки бедоди ғам,
К-ин дили афсурдаро ман вақфи пайкон кардаам.

435

Ман он парвонаи ишқам, ки дар оташ ватан дорам,
Чу фонус оташи дилро ба зери пираҳан дорам.
Дилам булбулсифат аз ишқ то гуфтушунид дорад,
Ниҳон дар зери ҳар ҳарфе гулистони сухан дорам.
Напиндорӣ, ки дар ҳаҷрат маро сабр асту оромӣ,
Зи афғон доғҳо бар ҷони мурғони чаман дорам.
Ба маҳшар гар бипурсандам: «Чӣ овардӣ?» Ҳамин гӯям:
Шаҳиди ханҷари ишқам, гувоҳи худ кафан дорам.
Агар дар гулшани ишрат надорам роҳ, эй Махфӣ,
Биҳамдуллаҳ, ки боре гӯшаи байталҳазан дорам.

436

Зибас афсурдагӣ дорам, ҳавои сардро монам,
Чунон коҳидаам аз ғам, ки коҳи зардро монам.
Гаҳе дар доми ғам афтам, гаҳе сайди бало гардам,

Набинам рӯи озодӣ, асири дардро монам.
Нишони пойи маҳмилро надидам ,то ниҳам чашме,
Ман он саргашта Маҷнуни биёбонгардро монам.
Маро ҳар кас ,ки мебинад, зи сӯям чашм мепӯшад,
Насими боғам, аз хорӣ ғубору гардро монам.
Гаҳе аз дарди дил сӯзам, гаҳ аз дарди ҷигар нолам,
Наям як соат осуда, дили пурдардро монам.
Ба рӯи тахтаи ҳастӣ, дар оини парешонӣ,
Занам нақши парешон, муҳраҳои нардро монам.
Ба берангиву бебӯӣ дар ин бӯстонсаро, Махфӣ,
Гули пажмурдаи гулҳои бодовардро монам.

437

Даст дар домани он сарви хиромон задаам,
Чанг дар ҳалқаи он зулфи парешон задаам.
Ташнаи хуни дилу обилапое шудаам,
Такя бар неши сари хори мағелон задаам.
Азми тасхири ақолими ҷунун карда дилам,
Хаймаи лашкари ғамро ба биёбон задаам.
Метавонам, ки кашам пой ба домони шикеб,
Ман, ки сад чок ба як тори гиребон задаам.
Аз ту оташкадаи ишқ барафрӯхтаам,
Оташи ишқи бутон дар сару сомон задаам.
Завраќи дида ба ғарқоби фано афкандам,
Дида бар абри ҷигар мавҷаи тӯфон задаам.
Кардаам дершунав гӯши мусалмониро,
Баски ноқус ба маъбадгаҳи габрон задаам.
Ба сари кӯчаи габрон зи тунукзарфии ақл,
Санги беҳавсалагӣ бар сари имон задаам.
Офарин бар ҷигарам бод, ки дар кишвари Ҳинд,
Сиккаи нақди сухан роиҷи Эрон задаам.

438

Чашми гирёнам, паёме аз баҳор овардаам,
Нофаам, бӯе хуше аз зулфи ёр овардаам.
Нашъаи бӯи гули доғам парешонӣ бувад,
Тухми ин гулро зи боғи рӯзгор овардаам.
Аз диёри ишқ меоям, диёри ман ғам аст,
Дарди дил, чандон ки хоҳӣ, з-он диёр овардаам.
Додаам дилро ба дасти кофари бадкеши зулф,
Қатраи хуни ҷигарро ёдгор овардаам.
Эътимоди ишқро нозам, ки бар даргоҳи ӯ,
Бурдаам беэътиборӣ, эътибор овардаам.
Қатраи хуни ҷигар ҷои дилам дар сина буд,
В-он ҳам аз роҳи назар баҳри нисор овардаам.
Баъди умре карда қасди ҷону меҳмони ман аст,
Мурғи дилро сайди он миришикор овардаам.
Солҳо хун хӯрдаам, к-аз мавҷаи тӯфони ғам,
Киштии бетоқатиро бар канор овардаам.

Ҳар тараф ҳангомае гарм аст аз ғавғои ман,
Фитнае Махфӣ аҷаб бар рӯи кор овардаам.

439

Ман он чашми ғаммозро мешиносам,
Ман он маҳрами розро мешиносам.
Ғамат дӯш бо ман сари ҷанг дошт,
Ман андози овозро мешиносам.
Рубояндаи ҳуши фарзонагист,
Ман оҳанги ин созро мешиносам.
Мазан аз тағофул ба абрӯ гираҳ,
Ки ман чангали бозро мешиносам.
Ба қатлам камар бастаӣ, зуд биштоб,
Ки ман теғи эъҷозро мешиносам.
Раҳи пеши чашмам, фиреби ниёзам,
Ки ман шеваи нозро мешиносам.
Тавозуъ маро баҳри эъзоз бошад,
Ман оини эъзозро мешиносам.
Бар авҷи дигар мепарад мурғи уммед,
Ман ин тарзи парвозро мешиносам.
Магӯ пеши ман аз вуҷуди адам бас,
Ки анҷому оғозро мешиносам.
Зи якрангии хеш, Махфӣ, чӣ лофӣ?
Ки ман ёри дамсозро мешиносам.

440

Ҳиммате, арбоби ҳиммат, к-аз паи ғам меравам,
Гесӯи оҳи парешон, баҳри мотам меравам.
Рӯзгорам гар занад захме ба ҳар тори раге,
Кофарам, гар як қадам дунболи марҳам меравам.
Бар сари роҳи аҷал биншаста бими марг чист?
Халқи олам рафтаанд ин роҳ, ман ҳам меравам.
Гарчи дунболам зи ҳамроҳон дар ин раҳ,  бок нест,
Меравам, гарчанд гоҳе беш, ё кам меравам.
Дар ғаму андуҳи меҳнат чист ин бетоқатӣ?
Махфиё, имрӯз-фардо чун зи олам меравам.

441

Дӯш бар хоки дарат паҳлӯ ба бистар доштам,
Дар тавофи Каъба будам, ҳаҷҷи акбар доштам.
Шуъла мезад оташи савдои ишқам аз димоғ,
Хонаро дар оташи дил чун самандар доштам.
Соқии дурдикашонам дод имшаб соғаре,
К-аз хумораш таъна бар Хизру Сикандар доштам.
Нест парвона туро гар қудрати парвози ишқ,
Дил ба оташ неҳ, ки ман ҳам пеш аз ин пар доштам.
Махфиё, имшаб димоғи ҷон муаттар сохтам,
Дар сари зулфат сухан печида анбар доштам.

442

Меравам аз баҳри худ вайронае пайдо кунам,
В-андар ин ғамхона аз ғам хонае пайдо кунам.
Дона-дона ашк з-он резам, ки баҳри мурғи дил,
Аз сиришки дида обу донае пайдо кунам.
Дар биёбони ҷунун аз баҳри суҳбат доштан,
Нест агар фарзонае, девонае пайдо кунам.
Шиша мегардад таҳиву базм охир мешавад,
Гар ман аз базми тараб майхонае пайдо кунам.
То занам сарпанҷа дар зулфи паризодони ишқ,
Аз сари ангушти меҳнат шонае пайдо кунам.
Шуд баҳори умру боғи орзу охир нашуд,
Меравам то гиряи мастонае пайдо кунам.
Раҳ наёбам пеши шамъе аз барои сӯхтан,
Гар зи ту болу пари парвонае пайдо кунам.

443

Ба рағми булбулон имшаб лаб аз гуфтор мебастам,,
Зи хуни дида дар дил нақши сад гулзор мебастам.
Зи гиря мезадам обе ба оташхонаи ҳиҷрон,
Ба сеҳри Сомирӣ имшаб таби бемор мебастам.
Чу марҷон шуд хаси мижгон маро аз лахти дил имшаб,
Гул аз боғи ҳавас мечидаму бар хор мебастам.
Ба ёди рӯи ту имшаб ба гирди шамъ мегаштам,
Назар чун андалебон бар гули рухсор мебастам.
Ба танҳоӣ гирифтам хӯ чунон дар кунҷи танҳоӣ,
Ки дар бар рӯи акси сояи девор мебастам.
Зи якдигар ҷудо шуд иқди дил тасбеҳ мекардам,
Камар як раҳ агар дар хидмати зуннор мебастам.
Раҳи уммедро, Махфӣ, агар аввал чунин дидӣ,
Зи оҳи оина дилро гули зангор мебастам.

444

Сабукрав нестам чун бӯ, ки дунболи сабо уфтам,
Гаронборам чунон аз ғам, ки гар хезам зи ҷо уфтам.
Сафар кардам, ки бикшояд дил аз сайри ҷаҳон кардан,
Чӣ донистам, ки дар ғурбат ба коми аждаҳо уфтам?
Ниҳодаи рӯ ба ин водӣ зи нокомӣ, намедонам,
Зи заъфи қуввати толеъ куҷо хезам, куҷо уфтам?
Наҷот аз ғам чӣ сон ёбам, ки ҳар сӯ меравам, Махфӣ?
Чу мурғи бе пару боле ба доми сад бало уфтам.

445

Шаб ба ёди ту гули ашк ба домон кардам,
Ҳамчу мурғони чаман нола парешон кардам.
Ҷайби дил чок задам, баски зи савдои ҷунун,
Дасти қудрат ҳамагӣ сарфи гиребон кардам.
Баргирифтам дили уммед зи бегонаву хеш,

Мушкилоти дили худро ҳама осон кардам.
Хуни дил баски ба рухсори нигаҳ афшондам,
Сайргоҳи назар аз дида гулистон кардам.
Ковиши доғи куҳан баски ба нохун кардам,
Панҷаи даст чу сарпанҷаи марҷон кардам.
Ҷазбаи ишқ расондӣ ба сарам маҳмили дӯст,
Ман зи бесабрии худ рӯ ба биёбон кардам.
Ҷон гаронмоя матоест, валекин Махфӣ,
Нархи ин ҷинс ба бозори худ арзон кардам.

446

Боз мехоҳам, ки ғавғои дигар пайдо кунам,
Аз ҷунун дар дил таманнои дигар пайдо кунам.
Рӯ ба водӣ мениҳам, бошад, ки аз эъҷози ишқ,
Ҳамчу худ Маҷнуни расвои дигар пайдо кунам.
Мегудозам дидаро, сӯзи дарунам то ба кай?
Баҳри бӯе чашми бинои дигар пайдо кунам.
Нақди дониш мефурӯшам, мехарам ҷинси ҷунун,
То ба ҳар бозор савдои дигар пайдо кунам.
Сели ашки дида аз бетоқатӣ сар медиҳам,
То ба мулки Ҳинд дарёи дигар пайдо кунам.
Дидаам зулму ситам, чандон ки дар зулмоти Ҳинд,
Меравам, к-аз баҳри худ ҷои дигар пайдо кунам.
Метавонам чанд гоме рафт, Махфӣ,  баъд аз ин
Дар раҳи уммед, агар пои дигар пайдо кунам.

447

Дар вафо чун шамъ бо ғам ҷонгудозӣ мекунам,
Дарди бедармони худро чорасозӣ мекунам.
Сайди доми меҳнату сайёди боғи кулфатам,
Бо вуҷуди бепариҳо шоҳбозӣ мекунам.
Дар ҳарими Каъба бошад то намози ман дуруст,
Ҷомаи худро ба хуни дил намозӣ мекунам.
Мекунам вайрон ба дасти худ бинои умри худ,
Мисли тифлон бар сари раҳ хокбозӣ мекунам.
Мехарам доғи фироқу мефурӯшам нақди ҷон,
Махфиё, вақти сафар шуд, корсозӣ мекунам.

448

Фасли гул рафт ҳарифону шаробе назадем,
Бар лаби ташнаи дил қатраи обе назадем.
Шуд таҳӣ шишаи умр аз маи ҳастиву ҳанӯз,
Базми мо гарм нашуд, сихкабобе назадем.
Ҳайф, сад ҳайф, ки дар заъф зи бесомонӣ,
Бар димоғу дили худ мушти гулобе назадем.
Киштии умр табоҳӣ шуду дар баҳри вуҷуд,
Даст дар домани хошоку ҳубобе назадем.
Умр шуд сарфи маю майкада, Махфӣ, ҳайҳот,
Ба муроди дили худ бодаи нобе назадем.

449

То кай ба гирифтории доми ҳавас уфтам?
То чанд чу мурғони чаман дар қафас уфтам?
Танг аст зибас бар дили ман арсаи айём,
Хоҳам, ки шавам шуълае, дар мушти хас уфтам?
Бар кандани бунёди ман, эй чарх, чӣ кор аст?
Ман коҳи заифам, ки зи боди нафас уфтам?
Ман муҳтасибу бодакашон душмани ҷонам,
Ин турфа, ки баръакс ба дасти асас уфтам?
Махфӣ, на агар хоҳиши савдои ҷунунест,
Дар маҷлиси ушшоқ чаро чун магас уфтам?

450

На танҳо сӯзи дилро ман ба шамъи анҷуман бурдам,
Фиғони тоза ман аз баҳри мурғони чаман бурдам.
Ба мижгон кандаам ҷӯе ба кӯҳи Бесутуни ғам,
Ба ошиқпешагӣ зоди талаб аз Кӯҳкан бурдам.
Зи носозии бахт охир ниҳодам рӯй бар ғурбат,
Дили пурдоғи ҳиҷрон ёдгории ватан бурдам.
Ба зери хок, агар бинӣ, дили Одам пур аз доғ аст,
Ба дил доғи ҷудоиро ҳамин танҳо на ман бурдам.
Ғанимат дон ту, эй Махфӣ, ки ҳангоми сафар кардан,
Пур аз ашки надомат дидае бо хештан бурдам.

451

Ноумеду яъсро печида бо ҳам дидаем,
Субҳи шодиро тулуъ аз шоми мотам дидаем.
Нест дил озурда, гар шуд толеи мо шашдарӣ,
Нақши ҳарду пойро дар чеҳраи ҳам дидаем.
Хӯ ба дарду ғам кун, эй дил,  з-он ки дар оини ишқ,
Хешро маҳрам ба базми офият кам дидаем.
Сабзаи мо кай шавад серобу кай гардад баланд?
Мо, ки дар боғи ҳавас аз ашк шабнам дидаем.
Дар ба рӯи ханда мисли ғунчаи гул бастаем,
Ашки ҳасрат то равон бар рӯи Одам дидаем.
Дасту по беҳуда, эй дил, баҳри осоиш мазан,
К-ин матолибро бурун аз даври олам дидаем.
Кай дарояд дар назар, Махфӣ, либоси офият?
Мо, ки нақши бурёро маснади Ҷам дидаем.

452

Мо, ки чун Маҷнун зи савдои ҷунун девонаем,
Дӯст бо аҳли ҷунуну душмани фарзонаем.
Шишаи мо, хоҳ пур бошад зи май, хоҳӣ тиҳӣ,
Мо хуморовардаи ҷоми маи ҷононаем.
Баски дилозурдаем аз суҳбати аҳли ҷаҳон,
Рӯзу шаб дар фикри тарки ин куҳанвайронаем.
То хумори мастии шабҳои мастон дидаем,

Аз самими қалб бадхоҳи маю майхонаем.
Қадри гавҳар нест ғаввосӣ, ки дур(р) орад бурун,
В-арна мо ҳам андар ин дунё дур(р)и якдонаем.
Шуъла ҳар ҷо барфурӯзад ар муҳаббат дар ҷаҳон,
Аз барои сӯхтан ҳам шамъу ҳам парвонаем.
Сарфи лаҳву лаъб шуд умри гаронмоя ҳанӯз,
Рӯзу шаб, Махфӣ, чу тифлон гӯш бар афсонаем.

453

Баски дорам сӯзи дил, худро ба озар мезанам,
Синаро бар шуълаи дил чун самандар мезанам.
Шуд баҳори умраму дафъи хумори мо нашуд,
Дӯстон, маъзур, гар мастона соғар мезанам.
Баҳри оби зиндагонӣ кай равам дунболи Хизр?
Ман, ки истиғно бар оби ҳавзи Кавсар мезанам.
Осмони осмони ҳимматам зери саҳоб,
То ба чашми орзуи хеш ханҷар мезанам.
Нақди саррофони маъниро ривоҷи дигар аст,
То дар иқлими сухан ман сикка бар зар мезанам.
Нест гар болу пари парвона дар кунҷи қафас,
Дасти ҳасрат чун магас пайваста бар сар мезанам.
Пеши фонуси хаёли ҳусни ту парвонавор,
Бар умеди шуълае шаб то саҳар пар мезанам.
Барнаояд аз даруни хона овозе бурун,
Умрҳо шуд ман ба ин дар ҳалқа бар дар мезанам.
Дӯстӣ бо душмани Оли Паямбар кай кунам?
Ман, ки лофи дӯстӣ бо Оли Ҳайдар мезанам.
Бигзарӣ яксар агар Махфӣ аз ин дунҳимматӣ,
Дар гадоӣ таъна бар шоҳии Қайсар мезанам.

454

Зи ҷаври аҳли ситам,  дӯстон, чӣ чора кунам?
Ба ғайри он, ки гиребони сабр пора кунам.
Куҷост ҷазбаи девонагию мадҳушӣ,
Ки аз миёни ҷафопешагон канора кунам?
Хумори бодаи мастиву чашми хоболуд,
Ба базми бодакашон то ба кай назора кунам?
Зи тавба чун ғарази тоибон пушаймонист,
Ба базми тавба чӣ ҳоҷат, ки истихора кунам?
Миёни мардуми бегона рози пинҳонро,
Чу нест маҳрами розе, чӣ истихора кунам?
Шаби фироқи ту азбас ба хок резам ашк,
Тамоми рӯи заминро пур аз ситора кунам.
Замона бар сари озори мост, эй Махфӣ,
Биё, ки хонаи дилро зи санги хора кунам.

455

Оташе ку, ки ба дил сӯзи дигар тоза кунам?
Ин куҳандоғи ҷунунро ба ҷигар тоза кунам.

Ман, ки савдозадаи ишқи ҷунунам, чӣ аҷаб,
Бар сари доғ,  агар доғи дигар тоза кунам?
Ҳар шаб аз нола ба гулзор чу мурғони чаман,
Муждаи омадани  боди саҳар тоза кунам.
Боиси гиряи шому саҳар ин аст маро,
Ки зи хуноби ҷигар боғи назар тоза кунам.
Чанд бар ёди сари зулфи ту аз шабнами ашк,
Бар лаби ҷӯи назар сунбули тар тоза кунам?
Тарсам аз гиряи ман қиммати гавҳар шиканад,
В-арна аз хуни ҷигар ранги гуҳар тоза кунам.
Махфиё, чанд зи ҷаври фалаки шуъбадабоз,
Ҳамчу Яъқуб ба дил доғи басар тоза кунам?

456

Дардо, ки зи қайди ситам озод нагаштем,
Як лаҳза зи ғамҳои ҷаҳон шод нагаштем.
То буд шикофандаи хоро мижаи мо,
Муҳтоҷи дами тешаи Фарҳод нагаштем.
То хӯй ба вайрона гирифтем дар ин даҳр,
Наздик ба наздикии обод нагаштем.
То пои талаб дар раҳи ушшоқ ниҳодем,
Саргашта дар ин бодия чун бод нагаштем.
Ҳар ҷо, ки даромад сухан аз дарси муҳаббат,
Шарманда зи шогирдии устод нагаштем.
То шефтаи силсилаи ҳусни ту гаштем,
Побанди сари зулфи паризод нагаштем.
Мо булбули ишқем, ки бевосита, Махфӣ,
Сайди қафасу ҳиллаи сайёд нагаштем.

457

То чанд хуш нишастан баҳри димоғ ҳар дам?
То кай тавон гузаштан бар тарфи боғ ҳар дам?
Сандуқи синаи ман рашки гул асту гулшан,
Дорам басе нуҳуфта дар сина доғ ҳар дам.
Беҳуда чанд Маҷнун саргаштаи биёбон?
Лабташнаву парешон баҳри суроғ ҳар дам.
Афсурдагӣ фазояд соғар ба ғайри дилбар,
Заҳр аст назди доно май дар аёғ ҳар дам.
Бар табъи аҳли маҷлис, Махфӣ, гарон намояд,
Парвона ҷон фишонад гар бар чароғ ҳар дам.

458

Раҳ ба водии ҷунун бо дили пурхун рафтам,
Ноумед аз дари уммед чу Маҷнун рафтам.
Дида аз ашк таҳӣ гашту дилам пора нашуд,
Ташналаб охири кор аз лаби Ҷайҳун рафтам.
Нохуни саъй чу накшод гираҳ аз корам,
Сад гираҳ дар дил аз ин силсила берун рафтам.
Нолаи зори дилам чун ба асар кор насохт,

Ҳамчу Фарҳод дилозурдаву маҳзун рафтам.
Ки наёмад зи паси пардаи рух фоли мурод,
Солҳо бар асари бахти ҳумоюн рафтам.
Барнаоям ман аз андешаи ин роз бурун,
К-оадам баҳри чию боз чунин чун рафтам?
Бош Махфӣ ту дар ин хона, ки аз оташи дил,
Ман чу фонус дами субҳ на берун рафтам.

459

Манам, к-аз захми ғам хӯрдан хурӯшидан намедонам,
Ба ҷуз хуноби дил ҷоме бинӯшидан намедонам.
Ман он парвонаи ишқам, ки гар сӯзад маро шамъам,
Зи истиллои ишқи ӯ хурӯшидан намедонам.
Замона ҷомаи меҳнат диҳад з-онам, ки медонам,
Либоси офиятро тарзи пӯшидан намедонам.
Магӯ рози дилат бо ман, ки ман аз соддалавҳиҳо,
Чу тифлон рози дил аз ғайр пӯшидан намедонам.
Набурдам раҳ ба мақсуде дар ин водӣ аз он, Махфӣ,
Ки дар роҳи талаб оини кӯшидан намедонам.

460

Эй дида, биё,  то ба тараб ном барорем,
Сомони нишот аз қадаҳу ҷом барорем.
Бар захми дил аз ғам намаки тоза фишонем,
Дарде ба дили синаи худком барорем.
Мардона дароем ба майдони муҳаббат,
Номе ба ҷунун дар сафи айём барорем.
Моем, ки аз ҷазби муҳаббат ба тамошо,
Хубони ҷаҳонро ба дару бом барорем.
Гар шишаи мо гашт тиҳӣ аз маи гулгун,
Хунноби дил аз дида ба ибром барорем.

461

То ба ошиқпешагӣ мо ном берун кардаем,
Равнақе дар кору бори ишқи Маҷнун кардаем.
Баски хунноби ҷигар бар хоки раҳ афкандаем,
Дашту саҳрои ҷунунро Даҷлаи хун кардаем.
Қомати сарви чаман дигар наояд дар назар,
То назар дар қомати он сарви мавзун кардаем.
Анҷуманорои олам гашта ҳусни офтоб,
То либоси чархро аз оҳ гулгун кардаем.
Марди коре, Махфиё, дигар намеояд бурун,
Бар сипоҳи орзу азбаски шабхун кардаем.

462

То ба ғам ҳамдам шудем, аз меҳнату ғам фориғем,
Бо мусибат то гирифтам хӯ, зи мотам фориғем.
Пеши сабри мо гирифторию озодӣ якест,

Ҳамчу Маҷнун аз баду неки ду олам фориғем.
То зи наштар лаззати дарди ҷароҳат ёфтем,
Бо ҷароҳат хӯ гирифтему зи марҳам фориғем.
Бо парешонию нодорӣ қаноат кардаем,
Аз чунин дарҳамкашиданҳои олам фориғем.
Бешу кам гардида чун қисмат ба девони азал,
Бо таваккалпешагон аз бешу аз кам фориғем.
Гиряву зории мазлумон надорад чун асар,
Махфиё, сад шукр, к-аз ашки дамодам фориғем.

463

Дӯш андеша зи бутхона чунин мекардам,
Хуни дил то ба саҳар нақши ҷабин мекардам.
Бо асар аз дили ағёр наёяд хабаре,
Чун лаби дилшудагон нола ҳазин мекардам.
Аз паи боди сабо бесарупо мерафтам,
Ҳар нафас ёди дами бозпасин мекардам.
Гуфтугӯи сухани ишқи ман имрӯзӣ нест,
Машқи савдои ҷунун вақти ҷанин мекардам.
Шуд ба як сӯ зи хирад ҳар кӣ маро, Махфӣ, дид,
Кош савдои туро парданишин мекардам.

464

Биё, эй дил, ки бар ҳоли хароби хештан гирям,
Ба сони абр аз чашми пуроби хештан гирям.
Ба базми май зи бадмастӣ намегирям ман, эй соқӣ,
Ба анҷоми шаби васли шароби хештан гирям.
Ба ашк афшондани чашмам нагардад сӯзи дил камтар,
Магар ҳам худ ба ин ҷони кабоби хештан гирям?
Гаҳе худро чу парвона занам бар шуълаи оташ,
Гаҳе чун шамъ дар зери ниқоби хештан гирям.
Назад субҳи муродам дам, ки омад шоми навмедӣ,
Биё, Махфӣ, ки бар умри шабоби хештан гирям.

465

Менависам номаю аз ғам шикоят мекунам,
Рози худ бар ғамгусори худ ҳикоят мекунам.
Медиҳам барбод ҳар дам дафтаре аз умри худ,
Хонаи худро ба дасти хеш ғорат мекунам.
Баски чун Маҷнун ҷунуни ишқ бар ман ғолиб аст,
Дар ҳарими Каъба Лайлиро зиёрат мекунам.
Рӯ ба ободӣ намеорад дили вайрони ман,
Умрҳо шуд умр сарфи ин иморат мекунам.
Эй саломатрав, мазан санги маломат бар сарам,
К-аз маломат хешро ман худ маломат мекунам.
Рӯ ба хоколудагиҳоям зи гарди роҳ нест,
То ҷудоям аз ту бар сар хоки ҳасрат мекунам.
Аз надомат ашки ҳасрат мекунам дар дида ҷамъ,
Махфиё, сомони саҳрои қиёмат мекунам.

466

Пири Канъонам зи гиря чашми тар гум кардаам,
Равшании чашм аз баҳри писар гум кардаам.
Сӯи Канъон мебарам аз Миср бӯи пираҳан,
Аз ҳуҷуми шавқ пайғому хабар гум кардаам.
Қатраи хун доштам дар синаву дил ном буд,
В-он ҳам андар мавҷи тӯфони назар гум кардаам.
Марди майдони балоям аз забуниҳои бахт,
Ҳамчу номардон дар ин майдон ҷигар гум кардаам.
Кай кунам парвоз баҳри туъмае монанди боз?
Ман, ки дар авҷи қаноат болу пар гум кардаам.
Гармии ҳангомаи хуршедро пешам чӣ қадр?
Ман, ки аз бахти сияҳ шому саҳар гум кардаам.
Ҷустуҷӯ беҳосил аст, Махфӣ, бар ин гирдоби Ҳинд,
Гавҳари мақсудро ҷои дигар гум кардаам.

436

Зибас афсурдагӣ дорам, ҳавои сардро монам,
Чунон коҳидаам аз ғам, ки коҳи зардро монам.
Гаҳе дар доми ғам афтам, гаҳе сайди бало гардам,
Набинам рӯи озодӣ, асири дардро монам.
Нишони пойи маҳмилро надидам, то ниҳам чашме,
Ман он саргашта Маҷнуни биёбонгардро монам.
Маро ҳар кас, ки мебинад, зи сӯям чашм мепӯшад,
Насими боғам, аз хорӣ ғубору гардро монам.
Гаҳе аз дарди дил сӯзам, гаҳ аз дарди ҷигар нолам,
Наям як соат осуда, дили пурдардро монам.
Ба рӯи тахтаи ҳастӣ, дар оини парешонӣ,
Занам нақши парешон, муҳраҳои нардро монам.
Ба берангиву бебӯӣ дар ин бӯстонсаро, Махфӣ,
Гули пажмурдаи гулҳои бодовардро монам.

437

Даст дар домани он сарви хиромон задаам,
Чанг дар ҳалқаи он зулфи парешон задаам.
Ташнаи хуни дилу обилапое шудаам,
Такя бар неши сари хори мағелон задаам.
Азми тасхири ақолими ҷунун карда дилам,
Хаймаи лашкари ғамро ба биёбон задаам.
Метавонам, ки кашам пой ба домони шикеб,
Ман, ки сад чок ба як тори гиребон задаам.
Аз ту оташкадаи ишқ барафрӯхтаам,
Оташи ишқи бутон дар сару сомон задаам.
Заврақи дида ба ғарқоби фано афкандам,
Дида бар абри ҷигар мавҷаи тӯфон задаам.
Кардаам дершунав гӯши мусалмониро,
Баски ноқус ба маъбадгаҳи габрон задаам.
Ба сари кӯчаи габрон зи тунукзарфии ақл,
Санги беҳавсалагӣ бар сари имон задаам.

Офарин бар ҷигарам бод, ки дар кишвари Ҳинд,
Сиккаи нақди сухан роиҷи Эрон задаам.

438

Чашми гирёнам, паёме аз баҳор овардаам,
Нофаам, бӯе хуше аз зулфи ёр овардаам.
Нашъаи бӯи гули доғам парешонӣ бувад,
Тухми ин гулро зи боғи рӯзгор овардаам.
Аз диёри ишқ меоям, диёри ман ғам аст,
Дарди дил, чандон ки хоҳӣ, з-он диёр овардаам.
Додаам дилро ба дасти кофари бадкеши зулф,
Қатраи хуни ҷигарро ёдгор овардаам.
Эътимоди ишқро нозам, ки бар даргоҳи ӯ,
Бурдаам беэътиборӣ, эътибор овардаам.
Қатраи хуни ҷигар ҷои дилам дар сина буд,
В-он ҳам аз роҳи назар баҳри нисор овардаам.
Баъди умре карда қасди ҷону меҳмони ман аст,
Мурғи дилро сайди он миришикор овардаам.
Солҳо хун хӯрдаам, к-аз мавҷаи тӯфони ғам,
Киштии бетоқатиро бар канор овардаам.
Ҳар тараф ҳангомае гарм аст аз ғавғои ман,
Фитнае Махфӣ аҷаб бар рӯи кор овардаам.

439

Ман он чашми ғаммозро мешиносам,
Ман он маҳрами розро мешиносам.
Ғамат дӯш бо ман сари ҷанг дошт,
Ман андози овозро мешиносам.
Рубояндаи ҳуши фарзонагист,
Ман оҳанги ин созро мешиносам.
Мазан аз тағофул ба абрӯ гираҳ,
Ки ман чангали бозро мешиносам.
Ба қатлам камар бастаӣ, зуд биштоб,
Ки ман теғи эъҷозро мешиносам.
Раҳи пеши чашмам, фиреби ниёзам,
Ки ман шеваи нозро мешиносам.
Тавозуъ маро баҳри эъзоз бошад,
Ман оини эъзозро мешиносам.
Бар авҷи дигар мепарад мурғи уммед,
Ман ин тарзи парвозро мешиносам.
Магӯ пеши ман аз вуҷуди адам бас,
Ки анҷому оғозро мешиносам.
Зи якрангии хеш, Махфӣ, чӣ лофӣ?
Ки ман ёри дамсозро мешиносам.

440

Ҳиммате, арбоби ҳиммат, к-аз паи ғам меравам,
Гесӯи оҳи парешон, баҳри мотам меравам.
Рӯзгорам гар занад захме ба ҳар тори раге,

Кофарам, гар як қадам дунболи марҳам меравам.
Бар сари роҳи аҷал биншаста бими марг чист?
Халқи олам рафтаанд ин роҳ, ман ҳам меравам.
Гарчи дунболам зи ҳамроҳон дар ин раҳ,  бок нест,
Меравам, гарчанд гоҳе беш, ё кам меравам.
Дар ғаму андуҳи меҳнат чист ин бетоқатӣ?
Махфиё, имрӯз-фардо чун зи олам меравам.

441

Дӯш бар хоки дарат паҳлӯ ба бистар доштам,
Дар тавофи Каъба будам, ҳаҷҷи акбар доштам.
Шуъла мезад оташи савдои ишқам аз димоғ,
Хонаро дар оташи дил чун самандар доштам.
Соқии дурдикашонам дод имшаб соғаре,
К-аз хумораш таъна бар Хизру Сикандар доштам.
Нест парвона туро гар қудрати парвози ишқ,
Дил ба оташ неҳ, ки ман ҳам пеш аз ин пар доштам.
Махфиё, имшаб димоғи ҷон муаттар сохтам,
Дар сари зулфат сухан печида анбар доштам.

442

Меравам аз баҳри худ вайронае пайдо кунам,
В-андар ин ғамхона аз ғам хонае пайдо кунам.
Дона-дона ашк з-он резам, ки баҳри мурғи дил,
Аз сиришки дида обу донае пайдо кунам.
Дар биёбони ҷунун аз баҳри суҳбат доштан,
Нест гар фарзонае, девонае пайдо кунам.
Шиша мегардад таҳиву базм охир мешавад,
Гар ман аз базми тараб майхонае пайдо кунам.
То занам сарпанҷа дар зулфи паризодони ишқ,
Аз сари ангушти меҳнат шонае пайдо кунам.
Шуд баҳори умру боғи орзу охир нашуд,
Меравам то гиряи мастонае пайдо кунам.
Раҳ наёбам пеши шамъе аз барои сӯхтан,
Гар зи ту болу пари парвонае пайдо кунам.

443

Ба рағми булбулон имшаб лаб аз гуфтор мебастам,
Зи хуни дида дар дил нақши сад гулзор мебастам.
Зи гиря мезадам обе ба оташхонаи ҳиҷрон,
Ба сеҳри Сомирӣ имшаб таби бемор мебастам.
Чу марҷон шуд хаси мижгон маро аз лахти дил имшаб,
Гул аз боғи ҳавас мечидаму бар хор мебастам.
Ба ёди рӯи ту имшаб ба гирди шамъ мегаштам,
Назар чун андалебон бар гули рухсор мебастам.
Ба танҳоӣ гирифтам хӯ чунон дар кунҷи танҳоӣ,
Ки дар бар рӯи акси сояи девор мебастам.
Зи якдигар ҷудо шуд иқди дил тасбеҳ мекардам,
Камар як раҳ агар дар хидмати зуннор мебастам.

Раҳи уммедро, Махфӣ, агар аввал чунин дидӣ,
Зи оҳи оина дилро гули зангор мебастам.

444

Сабукрав нестам чун бӯ, ки дунболи сабо уфтам,
Гаронборам чунон аз ғам, ки гар хезам зи ҷо уфтам.
Сафар кардам, ки бикшояд дил аз сайри ҷаҳон кардан,
Чӣ донистам, ки дар ғурбат ба коми аждаҳо уфтам?
Ниҳодам рӯ ба ин водӣ зи нокомӣ, намедонам,
Зи заъфи қуввати толеъ куҷо хезам, куҷо уфтам?
Наҷот аз ғам чӣ сон ёбам, ки ҳар сӯ меравам, Махфӣ?
Чу мурғи бе пару боле ба доми сад бало уфтам.

445

Шаб ба ёди ту гули ашк ба домон кардам,
Ҳамчу мурғони чаман нола парешон кардам.
Ҷайби дил чок задам, баски зи савдои ҷунун,
Дасти қудрат ҳамагӣ сарфи гиребон кардам.
Баргирифтам дили уммед зи бегонаву хеш,
Мушкилоти дили худро ҳама осон кардам.
Хуни дил баски ба рухсори нигаҳ афшондам,
Сайргоҳи назар аз дида гулистон кардам.
Ковиши доғи куҳан баски ба нохун кардам,
Панҷаи даст чу сарпанҷаи марҷон кардам.
Ҷазбаи ишқ расондӣ ба сарам маҳмили дӯст,
Ман зи бесабрии худ рӯ ба биёбон кардам.
Ҷон гаронмоя матоест, валекин Махфӣ,
Нархи ин ҷинс ба бозори худ арзон кардам.

446

Боз мехоҳам, ки ғавғои дигар пайдо кунам,
Аз ҷунун дар дил таманнои дигар пайдо кунам.
Рӯ ба водӣ мениҳам, бошад, ки аз эъҷози ишқ,
Ҳамчу худ Маҷнуни расвои дигар пайдо кунам.
Мегудозам дидаро, сӯзи дарунам то ба кай?
Баҳри бӯе чашми бинои дигар пайдо кунам.
Нақди дониш мефурӯшам, мехарам ҷинси ҷунун,
То ба ҳар бозор савдои дигар пайдо кунам.
Сели ашки дида аз бетоқатӣ сар медиҳам,
То ба мулки Ҳинд дарёи дигар пайдо кунам.
Дидаам зулму ситам, чандон ки дар зулмоти Ҳинд,
Меравам, к-аз баҳри худ ҷои дигар пайдо кунам.
Метавонам чанд гоме рафт, Махфӣ, баъд аз ин
Дар раҳи уммед, агар пои дигар пайдо кунам.

447

Дар вафо чун шамъ бо ғам ҷонгудозӣ мекунам,
Дарди бедармони худро чорасозӣ мекунам.

Сайди доми меҳнату сайёди боғи кулфатам,
Бо вуҷуди бепариҳо шоҳбозӣ мекунам.
Дар ҳарими Каъба бошад то намози ман дуруст,
Ҷомаи худро ба хуни дил намозӣ мекунам.
Мекунам вайрон ба дасти худ бинои умри худ,
Мисли тифлон бар сари раҳ хокбозӣ мекунам.
Мехарам доғи фироқу мефурӯшам нақди ҷон,
Махфиё, вақти сафар шуд, корсозӣ мекунам.

448

Фасли гул рафт ҳарифону шаробе назадем,
Бар лаби ташнаи дил қатраи обе назадем.
Шуд тиҳӣ шишаи умр аз маи ҳастиву ҳанӯз,
Базми мо гарм нашуд, сихкабобе назадем.
Ҳайф, сад ҳайф, ки дар заъф зи бесомонӣ,
Бар димоғу дили худ мушти гулобе назадем.
Киштии умр табоҳӣ шуду дар баҳри вуҷуд,
Даст дар домани хошоку ҳубобе назадем.
Умр шуд сарфи маю майкада, Махфӣ, ҳайҳот,
Ба муроди дили худ бодаи нобе назадем.

449

То кай ба гирифтории доми ҳавас уфтам?
То чанд чу мурғони чаман дар қафас уфтам?
Танг аст зибас бар дили ман арсаи айём,
Хоҳам, ки шавам шуълае, дар мушти хас уфтам?
Бар кандани бунёди ман, эй чарх, чӣ кор аст?
Ман коҳи заифам, ки зи боди нафас уфтам?
Ман муҳтасибу бодакашон душмани ҷонам,
Ин турфа, ки баръакс ба дасти асас уфтам?
Махфӣ, на агар хоҳиши савдои ҷунунест,
Дар маҷлиси ушшоқ чаро чун магас уфтам?

450

На танҳо сӯзи дилро ман ба шамъи анҷуман бурдам,
Фиғони тоза ман аз баҳри мурғони чаман бурдам.
Ба мижгон кандаам ҷӯе ба кӯҳи Бесутуни ғам,
Ба ошиқпешагӣ зоди талаб аз Кӯҳкан бурдам.
Зи носозии бахт охир ниҳодам рӯй бар ғурбат,
Дили пурдоғи ҳиҷрон ёдгории ватан бурдам.
Ба зери хок, агар бинӣ, дили Одам пур аз доғ аст,
Ба дил доғи ҷудоиро ҳамин танҳо на ман бурдам.
Ғанимат дон ту, эй Махфӣ, ки ҳангоми сафар кардан,
Пур аз ашки надомат дидае бо хештан бурдам.

451

Ноумеду яъсро печида бо ҳам дидаем,
Субҳи шодиро тулуъ аз шоми мотам дидаем.

Нест дил озурда, гар шуд толеи мо шашдарӣ,
Нақши ҳарду пойро дар чеҳраи ҳам дидаем.
Хӯ ба дарду ғам кун, эй дил,  з-он ки дар оини ишқ,
Хешро маҳрам ба базми офият кам дидаем.
Сабзаи мо кай шавад серобу кай гардад баланд?
Мо, ки дар боғи ҳавас аз ашк шабнам дидаем.
Дар ба рӯи ханда мисли ғунчаи гул бастаем,
Ашки ҳасрат то равон бар рӯи Одам дидаем.
Дасту по беҳуда, эй дил, баҳри осоиш мазан,
К-ин матолибро бурун аз даври олам дидаем.
Кай дарояд дар назар, Махфӣ, либоси офият?
Мо, ки нақши бурёро маснади Ҷам дидаем.

452

Мо, ки чун Маҷнун зи савдои ҷунун девонаем,
Дӯст бо аҳли ҷунуну душмани фарзонаем.
Шишаи мо, хоҳ пур бошад зи май, хоҳӣ тиҳӣ,
Мо хуморовардаи ҷоми маи ҷононаем.
Баски дилозурдаем аз суҳбати аҳли ҷаҳон,
Рӯзу шаб дар фикри тарки ин куҳанвайронаем.
То хумори мастии шабҳои мастон дидаем,
Аз самими қалб бадхоҳи маю майхонаем.
Қадри гавҳар нест ғаввосӣ, ки дур(р) орад бурун,
В-арна мо ҳам андар ин дунё дур(р)и якдонаем.
Шуъла ҳар ҷо барфурӯзад ар муҳаббат дар ҷаҳон,
Аз барои сӯхтан ҳам шамъу ҳам парвонаем.
Сарфи лаҳву лаъб шуд умри гаронмоя ҳанӯз,
Рӯзу шаб, Махфӣ, чу тифлон гӯш бар афсонаем.

453

Баски дорам сӯзи дил, худро ба озар мезанам,
Синаро бар шуълаи дил чун самандар мезанам.
Шуд баҳори умраму дафъи хумори мо нашуд,
Дӯстон, маъзур, гар мастона соғар мезанам.
Бахри оби зиндагонӣ кай равам дунболи Хизр?
Ман, ки истиғно бар оби ҳавзи Кавсар мезанам.
Осмони осмони ҳимматам зери саҳоб,
То ба чашми орзуи хеш ханҷар мезанам.
Нақди саррофони маъниро ривоҷи дигар аст,
То дар иқлими сухан ман сикка бар зар мезанам.
Нест гар болу пари парвона дар кунҷи қафас,
Дасти ҳасрат чун магас пайваста бар сар мезанам.
Пеши фонуси хаёли ҳусни ту парвонавор,
Бар умеди шуълае шаб то саҳар пар мезанам.
Барнаояд аз даруни хона овозе бурун,
Умрҳо шуд ман ба ин дар ҳалқа бар дар мезанам.
Дӯстӣ бо душмани Оли Паямбар кай кунам?
Ман, ки лофи дӯстӣ бо Оли Ҳайдар мезанам.
Бигзарӣ яксар агар Махфӣ аз ин дунҳимматӣ,
Дар гадоӣ таъна бар шоҳии қайсар мезанам.

454

Зи ҷаври аҳли ситам,  дӯстон, чӣ чора кунам?
Ба ғайри он, ки гиребони сабр пора кунам.
Куҷост ҷазбаи девонагию мадҳушӣ,
Ки аз миёни ҷафопешагон канора кунам?
Хумори бодаи мастиву чашми хоболуд,
Ба базми бодакашон то ба кай назора кунам?
Зи тавба чун ғарази тоибон пушаймонист,
Ба базми тавба чӣ ҳоҷат, ки истихора кунам?
Миёни мардуми бегона рози пинҳонро,
Чу нест маҳрами розе, чӣ истихора кунам?
Шаби фироқи ту азбас ба хок резам ашк,
Тамоми рӯи заминро пур аз ситора кунам.
Замона бар сари озори мост, эй Махфӣ,
Биё, ки хонаи дилро зи санги хора кунам.

455

Оташе ку, ки ба дил сӯзи дигар тоза кунам?
Ин куҳандоғи ҷунунро ба ҷигар тоза кунам.
Ман, ки савдозадаи ишқи ҷунунам, чӣ аҷаб,
Бар сари доғ,  агар доғи дигар тоза кунам?
Ҳар шаб аз нола ба гулзор чу мурғони чаман,
Муждаи омадани  боди саҳар тоза кунам.
Боиси гиряи шому саҳар ин аст маро,
Ки зи хуноби ҷигар боғи назар тоза кунам.
Чанд бар ёди сари зулфи ту аз шабнами ашк,
Бар лаби ҷӯи назар сунбули тар тоза кунам?
Тарсам аз гиряи ман қиммати гавҳар шиканад,
В-арна аз хуни ҷигар ранги гуҳар тоза кунам.
Махфиё, чанд зи ҷаври фалаки шуъбадабоз,
Ҳамчу Яъқуб ба дил доғи басар тоза кунам?

456

Дардо, ки зи қайди ситам озод нагаштем,
Як лаҳза зи ғамҳои ҷаҳон шод нагаштем.
То буд шикофандаи хоро мижаи мо,
Муҳтоҷи дами тешаи Фарҳод нагаштем.
То хӯй ба вайрона гирифтем дар ин даҳр,
Наздик ба наздикии ободнагаштем.
То пои талаб дар раҳи ушшоқ ниҳодем,
Саргашта дар ин бодия чун бод нагаштем.
Ҳар ҷо, ки даромад сухан аз дарси муҳаббат,
Шарманда зи шогирдии устод нагаштем.
То шефтаи силсилаи ҳусни ту гаштем,
Побанди сари зулфи паризод нагаштем.
Мо булбули ишқем, ки бевосита, Махфӣ,
Сайди қафасу ҳиллаи сайёд нагаштем.

457

То чанд хуш нишастан баҳри димоғ ҳар дам?
То кай тавон гузаштан бар тарфи боғ ҳар дам?
Сандуқи синаи ман рашки гул асту гулшан,
Дорам басе нуҳуфта дар сина доғ ҳар дам.
Беҳуда чанд Маҷнун саргаштаи биёбон?
Лабташнаву парешон баҳри суроғ ҳар дам.
Афсурдагӣ фазояд соғар ба ғайри дилбар,
Заҳр аст назди доно май дар аёғ ҳар дам.
Бар табъи аҳли маҷлис, Махфӣ, гарон намояд,
Парвона ҷон фишонад гар бар чароғ ҳар дам.

458

Раҳ ба водии ҷунун бо дили пурхун рафтам,
Ноумед аз дари уммед чу Маҷнун рафтам.
Дида аз ашк таҳӣ гашту дилам пора нашуд,
Ташналаб охири кор аз лаби Ҷайҳун рафтам.
Нохуни саъй чу накшод гираҳ аз корам,
Сад гираҳ дар дил аз ин силсила берун рафтам.
Нолаи зори дилам чун ба асар кор насохт,
Ҳамчу Фарҳод дилозурдаву маҳзун рафтам.
Ки наёмад зи паси пардаи рух фоли мурод,
Солҳо бар асари бахти ҳумоюн рафтам.
Барнаоям ман аз андешаи ин роз бурун,
К-омадам баҳри чию боз чунин чун рафтам?
Бош Махфӣ ту дар ин хона, ки аз оташи дил,
Ман чу фонус дами субҳ на берун рафтам.

459

Манам, к-аз захми ғам хӯрдан хурӯшидан намедонам,
Ба ҷуз хуноби дил ҷоме бинӯшидан намедонам.
Ман он парвонаи ишқам, ки гар сӯзад маро шамъам,
Зи истиллои ишқи ӯ хурӯшидан намедонам.
Замона ҷомаи меҳнат диҳад з-онам, ки медонам,
Либоси офиятро тарзи пӯшидан намедонам.
Магӯ рози дилат бо ман, ки ман аз соддалавҳиҳо,
Чу тифлон рози дил аз ғайр пӯшидан намедонам.
Набурдам раҳ ба мақсуде дар ин водӣ аз он, Махфӣ,
Ки дар роҳи талаб оини кӯшидан намедонам.

460

Эй дида, биё,  то ба тараб ном барорем,
Сомони нишот аз қадаҳу ҷом барорем.
Бар захми дил аз ғам намаки тоза фишонем,
Дарде ба дили синаи худком барорем.
Мардона дароем ба майдони муҳаббат,
Номе ба ҷунун дар сафи айём барорем.
Моем, ки аз ҷазби муҳаббат ба тамошо,
Хубони ҷаҳонро ба дару бом барорем.

Гар шишаи мо гашт тиҳӣ аз маи гулгун,
Хунοби дил аз дида ба ибром барорем.

461

То ба ошиқпешагӣ мо ном берун кардаем,
Равнақе дар кору бори ишқи Маҷнун кардаем.
Баски хуноби ҷигар бар хоки раҳ афкандаем,
Дашту саҳрои ҷунунро Даҷлаи хун кардаем.
Қомати сарви чаман дигар наояд дар назар,
То назар дар қомати он сарви мавзун кардаем.
Анҷуманорои олам гашта ҳусни офтоб,
То либоси чархро аз оҳ гулгун кардаем.
Марди коре, Махфиё, дигар намеояд бурун,
Бар сипоҳи орзу азбаски шабхун кардаем.

462

То ба ғам ҳамдам шудем, аз меҳнату ғам фориғем,
Бо мусибат то гирифтам хӯ, зи мотам фориғем.
Пеши сабри мо гирифторию озодӣ якест,
Ҳамчу Маҷнун аз баду неки ду олам фориғем.
То зи наштар лаззати дарди ҷароҳат ёфтем,
Бо ҷароҳат хӯ гирифтему зи марҳам фориғем.
Бо парешонию нодорӣ қаноат кардаем,
Аз чунин дарҳамкашиданҳои олам фориғем.
Бешу кам гардида чун қисмат ба девони азал,
Бо таваккалпешагон аз бешу аз кам фориғем.
Гиряву зории мазлумон надорад чун асар,
Махфиё, сад шукр, к-аз ашки дамодам фориғем.

463

Дӯш андеша зи бутхона чунин мекардам,
Хуни дил то ба саҳар нақши ҷабин мекардам.
Бо асар аз дили ағёр наёяд хабаре,
Чун лаби дилшудагон нола ҳазин мекардам.
Аз паи боди сабо бесарупо мерафтам,
Ҳар нафас ёди дами бозпасин мекардам.
Гуфтугӯи сухани ишқи ман имрӯзӣ нест,
Машқи савдои ҷунун вақти ҷанин мекардам.
Шуд ба як сӯ зи хирад ҳар кӣ маро, Махфӣ, дид,
Кош савдои туро парданишин мекардам.

464

Биё, эй дил, ки бар ҳоли хароби хештан гирям,
Ба сони абр аз чашми пуроби хештан гирям.
Ба базми май зи бадмастӣ намегирям ман, эй соқӣ,
Ба анҷоми шаби васли шароби хештан гирям.
Ба ашк афшондани чашмам нагардад сӯзи дил камтар,
Магар ҳам худ ба ин ҷони кабоби хештан гирям?

Гаҳе худро чу парвона занам бар шуълаи оташ,
Гаҳе чун шамъ дар зери ниқоби хештан гирям.
Назад субҳи муродам дам, ки омад шоми навмедӣ,
Биё, Махфӣ, ки бар умри шабоби хештан гирям.

465

Менависам номаю аз ғам шикоят мекунам,
Рози худ бар ғамгусори худ ҳикоят мекунам.
Медиҳам барбод ҳар дам дафтаре аз умри худ,
Хонаи худро ба дасти хеш ғорат мекунам.
Баски чун Маҷнун ҷунуни ишқ бар ман ғолиб аст,
Дар ҳарими Каъба Лайлиро зиёрат мекунам.
Рӯ ба ободӣ намеорад дили вайрони ман,
Умрҳо шуд умр сарфи ин иморат мекунам.
Эй саломатрав, мазан санги маломат бар сарам,
К-аз маломат хешро ман худ маломат мекунам.
Рӯ ба хоколудагиҳоям зи гарди роҳ нест,
То ҷудоям аз ту бар сар хоки ҳасрат мекунам.
Аз надомат ашки ҳасрат мекунам дар дида ҷамъ,
Махфиё, сомони саҳрои қиёмат мекунам.

466

Пири Канъонам, зи гиря чашми тар гум кардаам,
Равшании чашм аз баҳри писар гум кардаам.
Сӯи Канъон мебарам аз Миср бӯи пираҳан,
Аз ҳуҷуми шавқ пайғому хабар гум кардаам.
Қатраи хун доштам дар синаву дил ном буд,
В-он ҳам андар мавҷи тӯфони назар гум кардаам.
Марди майдони балоям аз забуниҳои бахт,
Ҳамчу номардон дар ин майдон ҷигар гум кардаам.
Кай кунам парвоз баҳри туъмае монанди боз?
Ман, ки дар авҷи қаноат болу пар гум кардаам.
Гармии ҳангомаи хуршедро пешам чӣ қадр?
Ман, ки аз бахти сияҳ шому саҳар гум кардаам.
Ҷустуҷӯ беҳосил аст, Махфӣ, бар ин гирдоби Ҳинд,
Гавҳари мақсудро ҷои дигар гум кардаам.

467

Баҳор омад, ҳарифон, шиша пурмай метавон кардан,
Ба рағми булбулон ҷоми паёпай метавон кардан.
Умеди васл, агар бошад асирони муҳаббатро,
Ба як андози гоме сар ба сар тай метавон кардан.
Чу дарди ишқ ғолиб шуд, зи баҳри нағмапардозӣ,
Ба водӣ тори қонун аз рагу пай метавон кардан.
Чу ҷоми Ҷам ниҳӣ бар лаб зи рӯи сидқи дил як раҳ,
Дуое бар равони Хусраву Кай метавон кардан.
Туро оҳи дили Маҷнун чу домангир шуд Лайлӣ,
Дар ин раҳ маҳмили худро шабе пай метавон кардан.

Зи ҳад бигзашт, эй Махфӣ, басе шабҳои бадмастӣ,
Хуморолуда ҳам як субҳ ҳай-ҳай метавон кардан.

468

Ошиқӣ! Бояд ба кӯи ёр бемор омадан,
Доғҳо чун лола бар дил, дида хунбор омадан.
Дар тариқи ошиқӣ бисёр дур аст аз адаб,
Андалебон, бе иҷозат сӯи гулзор омадан.
Нест осон панҷа бар зулфи парирӯён задан,
Дар даруни Каъба мебояд ба зуннор омадан.
Ошиқӣ, яъне ба кунҷи меҳнату андуҳу ғам,
Не ба сайри боғ рафтан, не ба бозор омадан.
Дар муҳаббат тарки ҷону тарки дин шарт аст, шарт,
Нест, Махфӣ, кори ҳар кас бар сари дор омадан.

469

Дӯш чун моҳи ҷамолат бе ҳиҷоб омад бурун,
Волаву шайдо зи ҳар сӯ офтоб омад бурун.
Бӯи рӯҳафзо намеояд маро аз обу гул,
Бӯи хуни булбулон аст, к-аз гулоб омад бурун.
Ҳардам аз дарди ҷудоӣ, баски чун абри баҳор,
Ҷои ашк аз дидаи ман хуни ноб омад бурун.
Баски кардам гиря дар водии ҳиҷрон, баъд аз ин
Ҷои об аз дидаи ман хуни ноб омад бурун.
То ба кай зоҳид абас, Махфӣ, даруни хонақоҳ?
Нашъаи Эзадпарастӣ аз шароб омад бурун.

470

То гули рухсори он маҳ аз ҳиҷоб омад бурун,
Ғунча дар гулшан зи ҳасрат аз ниқоб омад бурун.
Моҳи ман имшаб баромад, то бибинад моҳи ид,
Ҳар кӣ онро дид, гуфто: «Офтоб омад бурун».
Бо вуҷуди гиря з-имшаб  оташи дил то саҳар,
Лахт-лахти дил зи дида чун кабоб омад бурун.
Баҳри сайди мурғи дилҳои гирифторони ҳусн,
Турраи зулфи бутон бо печутоб омад бурун.

471

Медиҳад ҳар дамривоҷи куфр истиғфори ман,
Мефазояд равнақи тасбеҳро зуннори ман.
Акси минои маи ман хона равшан мекунад,
Таъна бар хуршед дорад сояи девори ман.
Чашми ман дар хоби ғафлат ҳам набинад рӯи хоб,
Душмани хоби ғурур аст дидаи бедори ман.
Ҳусни озори дилу ҷонро ба накди ҷон харам,
Шод мегардад дили душман чу аз озори ман.
Пеши шамъи ҳусни маҳрӯён ман он парвонаам,
К-аз хиҷолат об гардад шамъ аз дидори ман.

Мурғи рӯҳам чун самандар бас ба оташ хӯ гирифт,
Аз ҳарорат шуъла гардад лола дар минқори ман.
Дидаам осудагӣ бас дар таби афсурдагӣ,
Доруи сиҳҳат нахоҳад ин дили бемори ман.
Бар ҷабин з-ин беш, Махфӣ, доғи расвоӣ мазан,
Доғи дил, чандон ки хоҳӣ, ҳаст дар бозори ман.

472

Бе гули рӯят нахоҳам зинда ҷони хештан,
Ғайри гул булбул нахоҳад ошёни хештан.
Нест боди субҳро дар гулшани ҳусни ту роҳ,
Кардаӣ то зулфи мушкин посбони хештан.
Гар барояд ҷон зи тан, ҳасрат намеояд бурун,
Додаам чун мағз ҷо дар устухони хештан.
Бурдаам гӯи иҷобатро ба уммеди дуо,
Сохтам то номи ту вирди забони хештан.
Ашк чун резад зи чашмам дар канори орзу,
Гар бурун орам зи дил рози ниҳони хештан.
Ҳамчу Махфӣ ҳеҷ кас дар ошиқӣ нарде набохт.
Бохт андар нардбозӣ хонумони хештан.

473

Кори маъшуқон намак дар захм пинҳон рехтан,
Кори ошиқ хуни худ дар пои ҷонон рехтан.
Нест осон панҷа бар зулфи парирӯён задан,
Хуни дил мебояд аз дида ба домон рехтан.
Гар ниҳодам доғи ишқат бар ҷигар, маъзур дор,
Боғбонро мерасад гул дар гиребон рехтан.
Суҳбати бегона з-он дорам ба ту, эй ошно,
К-обрӯ душвор бошад пеши хешон рехтан.
Дидаи худ баркушо, Махфӣ, дигар то кай тавон,
Нақди умри хешро ҳар сӯ парешон рехтан?

474

Гар майли сухан дорӣ дам аз дами масте зан!
В-ар дам задаӣ ёрӣ, аз бодапарасте зан!
Дар суҳбати бадмастон чун маст шудӣ, бархез
Бар шишаи май ғофил масте шуда дасте зан!
Мурдем зи махмурӣ, то кай маи ангурӣ?
Ё тавба бикун аз май, ё ҷоми аласте зан!
Дорӣ сари парвозе , андоз баландӣ кун,
Ҳар ҷо, ки фурӯ монӣ ҳар кӯча ба пасте зан!
Андеша макун, Махфӣ, бархез саҳаргоҳӣ,
Бар лашкари аъдоят мардона шикасте зан!

475

Баски шуд хуни ҷигар дар зиндагонӣ қути ман,
Барнахезад баъди мурдан аз замин тобути ман.

Иқтибоси нур аз шамъам кунад касб офтоб,
Таъна бар хуршед дорад партави ёқути ман.
Баъди мурдан ғам махӯр, Махфӣ, ки дар оини ишқ,
Булбулу парвона гирад пояи тобути ман.

476

На сӯи гулшани ҳуснат назар тавон кардан,
На дар ҳарими хаёлат гузар тавон кардан.
На бо рақиб тавон лаҳзае ба сар бурдан,
На аз диёри муҳаббат сафар тавон кардан.
На бар вафои ту бастан тавон дили уммед,
На аз ҷафои ту қатъи назар тавон кардан.
На рози ишқи ту битвон нуҳуфтан андар дил,
На сирри хеш касеро хабар тавон кардан.
Зи гиря сӯзиши дил кам намешавад, Махфӣ,
Магар ба сабр илоҷи шарар тавон кардан?

477

Гар маро шуълаи оҳе зи дил ояд берун,
Лахт-лахти ҷигарам музмаҳил ояд берун.
Баски оғушта ба хун аст дилам то дами сур,
Турбатам гар бишикофанд гил ояд берун.
Дард чун гашт фузун, шуд дили ғамдида забун,
Нолаю оҳ ба ҳам муттасил ояд берун.
Меҳр ноёб чунон гашта, ки аз ғояти яъс,
Ашк аз чашми ятимон хиҷил ояд берун.
Хоҳ дар анҷумани шоҳ бувад, хоҳ гадо,
Беталаб ҳар кӣ равад мунфаил ояд берун.
Махфиё, дар чаман аз гиряи булбул тарсам,
Ҷои гул бар сари ҳар шох дил ояд берун.

478

Дар баҳорон ҳамчу гул, рав, хайма дар гулзор зан!
Бо парирӯён нишину соғари саршор зан!
Дафтари доноии худ сар ба сар барбод деҳ,
Оташи нодонияш дар хирмани пиндор зан!
Махфиё, то метавонӣ бар хилофи боғбон,
Гул бичин з-ин гулшану бар гӯшаи дастор зан!

479

Чу гул хандон ба гулшан сайри гулшан метавон кардан,
Чу булбул бар сари ҳар шох шеван метавон кардан.
Баҳор омад нишастан то ба кай дар хона, эй мастон,
Ба пое гулбуне як раҳ нишеман метавон кардан.
Равон шуд гар ба гулшан гул, дар оини вафо булбул,
Гули хуниҷигарро ҳам ба доман метавон кардан.
Макун айбам, агар гаштам биёбонгард чун Маҷнун,
Ватан дар бенавоиҳо ба гулхан метавон кардан.

Чу Яъқуб аз ғами ҳиҷрон дари байтулҳазан бастам,
Ба рӯи худ, ки танҳо машқи мурдан метавон кардан.
Зи хоки ман макаш доман, ки аз баҳри Худо, як шаб
Чароғе бар сари ҳар хок равшан метавон кардан.
Ба уммеди нигоҳе рафт, Махфӣ, дил зи дасти ман,
Нигоҳе аз тараҳҳум ҷониби ман метавон кардан.

480

Булбул ба фиғон чанд зи дидори гулистон?
То кай бувад ин равнақи бозори гулистон?
Эй дил, ба ҷафо соз, ки дар дидаи булбул,
Фарқе набувад дар гулу дар хори гулистон.
Бастанд ҳарифон чу ба рӯям дари гулшан,
Чун хор нишастам паси девори гулистон.
Парвоз кунад мурғи дилам аз қафаси тан,
Доим ба ҳавои гулу рухсори гулистон.
Гул чеҳра намояд чу ба наззораи булбул,
Хоре, ки бувад бар сари бозори гулистон.
Шуд фасли баҳор аз чаману фасли хазон шуд.
То чанд тавон мурғ гирифтори гулистон?
Махфӣ, макун асрори ниҳон фош, ки афғон,
Бегона кунад маҳрами асрори гулистон.

481

Чанд хунноби дил аз дида ба домон кардан?
То ба кай нола зи бедод парешон кардан?
Нест андешаам аз кӯтаҳии умр, вале
Боядам зоди раҳи ҳаҷри ту сомон кардан.
Ковиши дида макун гиря, ки дар роҳи талаб,
Номуборак бувад озори рафиқон кардан.
Хуни парвона зи ҳам рехтаӣ бар сари ҳам,
Бояд, эй шамъ, туро шамъи шаҳидон кардан.
Кори Махфӣ шудаю теғи ҷафояш дар кор,
Бегунаҳ чанд тавон қасди асирон кардан?

482

Биё, эй дил, даме ёди ватан кун,
Чу қумрӣ нола бар сарви чаман кун.
Худоро, парда аз рухсор бардор,
Зи шамъи ҳусн равшан анҷуман кун.
Чу гул, эй андалеб, аз дидани гул,
Ҳазорон чок дар ҷайби бадан кун.
Гирифта чун зи Хусрав ком Ширин,
Дуое бар равони Кӯҳкан кун.
Чу гум шуд Юсуфи умри ту, Махфӣ,
Ватан дар гӯшаи байталҳазан кун.

483

Зиндагонӣ чист? Дар пойи гулистон зистан,
Бо парирӯе ба коми хеш мастон зистан.
Даъвии ҳусну ба рӯи хеш афкандан ниқоб,
Оби ҳайвон хӯрдану чун Хизр пинҳон зистан.
Нест кори ҳар касе, ин шева мавзунии мост,
Хуни дил нӯшидану ҳамвора хандон зистан.
Дар гулистон доштан суҳбат ба ноҷинсон басе,
Назди доно беҳтар аст пинҳон ба зиндон зистан.
Навбаҳори умр бигзашту хазон шуд ин чаман,
Ҳамчу гул то чанд бо чоки гиребон зистан?
Баски оби дидаи ман рехт дар зиндони ҳаҷр,
Боядам чун Нӯҳ андар мавҷи тӯфон зистан.
Махфиё, расм аст арбоби хирадро аз қадим,
Бо дили пурдоғ чун зулфи парешон зистан.

484

Эй зиё хуршеди тобонро зи моҳи рӯи ту,
В-эй маҳи иди асирон гӯшаи абрӯи ту.
Дидаи маъниву сурат кард равшан ҳамчу шамъ,
Тутиёи дидаи кас гарди хоки кӯи ту.
Дашту саҳрои қиёмат кард мисли навбаҳор,
Рехт азбас хуни мардум наргиси ҷодуи ту.
Субҳи айши ошиқон чун мотами шаб шуд сиёҳ,
То ниҳода зулфи мушкин рӯи худ бар рӯи ту.
Аз ғами ишқи ту як дил дар ҷаҳон озод нест,
Як ҷаҳон дил гашта монанди сари ҳар мӯи ту.
Бо шаҳидони ғамат кори Масеҳо мекунад,
Мевазад ҳар гаҳ насими субҳдам дар кӯи ту.

485

Дорам саре, валек ба пеши сабӯ гарав,
Мастона гурсна ба сари обрӯ гарав.
То кай ба оби дида кунам шустушӯи рӯ,
То чанд обрӯ сари дар оби ҷӯ гарав?
Дар сар ҳавои бодаву дил дар хаёли зуҳд,
Дорам дили заиф ба сад орзу  гарав.
Моему шонае зи матои ҷаҳону бас,
В-он ҳам барои боди сабо баҳри ту  гарав.
Бикшо забони нотиқа, Махфӣ, ки як ҷаҳон
Маънӣ бувад ниҳон ба сари гуфтугӯ гарав.

486

Зад шуъла оташе ба дил, эй дида, об ку?
Эй дида, сели ашки туро изтироб ку?
Гар нест аҳди кайфи ҷавонӣ чу кимиё,
Он нашъаҳои мастии аҳди шабоб ку?
Халқе зи зулми беҳади гардун хароб шуд,
Инсоф дар суолу забони ҷавоб ку?
Гуфтам шабе ба хоб бибинам рухи мурод,

Эй чашми русиёҳ, туро бахти хоб ку?
Ҳар дам аломатеву нишони қиёмат аст,
Меҳреву субҳи содиқи ӯ, офтоб ку?
Шуд нусхаи ҳисоби муфаттаҳ ба беҳисоб,
Махфӣ, куҷост аҳли тамизу ҳисоб ку?

487

Фасли бахор мерасад, бодаи хушгувор ку?
Бар сари раҳ нишаста гул, замзамаи ҳазор ку?
Гул ба чаман кушод даст, чодари чарх нилгун,
Соғари айш кард пур ғунча, зи май хумор ку?
Гашта ҳавои бӯстон тавбашикан зи шабнаме,
Созу навои булбулу соқии гулъизор ку?
Гул ба чаман кушода рӯ ваъдаи васл медиҳад,
Саҳл бувад нишастанам, дидаи интизор ку?
Булҳавасони ошиқӣ баста ҳино басе ба даст,
Дасти ҳино нигор нест, дасти ба хун нигор ку?
Гӯшанишини дил кунам, дидаи дил замонаро,
Баҳри намудани рухат қавл куҷо, қарор ку?
Ваъда ба ишратам диҳӣ, фасли баҳори зиндагӣ,
Гардиши даври дунпараст, ин ҳама эътибор ку?
Эй, ки навишта медиҳӣ фатвӣ ба ихтиёри ман,
Дасти ман асту доманат, риштаи ихтиёр ку?
Киштии мавҷи офият бар сари мавҷи фитна аст,
Боди мурод дар куҷо, равшании канор ку?
Махфӣ, агар чашидаӣ чошнии шаҳодате,
Равшании чароғи ту, лавҳи сари мазор ку?

488

Баски ниҳодам ба дил доғи таманнои ту,
Шуъла зада синаам оташи савдои ту.
Гашт чаман ғарқи хун, баски зи теғи нигоҳ,
Хуни асирон бирехт наргиси шаҳлои ту.
Ҷоми сабуҳӣ биёр, ваъда ба фардо макун,
Нест маро пеш аз ин ваъда ба фардои ту.
Дар чамани интизор доғи муҳаббат ба дил,
Сафзадаӣ лолаҳо баҳри тамошои ту.
Аз назарат меравад умри гиромӣ ба бод,
Оҳ чӣ шуд, Махфиё, дидаи бинои ту?

489

Доим аз гиря бувад дида ба об олуда,
Тарки мастӣ накунад лаб ба шароб олуда.
Шишаи ман зи майи хуни ҷигар лабрез аст,
Ман аз он менакунам лаб ба шароб олуда.
Мерасад бӯи дил аз нолаи зорам ба димоғ,
Бӯи хуноб диҳад сихи кабоб олуда.
Саргаронӣ наравад аз сари ӯ то дами сур,
Дидаи бахт чу гардида ба хоб олуда.

Махфӣ, ҳар лаҳза ман аз бахт саволе дорам,
То ба як бор кунад лаб ба ҷавоб олуда.

490

Фурӯғи ҷилваи ҳуснат чунон дар дида печида,
К-аз он оташ даруни синаи ғамдида печида.
Шавад ёқут, агар бинам ба чашми тарбият дар санг,
Магар хуршедро дар ҳусни худ дуздида печида?
Нагашта воқиф аз мазмун, аз он бар хеш менолам,
Ки мактуби муҳаббатро басе санҷида печида.
На бо бегонагон дорам, на бо хешон сари улфат,
Зибас савдои ишқам дар сари шӯрида печида.
Ба печутоби навмедӣ зи по маншин, ки дар гулшан,
Гиёҳе меравад бар осмон печида-печида.
Мабин дасти Зулайхоро, ки ҳар сӯ аз ғами Юсуф,
Ҳазорон дасти худ дар бехудӣ бибрида печида.
Аз он бар хеш мепечам зи сӯзи сина, эй Махфӣ,
Ки дар оташ чу чӯби тар ба худ печида-печида.

491

Кай бесабаб моро чунин аз хок пайдо кардаӣ?
Ту бар шиносоии худ ин фитна барпо кардаӣ.
Ҳам дину хам дил бурдаӣ, ҳам қасди ҷонҳо кардаӣ,
К-ин бо касе ҳаргиз накард, ту он чӣ бо мо кардаӣ.
Бо он ки рӯ нанмудаӣ аз як фиреби ваъдае,
Дар дидаи ҳар дидае худро тамошо кардаӣ.
Бо он ки дар кавну макон имкон надорад ҷои ту,
Дар чашми ҳар соҳибдиле чун мардумак ҷо кардаӣ.
Не тоқати биншастану не қуввати бархостан,
Бо ин заифиҳои мо, моро шикебо кардаӣ.
Девонагонро з-аблаҳӣ дар қайди ақл афкандаӣ,
Фарзонагонро аз ҷунун саргарми савдо кардаӣ.
Аз баҳри як бегонае, бар ошно дар бастаӣ,
Бо бутпарасте, кофаре чандон мадоро кардаӣ.
Гоҳам парешон мекунӣ, гаҳ машқи тӯфон мекунӣ,
Эй ашки рӯзафзун, магар оҳанги саҳро кардаӣ?
Файзи каломат мекунад ҳушёр ҳар девонаро,
Махфӣ, дар эъҷози сухан кори Масеҳо кардаӣ.

492

Сунбули зулфи туро нисбати мӯ, яъне чӣ?
Гули уммеди туро нашъаи бӯ, яъне чӣ?
Ман куҷову ҳаваси базми масаррат зи куҷо,
Шишаи бахти маро роҳи гулӯ, яъне чӣ?
Дафъи сӯзи ҷигар аз гиряи мастона нашуд,
Оташи ишқи туро оби сабӯ, яъне чӣ?
Нест гар қасди маҳу меҳр тавофи дари ту,
Рафтани шому саҳар кӯй ба кӯ, яъне чӣ?

Карда тақлиди хати ҳусни ту Махфӣ, в-арна,
Рӯзу шаб ҳарду ба ҳам рӯй ба рӯ, яъне чӣ?

493

То ба гирди рӯи ту аз хат нишон бархоста,
Дуди навмедӣ зи ҷони ошиқон бархоста.
Накҳати гулзори ҳуснат то сабо овардааст,
Андалебонро зи ҷон оҳу фиғон бархоста.
Чашми некӯи мадор, эй дил, аз ин дунҳимматон,
К-ошноиву мурувват аз миён бархоста.
Ин хабар пайдост, аз дасти ҷафои рӯзгор,
Ҳар тараф чун рӯзи маҳшар «ал-амон» бархоста.
Зиндагониро маҷӯ лаззат зи гардун, зинҳор,
Махфиё, к-ин наштар аз кавну макон бархоста.

494

Зибас аз дарди ҳиҷронат ғаму дардам фузун гашта,
Зи гиря косаи чашмам лаболаб ғарқи хун гашта.
Напиндорӣ, ки дар ҳаҷрат ба пайғоме шудам хурсанд,
Ба Рабби Каъба савганде, ки дарди ман фузун гашта.
Чу Маҷнун андар ин водӣ аз он девона мегардам,
Ки қуллоби сари зулфи ту занҷири ҷунун гашта.
Чунон аз дарди маҳҷурӣ заифу нотавон гаштам,
Ки кохи ғам маро бар дил чу кӯҳи Бесутун гашта.

495

...Чу чаман шукуфта гардад зи навои андалебон,
Ману бодаҳои гулгун, дилу нашъаҳои мастӣ.
Май аз он ба рӯз ҳаргиз накашанд майфурӯшон,
Ки ҳазорчанд дорад шаби ҳой-ҳои мастӣ.
Шабу бодаи ҳарифон ба муроди хеш, Махфӣ,
Туву бодаи хуморат, ману гиряҳои мастӣ.

496

Эй булҳавас, чӣ шеваи Маҷнун ҳавас кунӣ,
Бояд ба роҳи ишқ фиғон чун ҷарас кунӣ.
Эй мурғи дил, зи шабнами ашкам баҳор гир,
То кай фиғону нола ба кунҷи қафас кунӣ?
Аз ҷаври аҳли ҷавр чӣ фарёд мекунӣ?
Боре ба пеши одили фарёдрас кунӣ.
Сар бар хати итоату фармонбарӣ ниҳад,
Соқӣ, пиёларо чу ба коми асас кунӣ.
Махфӣ, чу гуфтугуй ба ҷое намерасад,
Беҳтар к-аз ин ҳикояти беҳуда бас кунӣ.

497

Дили ман бибурд шӯхе ба нигоҳи дилфиребе,
На ба дида монд ашке, на ба дил маро шикебе.
Ба чаман наруста ҳаргиз чу қади ту ҳеҷ сарве,
Накашида дасти қудрат чу ту ҳеҷ ҷомазебе.
Шаби мастии висолат зи хумори ҳаҷр тарсӣ,
Махфӣ, қаринфарозӣ, ба ҷаҳон бувад нишебе.

498

Парвона, зи ишқ имшаб парвоз басе дорӣ,
Бо шамъ муқобил шав, гар дастрасе дорӣ.
То чанд тавон афғон дар кунҷи қафас, булбул?
Сад шукр, к-аз ин олам кунҷи қафасе дорӣ.
Беҳуда дар ин гулшан то чанд фиғон, булбул?
Оташ ба гулистон зан, гар хору хасе дорӣ.
Ошуфтаву ғамгинӣ, пажмурдаву дилгирӣ,
Дониста шуд имрӯзам, к-андуҳи касе дорӣ.
Бо бози ҳавас то кай дунболи шикор, эй дил,
Парвоз чӣ хоҳӣ кард, боли магасе дорӣ?
Дар ваҳшату танҳоӣ шарт аст ба ҳам будан,
Султони ақолимӣ, гар ҳамнафасе дорӣ.
Махфӣ, ба чаман булбул шуд гарми тараб бо гул,
Ҳангоми баҳор омад, хез ар ҳавасе дорӣ.

499

Накардӣ ёди маҳҷурон ба мактубе шуд айёме,
Агар қосид намеояд, ба дасти бод пайғоме.
Биё, эй мояи ороми дил, ором деҳ дилро,
Ки набвад беш аз ин бе ту маро сабреву ороме.
Агар аз шафқату давлат, ту алтофе намесозӣ,
Навозиш метавон кардан гадоёнро ба дашноме.
Ба қасди дидани Маҷнун машав саргашта, эй Лайлӣ,
Ки набвад дар раҳи водӣ аз он бечора ҷуз номе.
Барояд офтоб, эй маҳ, барои дидани рӯят,
Намояд гӯшаи абрӯ, агар ҳусни ту дар шоме.
Биё, соқӣ, лаболаб кун зи май соғар, ки мехоҳам,
Лабе бар лаб ниҳам дилро ба ёдаш бар лаби ҷоме.
Намедонам ман, эй Махфӣ, саранҷомам чӣ хоҳад шуд?
Ба кори худ чу мебинам, намебинам, саранҷоме.

500

Дорад гулистон роҳи ман азбас гули пажмурдагӣ,
Булбул наояд дар фиғон аз ғояти афсурдагӣ.
Душман қавию ман забун, фарёдрас золимниҳод,
Бошад маро з-ин зиндагӣ бисёр беҳтар мурдагӣ.
Махфию ман фикрам ҳамин, к-аз чанги ғам оям бурун,
Ғамро ҳамин андешаи аз дасти ман дилбурдагӣ.

501

Туву сайри боғу гулшан, ману рӯи бенавоӣ,
Туву айши шодмонӣ, ману оташи ҷудоӣ.
Туву ҳукми комронӣ, ману меҳнати асирӣ,
Туву тарзи худнамоӣ, ману дар ба дар гадоӣ.
Туву теғи ҷонситонӣ,  ману захми ноумедӣ,
Ману дайру бутпарастӣ, ману даъвии худоӣ.
Чӣ кунам, чӣ чора созам, ба ту эй маҳи ситамгар?
Ману доғи ошноӣ, туву расми бевафоӣ.
Накунам шикоят аз ту, макун он чӣ метавонӣ,
Ки зи қайди ишқи хубон набувад дигар раҳоӣ.
Чу камони абрувонат, ки ниҳад хаданги ҷонам,
Ба умеди он, ки рӯзе  ба ғалат зи дар дароӣ.
Ҳама умр дида, Махфӣ, ба раҳи умед дорам,
Ба умеди он, ки шояд ба хаёли ӯ дароӣ.

502

Ба кӯи хуфтагон бигзар ба оине, ки медонӣ,
Ки бархезанд аз навбат зи болине, ки медонӣ.
Зи савдои сари зулфат гиреҳ афтод дар корам,
Сарат гардам, гиреҳ бикшо, аз он чине, ки медонӣ.
Диле дорам саросар хун шуда дар ишқ, эй Махфӣ,
Худоро ҷониби ман бин ба оине, ки медонӣ.

503

Эй сурати зебои ту оинаи осудагӣ,
В-эй нозу истиғнои ту ҳар рӯз дар беҳудагӣ.
Афсурда месозад маро тарзи тағофулҳои ту,
Эй бевафо, то кай тавон дар паллаи фарсудагӣ?
Маҷнунаму дорам ниҳон сад доғи Лайлӣ бар ҷигар,
Бошад аз он чашме маро аз ғам ба хунолудагӣ.
Ҳар гул, ки бинӣ дар чаман, дорад ниҳон доғи диле,
Эй мурғи хушилҳон, маҷӯ доғи дили осудагӣ.
Махфӣ, зи исён номаам гардид чун рӯи сияҳ,
Эй русияҳ, шарманда шав, дигар аз ин олудагӣ.

504

Ба сӯи ғам, дило, мардона рафтӣ,
Ба пеши шамъ чун парвона рафтӣ.
Сиришки дида мондӣ аз давидан,
Ту ҳам охир аз ин вайрона рафтӣ.
Ба маҳшар кай шавад ҳушёр, эй маст,
Лабе гар бар лаби паймона рафтӣ.
Ба коми дил расида дар раҳи ишқ,
Агар рӯ бар кафи ҷонона рафтӣ.
Бирав, Махфӣ, биҳамдуллаҳ, ки охир
Бараҳманвор з-ин бутхона рафтӣ.

505

Эй ки аз зулфи сияҳ, бар рух ниқоб андохтӣ,
Оташе дар синаи ҷони кабоб андохтӣ.
Беқарор аст мавҷи симоби рухат бар абрӯвон,
Акси рухсорат, нигар, бар рӯи об андохтӣ.
Аз нигоҳат обу май хосияти оташ гирифт,
Хуш нигоҳи дилрабое аз шароб андохтӣ.
То чароғи гул зи акси шамъи рух афрухтӣ,
Булбулу парвонаро дар изтироб андохтӣ.
Дар дили вайрони ман тухми муҳаббат коштӣ,
Чашми маъмуре бар ин мулки хароб андохтӣ.
Роҳ хоҳад зад хаёлат дар либоси шабравӣ,
Аз хаёле сад халал дар кори хоб андохтӣ.
Партави рухсораи хуршеди оламгир шуд,
Соя то мисли ҳумо бар офтоб андохтӣ.
Маъсият додӣ зи ғафлат хирмани тоат ба бод,
Дар хатоям оқибат баҳри савоб андохтӣ.
Гашт, Махфӣ, оқибат сели сиришк аз мавҷҳо,
Киштии уммедро дар мавҷи об андохтӣ.

506

Мурғи дил дорад сари парвоз, ёрон, ҳиммате,
Ғайри гул булбул надорад бо гулистон улфате.
Андалеби гулшани ишқем дар бозори ишқ,
Нест бори миннате  моро зи абри раҳмате.
Булбулу гулзор бо ҳам суҳбати ёрони аҳл,
Камтарин файзи гулистон аст файзи раҳмате.
Дар ҳақиқат рутбаи ошиқ кам аз маъшуқ нест,
Ишқро бояд чу Маҷнун марди олиҳиммате.
Хандае кофист булбул ғунчаи мақсудро,
Дар гулистони муҳаббат чун надорад офате.
Дил, ки шуд саргаштаи водӣ зи танҳоӣ чӣ ғам?
Бо гадоӣ ишқ бошад ҳамчу шоҳон шавкате.
Дилрабоӣ пешаи ишқат, тааҷҷуб ҳеҷ нест,
Гар бувад ваҳши биёбонро ба Маҷнун улфате.
Ҷустуҷӯи орзуи дил нишони аблаҳист,
Нест чун аҳли ҳимамро дастрас бар давлате.
Пеши мо тарзи гирифториву озодӣ якест,
Ҳиммате, моро набошад бо таманно ҳоҷате.
Давлате хоҳӣ, ки бошад пойдору барқарор,
Нест ин давлат муяссар ғайри кунҷи хилвате.
Баҳри шодобии гулзори муҳаббат, боғбон,
Шабнами ашке набошад кам зи абри раҳмате.
Сарф шуд умри гиромию накардам ҳосиле,
Ғайри афсӯсу пушаймонию ашки ҳасрате.
Нолаатро чист гар таъсир, Махфӣ,  ғам махӯр,
Оқибат пайдо кунад ин чизи арзон қимате.

## ҚИТЪА

Ман зи дил тангу дил зи ман танг аст,
Суҳбати мо чу шишаву санг аст.
Махфиё, кай расам ба манзили дӯст?
Роҳ торику маркабам ланг аст.

## ҚИТЪА

Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман бинад маро,
Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман бинад маро?
Дар сухан пинҳон шудам монанди  бӯ дар барги гул,
Ҳар кӣ дидан майл дорад, дар сухан бинад маро.

## ҚИТЪА

Булбул наям, ки нола кунам, дарди сар барам,
Қумрӣ наям, ки тавқ ба гардан биёварам.
Парвона нестам, ки ба як дам адам шавам,
Шамъам, ки ҷон гудозаму дам барнаёварам.

## РУБОӢ

Дил ба сурат надиҳам ,то шуда сират маълум,
Бандаи ишқаму ҳафтоду ду иллат маълум.
Воизо, ҳавли қиёмат ба дили мо мафикан,
Ҳавли ҳиҷрон гузарондему қиёмат маълум.

# ҚАСОИД

1

З-обу гили ин чаман, мо ҳама бӯстони Ӯ,
Қуввати дил медиҳад, бӯи гулистони Ӯ.
Барқи дурахшандагӣ партави хуршед ёфт,
Гашт чу боми фалак арсаи майдони Ӯ.
Муъҷизи пайғамбарӣ машъали дин барфурӯхт,
Зулмати куфр аз ҷаҳон рафт ба ҷавлони Ӯ
Турфа бинои амал дар дили ман карда буд,
Шукр, ки барбод рафт, ин сару сомони Ӯ.
Умр талаф кардан аст хӯрдани оби ҳаёт,
Умри абад ёфтаст Хизри биёбони Ӯ.
Тири камонҳои мо чун нахӯрад бар ҳадаф?
Гашта ба хуни ҷигар сурх чу пайкони Ӯ.
Дар раҳи ҳар орзу сад хатар афзун бувад,
Қасди дилу ҷон кунад шери найистони Ӯ.
Ҳар кӣ ба дарёи хавф рӯи хиҷолат ниҳод,
Сар ба фалак мекашад рифъати айвони Ӯ.
Ҳар кӣ бинои амал бар сари ҳиммат ниҳод,
Мавҷаи тӯфон надид киштии исёни Ӯ.
Аҳди ҷавонӣ гузашт, оташи мо ҳам гудохт,
Мағзи димоғу дилам дар ғами ҳиҷрони Ӯ.
Тифлсифат то ба кай дар паи ин золи пир?
Нест ба ҷуз хуни дил шир ба пистони Ӯ.
Чашми мурувват  зи чарх доштан аз аблаҳист,
Қасди дилу ҷон кунад новаки мижгони Ӯ.
Бӯи кабоби ҷигар мехӯрадам бар димоғ,
Оҳ, ки дилро гирифт оташи ҳиҷрони Ӯ.
Гар бичашад қатрае об зи теғаш аҷал,
Рақскунон ҷон диҳад бар сари майдони Ӯ.
Дам задан аз ҳусни Ӯ, ақл хато мекунад,
Доми дилу ҷон бувад зулфи парешони Ӯ.
Ранги хазону баҳор, ақл чиҳо мекунад?
Равнақи боғи гулат фасли зимистони Ӯ.
Махфии зулматсиришт дар паи ишқи ту рафт,
Матлаи хуршед шуд, мақтаи девони Ӯ.

2

Барзада хуршедвор маҳ зи гиребони Ӯ,
Рехта чун офтоб нур ба домони Ӯ.
Аз хатар орад бурун киштии уммеди Нӯҳ,
Муъҷизи пайғамбарист мавҷаи тӯфони Ӯ.
Ҳаст ниҳон ҳар қадам чашмаи оби ҳаёт,
Дар раҳи андешаи Хизри биёбони Ӯ.
Фитна басе карда буд куфр ба ҳар гӯшае,
Дод ба боди фано равнақи имони Ӯ.
Шеваи ошуфтагӣ аз гулу сунбул барад,
Сар чу барорад зи хоб наргиси мастони Ӯ.
Рӯзи қиёмат чӣ ғам осии шармандаро?

Ҳаст шафеи гунаҳ шарми гуноҳони Ӯ.
Равшании дида ёфт кишвари ҳафт осмон,
То зи набувват ниҳад пой бар айвони Ӯ.
Гарчи ба нерӯи дин ҳарду ҷаҳонро гирифт,
Гарди тааллуқ наёфт роҳ ба домони Ӯ.
Оҳ, ки дар ҷустуҷӯ ҳавсаларо бохтем,
Аз сари нав мешавам боз парешони Ӯ.
Бар дили Махфӣ магар захми дигар хӯрдаст?
Хун зи дилам мечакад боз зи афғони Ӯ.

3

Шеър бувад ҳамчу тан,  маънии ӯ, ҷони Ӯ,
Гармии бозори ӯ, равнақи дукони Ӯ.
Дояи ман шуста буд сина ба хунноби дил,
Шир зи хун хӯрдаам аз сари пистони Ӯ.
Файзи сухан гавҳарест рехта абри карам,
Сайқали дил мекунад ҷавҳари пинҳони Ӯ.
Ранҷ басе дидаам, то ки ба нерӯи ақл,
Пай ба сухан бурдаанд қофиясанҷони Ӯ.
Гарчи сухан гавҳарест аз садафи баҳри дил,
Баски на дарё бувад ёфтан имкони Ӯ.
Абҷади ишқи маро гар ба сар ояд адиб,
Рӯй  ба саҳро ниҳад тифли дабистони Ӯ.
Гул, ки ба саҳни чаман атрфурӯшӣ кунад,
Суда ба ҷайби сухан гӯшаи домони Ӯ.
Нест аҷаб,  гар шавад, чеҳраи гул сурхранг,
Хуни ҷигар хӯрдааст ғунчаи хандони Ӯ.
Аҳли сухан нохуне беҳуда бар дил занад,
Марҳами захми дил аст гарди намакдони Ӯ.
Зулми ситампешагон зад ба дилам оташе,
Мағзи суханро бисӯхт шуълаи сӯзони Ӯ.
Васвасаи хотирам тафриқа дорад сухан,
Оҳ, ки торик шуд, оина рахшони Ӯ.
Муддати чилсола ақл дар паи андеша буд,
То ки баровард дил гавҳаре аз кони Ӯ.
Ҳаст ҳунарпарварӣ, в-арна бурун оварам,
Аз ҷигари хунчакон лаъли Бадахшони Ӯ.
Дил, ки дар иқлими тан навбати шоҳӣ шинохт,
Махзани асрор дошт хонаи вайрони Ӯ.
Гарчи ситам кард чок ҷайби шикебам ба зӯр,
Сабрфурӯшӣ кунам бар дари дӯкони Ӯ.
Гарчи ба Маҷнун санам маҳз ситам кардааст,
Шукргузорӣ кунам дар таҳи зиндони Ӯ.
Чарх, ки аз рӯи кин баста ба хунам камар,
Гӯи ҳунар бурдаам аз хами чавгони Ӯ.
Нест зи тақсири ӯ, дӯст агар душман аст,
Беадабӣ кардаам бо ғами пинҳони Ӯ.
Шаб ҳама шаб то саҳар аз сари мардонагӣ,
Фикри шабехун кунам баҳри шабистони Ӯ.
Нест агар ташналаб боғи мурувват, чаро
Хок ба сар мекунад сарви хиёбони Ӯ?

Дидаи хунрез шуд марди гирифторро,
Рашки гулистон шавад гӯшаи афғони Ӯ.
Чашмаи оби ҳаёт чашмаи чашм асту бас,
Об зи Кавсар хӯрад Хизри биёбони Ӯ.
Туҳмати беҳуда чанд бар дигарон баҳри дил?
Нест ба ҷуз ҳирси ӯ раҳзани имони ӯ.
Хизр абас меравад аз паи оби ҳаёт,
Роҳ ба зулмат ниҳод чашмаи ҳайвони Ӯ.
Пои талаб бозкаш аз дари эҳсони даҳр,
Талх кунад коми ҷон чошнии ҷони Ӯ.
Хирмани умри маро ҷуз пари коҳе намонд,
Рафт ба боди фано он сару сомони Ӯ.
Равнақи бозори фикр боди ситам бурда буд,
Боз зи ту тоза кард дидаи гирёни Ӯ.
Ваҳ, ки зи чашми умед нури таманно бирафт,
Ҳайф, ки торик шуд кулбаи эҳзони Ӯ.
Тухми муҳаббат фиканд дар дили ман завқи тан,
Нашъунамо баъд аз он ёфт зи ёрони Ӯ.
Ҷазбаи ахлоқи мо дар раҳи дин ғолиб аст,
В-арна набудӣ ба мо хоҳиши эҳсони Ӯ.
Дам зи сухан мезанад фикр зи нав дӯхтам,
Пираҳани наътро бар қади эҳсони Ӯ.

4

Роҳи Мадоин куҷост, оҳ, зи ҳирмони Ӯ?
То ба сарам гул кунад хори мағелони Ӯ.
Мағзи сухан об шуд, дар кафи андешаам,
Шуълаи оташ бувад, реги биёбони Ӯ.
Дам задан аз мадҳи Ӯ дур бувад аз адаб,
Оҳ, хато кардаам, мадҳи ману шони Ӯ.
Фатҳи атояш гирифт боғи хароби дилам,
Нахл нишондан зи ман, самрадиҳи з-они Ӯ.
Зомини абри баҳор дидаи гирёни ман,
Ноиби боди сабо файзи гулистони Ӯ.
Реша фурӯ мебарад дар чаманаш чӯби хушк,
Файзи баҳорон диҳад шабнами эҳсони Ӯ.
Аз шаҷари душманӣ бори муҳаббат диҳад,
Тоза кунад коми ҷон меваи бӯстони Ӯ.
Бе мадади оби теғ маъракаи растахез,
Рашки гулистон кунад хуни шаҳидони Ӯ.
Гулшани уммедро яъс хазон карда буд,
Боз зи ту тоза сохт шабнами эҳсони Ӯ.
Ҳусну малоҳат ба ҳам арбадаҷӯӣ кунад,
Гар надиҳад сулҳашон зулфи парешони Ӯ.
Рӯҳ накард ихтиёр ҳамдамии мушти хок,
Бар гили мо то натофт партави имони Ӯ.
Сар зи гиребони шаб барназад ин офтоб,
Нур ба ӯ то надод шамъи шабистони Ӯ.
Бар вараҳи сарнавишт ҳар чӣ рақам ёфтаст,
Лавҳу қалам интихоб карда зи девони Ӯ.
Пой фурӯтар ниҳод аз сари арши барин,

Ҷои нишастан надид олами аркони Ӯ.
Хост, ки дар бар кунад ҷомаи лавҳу қалам,
Баҳри шарофат ниҳод по ба гиребони Ӯ.
То нашавад ғайри Ӯ маҳрами рози ниҳон,
Аз ақибаш бозгашт сояи домони Ӯ.
Каъба чу бутхона буд, муъҷизаи ӯ шикаст,
Рӯяти бутхонаро бар сари рӯҳбони Ӯ.
Пушти фалак шуд дуто то натавонад нишаст,
Аз сари кибру манӣ рост ба айвони Ӯ.
Муждаи эҳсони ӯ бод барад гар ба Миср,
Рӯ ба Мадоин ниҳад Юсуфу ахвони Ӯ.
Мавҷаи дарёи Нил роҳ туфайли ту дод,
То зи хатар бигзаранд Мӯсию аъвони Ӯ.
Илми ладунии ту гавҳари дарёии илм,
Киштии шаръи ту буд мавҷаи тӯфони Ӯ.
Боғи ҷаҳонро агар фикри мараммат кунад,
Чун вараҳи зар шавад барги дарахтони Ӯ.
Нест агар иттифоқ, аҳли нифоқ аз чӣ рӯ,
Кишвари динро гирифт муфт ба озони Ӯ?
Муфлисӣ аз ҳад гузашт, аҳли ҳунарро, дареғ,
Монд таҳи остин дасти зарафшони Ӯ.
Пай ба ҳақиқат набурд, рӯи хиҷолат ниҳод,
Ҳар кӣ ҳидоят наёфт дар раҳи имони Ӯ.
Ҳар кӣ ба тадбири ақл дам зи ҷунун мезанад,
Сад чу Фалотун бувад бандаи фармони ӯ.
Махфӣ, зи бетоқатӣ нола кунад мурғи дил,
Чанд чу тӯфон ниҳӣ гӯш ба дастони Ӯ?
Азми сафар мекунад, ин дили девонаам,
Оҳ, ки ҷуз нола нест ёри биёбони Ӯ.
Чашми мурувват мадор аз назари рӯзгор,
Хуни ҷигар мечакад аз сари мижгони Ӯ.
Ҳавсала омад ба танг в-ин дили ғамдидаам,
Арзи таҳаммул кунад бар сари майдони Ӯ.
Дар ҷигари беҷигар қатраи хуне намонд,
Ханҷари мижгони ӯ, толиби марҷони Ӯ.
Бар дари султони аср ҳайф надорам дигар,
То ки расонад ба арз мақсади аркони Ӯ.
Сонии соҳибқирон, подшаҳи инсу ҷон,
Он, ки фалак сар ниҳад бар хати фармони Ӯ.
Бар раҳи иқлими ӯ ҳодисаро роҳ нест,
Лутфи Худованди он ҳаст нигаҳбони Ӯ.
Қуввати бозуи зулм рафта ба мулки адам,
Ёфта умри абад адл ба даврони Ӯ.
Заҳраи шери фалак об шавад дар ҳарос,
Тез кунад гар нигаҳ ҷониби айвони Ӯ.
Фатҳ зи иқболи он бар сари ҳар кас равад,
Пайкари нусрат занад даст ба домони Ӯ.

5

Дили ман булбули ишқ асту доғи дил гулистонаш,
Фано девори он боғу бақо ҳадди хиёбонаш.

Диле, к-аз дарди танҳоиву чашме сели хун гиряд,
Биёбонро кунад рашки гулистон чашми гирёнаш.
Агар девонаи ишқӣ, магардон рӯй з-ин водӣ,
Ки ин водӣ раҳи ишқ аст, нопайдост поёнаш.
Биёбоне, ки дар ваҳшат ҷигар аз шер бистонад,
Зи он водӣ, ки гул бошад, хасу хори мағелонаш.
Агар девонаи ишқат кашад боре дар ин водӣ,
Дами саргаштагӣ ҳамдард бошад моҳи Канъонаш.
Ниҳоли боғи ошиқпешагон, ё Раб, чӣ бор орад?
Ки ҷӯи хуни дил меояд аз девори бӯстонаш.
Ба дил пӯшидаам гар ҷомаи ишқи бутон, аммо
Зи чоки домани ғам кардаам тавқи гиребонаш.
Кулоҳи Қайсаре нозам, ки дасти Ҷамнишони ӯ,
Ниҳад аз рӯи истиғно ба фарқи тоҷи хоқонаш.
Чу тифлон синаи ин золи гардунро манеҳ бар лаб,
Ки беҳад заҳри қотил мечакад аз шири пистонаш.
Дили ғампарвари Махфӣ ҳавои гулшане дорад,
Ки хатти истиво бошад муқобил бо хиёбонаш.
Ману ишқи гирифторӣ, дилу андешаи ҳусне,
Ки занҷири ҷунун бошад сари зулфи парешонаш.
Ба афсун барнамеояд зи сар савдои ишқи ӯ,
Ба бадроҳӣ намегардад зи роҳи дин мусалмонаш.
Муаддаб мекашад беҳуда ранҷе аз сабақ додан,
Фалотуни замони худ бувад тифли дабистонаш.
Ду тоқе ҳаст дар олам чӣ дар сурат, чӣ дар маънӣ,
Яке тоқи хами абрӯву дигар тоқи айвонаш.
Тааҷҷуб нест гар равшан шавад з-он чашми нобино,
Ки марҳам мениҳад бар захм аз гарди намакдонаш.
Абас бошад ба базми ишқ гар миҷмар барафрӯзӣ,
Ки файзи сад гулистон аст пинҳон зери домонаш.
Шавад осӣ, касе к-ӯ ҷомаи мотам сияҳ дорад,
Ҳаёти ҷовидон дорад шаҳиди теғи бурронаш.
Кушудан чашмаи маънӣ муяссар нест бефикре,
Ба ҷои дур(р) бувад оташ ниҳон дар қасри Уммонаш.
Аз он дар пардаи зулмат ниҳон шуд чашмаи ҳайвон,
Ки оби чашмаи Кавсар хӯрад Хизри биёбонаш.
Набуд осори куфру дин, ки ҳафт иқлими оламро,
Ба зӯри қуввати бозу гирифт аз куфр имонаш.
Абас ин тарз имонат ба расми куфр механдад,
Ривоҷи дини ислом аст куфри кофаристонаш.
Муҳаббат бар дили ғамдидаи ҳар кас, ки ғолиб шуд,
Гаҳе бинанд хандонаш, гаҳе ёбанд гирёнаш.
Мударрис дарс аз он гӯяд, ки файзи суҳбаташ ёбад,
Надорад эҳтиёҷи гирязоре завқи виҷдонаш.
Шарофат нест гар лавҳи мазорам фарши масҷид шуд,
Зиёратхонаи қудс аст бар қабри шаҳидонаш.
Набошад гар чароғе баъди мурдан бар сари қабрам,
Бувад қабри маро кофӣ чароғи лавҳи имонаш.
Зи дарди нотавониҳо чу шуд кори дилат аз даст,
Ту хоҳӣ дард афшон кун, ту хоҳӣ роҳат афшонаш.
Муҳаббат дарс мегӯяд, хирад саргарми устод аст,
Чу Маҷнун аст саргардон, ки то гирад гиребонаш.

Маломат з-осмон борад, надомат аз замин рӯяд,
Гирифтори муҳаббатро зи афғон дарди ҳирмонаш.
Чӣ шуд он партави хуршеди оламтобро, ё Раб?
Ки пайдо нест осоре зи номи лаъл дар конаш.
Ба рағми шодмонӣ ғам ватан дар синаи ман кун,
Ки дорад равнақ ободии дилҳои парешонаш.
Касеро мерасад лофи муҳаббат бо дили ҷонон,
Ки гӯе сар канад аввал ба ҷои гӯй чавгонаш.
Ниҳонӣ гиряе дорам зи дил duздида-дуздида,
Зимоми сабрро тобе надорад тоби афғонаш.
Парешон нолае дорад дили ғамдида дар сина,
Зимоми сабрро дода ба дасти мавҷи тӯфонаш.
Ба авҷи маснади ҳиммат равон шуд нолаи зорам,
Ту сабр оҳистатар мерав, ки барҳам мехӯрад шонаш.
Саманди ҳиммати андеша зин кардаст, мехоҳам
Ба рағбат ҷонфишониҳо кунам дар пеши ҷавлонаш.

6

Дилам мурғи саҳархез асту доғи пунба бӯстонаш,
Шарори шуълаи оҳи ҷигар сарви гулистонаш.
Бинозам андалеберо, ки дар роҳи вафодорӣ,
Қафас шуд ошён онрову сабр омад гулистонаш.
Вуҷуди бевуҷуди ман ба ман ҳамвора дар ҷанг аст,
Ки мушти устухонашро барам сӯи Хуросонаш.
Дили ғамдидаи Махфӣ чу булбул зор менолад,
Зи дарду доғи танҳоӣ куҷо уфтад рафиқонаш?
Чу ноёб аст дар олам ба ҳар ҷо домани шавқе,
Туро ояд ба даст, эй дил, мадеҳ аз даст осонаш.
Дили ман сахт менолад зибас сӯзи ҷигар дорад,
Надонам, чун кунад охир, ба ман ин сӯзи афғонаш?
Ғами танҳоиву дарди ҷудоӣ бурд оромам,
Баровард аз ниҳодам дуди кулфат доғи ҳиҷронаш.
Ба туҳмат кард дар зиндон маро душман, биҳамдуллоҳ,
Ба зӯри сабр бишкастам, калиди қуфли зиндонаш.
Сари маддоҳие дорам, дили андеша ман рафтам,
Ки то сайқал кунад оинаи хуршеди тобонаш.
Бувад андешаи дилро агар дар остин дасте,
Бурун орам ман аз кони сухан лаъли Бадахшонаш.
Шудам моликнисобу аз балои осмон растам,
Задам аз ҷону дил дасти таваккал то ба домонаш.
Ҳаёти ҷовидон бахшад хаданги нози истиғно,
Ки бошад чашмаи ҳайвон даруни захми пайконаш.
Қабул афтад агар аз ман дили ғампарвари худро,
Ниҳам бар суфраи ҳиммат ба сони мурғи бирёнаш.
Бигӯ Нӯҳи Набиюллоҳ, ки киштӣ то ба кай пуштӣ?
Дар ин дарёи бепоён, ки пайдо нест поёнаш.
Макун ошуфтагӣ, кун ёди айёми гирифторӣ,
Ки аз зиндони дилгирӣ бурун орад рафиқонаш.
Матои қиммативу умри қимматро намедонӣ,
Намедонӣ чу қимматро, мадеҳ аз даст арзонаш.
Дар ин дарёи бепоён паи авфи гунаҳкорон,

Ҳубобосо барорад сар зи дарё дасти эҳсонаш.
Шаҳаншоҳи сарири мулки ҳастӣ Аҳмади Мурсал,
Ки дар «дунёю мо фиҳо» равон аст ҳукми фармонаш.
Шаҳаншоҳе, ки дар лавҳу қалам аз ғояти шафқат,
Ғами дунё фаромӯшаш, ғами уқбо фаровонаш.
Шаҳаншоҳе, ки дарбонони даргоҳаш ба сад миннат,
Малоикро нишастан медиҳад бар хоки айвонаш.
Шаҳаншоҳе, ки бинвисад бароти осиёнро афв,
Дар он соат, ки бинвисад бароти афви девонаш.
Шаҳаншоҳе, ки пеш аз мумкиноти одаму олам,
Фалак дуздида қурси офтоб аз суфраи хонаш.
Шаҳаншоҳе, ки аз дасти қазо муҳри набувватро,
Ба вақти офариниш бар сари туғрои фармонаш.
Камоли қурб ин бошад, ки аз меъроҷи ҷисмонӣ,
Фурӯ монад чу Ҷибрили Амин дар пеши ҷавлонаш.
Баҳористони оламро бувад аз файзи ӯ равнақ,
Зи ҷаннат боҷ мегирад насими бӯи райҳонаш.
Касе, к-он дар раҳи оташ бирезад қатраи ашке,
Шавад хуршеди саҳрои қиёмат абри боронаш.
Итоби ӯ бувад боде зи ҳар ҷониб, ки бархезад,
Бақо мисли фано бошад равон дар пеши чашмонаш.
Бувад эҳсони ӯ абре, ки дар саҳрои ноконӣ,
Бурун орад гули мақсудро аз хори боронаш.
Ба сони офтоб орад бурун аз Машриқи гардун,
Фитад гар бар Аторуд сояи хуршеди тобонаш.
Шаҳаншоҳе, ки аз баҳри шафоат рӯзи растохез,
Бувад хайли малоикро назар бар хони эҳсонаш.
Аз он зоҳир нашуд эъҷози ӯ бар фирқаи аввал,
Ки дар зери ниқоби лутфи Эзад дошт пинҳонаш.
Ғамат дар мулки ғам дорад ба ман тарзи Сулаймонӣ,
Шуд иқлими бадан мулкаш, дилам тахти Сулаймонаш.
Шаҳо, бар Махфии бечора раҳме кун, ки мехоҳад,
Зи бӯстони атои худ бидеҳ як раҳ гулафшонаш.

7

Дилам девонаи ишқ асту ҳайрони биёбонаш,
Муаллим ҷазбаи ишқ асту хомӯшӣ забондонаш.
Ман он дарёи хунхорам, ки ёбӣ андар он дарё,
Бувад занҷир дар гардан ба рӯи мавҷи тӯфонаш.
Шаҳиди ишқаму дорам зи теғи нози ӯ захме,
Ки дар маҳшар бувад шояд маро захми намоёнаш.
Асоси гардиши гардун ба ин шавкат, ки мебинӣ,
Ба ғайр аз муфлисӣ набвад матоъи хоси дуконаш.
Инони хомаро рафтам, бигардонем аз ин водӣ,
Ки ҷои дона оташ мехӯрад кабки биёбонаш.
Ба бар з-он дарнамеояд ниҳоли тухми уммедаш,
Ки дар водии навмедӣ зироат кард деҳқонаш.
Дили ошуфтаи Махфӣ ба фанни худ Арастуест,
Ба Ҳинд афтодааст, аммо Хуросон аст Юнонаш.
Дар ин кишвар забуниҳои толеъ ноқисам дорад,
В-агарна дар ҳунармандӣ набошад ҳеҷ нуқсонаш.

Таолаллоҳ, чӣ бустоне, ки хуни дида парвардам,
Ки беҳаркат фурӯ резад гули ашкам ба домонаш.
Рабуд аз дида хобамро, бибурд орому сабр аз дил,
Мусулмонон, мусулмонон, фиғон аз дарди ҳиҷронаш.
Биё, эй дида, сабре кун, ки аз таҳсини нодонон,
Матои қиммате дорӣ, мадеҳ аз даст арзонаш.
Сухан дур(р)ест беқиммат, ки аз маънии он доно,
Шикасти қимматаш бошад ба бозори пушаймонаш.
Забони хома бишкастам, лаб аз гуфтушунав бастам,
Ки ин раҳ бас хатарнок асту пайдо нест поёнаш.

8

Зи мастӣ, гар бурун ой, маро дар ҷисму ҷон бинӣ,
Ҳамон, к-аз дурияш сад доғи дил дорӣ, ҳамон бинӣ.
Маро аз мушикофиҳот, эй дил ҳайф меояд,
Ки мисро кимиё донӣ, суханро армуғон бинӣ.
Зари ноқисиёратро дар ин бозор нафрӯшӣ,
Ки зарро бо маҳак дар дастбурди имтиҳон бинӣ.
Чу мардон дар сари мардони ноком ӣ таҳаммул кун,
Ки тақдири Илоҳиро чу ҷаври осмон бинӣ.
Чу коми дил шавад ҳосил, машав ғофил зи нокомӣ,
Зи рӯзи ғам ба ёд овар чу худро шодмон бинӣ.
Забон дар коми ҳиммат каш ва пои сабр дар доман,
Ки фатҳи мулки дил дар ҷавҳари теғи забон бинӣ.
Хиҷолат равшанӣ дар дидаи минои дил гардад,
Сари мӯе зи худ бинию худ гирди бутон бинӣ.
Туро гар сад ҷигар бошад, зи худ банди ҷигархорат,
Маҳол аст, он ки мехоҳӣ аз он кофар амон бинӣ.
Чунон муштоқи исёнӣ, ки дар сарҳадди навмедӣ,
Гурезӣ аз саодат, гар саодатро зиён бинӣ.
Ту гардунҳимматӣ, дар авҷи ҳиммат бол накшоӣ,
Ҳумои авҷи роҳатро куҷо дар ошён бинӣ.
Ба хун олуда кун домони ҳимматро, чу мехоҳӣ
Ба ин олудагӣ аз оташи дӯзах амон бинӣ.
Зи ғафлат рӯ бигардониву ёбӣ лаззати тоқат,
Сари ихлоси худро зердасти ошён бинӣ.
Ба доруи пушаймонӣ илоҷи чашми каҷбин кун,
Ки шояд бе ҳиҷобе дасти рӯи ростон бинӣ.
Зи ҳоли худ машав ғофил, ки мардони сари майдон,
Бақоро дар бадан ёбӣ, фанороо тарки ҷон бинӣ.
Зи дониш гар нишон дорӣ, макун ифшои рози дил,
Ки чун Мансур сарро бар сари дори забон бинӣ.
Ба зиндон хонамат не баҳри суҳбат, баҳри он, к-он ҷо,
Фазои кулбаи меҳнат беҳ аз боғи ҷинон бинӣ.
Ба азми нестӣ як дам, гар аз ҳастӣ бурун ой,
Дилатро дар тавофи Каъбаи рӯҳониён бинӣ.
Бурун ой агар аз худ чу нури чашми нобино,
Барои тахтаи ҳастӣ макон дар ломакон бинӣ.
Харобии ҷаҳони бевафо аз оташи нафс аст,
Аз ин оташ ҷаҳон андар ҷаҳон бехонумон бинӣ.
Вуҷудамро адам дорӣ зи нодонӣ, хато кардӣ,

Вуҷуди пашшаеро камтар аз фили дамон бинӣ.
Бурун кун пунба аз гӯшу ба гӯши дил сухан бишнав,
Ба ҳар маҷлис зи воиз интиъоше дар миён бинӣ.
Ғазал гуфтию дур(р) суфтӣ, вале бо ман бигӯ, то кай
Тулӯи умрро бар фарқдони Фарқадон бинӣ?
Ҳавои васли ту доранд, донам, дӯстони ту,
Ту рӯи душманонатро ба рағми дӯстон бинӣ.
Дилам девона мегардад, чу мебинам туро ғамгин,
Чӣ хоҳад шуд туро, гар ҷониби номеҳрубон бинӣ?
Туӣ султони бедоду манам мазлуми саргардон,
Ту хуршеди ҷаҳон бошӣ, маро  хаффоши ҷон бинӣ.
Ғараз ин аст чашмамро зи хунноби ҷигар хӯрдан,
Ки дар ҳар қатраи ашке баҳори арғувон бинӣ.
Дар он шеван мазан ҳаргиз ту аз хунрезии гардун,
Ба чашми имтиҳон гар сӯи гулзори ҷаҳон бинӣ.
Хирадро хок бар сар кун, ки расвои ҷунун гардад,
Ҷунунро тоҷ бар сар неҳ, ки коми дил аз он бинӣ.
Ба дарди муфлисӣ хӯ кун, машав шармандаи ҳиммат,
Малоикро, агар бар хони Ҳотам меҳмон бинӣ.
Ҳавои роҳат ар дорӣ, бурун аз даври олам шав,
Маҳол аст, он ки дар олам ту роҳатгаҳ чунон бинӣ.
Ба рағми дӯст бо душман шукуфта ҳамчу гул биншин,
Ғубори хотире ҳар гаҳ зи абнои замон бинӣ.
Абас саргаштаи водӣ шуд он Маҷнуни бечора,
Талабгори муҳаббатро макон дар ломакон бинӣ.
Ман аз дил доғ мехоҳам, ту дил аз доғ мехоҳӣ.
Ман оташ дар духон бинам, ту дар оташ духон бинӣ.
Наӣ воқиф ту аз рози ниҳони олами боло,
Аз он ин партави хуршедро дар осмон бинӣ.
Дур(р)у гавҳар ба рағми хештан бар якдигар бошад,
Ба чашми тарбият рӯзе агар дар баҳру кон бинӣ.
Ту аз мулки Хуросонӣ, ба Истахр ар ватан дорӣ,
Ба хоби шаб агар дарду ғами Ҳиндустон бинӣ.
Ҳавои офият дорӣ, қадам дар роҳи меҳнат неҳ,
Ки ҳар хори кафи поро Дарафши Ковиён бинӣ.
Зи нури дида, эй чашми талаб, бигзар, агар хоҳӣ
Рухи оинаи мақсуд асрори ниҳон бинӣ.
Марав дар кишвари зулмат, ки бас амри маҳол аст ин,
Ки ҳусни румиёнро дар ниқоби зангиён бинӣ.
Ниҳон дар мавҷаи дарё туро ҷӯянд ғаввосон,
Ту мехоҳӣ, ки бе маллоҳ худро дар карон бинӣ.
Парид аз ошёни зиндагонӣ тоири умрат,
Ту чу сайёди нобино ба зери ошён бинӣ.
Надорад тоқати дидори ҳусни ёр ҳар дида,
Ҳамон беҳтар, ки ин оинаро дар акси он бинӣ.
Зи ҳиммат гар пару боле кушоӣ дар чаман булбул,
Баҳори сад гулистонро ниҳон дар як фиғон бинӣ.
Бирав оинаи дилро ба оби дида сайқал кун,
Ки аҳволи ду оламро дар он як-як аён бинӣ.
Зи тири ғамзаи ҷоду бигардон гӯшаи абрӯ,
Ки умри ҷовидонӣ дар ханданги ин камон бинӣ.

Макидан чанд чун тифлон сари ангушти кулфатро?
Ту шири офият дар синаи дӯшизагон бинӣ.

9

Чу дидӣ нафъ дар шодӣ, ки доғаш бӯстон бинӣ,
Чӣ нуқсон дидаӣ аз ғам, ки бӯстонаш хазон бинӣ?
Чароғи дида равшан кун дар ин бӯстонсарои дил,
Ки хуни чашми булбулро баҳори Меҳргон бинӣ.
Ҷарасро баҳри он гардон, ки аз нола асар ёбӣ,
Шутур оҳистатар мерон, ки чун маҳмил гарон бинӣ.
Ба нафрат ошно гардӣ, ба  айби худ шавӣ бино,
Ба чашми дил агар дар рӯзгори мардумон бинӣ.
Кашӣ дар дидаи ҳиммат агар доруи биноӣ,
Даруни пардаи ваҳдат ҳама нақши ҷаҳон бинӣ.
Набинӣ ғайри расвоӣ, наёби ҳарфи доноӣ,
Агар дар саҳфаи ҷузви китоби олимон бинӣ.
Чу Маҷнун раҳ ба водӣ кун зи дарди ҳаҷр, эй Махфӣ,
Ки бо дилбар дар он водӣ иноят ҳаминон бинӣ.
Бирав аз пардаи дониш даровар сурати биниш,
Ки дар ҳар гӯшаи хилват сад асрори ниҳон бинӣ.
Агар чашми таманноро ниқоб аз чеҳра бардорӣ,
Матои диниву дунё муҳайё пеш аз он бинӣ.
Агар донӣ чӣ мегӯяд ба ту дар вақти гуфтораш,
Забонашро саросар дил, дили ӯро забон бинӣ.
Либоси фақр пӯшидан туро вақти сазовор аст,
Ки далқи куҳнапӯшонро ниқоби ростон бинӣ.
Ба рӯят гардиши гардун дари андуҳ накшояд,
Агар донишварӣ бояд, ки беҳбуд андар он бинӣ.
Сари саррофие дорӣ, ба бозори ҷаҳон бояд,
Ривоҷи ин дуконро мухтасар дар нақди ҷон бинӣ.
Бисоти муфлисӣ барчину пур кун соғари ишрат,
Агар хоҳӣ, ки пиронро дар он айши ҷавон бинӣ.
Ба зӯри саъй пайдо кун дар ин раҳ коми нокомӣ,
Ки чун душман шавӣ бо худ, адӯро меҳрубон бинӣ.
Надида мавҷаи тӯфон, нахӯрда латмаи дарё,
Агар киштинишин бошӣ, ту шони бодбон бинӣ.
Биё, аз дидаи ибрат тамошои гулистон кун,
Ки дасти ҳар баҳореро дар оғӯши хазон бинӣ.
Шаби торику бими мавҷу пои шавқ беқувват,
Ба ин рафтор мехоҳӣ, ки аз мақсад нишон бинӣ.
Гузашт айёми шабгиру баромад офтоб оҳанг,
Дар ин водӣ басе поён ту роҳи корвон бинӣ.
Ба ҳам барзан таъаллуқрову чун Маҷнун ба як сӯ шав,
Зи шӯру шар агар хоҳӣ, ки худро дар амон бинӣ.
Чӣ хоҳӣ дид з-он абрӯ, чӣ хоҳӣ ёфт з-он чашмон?
Ки нози ҳусни ӯро ҳусни нози тарҷумон бинӣ.
Ҷавонӣ рафту пирӣ рафту худ ҳам меравӣ охир,
Ҳанӯз, эй дидаи ҳасрат, ба сӯи ину он бинӣ.
Ҳавои дудмон то кай дар ин манзил саросема?
Дароӣ чун дар ин манзил чароғи дудмон бинӣ.
Сарат гардам, чӣ хоҳад шуд,  агар дар тарзи истиғно

Зи абрӯ гушаи чашме ба сӯи мухлисон бинӣ?
Ҷаве дониш агар дорӣ, забон дар коми ғайрат каш,
Зи дасти ин забон то кай зиёни молу ҷон бинӣ?
Ба хилватхонаи ҷонон ту бе миннат шавӣ маҳрам,
Дар он маҷлис агар худро ту аз номаҳрамон бинӣ.
Агар аз пардаи ғафлат барои ҳамчу мағз аз пӯст,
Гулистони ҳақиқатро ҷаҳон андар ҷаҳон бинӣ.
Ба ёди рафтагон як раҳ ба гӯристон нигоҳе кун,
Ки то аз чашми эшон оби ҳасратро равон бинӣ.
Ҳавои нафси сагро худ ҳаётат бехабар дорад,
Ки хатти мағзро дар рӯи хатти устухон бинӣ.
Машав дилшод, эй Махфӣ, зи марги душманони худ,
Ба ёд овар аз он рӯзе, ки худро дар миён бинӣ.

10

Ниҳод хонаи умрам чу рӯ ба вайронӣ,
Дигар чӣ суд, дило, нолаи пушаймонӣ?
Дареғу дард, ки нақди ҳаётро кардам,
Тамом сарфи ҷаҳолат зи рӯи нодонӣ.
Табоҳкардаи умрам, маро ба ҷои кафан,
Бас аст ҷомаи ҳайрониву парешонӣ.
Фиғон, ки дасти маро қудрати таҳаррук нест,
Ки ҷайби умр кунам пора аз пушаймонӣ.
Кунун, ки чеҳраи мақсуд дидаам, шояд,
Кашам ба чашми ҳаё сурмаи Сифоҳонӣ.
Таборакаллаҳ, аз ин дида хуни дил резам,
Ки кард гавҳари ашки маро Бадахшонӣ.
Ғубори зулм чунонам гирифт дар оғӯш,
Ки нест дар назарам офтоби нуронӣ.
Расид кор ба ҷое, ки сар занад бехуд,
Ба сони нола зи дил розҳои пинҳонӣ.
Ба рӯи оташи дил мекунам кабоб ҷигар,
Зи баҳри гиря кунам созу барги Сомонӣ.
Зибас фусурдаву пажмурдаам, фурӯ резам,
Ба сони боди хазон гар маро биҷунбонӣ.
Дилам зи гардиши чарх ончунон ҷароҳат шуд,
Ки ҳарфи панд кунад бо дилам намакдонӣ.
Гирифт з-оташи дил дарди сар маро, хоҳам
Зи хуни дида ниҳам сандале ба пешонӣ.
Гирифт ларзаю афсурдагӣ маро, чӣ кунам?
Ки нест дар бари ман ҷомаи зимистонӣ.
Тамом меҳнату дардам чу нолаи бемор,
Тамом шуълаи оҳам чу рози зиндонӣ.
Расид кор ба ҷое маро зи гардиши чарх,
Ки чоки домани мо ҳам кунад гиребонӣ.
Намонд нолае рози дили маро, в-арна
Зи тири нола кунам захмҳои пайконӣ.
Гирифт мавҷаи тӯфони ғам маро дарёб,
В-агарна киштии умед гашт тӯфонӣ,
Чу нолаи дилат аз рӯи дард бархезад,
Хароши нола кунад бо дили ту суҳонӣ.

Зи меҳру шафқати исломиён намонд нишон,
Куҷост тарси Худову чӣ шуд мусалмонӣ?
Ҳазар зи новаки оҳам, ситамгарӣ то кай?
Инони ман зи раҳи орзу бигардонӣ.
Ба шавқи он ки шавам ҷабҳасои даргаҳи ту,
Ба остонаи сабрам ниҳода пешонӣ.
Ту шоҳвори ҷаҳонӣ, туро зиёне нест,
Ба сӯи ғамзадагон гар инон бигардонӣ.
Бибин ба сӯи ғарибони бекасу мазлум,
Зи рӯи адлу ба шукронаи ҷаҳонбонӣ.
Бигӯ ба золими бераҳм ин қадар то кай?
Ба дасти дев бувад хотами Сулаймонӣ.
Шикастани дили озурдагон бақое нест,
Ки мӯр бо дили инсон кунад Сулаймонӣ.
Сипеҳри манзилатон соҳибони додовард,
Шукуҳи давлатӣ, Фирӯзахони давронӣ.
Зи рӯи лутф зи тақсири ман қалам даркаш,
Ки бо ту ҳаст маро нисбати Хуросонӣ.
Навиду иддаи адли ту дорадам зинда,
В-агарна нест маро қудрати сухандонӣ.
Куҷост муждаи иде, ки ҳамчу пайки хаёл,
Ба пеши ҷилваи он ҷон диҳам ба қурбонӣ.
Дилам ба зӯри таваккул бути ҳавас бишкаст,
Муқими Каъба куҷову тариқи руҳбонӣ?
Кашид ҳиммати ман сурмаи ҳаё дар чашм,
Ки бингарам ба сӯи дигарон ба ҳайронӣ.
Зи рафтани сару сомон аз он малолам нест,
Ки кори дасти чапу рост, Мири Сомонӣ.
Машав фасурдадил аз мушкиле, ки пеш ояд,
Ки мушкилоти ҷаҳон бигзарад ба осонӣ.
Машав малул, ки ифлос бар ту ғолиб шуд,
Ки ҳаст аз паи ҳар қаҳтсол арзонӣ.
Чу комронии айёмро бақое нест,
Ки рӯи комравоӣ ба душман арзонӣ.
Ба пеши ҳиммати доно гадоии маҳз аст,
Шикояти сару сомону аз парешонӣ.
Маҳоли ақл бувад бурданаш ба ҷониби шаҳр,
Касе, ки аз ғами айём шуд биёбонӣ.
Ба Мисри даҳр намондаст муштарӣ, в-арна
Манам ба ҳусни маонӣ чу Юсуфи сонӣ.
Ба боғи даҳр чу оям сабук, маро нанг аст,
Ки андалеб кунад бар сарам гулафшонӣ.
Гирифт мулки суханро зи муддаӣ охир,
Ба авни теғи забон ҳимматам ба осонӣ.
Хароби исми амал гаштаам, вале чӣ кунам,
Ки ҳеҷ чора надорам зи ҳукми султонӣ?
Бурид дасти қазову бидӯхт толеи ман,
Ба рағми ҷавҳари зотам либоси девонӣ.
Қалам шикастаму мазмун мухтасар кардам,
Ки нест тарзи адаб гуфтугӯи тӯлонӣ.
Бисоти хеш чу Махфӣ аз ин дукон барчин,
Ки рафт равнақи бозори гавҳарафшонӣ.

11

Аз шеваи носавоб тавба,
Аз хӯрдани ин шароб тавба.
Баръакс фузуд қуввати дил,
Аз бӯи гули гулоб тавба.
Чун чеҳраи хира мекунад сурх,
Ин хушклабӣ зи об тавба.
Ҳарчанд ки ғам зи дил рабояд,
Аз бӯи бади шароб тавба.
Поям ба рикоби фикр банд аст,
Аз тангии он рикоб тавба.
Чун хоб баробар аст бо мавт,
Аз касрати хӯрду хоб тавба.
Дар ҳолати вазъ тавба кардам,
З-ин тавбаи беҳисоб тавба.
Чун ришта зи ғусса тоб хӯрдам,
Аз шиддати печутоб тавба.
Чун боиси қуввати гуноҳ аст,
Аз хӯрдани ин кабоб тавба.
Сад гуна хато кашад дар оғӯш,
Аз рух чу кашад ниқоб тавба.
Бар дарди фироқ мефазояд,
З-овози наю рубоб тавба.
Дар синаи кӯҳ хун кунад дил,
Аз гармии офтоб тавба.
Хуни худу халқро бирезад,
Аз мардуми беҳисоб тавба.
Нохӯрда ба кайф медарояд,
Аз хӯрдани хуни ноб тавба.
Аз хӯрдани май кунад фаромӯш,
Бо ҳар кӣ кунад хитоб тавба.
Гар хонаи фисқ санги хорост,
Ҳар лаҳза кунад хароб тавба.
З-ин пас ману гӯшаи қаноат,
Аз миннати шайху шоб тавба.
Девонаи суҳбати китобам,
Аз суҳбати ин китоб тавба.
Дар суҳбати ғайр нест файзе,
Аз суҳбати носавоб тавба.
Аз бим итоби ҷон зи тан рафт,
Аз салтанати итоб тавба.
Зинҳор машав ба тавба мағрур,
Шояд, ки шавад хароб тавба.
Аз кашмакаши суол осуд,
То кард дил аз ҷавоб тавба.
Гар тавбаи ту набошад аз дил,
Бе музди ту аз ҳисоб тавба.
Ҳар кас, ки зи тавба боз гардад,
Ҳам тавба шавад азоб тавба.
Шармандагии гуноҳ боқист,
Гирам, ки шавад савоб тавба.

Ҳар кас, ки ба тавба сустаҳд аст,
Охир кунад иҷтиноб тавба.
Шуд мӯи сияҳ сафеду аблақ,
Аз кардани ин ҳизоб тавба.
Бар умр чу нест эътимоде,
Бояд, ки кунӣ шитоб тавба.
Мағруртабиатӣ ту, Махфӣ,
Кардем аз ин ҷавоб тавба.

## МУСАДДАС

Ба синони нигаҳи ёр қасам,
Ба сари турраи дилдор қасам.
Ба камонхонаи абрӯ савганд,
Ба сари наргиси ҷоду савганд.

Ки шудам куштаи чашми нигаҳат,
Хокираҳгаштаи тарзи ситамат.

Ба сафои гули рӯи ту қасам,
Ба суоли шаби мӯи ту қасам.
Ба камаргирии зулфат савганд,
Ба диловезии улфат савганд.

Хоки раҳ кард маро, ҳайронам,
Ғайри мурдан набувад дармонам.

Ба сари чашми сиёҳи ту қасам,
Ба ғазабгири нигоҳи ту қасам.
Ба сари ҳиндуи холат савганд,
Ба лаби лаълмисолат савганд.

Сӯхтам, сӯхтам аз бедодат,
Чанд фарёд кунам аз додат?

Ба сафои дур(р)и гӯши ту қасам,
Бо адофаҳмию ҳуши ту қасам.
Ба сари новаки мижгон савганд.
Ба хами зулфи парешон савганд.

Ки чу ман нест дигар бандаи ту,
Бандаи лаъли шакархандаи ту.

Ба шакаррезии гуфтор қасам,
Ба ҳарими қади дилдор қасам.
Ба ақиқи лаби шаккар савганд,
Ба зулоли сари Кавсар савганд.

Шаби ҳиҷрон хабар аз хешам нест,
Ҷуз хаёли ту касе пешам нест.

Боз гуфтам ба даҳони ту қасам,
Ба сари мӯи миёни ту қасам.
Ба бару дӯши ту зебо савганд,
Ба баногӯши мусаффо савганд.

Меҳру маҳро набувад пеши ту қадр,
Пеши ту ҷумла ҳилоланд, ту бадр.

Ба сафои бадани ёр қасам,
Ба сари чаҳзақани ёр қасам.

Ба либоси гули сурӣ савганд,
Ба ғариқи ғами дурӣ савганд.

Оҷизам, оҷизам аз ҳиҷронаш,
Лутф фармо, ки шавам қурбонаш.

Ба сари арбадаи дӯст қасам,
Дигаре нест, ҳама ӯст, қасам.
Ба намакҳои такаллум савганд,
Ба адоҳои табассум савганд.

Намаке бар сари доғам бифишон,
Бӯи гул бар сари хокам бифишон.

Ба сари наргиси махмур қасам,
Ба дили ошиқи ранҷур қасам.
Ба бару гардану ғабғаб савганд,
Ба сару сунбулу ашҳаб савганд.

Ки дил аз даст шуда беморам,
Мадеҳ, эй дӯст, дигар озорам.

Ба ҳинои кафи пои ту қасам,
Бозгуфтам ба адои ту қасам.
Ба гули орази раъно савганд,
Ба ҳама зулфи чалипо савганд.

Ошиқам, ошиқи гуфтори туам,
Ошиқи қомату рафтори туам.

Ба дами теғи сияҳтоб қасам,
Ба сафои дили маҳтоб қасам.
Ба сафи ханҷари мижгон савганд,
Ба дили хуни шаҳидон савганд.

Бандаам, бандаи деринаи ту,
Маҳви меҳру ғазабу кинаи ту.

Ба рухи орази гулфом қасам,
Ба баногӯши дилором қасам.
Ба сари ҷаъди муаттар савганд,
Ба ҷафоҳои ту, дилбар, савганд.

Нест ғайр аз ту маро ғаммозе,
Тундхӯ,  сангдиле, шаҳбозе.

Ба сари гунаи рухсор қасам,
Ба сари он маҳи дилдор қасам.
Ба шаҳидони муҳаббат савганд,
Ба асирони муваддат савганд.

Ранҷа фармо қадаму шодам кун,
Аз ҳама ранҷу ғам озодам кун.

Ба сафои бару дӯши ту қасам,
Ба ҷаҳонгирии хуши ту қасам.
Ба сафои гули насрин савганд,
Ба сари хоки булӯрин савганд.

Нигаҳе ҷониби мо боз бикун,
Шоҳбозӣ, сари парвоз бикун.

Ба асири назари ёр қасам,
Ба адои хуши дилдор қасам.
Ба адои қади дилҷӯ савганд,
Ба насими сари гесӯ савганд.

Гӯй аз лутф, ки ман ёри туам,
Ба Худо хаставу бемори туам.

Ба шиканҷи шикани ёр қасам,
Ба сари нофаи тотор қасам.
Ба диловезии гесӯ савганд,
Ба каҷандозии абрӯ савганд.

Ҳардам аз шавқи висолат мурдам,
Аз таманнои хаёлат мурдам.

Ба сафои малакуларш қасам,
Аз само то ба сари арш қасам.
Ба Худову ба ҳақиқат савганд,
Ба сари шамъи набувват савганд.

Муддао хоки раҳи ҷонон аст,
Назари лутф паи дармон аст.

ТАРКИББАНДҲО

1

Он ҳусн, ки дар пардаи худ рози ниҳон дошт,
Бардошт зи рух парда чу розе беҳ аз он дошт.
Дур(р)е ба садаф дод, ки аз гиряи абр аст,
Ранге ба гуҳар рехт, ки дар синаи кон дошт.
З-он пас, ки ба гулзори ҷаҳон ғунча кушояд,
Андеша баҳор аз ғами осеби хазон дошт.
Ин оташи шавқ аст, ки дар сина нагунҷад,
В-ин ҷазбаи ишқ аст, ки пинҳон натавон дошт.
Бепарда аз он бар сари бозор барояд,
К-ин фитна аён дар дили асрор ниҳон дошт.
Мастона баровард сар аз пардаи ваҳдат,
Азбаски сарам гармии бозор ниҳон дошт.
Ҷорӯбкаши саҳни чаман сохт саборо,
З-он пеш, ки гулро ба чаман ашкфишон дошт.
Имрӯз парешон зада гул бар сари мижгон,
Он ғунча, ки вай бар сари худ тоҷи хазон дошт.
То ҳаст ҷаҳон гардиши даври қамаре ҳаст,
Дилбастаи ин тарз муқаррар битавон дошт.

Вақт аст, ки оҳ аз дили пурдард барорем,
Дуд аз дили хуршеди ҷаҳонгард барорем.

Фарёд, ки ин нолаи ман пардадар омад,
Ғаммози дили ғамзада хуни ҷигар омад.
Ишқ аст, ки шодию ғами мо ба кафи ӯст,
Дар дидаи ҳар дида ба ранги дигар омад.
То чанд тавон буд муқими дару девор?
Аз хона бурун ой, ки вақти сафар омад.
Рӯзе, ки ато кард ба мо равшании чашм,
Худ буд, ки дар дидаи мо ҷилвагар омад.
То чанд тавон бар дари уммед нишастан?
Бархез, ки ин умри гиромӣ ба сар омад.
То офати чашме нашавад боиси ҳиҷрон,
Дар дида хаёлат ба дил аз дида баромад.
Савдозадаи ишқи туро ҳавсала танг аст,
Девона шуду бар сари бозор баромад.
Ҳар кас ба ғамат маҳрами асрори ниҳон шуд,
Шуд ташнаи хуни худу бар дор баромад.

Аз ишқи бутон оташи ғайрат ба дилам зан,
К-аз оташи ғайрат шавад ин ғамкада равшан.

Рафтем, ки нӯшем май аз соғари мастон,
Гардем ба расвоии ошӯбпарастон,
Нӯшем ба майхонаи ваҳдат маи гулгун,
Асрори маю майкада гӯем ба мастон.
Қуфли дари майхона ба андеша кушоем,
Рози дили паймона бигӯем ба дастон.

Чун мавсими гул даст дар оғӯши хазон аст,
Кофист маро дидани дидори гулистон.
Афсурдагӣ мебуд, аз он ҳам асаре нест,
Бигзашт магар гармии бозор зи мастон?
Торик шуд аз зулмати ғамхонаи ишрат,
Равшан кунам аз оташи май шамъи шабистон.
Ҳангомаи май маҷлиси фарзонанишин нест,
Девона бувад, ҳар кӣ шавад ҳамдами мастон.

Мағрур нагардӣ, ки дари тавба фароз аст,
Ҳушёр, ки ин роҳ басе дуру дароз аст.

Он роз, ки аз рӯзи азал дар дили мо буд,
Рози дили ганҷинаи асрори Худо буд.
Аз гул на асар буд, на аз нолаи булбул,
К-ин замзамаи ишқ паи боди сабо буд.
З-он пеш, ки Фарҳод шикофад сари хоро,
Аз тешаи ӯ дар ҷигари кӯҳ садо буд.
Он рӯз, ки пурхуни ҷигар шуд дили мино,
З-ин нашъа ҷаҳон дар асари созу наво буд.
Рӯзе, ки бинои ҳарами Каъба ниҳоданд,
Ин гармии ҳангомаи бутхона куҷо буд?
Он рӯз, ки дар парда бахудҷилвагарӣ буд,
Наззорагии ҷилваи ӯ дидаи мо буд.
Майхона тиҳӣ гашт, нашуд гарм димоғам,
Аз нашъаи  он бода, ки бе рӯи риё буд.
Бе нашъаи мастӣ сари мино бишикастанд,
Ин фитна ҳама дар сари ҳар пиру ҷавон буд.

Ин ҷилваи ҷонон-ст, ки дар парда ниҳон шуд,
Ин фитна ҳама дар сари ҳар пиру ҷавон шуд.

Дар Каъба ҳамин расми тавофи ҳараме ҳаст,
Нозам ба харобот, ки он ҷо санаме ҳаст.
Бар захми ҷигар марҳами беҳуда набандам,
То ҳавсаларо тоқати дарду аламе ҳаст.
Ғам нест, агар чарх нагардад ба муродам,
Пешонаи уммеди маро ҳам рақаме ҳаст.
Он нест, ки пӯшида шикоят кунам аз кас,
То дасти маро найза зи тори қаламе ҳаст.
Эй бехабар, ин мастии ҳастии ту то кай?
Ҳушёр, ки дунболи вуҷуде адаме ҳаст.
Ошуфтагиям боиси хушҳолии ман шуд,
Бар дӯши дилам бод ба ҳар ҷо, ки ғаме ҳаст.
Махмури маи ишқи туро аз маи ваҳдат,
Кофист,  агар дар қадаҳу ҷом наме ҳаст.
Ҷуз ҷоми муҳаббат, ки пур аз нашъаи завқ аст,
Паймонаи хун аст, агар Ҷоми Ҷаме ҳаст.

Мо ташналабон Замзаму Кавсар нашиносем,
Дар роҳи талаб пои худ аз сар нашиносем.

Аз беҳунариҳо ҳама муҳтоҷи гадоем,
Вобастаи ин силсилаи чуну чароем.
Умрест, ки дар пардаи пиндор харобем,
Бошад, ки аз ин парда ба як бор бароем.
Чун сабзаи навхоста бар домани абре,
Аз шабнами эҳсони ту дар нашъунамоем.
Парвонаи ишқем, ки гар мову дили мо,
Дар шуъла нишинему надонем куҷоем?
Онем, ки дар пардаи имову ишорат,
Қуфли дари ганҷинаи мақсуд кушоем.
Бо он ки пару бол надорем паридан,
Дар авҷи ҳумо сояи иқболи ҳумоем.
То дар дили асбоби таъаллуқ ҳавасе ҳаст,
Гар боди ҳавоем, ки дар қайди балоем.
Хуни ҷигари нола, агар дар дили Махфӣ,
Ғам нест, чу дар боғи талаб нағмасароем.

Чун фасли хазон даст дар оғӯши баҳор аст,
Моро ба парешонии айём чӣ кор аст?

Нашкуфт ба ҷуз доғи гуле гулбуни боғам,
Хун дар ҷигари лола кунад пунбаи доғам.
Ин оби шарарпешаи ман нашъа надорад,
Лабрез кун аз хуни ҷигар ҷому аёғам.
Дар хонаи торики дилам нур набахшад,
Гар партави хуршед шавад шамъу чароғам.
Ҳангомаи савдои ҷунун гарм кунад боз,
Ошуфтагии тозаи савдои димоғам.
Дар кучаи мақсуд зи ман ному нишон нест,
Ин беҳ, ки дар ин кӯча нагиранд суроғам.
Шуд пунбасифат оқибат ин мӯи сиёҳам,
Хосияти байзост магар дар пари зоғам?

Оташ ба ҷигар зад асари фасли тамузам,
Хуршед фурӯ рафт зи торикии рӯзам.

Ин дарди ғами ишқи ту хун дар ҷигарам кард,
В-он оташи шавқат чу сабо дарбадарам кард.
Чун ҳусни малоҳат даҳанамро намакин сохт,
Чун нолаи соҳибнафасон боасарам кард.
Рӯзе, ки муҳаббат ба сарам доғи ҷунун сӯхт,
Савдои ғаму ишқи ту хоке ба сарам кард.
Беҳавсалагӣ боиси бемории ман шуд,
В-ин доруи бефоида бемори сарам кард.
Ишқи ту баровард зи хилваткадаи ғам,
Дар кӯчаву бозори ҷаҳон ҷилвагарам кард.
Як шаб ба муродам нарасонид ба охир,
Ин хоб, ки шарманда зи файзи саҳарам кард.
Охир ба шарори ҷигари ташналабӣ рафт,
Бо гиря, ки сад Даҷла ниёзи назарам кард.
Роҳе ба муроди дили тадбир нарафтам,
З-он рӯз, ки тақдир маро ҳамсафарам кард.

Уфтод маро рози дил охир ба забонҳо,
Таъсири муноҷот чунин дарбадарам кард.

Фарёд, к-аз ин парда маро ишқ баровард,
Хуноби ҷигар аз дили решам бадар овард.

Сад шукр, ки захми сари беҳбуд надорад,
Дармони касе дарди маро суд надорад.
Умрест, ки ин пои нуҳусат ба миён аст,
Ин боми фалак кавкаби масъуд надорад.
Хоҳӣ ба ҳарам бошиву хоҳӣ ба харобот,
Бе хоҳиши дил будани ту суд надорад.
Як кас ба дари майкада манзур набиншаст,
Нозам ба сари ишқ, ки мардуд надорад.
Бенур бувад дидаи он чашм, ки аз дил,
Пинҳонназарӣ ҷониби мақсуд надорад.
Дар хонаи мо бӯи кабоби ҷигаре ҳаст,
Гунҷоиши бӯи шакару уд надорад.
Сар то ба қадам сӯхтаму ғайр надонист,
Ин оташи андешаи ман дуд надорад.
Дар зоиқаи бодакашон талх намебуд,
Ҳар май, ки кабоби намаколуд надорад.
Гар гӯши дилат толиби таъсир набошад,
Хатти дилат аз нағмаи Довуд надорад.

Имшаб шаби ид асту маҳи ман ба муҳоқ аст,
Махфӣ, назарам сӯи Хуросону Ироқ аст.

З-он рӯз, ки дил бо ту гирифтори ниёз аст,
Расвоии ишқи ту ба ӯ бар сари ноз аст.
То ҳаст дар ин мадрасаи ишқ китобе,
Мазмуни хаташ қиссаи Маҳмуду Аёз аст.
Саргӯшии ҳусни ту зи зулфат нашуд охир,
Дар пардаи ин кор надонад, ки чӣ роз аст?
Бархез, баровар ба дуъо дасти муноҷот,
Бар рӯи иҷобат ҳама дарҳои ту боз аст.
Гар рафт хатое зи хиҷолат нагурезам,
Чун авфи Худованди ҷаҳон банданавоз аст.
То чанд тавон дид дар ин хонаи торик,
Шамъест ҳаёти ту, ки дар сӯзу гудоз аст?
Бар маркаби давлат натавон рафт ба тундӣ,
Ин роҳ саросар чу нишеб асту фароз аст.
Бе рухсати булбул наравам ҷониби гулшан,
Ҳарчанд раҳи гулшани мақсуд дароз аст.

Рӯзе, ки ғами васли ту моро нигарон кард,
Шармандаи биноии соҳибназарон кард.

Чун доғ ниҳам бар сари ҳам меҳнату ғамро,
Барбод диҳам меҳнату эҳсону карамро.
Вақтест, ки аз шуълаи оҳи ҷигари хеш,
Оташ занам ин хел наамрову ҳашамро.

Абтар кунам ин дафтари маҷмӯаи дониш,
Бар об занам нақши сияҳкори қаламро.
Дорам сари девонагиву бар сари бозор,
З-ин бода кунам маст Араброву Аҷамро.
Ҳусн аз паи маҳбубиву дил гарми муҳаббат,
То чанд тавон кард гираҳ зулфи дижамро?
Ҳиммат мададе кун ба мададгории ғафлат,
Бар дидаи ҳосид занам ин наштари ғамро.
Рӯзе, ки қазо қисмати ашёи ҷаҳон кард,
Бар дарди дил афзуд фалак бори аламро.
Махфӣ, машав озурда, ки аз сайқали тадбир,
Аз хотири ошуфта барам доғи ситамро.

Эъҷози Масеҳ аст дар асрори ниҳонам,
Гӯёшудаи оби ҳаёт аст забонам.

Биноии чашми дилам аз рӯи яқин аст,
Оташкадаи синаи ман кисаи дин аст.
Дар рози паси парда чу хуршед баромад,
Имрӯз агар толеи ман парданишин аст.
Дар дидаи айём шавад нури таҷаллӣ,
Гарде, ки маро аз раҳи ҳиммат ба ҷабин аст.
Бе қуввати толеъ натавон дид маҳи ҳусн,
Ин бодаи тасвир нигорандаи Чин аст.
Эй хок бар он меҳр, ки аз рӯи вафо нест,
Эй вой, бар он кас, ки  дил олудаи кин аст.
Мағрур нагардӣ ту дар ин даври мусалсал,
Ҳар нӯш, ки бинӣ ба дами неш қарин аст.
Эмин натавон буд ба роҳе, ки ба ҳар гом,
Душман паи тороҷи матоат ба камин аст.

Гӯ, фитнаи айём дилатро ба бақо бош!
Биншин ба маромии дилу дар ҳифзи Худо бош!

2

Рӯзгорест, ки ман ҷуръакаши исёнам,
Бар дари тавба зи дил мунтазири ғуфронам.
Гар ба Зам-Зам фиканам пок нагардад ҳаргиз,
Ғайри оби карам олудагии домонам.
Рӯзу шаб дар назари фитрати ман яксон аст,
Баски дар кори фурӯбастаи худ ҳайронам.
Хонаи дини ман аз зулми амал торик аст,
Дар хиҷолат зи маи равшании имонам.
Раги гумроҳии чашмам натавон пок бурид,
То ба роҳат наравад хуни дил аз мижгонам.
Бастаам аз дилу ҷон нияти тавфи ҳарамат,
Гар диҳад пайки аҷал фурсат аз ин тӯфонам.
Хӯрд таъсири ғами ишқи ту бар синаву дил,
Мӯ ба мӯ рақскунон дар талаби пайконам.
Ё Расули Арабӣ ҷазбаи шавқе, ки чу абр
Солҳо шуд ба таманнои дарат гирёнам.

Нест мумкин, ки ба мақсуд расам бе кашишат,
Муфлису оҷизу дармондаи бесомонам.

Нест, гар зоди раҳе сабру таҳаммул дорам,
Такя бар лутфи ту аз файзи таваккул дорам.

Ҳиммате Каъба, ки з-он роҳ ба ҷое бирасам,
Бенавоям зи тавофе ба навое бирасам.
Гар ба манзил бирасам, обила гардам ҳама тан,
То дар ин раҳ ба заминбӯсии пое бирасам.
Ончунон зору заифам, ки чу коҳам набарад,
Гар ба пеши назари коҳрабое бирасам.
Толиби ишқ шавам, аз паи дарде биравам,
Сар ба сар дард шавам, гар ба давое бирасам.
Аз ғами муфлисиям ранҷиши хотир набувад,
Бикашам ҷоми фано то ба бақое бирасам.
Кӯшишу саъйи маро пои шитобе бардор,
Шояд аз тангии раҳ ман ба қазое бирасам.
Даст дар домани сабрам ба таваккул ҳамроҳ,
То дар ин роҳ ба овози дарое бирасам.
Зоди роҳам шуда охир шаҳи Батҳо, мададе
Ки зи алтофи ту бар хони салое бирасам.

Мадам, эй чашмаи Зам-Зам, ки басе ҳайронам,
Дар раҳи шавқи ту лабташнаву саргардонам.

Ку ҳарифе,  ки ба андоза дили мо бибарад?
Мояи давлати ҷовид ба яғмо бибарад.
Ҳуснро ҷилва диҳад бе мадади зулфи гираҳ,
Каъба аз пеши ҳарам хонаи тарсо бибарад.
Чанд дуздида зи дил нола муҳаббатзадаам,
Аз сари шуълаи оҳам ба Сурайё бибарад.
Ҷон диҳам дар ивази туҳфа ба ҳамроҳи сабо,
Нашъаи дард маро гар ба Масеҳо бибарад.
Чанд гардӣ ба биёбони надомат, Махфӣ?
Ташнагиҳои дил аз обилаи по бибарад.
Тирагиҳои дили бехабарони раҳи ишқ,
Рӯшноии дил аз партави байзо бибарад.
Ранҷу ғам бод ба меҳнатталабон арзонӣ,
Ману ишқе, ки зи ман дил ба мадоро бибарад.
Эй Худо, шуълаи барқи ҷигари оҳи маро,
К-аз дили ғамзадаам завқи таманно бибарад.
Тешаи ишқи маро ҳиммати Фарҳод куҷост?
Ки ба андози нигаҳ ранг зи хоро бибарад.
Гар шавад киштии ин нолаи зорам сафарӣ,
Сабру орому қарор аз дили шайдо бибарад.

То дил аз рафтани ин роҳи биёбон задаам,
Оташе шавқ ба ҷони сару сомон задаам.

Бозам аз сӯи ҳарам раҳбаре меояд,
Раҳбаре аз бари соҳибназаре меояд.

Мурғи дил дар қафаси сина надорад ором,
Магар аз зулфи парешон хабаре меояд?
Бандаи ҳиммати парвонаи дилсӯхтаам,
Ки ба уммеди нигоҳе шараре меояд.
Ғунча аз кори фурӯбаста дилозурда мабош,
То ба гулзор насими саҳаре меояд.
Хонаи сабри маро кард ба як бор хароб,
Ин қадар об, ки аз чашми таре меояд.
Гар ниҳон шуд ба паси парда муродат чӣ аҷаб?
Аз паси парда бурун пардадаре меояд.
Хоназодони ҳарам, каъбаи мақсуд куҷост?
Ки паи авфи гунаҳ дарбадаре меояд.
Ё Расулуллаҳ зи эъҷоз мусалмонаш кун,
К-аз раҳи дур худобехабаре меояд.
Хоҷаи Ясрибу Батҳо ба таваҷҷуҳ бикшо,
Дари мафтуҳ, ки бепову саре меояд.
Эй муқимони ҳарам, баҳри Худо як назаре,
Хонанолоншудае аз сафаре меояд.

Муфлису оҷизаму аз ту бизоат хоҳам,
Осиву мунфаилам, аз ту шафоат хоҳам.

Эй ки аз муъҷизи ангушти ту шақ гашта қамар,
Гарди наълайни ту бар тоҷи каёнӣ мағфар.
Кишти мақсуд зи борони атоят шодоб,
Боғи уммед зи абри карамат тозаву тар.
Беҳиҷобона ниҳода ба сари курсӣ пой,
Баргузашта зи фалак, карда малакро раҳбар.
Даври аввал ба ниҳонхонаи ваҳдат рафта,
Хӯрда аз ҷоми маи соқии ваҳдат соғар.
Хоҷаи кавну макон Аҳмади Мурсал, ки ба илм
Бар сари чарх зада дар шаби меъроҷ афсар.
Вақти ҷое ба сабақ хондани дониш, к-он ҷо
Чанд аркони аносир шуда дарбон бар дар.
Модари даҳр шараф ёфта аз зодани ту,
З-он ки мисли ту надидаст ба олам дигар.
Гар набудӣ ғараз аз хутбаи номат дигар,
Аз замин барнагирифтӣ  сари худро минбар.
Гар ту қассом набудиву нагаштӣ мақсум,
Ҳавз оташкада мешуд, набудӣ Кавсар.
Аз дари ҳуҷраи ту то ба дари равзаи хулд,
Саф зада хайли малак, баҳри шафоат, бингар.
Махфии осиву оҷиз ба ту дорад уммед,
Нест ҷуз даргаҳи ту пушту паноҳе дигар.

Ин сияҳрӯ, ки ба уммеди ато омадааст,
Ба умедат зи куҷо то ба куҷо омадааст?

Вақти он аст, сар аз хоби бақо бардорӣ,
Парда аз пеши назар баҳри Худо бардорӣ.
Даҳрро фитнаи ошӯби фано кард хароб,
Аз миён дафтари қонуни фано бардорӣ.

Ё диҳӣ равнақи айём вафодориро,
Ё аз ин силсила оини вафо бардорӣ.
Олам аз рӯи риё куҳнаработе шудааст,
Аз ҷаҳон қоидаи рӯю риё бардорӣ.
Аз самак то ба само карда тасарруф бедод,
Расми бедод аз ин арзу само бардорӣ.
Зулмро адл ниҳода чу кулаҳ бар сари мо,
Ин кулаҳро зи карам аз сари мо бардорӣ.
Сурмаи лутф кашӣ дидаи биноиро,
Нур бе сурма аз ин чашми ҳаё бардорӣ.
Ҳамчу Яъқуби набӣ бар сари роҳам нигарон,
То кай ин силсила аз пои сабо бардорӣ?

Махфиё, бош баодоб, ки ин наъти Расул,
Ҳаст сад биму хатар дар раҳи уммеду қабул.

3

Чашми рӯҳамро зи нури Каъба бино кардаанд,
Каъбаро баҳри муноҷотам муҳайё кардаанд.
Бар умеди саҷдае, к-афтад қабули даргаҳаш,
Қудсиён болу пари худро мусалло кардаанд.
То диҳам обе гули эъҷози Иброҳимро,
Оташи Намрудиёнро бар сари мо кардаанд.
Дар гулӯи субҳа дорад риштаи зуннорро,
Куфру динро дар ниқоби ҳусн як ҷо кардаанд.
Соябони боргоҳи подшоҳи Каъба аст,
Ин сипеҳри лоҷвардиро, ки барпо кардаанд.
Маҳвашон аз тарзи нози ҳусн рамзе гуфтаанд,
Ошиқонро бар сари бозор расво кардаанд.
Ошиқу маъшуқ бо ҳам булфузуланд, аз Худо
Расму оинро ба рағми хеш пайдо кардаанд.
Юсуфи мақсудро аз чаҳ бурун овардаанд,
Туҳмати беисматиро  бар Зулайхо кардаанд.
Зоҳиду фосиқ ба пеши раҳмати Эзад якест,
Бетамизон роҳи Ҳақро рег бар по кардаанд.

Ман зи хуни дил сабӯи дида пурмай кардаам,
Ақл саргардони ин роҳ асту ман тай кардаам.

Ман намедонам, ки ин нури таҷаллӣ аз куҷост?
Ин қадар донам, ки чашмам бо хаёлаш ошност.
Шуд зи акси рӯят аҷзои вуҷудам офтоб,
Кимиё бошад вуҷуди мис агар бо кимиёст.
Сели ашкам омада киштии чашмамро рабуд,
Равшании дидаам бар мавҷаи баҳри фаност.
Нест гар бо тешаам нармии дил  дар Бесутун,
Аз сиришки дидае ин санг дар нашъунамост.
Солҳо шуд Пири Канъон бар дари байтулҳазан,
Сар ба зонуи тафаккур, чашм бар роҳи сабост.
Боз роҳи Каъбаро гум кардаам бе нури чашм,
Эй сабо, гарде аз он водӣ, ки рашки тӯтиёст.

Дарси ишқ аст, ин ки нодоне бувад донишваре,
Тарки гуфтугӯй кун, к-ин ҷо сухан маҳзи хатост.
Маҳрамӣ пайваста бошад дар макони маҳрамӣ,
Ҳар кӣ шуд бегона дар маҷлис дар ин базм ошност.
Аз сари ихлос по бардору дасти худ барор,
К-андар ин раҳ ҳар киро бинӣ ту мақсудаш дағост.
Аксаре аз баҳри ному нанг ҳоҷӣ мешаванд,
Ҳақгузоронро назар не бар ҳарам, не бар Сафост.

Пунбаи ғафлат ниҳодам боз доғи Каъбаро,
Хайрбоде гуфтам ин чашму чароғи қибларо.

Бозгаштам, чун дар ин роҳам сару сомон набуд,
Лангари киштии ман дар мавҷаи тӯфон набуд.
Фитрати дунҳиммати ман қуввати рафтан надошт,
Хинги фикрамро дар ин раҳ қуввати дармон набуд.
Ҷинс аз дукони ҳар бозор пурсидам басе,
Дарди дилро ҷуз шикебоӣ дигар дармон набуд.
Муддате саргашта будам дар паи оби ҳаёт,
Хизрро дидам, валекин чашмаи ҳайвон набуд.
Пеш аз ин ҳам аҳли ирфон суҳбате медоштанд,
Ҳеҷ бонги инқилобе бар сари ин хон набуд.
Дар ҷудоиҳои Юсуф дидаи Яъқубро,
Ғайри гиря ҳамдаме дар кулбаи эҳзон набуд.
Бо вуҷуди он ки дорам ҷон ба дарди доғи ишқ,
Доғи ин дардам, ки чун ин хонадони он набуд.
Боиси ин фитна толеъ шуд,  в-агарна ин қадар,
Дар паи мо номуродон чарх саргардон набуд.
Абри эҳсонаш ҷаҳони хушкро сарсабз сохт,
Толеи ноқобили мо қобили эҳсон набуд.
Охир аз бетоқатӣ ин сабр дармонхоҳ шуд,
В-арна ин дарди диламро хоҳиши дармон набуд.

Аҳмади Мурсал, ки олам аз туфайли зоти ӯст,
Кулли мавҷудоти олам ҷуви куллиёти ӯст.

То ки ояд хоҷаи дунёю уқбо бар замин,
Сад шараф дорад замин аз рутбаи арши барин.
Ин ҷаҳон дар илми ӯ чун кавкабе дар осмон,
В-он ҷаҳон дар нутқи ӯ гардид мӯри ангубин.
Тури Мӯсоро насӯзад аз ишорат дасти ӯ,
Партави нури таҷаллӣ дорад андар остин.
Ҳастии ӯ бо вуҷуди нестӣ дар ҷилва буд,
Фахри Одам буд, он рӯзе, ки Одам буд тин.
Зулфро машшота буду ҳуснро оинадор,
Кард андар пушти Одам баҳри Ҳавво ин ҷанин.
Сурати ӯро зи маънӣ рӯзи аввал нақш баст,
Офарин  бар офаринишҳои суратофарин.
Гар набудӣ зоти покаш пардапӯши осиён,
Тоза будӣ то қиёмат  доғи исён дар ҷабин.
Пеш аз он рӯзе, ки гардад рози пинҳон ошкор,
Дар паси он парда маҷлис дошт бо рӯҳи амин.

Муъҷизи шаққулқамар аз баҳри он кофар набуд,
Хотими Бадр ар шикаст ангушти эҷозаш нигин.
Дид дар хоби адам як бор рӯи зулфи ӯ,
Мушк мерезад ҳанӯз аз нофаи оҳуи Чин.
Гарчи пеши хилқати Одам касе дигар набуд,
Буд дар мулки рисолат пеш аз он маснаднишин.

Дидаи онро ба нури зот равшан кардаанд,
Манзилаш дар пардаи ваҳдат муайян кардаанд.

Бӯалии рӯзгорам аз Хуросон омада,
Аз паи эъзоз бар даргоҳи султон омада.
Баски дар ёди ватан нодида мотам доштам,
То ба домони дилам чоки гиребон омада.
Ҳайрате дорам, ки ё Раб, чун дар ин зулмоти Ҳинд,
Тӯтии фикрам паи шаккар зи ризвон омада.
Гарчи аз зулмот меоям, ҳамонам завқ нест,
Табъи ман пуробтар аз оби ҳайвон омада.
Дурфишонӣ мекунад домони ман бар хоки роҳ,
Баски ашк аз дидаам ғалтон ба домон омада.
То дар айёми хароботӣ муноҷотӣ шудам,
Хонаи мо қиблаи габру мусалмон омада.
Баъд аз ин дигар наёбам бар дари дайру ҳарам,
Мақсади ман бар тавофи Каъбаи ҷон омада.
Водии андешаро аз як қадам тай кардаам,
Бо вуҷуди он ки фикрам ланг-лангон омада.
Кӯшишам беҳосил асту саъйи ман бефоида,
Соати субҳи висолат шоми ҳиҷрон омада.
Таъби ман хор аст, дар лӯъбат шукуфта ҳамчу гул,
Назми ман доғ асту ранҷи сад гулистон омада.
Гоҳ аз гармӣ бинозам, гоҳ аз сардӣ чу об,
Толеъам дар сояву хуршеди тобон омада.
Дар сари шӯри замин аз осмон уфтодаам,
Баҳри як захми дили ман сад намакдон омада.
Хизру Искандар агарчи хӯрдаанд оби ҳаёт,
Умри ҷовидони ман фаҳми сухандон омада.
Нуктасанҷиҳои ман, Махфӣ, зи бими рӯзгор,
Ҳамчу ганҷи шойгон аз халқ пинҳон омада.

Булбули ишқам, навои беқарор овардаам,
Гуфтугӯи тозае бар рӯи кор овардаам.

Рӯзгоре шуд, ки доман аз ҷаҳон афшондаам,
Остин бар ҳастии кавну макон афшондаам.
То гулистони муҳаббатро тамошо кардаам,
Гул зи хуни дил ба фикри булбулон афшондаам.
Хуни дил аз дидаи гирёни худ варзидаам,
Гавҳари мағзи сухан бар баҳру кон афшондаам.
Ин сари пуршӯри ишқатро ба дӯш овардаам,
В-ин дили пурдоғро дасте зи ҷон афшондаам.
Аз тағофул кай кашам пои талаб аз кӯи дӯст?
Ман, ки нақди ҷони худ бар остон афшондаам.

Дар мазоқам доруи беҳуда кай лаззат диҳад?
Ман, ки бар алмос мағзи устухон афшондаам.
Бар сипеҳри лоҷвардӣ кавкаби рахшанда аст,
Нуктае, к-аз хомаи зарринзабон афшондаам.
Ман ҳамон соқӣ будастам, ки дари ҳангомаҳо,
Бода аз хуни ҷигар бар мардумон афшондаам.
То чӣ гулҳо бишкуфад охир дар ин бӯстонаҳо?
Шабнами хуноби дил бар арғавон афшондаам.
Ранги бӯи гулшани мақсуд дар пешам чӣ қадр?
Ман, ки гулҳои баҳорӣ дар хазон афшондаам.
Гарчи бо машқи ҷунун кӯтаҳинонӣ кардаам,
Ҳамчу гул ҷонро бар ин дасти инон афшондаам.
Ҳиммате дар кору бори шуълаи дил кардаам,
Оташе бар чеҳраи пири муғон афшондаам.
Бо вуҷуди нотавониҳо зи табъи дӯстӣ,
Ашки хунин ҳамчу гул бар душманон афшондаам.

Ҳар кӣ дар роҳи муҳаббат бо ҷунун ҳамроҳ нест,
Хизри он раҳ гар бувад, аз раҳбарӣ огоҳ нест.

4

Хоҷа охир сипар ба ёр гузошт,
Маҳаки назм бар иёр гузошт.
Поям андеша аз миён бардошт,
Ғаму меҳнат ба рӯзгор гузошт.
Чун қалам фикри ман ба саҳфаи давр,
Нуктае чанд ёдгор гузошт.
Маи маънӣ зи фикр дар хум кард,
Баҳри дарди сари хумор гузошт.
Дил зи ошӯби ин ҷаҳон бигрехт,
Доғ бар рӯи эътибор гузошт.
Чашми гирёни ман маро ҳар дам,
Халафи тоза дар канор гузошт.
Дарди дуриву доғи маҳҷурӣ,
Бе ҳаё дар кафам нигор гузошт.
Оташи яъс рӯзгори маро,
Доғ бар синаи фигор гузошт.
Эй дареғо, ки дастбурди аҷал,
Лавҳи ман бар сари мазор гузошт.
Абри борон ба рағми боди хазон,
Тарбият кардани баҳор гузошт.

Яъс охир ба коми дил биншаст,
Шаби уммедро ба рӯз шикаст.

Абр бар равнақи чаман гиряд,
Гул бар айёми зистан гиряд.
Дил зи дасти фироқ нола кунад,
Дида бар ҳоли хештан гиряд.
Васли Ширин насиби Хусрав шуд,
Ғами ҳиҷрони Кӯҳкан гиряд.

Рафт ҳусни гулу чаман барбод,
Сарв бар ёди ёсуман гиряд.
Сӯхт парвона бо ҳавои висол,
Шамъ бар субҳи анҷуман гиряд.
Рӯзи ин умри кӯтаҳ охир шуд,
Шаб зи торикии ватан гиряд.
Баски ғафлат рабуд мардумро,
Чарх бар ҳоли марду зан гиряд.
Бевафоии умр, эй Махфӣ,
Бар шикофи дили ватан гиряд.

Оваҳ, оваҳ, ки кор шуд аз даст,
Нақши нохуб дар ҷаҳон биншаст.

Ишқ ҳар ҷо, ки кор бикшояд,
Гираҳ аз зулфи ёр бикшояд.
Раги уммедро ба наштари ғам,
Фитнаи рӯзгор бикшояд.
Аз ҷигар хуни дил бурун орад,
Гиря ҳар ҷо, ки бор бикшояд.
Ҷон нисораш кунам, агар чашмам,
Дида бар рӯи ёр бикшояд.
Ҳусн ҳар ҷо, ки чеҳра бинмояд,
Ишқ дандони ёр бикшояд.
Қуввати толеам агар бошад,
Дар ба рӯям нигор бикшояд.
Пои соқӣ, гар аз миён бирбуд,
Сари хумро хумор бикшояд.
Дар биёбон чу ишқ ҷилва кунад,
Раги андеша хор бикшояд.
Чанд дар боғи файз баҳри саҳоб,
Панҷаи худ чанор бикшояд?

Баъд аз ин фикри кор чун бошад?
Ки дили рӯзгор хун бошад.

Хоҷа, чатри мурод бар сар каш,
Наварӯси замона дар бар каш.
Аз даруни ҳарам бурун ой,
Рахти ин кунда аз барат даркаш.
Гарм кун базмгоҳи афсурда,
Ба муродат нишину соғар каш.
Санг аз боми чарх меборад,
Рахт аз ин хона ҷои дигар каш.
Пои андуҳ аз миён бардор,
Алами шодмонӣ бар сар каш.
Бар адои нигаҳ гумон бардор,
Тир баҳри шикори лоғар каш.
Пои худ дар рикоби ҳиммат неҳ,
Аз сари рӯзгор афсар каш.
Умри ин зиндагӣ чу кӯтоҳ аст,
Бодаи ҷовидонаро даркаш.

Оташи ғам гирифт оламро,
Сел дар чашми ин ситамгар каш.

Тарбият чанд ин тазаллумро?
Тоза созад сипеҳру анҷумро.

Гиряро дар адам агар асар аст,
Чун дил аз ҳоли дида бехабар аст.
Чанд дар хоби беҳудӣ имрӯз,
К-аввали шом охири саҳар аст.
Чашм бикшо, ки партави хуршед,
Бар дили дидаи ту бештар аст.
Аз ғаму шодии ҷаҳони хароб,
Меҳр раққосу моҳ навҳагар аст.
Ақли саргашта охир ин то кай?
Душмани дину дил ҳамин ҳунар аст.
Масти ин бодаи зиён то чанд?
Ин зиёнро замонаи дигар аст.
Ғам таҳӣ гашту давр охир шуд,
Эй дареғо, ки умр бехабар аст.
Хирмани умр боди ғафлат бурд,
Кишти уммеди мо ҳанӯз тар аст.
Бедро тарбият надорад суд,
Бар дарахте диҳад, ки борвар аст.

Ғам ба кунҷе нишин, ки навбати мост,
Ин қадар сабр аз муруввати мост.

Ҳаст то осмон бақои ту бод!
Чарх дарбони Кибриёи ту бод!
Даври чархе, ки осмон дорад,
Ҳалқае бар дари сарои  ту бод!
То бувад бо қалам сари гуфтор,
Маънии лафз аз барои  ту бод!
То ки ҳангомаро самоъе ҳаст,
Зикри тасбеҳ дар санои ту бод!
Гар туро мушкиле ба пеш ояд,
Дасти қудрат гиреҳкушои ту бод!
То бувад аз ҳаёти ман рамақе,
Вирди ман рӯзу шаб дуои ту бод!
Ахтари наҳс баҳри душмани ту,
Ахтари саъд аз барои ту бод!

## ТАРҶЕЪБАНДҲО

1

Эй маҳрами захми ҳар газанде,
В-эй бандкушои ҳар каманде.
Мурдам зи тағофулу надидам,
Як рӯз лаби ту заҳрханде.
Аз гиря ду дида гашт лабрез,
Бардор зи пои ашк банде.
Бошад, ки зи риштаи муҳаббат,
Дар гардани дил кунам каманде.
Ту масти ғуруру нози саркаш,
Чун дар ту расад ниёзманде?
Бе нутқи ту чошнӣ надорад,
Дар кишвари Ҳинд ҳеҷ қанде.
Аз холи сиёҳи чашми ҳосид,
Дар оташи сина неҳ сипанде.
Равшан накунад чароғи давлат.
Ҷуз кавкаби бахти арҷманде.
Иқлими мурод кас нагирад,
Бе ёрии толеи баланде.
То дафъи ғубори дида созам,
Гарди раҳи ҷилваи саманде.
Аз гардиши чархи сифлапарвар,
Танг омадаам нуҳуфта чанде.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Аз ман рухи рӯзгор баргашт,
Баргашт зи ман, чу ёр баргашт.
Бас гиря, ки дар гулӯ гираҳ шуд,
Хуноби дил аз канор баргашт.
Гуфтам: Рухи орзу бибинам,
Оинаи ихтиёр баргашт.
Сад раҳ ба насиҳатам ғами дил,
Боз омаду шармсор баргашт.
Аз дида хаёли дӯст имшаб,
То дида маро зи ор баргашт.
Аз оташи дида донаи ашк,
Аз дидаи ашкбор баргашт.
Пиндор, ки хуни дил бирезад,
Сайёд, ки аз шикор баргашт.
Кай ғунчаи дил шукуфта гардад?
Ҳар гаҳ, ки зи мо баҳор баргашт.
Дар кӯчаи ишқ хор мезад,
Он кас, ки зи кӯи ёр баргашт.
Сад шукр, ки дардманди ишқам,
Гар аз дили ман қарор баргашт.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Эй ҳусни туро ниёзи мо кам,
Бар реш ба ғайри неш марҳам.
Савдозадаи ғамат нахоҳад,
Аз нози ту кори ақл дарҳам.
Моро чӣ хабар зи зулмату нур?
Субҳ аст маро чу шоми мотам.
Бо гардиши чарх дар ситезам,
Бар ман шуда ҷоҳиле мусаллам.
Эй булбули шавқ, як фиғоне,
Барзан зи баҳори ҳарду олам.
Оинаи ибрати замона,
Бардору бубин ту ҳоли Одам.
Занҷири ҷунуни ақл бишкан,
Ин силсиларо бирез аз ҳам.
Чун садди Сикандар аст бар дил,
Ку Ҷоми ҷаҳоннамову ку Ҷам?
Мастона ба дида мениҳӣ пой,
Эй сели сиришк хайрамақдам!

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Аз ҷайб намунаест бо ман,
В-он ҳам шуда чок то ба доман.
З-он пеш, ки чеҳра барфурӯзӣ,
Будам ба ғами ту ошно ман.
Ворастагиям маҳоли ақл аст,
Аз ишқ куҷо шавам ҷудо ман?
Мерафт ғаму муҳаббат аз пеш,
Чун бодаву оташ аз қафо ман.
Сад тири ғамат ба имтиҳон зад,
З-онҳо ҳама буд муддао ман.
То гуфт дуъо асар надорад,
Шарманда нагаштам аз дуо ман.
Аз ҷазбаи ишқ гаштам охир,
Саргаштаву зору бенаво ман.
Дар роҳи адам чун интиҳо нест,
Баргашта задам ба ибтидо ман.
Ман қуввати толее надорам,
Беҳуда задам раҳи вафо ман.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Овард сабо зи дӯст пайғом,
К-асбоби нишот кун саранҷом.
Мерафт ғами баланд мегуфт,
Ин дарди туро набошад анҷом.
Аз гиряи ман ҷаҳон бигиряд,

В-ин нолаи ман бароварад ном.
Пур кун қадаҳу ба дасти ман деҳ,
Бадмаст намешавам ба як ҷом.
Ҷонам ба лаб омада надидам,
Коми дили хеш аз лаби ҷом.
Булбул ба фиғони худ ба гулшан,
Андеша кунад зи ҳалқаи дом.
Гул-гул дили ман шукуфта гардад,
Гар ёд кунӣ маро ба дашном.
Беҳавсалагӣ, агар намекард,
Дил дар раҳи ишқ бесаранҷом.
Медид ба як нигоҳ кардан,
Сад партави субҳ дар дили шом.
Як нолаи дардманди Махфӣ,
Аз ҳам гусилад қатори айём.
Бефоида ҷустуҷӯ чӣ дорӣ?
Чун дар раҳи ишқ нест анҷом.
Мақсад зи ҳаёт некномист,
Марг аст ҳаёти марди бадном.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Ҷуз ишқ маро ғами дигар не,
Мурдам зи ғаму маро хабар не.
Эй мояи ноз чун нигаҳро,
Ҳар сӯ назару ба ман назар не.
Бар шаҷраи бӯстони ишқат,
Сад гуна гул асту як самар не.
Бедодгаре чунин надидам,
Сад талхии кому як шакар не.
Ҳайратзадаам, ки аз лаби дӯст,
Резад гуҳару маро гуҳар не.
Дар майкада дӯш бар сари хум,
Сад шиша шикасту шишагар не.
Аз оташи дил ба сина дорам,
Оташкадаву зи чашми тар не.
Ин тарзи муҳаббат аст, донам,
Бо ҳамдигару зи якдигар не.
Рафтам зи миёни халқу моро
Ғайр аз ғами дил касе хабар не.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Дардо, ки ғам зи ҳад бурун шуд,
Фарёд, ки дарди ман фузун шуд.
Девонаи ишқ рафта-рафта,
Бар мактаби ишқ зуфунун шуд.
Дар хирмани умри ман зи дониш,
Ҳар оҳ, ки аз дилам бурун шуд.
Дар сина диле набуд ҷуз ном,

В-он ҳам зи ҷафои чархи дун шуд.
Аз гумшудагони ишқ будам.
Омад ғами ишқу раҳнамун шуд.
Савдои ҷунун зи ақл пӯшид,
Ин косаи сар, ки сарнагун шуд.
Аз кӯшиши саъй ҳосиле нест,
Чун кавкаби толеат фузун шуд.
Бигрифт ғами ту мулки дилро,
Дил бурдани ман барат шагун шуд.
Расвоии ман ба водии ишқ,
Қонуни завобити ҷунун шуд.
Мурдам зи ғаму нагуфтам аз ҳол,
Дар меҳнати интизор чун шуд?

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

...Аз талхии бодаи ҷавонӣ,
Талх аст зи ноф то даҳонам.
Дар нолаи зори ман асар нест,
Баргаштаи бахтро чӣ монам?
Рози дили ман ба ман нагӯяд,
Бигрифт магар сари забонам?
Мегардаму гиря мекунам зор,
Гумроҳ намуда корвонам.
Минбаъд касе маро набинад,
Гар пайки аҷал диҳад амонам.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

2

Боз, о, ки маро зи иштиёқат,
Бигдохта оташи фироқат.
Ранҷидаӣ , ончунон ки тарсам,
Мирам ба ҳавои иттифоқат.
Пиндор, ки талхии замона,
Ширин накунад лаби мазоқат.
Биншин нафасе, ки мурғи рӯҳам,
Мурд аз ғами чашми пурнифоқат.
Бошад, ки шабе ба хидмати ту,
Изҳор кунам ғами фироқат.
Бо бахти сиёҳи ман бигӯяд:
Ку он ҳама шони тумтароқат?
Аз ахтари наҳси чарх гум шуд,
Сад ахтари саъд дар маҳоқат.
Паймуда ҳилол сад шаби ид,
Аз ҳар ғами абрӯвони тоқат.
То кай ҷигари маро хӯрад Ҳинд?
Ку ҷазбаи муъҷизи Ироқат?

Бар умр чу нест эътимоде,
То чанд дар оташи ҳароқат?

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

Гарчи ғами хеш бо ту гуфтам,
Аз даст маро мадеҳ, ки муфтам.
Дар роҳи умед гавҳари ашк,
Аз шаъшааи нигоҳ шустам.
Гӯши ману рӯзгор кар шуд,
Афсонаи хеш баски гуфтам.
Мустаҳсани наъти ту фитодам,
Аз гуфтани худ чу гул шукуфтам.
Мурдам зи ғами фироқ, аммо
Рози дили худ ба кас нагуфтам.
Фарёд, ки як шаби ғарибӣ,
Бар бистари офият нахуфтам.
Умре ба умеди ҳоли пирӣ,
Хоки раҳи ту ба дида рӯфтам.
Шояд, ки нагардад ошкоро,
Рози дили хеш дар шигифтам.
Дар гуфтушуниди ман асар нест,
Аз гуфтаи хеш дар шигифтам.

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

Эй дар раҳи ту сари сарон чок,
Дар маърифати ту оҷиз идрок.
Дар шони ту Ҷабраил овард:
Лавлока ламо халақт-ал-афлок.
Бедории куфри зулм аз даҳр,
Бе теғи набуввадат нашуд пок.
Ку дасти ҷунун, ки ҷайби дониш,
То домани орзу занад чок.
Аз шабравии раҳат натарсам,
Ҳарчанд ки ҳаст раҳ хатарнок.
То ҳол набаста ҳеҷ ҳеч маъшуқ,
Чандон сари ошиқон ба фитрок.
Бигзор ғубори кина аз дил,
Ҳайф аст бар офтоб хошок.
Аз ҳосили зиндагонии хеш,
Моему ҳамин ду чашми намнок.
Ёрон, чӣ кунам, ки зулму бедод?
Аз мо бигирифт нақди афлок.

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

Фарёд, ки ёр ёри мо нест,
Онро сару барги кори мо нест.

Он нашъа, ки ғам зи дил рабояд,
Дар бодаи рӯзгори мо нест.
Дар ҳуққаи сина хунфишон ӯ,
Ҳар дил, ки умедвори мо нест.
Мо бегунаҳу гунаҳгорем,
Инсоф дар ин диёри мо нест.
То ҳаст замона хунчакон бод,
Он доғи ҷунун, ки ёри мо нест.
Сарриштаи кори мо биталбед,
Чун кор ба ихтиёри мо нест.
Як қатра намонд з-ашки фарёд,
З-ин гиря, ки шармсори мо нест.
Бо мардуми беадаб нишастан,
Ин лоиқи эътибори мо нест.
Мо Рустами вақти рӯзгорем,
Дар бешаи Ҳинд кори мо нест.

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

Ҳарчанд ки пешат обрӯ нест,
Касро ба ту ҳадди гуфтугӯ нест.
Бодо ба ту орзу мусаллам,
Моро сару барги орзу нест.
Ошиқ набувад, ки дар канораш,
Аз хуни ҷигар сабӯ-сабӯ нест.
Мурғи дил аз ин қафас ба танг аст,
Фарёд, ки ноларо гулӯ нест,
Пур кун зи шароби арғувонӣ,
Ин косаи сар беҳ аз каду нест.
Захме, ки зи теғи ёр бошад,
Дар мазҳаби мо кам аз руфӯ нест.
Дар каъбаи ишқ чун дарой,
Хуш бош, ки ҳоҷати вузӯ нест.
Рафтем ба кӯи бенавоӣ,
К-он ҷо зи ҳуҷуми ғам хулӯ нест.

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

Аз меҳнату даҳр хешу пайванд,
Безор шуда зи хеш пайванд.
Дил аз баду нек метавон канд,
Аммо зи ғамат наметавон канд.
Ҷуз ин ҳама меҳнати фироқат,
Ҳастам ба умеди васл хурсанд.
Гуфтор ба мазҳаби муҳаббат,
Бо шаръ бувад барои савганд.
Паст аст ба пеши ҷазбаи ман,
Аз ҷазбаи ишқ кӯҳи Алванд.
Ман бандаи бандаи ту маълум,
Қадрам чӣ буду қимматам чанд?

Бастаст миён ба азми хидмат,
Пеши шакари лабат наи қанд.
Дар дид ба фусун намеравад ғам,
Киштӣ ба хасе намешавад банд.
Девонаи ишқи гулрухонро,
Не хешӣ бувад ба гуна пайванд.
Дасти ману домани ҷунунӣ,
Гар гиря бароварад шакарханд.
Дар кӯчаи ғам зи бенавоӣ,
Хоҳам, ки шавам нуҳуфта якчанд.

Биншинаму хуни дил кунам нӯш,
Ғамҳои ҷаҳон кунам фаромӯш.

3

Моему дили зиёда мадҳуш,
Бо субҳи хумори шаб дар оғӯш.
То чанд ба қаҳру ғусса ҳамдам,
То кай ба ғами замона ҳамдӯш?
То кай дили пур зи захми корӣ,
Дар сина бувад маро фаромӯш?
Азбаски ҳадиси ишқ гуфтам,
Хуни ҷигарам зи дида зад ҷӯш.
Дӯшина ба ман ба таъна мегуфт,
Девона касест рафта аз ҳуш.
Дар хоб набинӣ офиятро,
То бори сари ту ҳаст бар дӯш.
То ёр ҷудо шудам ба ноком,
Бо тафриқа гаштаам ҳамоғӯш.
Душвор бувад ҳамеша будан,
Бар хотири дӯстон фаромӯш.
Ҳиммат набувад бағал кушодан,
Вақте ки набошадаш бағалдӯш.
То ҳаст рамақ зи ту дар ин роҳ,
Мезан қадаму ба саъй мекӯш.
Ин рози муҳаббат аст, Махфӣ,
Хомӯш зи гуфтугӯю махрӯш.
Об аз рухи зардранги моро,
Зинҳор, ба оби ҷӯй мафрӯш.
Рафтам, ки ба гӯшае нишинам,
Аз гуфтушуниди айш хомӯш.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Шуд умри азиз дар тагудав,
То чанд тавон фитод дар кав?
Хуршед зи моҳ нур гирад,
Абрӯи ту дид то маҳи нав.
Маъзур, ба ҳусни хеш бингар,
Ширин чӣ шуду куҷост Хусрав?

Чун мурғ, ки дар қафас ба танг аст,
Тангам ман аз ин ҷаҳони каҷрав.
Аз зулмати зулму гардиши чарх,
Бар боми фалак намонд як ҷав.
Бар кишвари ҳусни моҳу хуршед,
Афтода зи сояи ту партав.
Ҳайф аст, равад ба ғафлат ин умр,
Чун ҳаст ҳисоби умр ҷав-ҷав.
Нодида баҳори умр бигзашт,
Фарёд зи дасти ин сабукрав.
Аз нодири пири ин замона,
Афсонаи рӯзгор бишнав.
Аз гардиши рӯзгор, Махфӣ,
Мебину матарс, тунд мерав.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Чун мояи хуррамӣ ғами ӯст,
Ҳар неку баде, ки ҳаст некӯст.
Тоқи дари каъбаи муҳаббат,
Қоим ба бинои тоқи абрӯст.
Ҳар мурғи диле, ки дар бадан ҳаст,
Дар ҳалқаи доми зулфи бадхӯст.
Ҳар шӯру шаре, ки дар ҷаҳон аст,
Аз фитнагариву зӯри бозуст.
Афтода ба пои сарви қаддат,
Ҳар сарв, ки тоза бар лаби ҷӯст.
Аввал ба нигоҳ боядат сохт,
Дар ишқ, ки фитна охири ӯст.
То ҳусн малоҳати ту санҷад,
Абрӯи ту дар миён тарозуст.
Пажмурда шавад дар офтобе,
Гулзори ҳавас гиёҳи худрӯст.
Бо ҳар баду нек сулҳ кардам,
Моро ба касе на зӯри бозуст.
Рафтам, ки ба гӯшае нишинам,
Бо дида чу гиря кори як дӯст.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Рафтему ту ёди мо накардӣ,
Бо рафта ҳанӯз пай набурдӣ.
Бар фарқи ту арра гар ниҳад пой,
Зинҳор зи ёр барнагардӣ.
Фарёд, ки нест ҳамчу Маҷнун,
Дар водии ишқ раҳнаварде.
Як нақши мурод кас надидаст,
Бар тахтаи нарди лоҷувардӣ.
Шояд, ки дуруст бар наёрад,
Бар санг мазан иёри мардӣ.

Бошад, ки зи рӯи меҳрубонӣ,
Тӯмори фироқ дарнавардӣ.
Гулдастаи охири баҳорам,
Гулзор ниҳода рӯ ба зардӣ.
Аз матлаби худ нишон надидӣ,
Ҳарчанд ки ҷустуҷӯй кардӣ.
Чун коми дилам нашуд муяссар,
Ноком равам ба пои марде.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Мо Юсуфу нест кас харидор,
Сард аст зи моривоҷи  бозор.
Аз Мисри замона муштарӣ рафт,
Бар молики чарх танг шуд кор.
Дар гулшани орзу, Зулайхо,
Нашкуфта гули мурод ҷуз хор.
Ҷое, ки қалам ба рафтан омад,
Шамшер хиҷил шавад зи рафтор.
Хиҷлат бишикаст сари қаламро,
Бар саҳфаи орзуи гуфтор.
Ҷое, ки сухан асар надорад,
Хомӯш нишин чу нақши девор.
Дил тоқати рангубӯ надорад,
В-арна диҳамаш ҳазор гулзор.
Бӯи сари зулф, эй дилозор,
Дил бурд зи дасти мушки тотор.
Дар боғи муроди дил расам нест,
Чун соя фитам ба пои девор.
Оваҳ, ки ба кӯи некномӣ,
Бадном шудем охири кор.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

Он ҷо, ки ҳикоят аз таманност,
Изҳор зи шукру шиква беҷост.
Бемории дил илоҷ дорад,
Гар кор ба доруи Масеҳост.
Парвона, биё, ки ҳеҷ ғам нест,
То партави шамъ маҷлисорост.
Хуш бош ба рағми душман аз дӯст,
Имрӯз, ки кор вақти фардост.
Маъшуқ ба бандагӣ фитодан,
Аз қуввати толеи Зулайхост.
Оинаи хулқи ҳар накӯрӯй,
Аз занги нифоқи дил мубаррост.
Лоиқ набувад шикоят аз дӯст,
Сармояи муфлисӣ чу ҳар ҷост.
Аз даҳр ба рағми талхкомӣ,
Тӯтии табиатам шакархост.

Таъсир накард нолаи ман,
Гӯё, ки дилат зи санги хорост.
Аз кишвари умр муштарӣ рафт,
Ҳирси ту ҳанӯз гарми савдост.
Рафтам, ки ба гӯшаи қаноат,
Аз ҳавсала хонае кунам рост.

Биншинаму сабрро кунам ёр,
То ёр шавад маро харидор.

# МУХАММАС

бар ғазали Ҳофизи Шерозӣ

Зоҳир нашуд, ки матлаби ин гирудор чист?
Раънои гулу чамани лолазор чист?
Пур кун зи май қадаҳ, ки надонем кор чист?
«Хуштар зи айш суҳбату боғи баҳор чист?
Соқӣ куҷост, гӯ, сababи интизор чист?«

Соқӣ, чаҳор фасли ҷаҳон аст рӯзгор,
Фасли даю тамузу хазон асту навбаҳор,
Бар ҳар чаҳор фасл бувад бода хушгувор,
«Ҳар вақти хуш, ки даст диҳад, муғтанам шумор,
Касро вуқуф нест, ки анҷоми кор чист?»

Бошад чӣ ибтидо азалу интиҳо адам,
Мавҷуд дар миёна Карим асту Зулкарам,
Соқӣ, биёр бодаи гулгуни Ҷоми Ҷам,
«Маънии оби зиндагиву равзаи Ирам,
Ҷуз тарфи ҷӯйбору майи хушгувор чист?»

Бе ихтиёр кор на сабр асту ихтиёр,
Зоҳид ҷаве барои Худо чист корубор?
Тарки шаробу ишқ хато ҳаст дар баҳор,
«Саҳву хатои банда гараш  нест ихтиёр,
Маънии афву раҳмати омӯрзгор чист?»

Дунёю охират худу дигар ҷамилаанд,
Ободиву харобии моро василаанд,
Гӯӣ дар ин макон ҳама дар макру ҳиллаанд,
«Мастуру маст ҳар ду чу аз як қабилаанд,
Мо дил ба ишваи кӣ диҳем, ихтиёр чист?»

Идроки ҷоми май натавонад касе хамӯш,
Ҳарфе аз ин тарона нахонад касе хамӯш,
Суфӣ, ба ин наво бирасонад касе хамӯш,
«Рози даруни парда  надонад касе хамӯш!
Эй муддаӣ, низои ту бо пардадор чист?»

Ошиқ нишони доғи худ аз доғи лола хост,
Махмур нашъа аз маи софи пиёла хост,
Махфӣ, муроди хештан аз оҳу нола хост,
«Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи Кирдугор чист?»